**Ключевые слова:** таджикская интеллигенция, патриотизм, фронтовые концертные бригады, писатели, ученые, врачи, источники, вооружения.

## THE INVALUABLE CONTRIBUTION OF THE TAJIK INTELLIGENTSIA DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR (1941-1945)

In this article, the author explores the problems associated with helping the intelligentsia to the front of the great Patriotic war of 1941-1945. it is Noted that this help was one of the factors of victory over the enemy. In this article, the author, relying on written and oral sources, tries to comprehensively highlight the main points of this time. It is noted that the war put before the industrial intelligentsia many important and complex tasks that it had to solve in the shortest possible time and Soviet designers, technicians and engineers who worked in factories, mines, mines and Railways, brilliantly solved these problems.The author came to the conclusion that together with all the peoples and nationalities, the Tajik intelligentsia made a huge contribution to ensuring victory over the enemy with its creative work.

**Keywords:** Tajik intelligentsia, patriotism, frontline concert brigades, writers, scientists, doctors, sources, weapons.

**Сведения об авторе**: ***Расулова Сафаргул Зикрилоевна*** **–** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон: **(+992) 555-05-35-35.**

**Information about the author**: ***Rasulova Safargul Zikriloevna*** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant for the Department of History of the Tajik People. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon Region, Mr. Bokhtar, Ayni St., 67,Phone: **(+992) 555-05-35-35.**

УДК:930.85 (575.3)

# ИСТОРИЯ РАЗВИТИЯ ВОЛЕЙБОЛА В МИРЕ И В ТАДЖИКИСТАНЕ

*Махмадрасулов Б.С., Махмарасулов М.С., Махмадрасулов Саймахмуд*
**Филиал Московского государственного университета им.М.В.Ломоносова в г .Душанбе, Таджикский технический университет им.М.С. Осими**

С момента своего возникновения, игра в волейбол продолжает бурно развиваться. Это выражается и в растущем количестве волейболистов, и в числе стран-членов Международной федерации волейбола. По своей распространённости эта игра занимает ведущее положение на мировой арене спорта. Игра в волейбол стала не только чисто спортивной, но и стала средством организации досуга, поддержания здоровья и восстановления работоспособности.

**История возникновения волейбола**. В 1895 американец Уильям Г. Морган предложил новую игру для закрытых помещений- «Минтонет», которая впоследствии получила название «волейбол». Это была недорогая игра для рабочего класса, задуманная как нечто среднее между такими новыми играми, как баскетбол и теннис, в которые играли состоятельные люди. Во время Первой мировой войны, благодаря американцам, волейбол появился в Европе и особенно распространился в Восточной Европе, холодный климат которой заставлял отдавать предпочтение играм в закрытом помещении. Волейбол был представлен на Олимпийских играх в Париже в 1924, как показательный вид спорта и получил официальный статус в 1947, когда была создана Международная федерация волейбола (ФИВБ). Два года спустя, в 1949, в Праге прошел первый чемпионат мира по волейболу среди мужских команд. На Олимпийских играх 1964 в Токио состоялся олимпийский дебют волейбола. В 1965 в Польше прошел первый Кубок мира по волейболу. В 1990 была создана Мировая лига мужских команд, первая международная организация, объединившая профессиональные команды. Лига получила большие субсидии, ее деятельность освещается ведущими международными телевизионными компаниями.

Можно проследить за развитием предка волейбола. Сохранились, например, хроники римских летописцев 3 века до нашей эры. В них описывается игра, в которой по мячу били кулаками. До нашего времени дошли и правила, описанные историками в 1500 году. Игру тогда называли «фаустбол». На площадке размером 90х20 метров, разделённой невысокой каменной стеной, состязались две команды по 3-6 игроков. Игроки одной команды стремились перебить мяч через стену на сторону соперников.

Позже итальянский фаустбол стал популярным в Германии, Франции, Швейцарии, Австрии, Дании и других странах Европы. Со временем и площадка, и правила изменились. Длина площадки была уменьшена до 50 метров, а вместо стены появился шнур, натянутый между столбами. Строго определился и состав команды - 5 человек. Мяч перебивали через шнур кулаком или предплечьем, причём уже оговаривали три касания мяча. Можно было перебивать мяч через шнур и после отскока от земли, но в этом случае разрешалось одно касание. Игра длилась в два тайма по 15 минут. Эта спортивная игра появилась давно, но её возраст отсчитывается только с 19 века, потому что первые правила волейбола были обнародованы в 1897 году. Естественно, сейчас они во многом отличаются от первоначальных, волейбол растёт и совершенствуется.

В СССР волейбол широко распространился после революции 1917 года. В 1925 года по инициативе секции игр в Москве созывается актив, на котором были приняты первые в Советском Союзе правила игры, в этом же году состоялись первые официальные соревнования по волейболу. С 1927 года проводится ежегодное первенство Москвы. В последующие годы волейбол получает повсеместное развитие.

В 1928 году в Москве состоялся чемпионат СССР, вошедший в программу 1 Всесоюзной спартакиады. В нём участвовали команды со всей страны. Однако, несмотря на бурное распространение, популярность новой игры и целый ряд новинок, которые привезли на этот чемпионат команды, спортивное мастерство волейболистов находилось ещё на низком уровне.

Великая Отечественная война затормозила развитие волейбола. Но, несмотря на огромные трудности военного времени, спортивная жизнь в стране не замирала. В 1943 году разыгрывается первенство Москвы, в 1944 году первенство и кубок Москвы по волейболу. В 1945 году вновь проводится первенство СССР. Чемпионами страны стали московские команды «Динамо» (мужчины) и «Локомотив» (женщины).

Прошедшие в 1946-1947 гг. первенства страны, а также успешное выступление советских волейболистов на международной арене послужили толчком к дальнейшему развитию волейбола в СССР. В 1947 году советские волейболисты, участвуя в соревнованиях на международном фестивале демократической молодёжи в Праге, заняли первое место.

В этом же году создаётся Международная федерация волейбола (ФИВБ). После выступления Всесоюзной волейбольной секции, члены этой организации - волейболисты СССР, становятся участниками всех международных соревнований.

В 1949 году мужская команда советских волейболистов завоёвывает звание чемпионов в первом официальном первенстве мира. Союзные сборные команды мужчин и женщин побеждают и в первенстве Европы. Свои чемпионские титулы они подтверждают и в последующие два года. Летом 1952 года первенство мира проводилось в Москве. Советские волейболисты и волейболистки в этих соревнованиях стали сильнейшими в мире.

Включение в 1964 году волейбола в программу Олимпийских игр значительно повысило требования к игре волейболистов.

Волейбол в Республике Таджикистан. В Республику Таджикистан волейбол привезли военнослужащие из России в Горно-Бадахшанскую область в 1922 году. Военные образовали круг и играли в неограниченном составе. Из снаряжений была одна стойка, мяч был набит тряпкой и висел со стойки на веревке. В основном отрабатывали: принятие мяча двумя руками, передача мяча сверху и верхний приём подачи мяча. А в последующие годы играли через забор, при этом команды друг друга не видели, а площадь поля была 30х30 м.

С 1932 года в городе Душанбе, в военном гарнизоне, военнослужащие и художники начали развивать волейбол. Также волейбол начали играть в других городах Таджикистана: в Ходженте, в Кулябе и в Курган-Тюбе (ныне город Бохтар). В Душанбе играли семьи Крейднерых, Камишиных и Заикиных. Среди них были такие спортсмены, как Черновок Данна Семеновна, Михаил Абрамов, Горгошилидзе с женой, Тарел Самсонов, Мыгладзе, Владимир Литоношвили и другие. В 1935 году в Душанбе была Международная встреча между командами Афганистана и Таджикистана. В составе афганской команды было 9 человек, переход делали 4 и 1 номера, а остальные играли без перехода. Также в волейбол стали играть в послевоенное время: Борис Янатев, Дурух, Алфёров, Ела Владимировна, Петр Кукасов, Собир из Гармского района, Алифбеков Анвар из Душанбе. Вышеуказанные спортсмены составляли сборную Таджикистана.

С 1956 года сборная Таджикистана начала выступать на спартакиадах СССР, чемпионатах и кубках СССР. В составе сборной были Кравченко Валера, Юрий Симанов, Нурали Одинаев, Борис Ком, Слава Зубов. Лучший результат женская сборная показала на Чемпионате Союза, где была призером сельских игр СССР, заняли 3-6 места.

Содержание и правила игры. Правила игры в волейболе. Кратко по пунктам.

Для многих волейбол является лучшей игрой с мячом. В данной статье затронем такую важную тему, как правила игры в волейбол. Не так просто запомнить все нюансы в этой замечательной игре, особенно новичкам. Для наших читателей мы подробно разберем все аспекты, а после прочтения статьи, ни у кого не останется вопросов, как же правильно играть в волейбол.

Площадка и игровые зоны. Для игры в волейбол используется площадка размером 18 на 9 метров. Она пополам разделена сеткой, поднятой на высоту 243 см для мужских команд и 224 см – для женских.

Сама площадка условно разделена на шесть зон по количеству участников игры. Переход из зоны в зону осуществляется по часовой стрелке. Так, первой зоной называется та, из которой производится подача. Из неё игрок переходит сразу в пятую зону, минуя среднего защитника, именуемого либеро. Как правило, либеро меняется позицией с игроками, которые нужнее на передней линии для блокирования, сам он участия в постановке блоков и нанесении завершающих ударов не принимает. По ходу игры он не переходит из зоны в зону, кроме того, его форма отлична от формы других игроков.




Не так давно в действующие правила волейбола были внесены изменения, согласно которым в составе команды может быть два либеро, и их замены могут проводиться неограниченное количество раз, при этом судью об этом ставить в известность не нужно.

Волейбольный мяч. Для игры, как правило, используется волейбольный мяч Микаса. Его вес составляет 260-280 грамм, а диаметр – 65 мм

**Как проходит игра:**

Подача. Подача является важным элементом игры: чем она сложнее, тем затруднительнее сопернику будет начать атаку. Она производится из зоны подачи, которая находится за задней линией площадки. Обязательное условие подачи – игрок, её выполняющий, не может никакой частью тела коснуться площадки. Чтобы не нарушить это правило, особенно нужно быть внимательным игроку, выполняющему подачу в прыжке. Поданный мяч в полёте может коснуться сетки, но не должен задеть ограничительные антенны, что будет нарушением. Если при подаче мяч ушёл в аут, задел сетку и упал на поле подающей команды или подающим игроком были нарушены правила, то принимающей команде засчитывается очко и подача переходит к ней. Если же мяч коснулся поля принимающей команды, либо от рук её игрока ушёл в аут, очко засчитывается подающим, и тот же игрок выполняет следующую подачу.

Приём. Осуществить поданный мяч, может любой игрок принимающей команды, но, как правило, это делают те, кто располагается на задней линии. Приняв мяч, игроки не более трёх раз могут перепасовать его между собой, после чего он должен оказаться на половине соперника. Приниматься мяч может любой частью тела. Задержка его при приёме недопустима и является нарушением, что приводит к остановке игры и зачёту очка в пользу подающей команды.

Атака. Как правило, стандартная атака происходит следующим образом. Первым касанием принимающий игрок переводит мяч на связующего, вторым – связующий отдаёт удобный пас игроку атак, третьим – атакующий наносит завершающий нападающий удар. При атаке мяч должен лететь над сеткой между двумя антеннами. Игроки передней линии могут атаковать из любой точки, игроки задней линии – только из-за специальной трёхметровой линии, которая имеется на поле.

Блокирование. Так называется игровой приём, с помощью которого защищающаяся сторона стремится не допустить попадания мяча на свою половину. Для этих целей обычно используются руки, которые над сеткой переносятся в пределах правил на сторону соперника, препятствуя полёту мяча. Важный элемент этого технического приёма – руки не должны мешать противнику до начала атаки. Принимать участие в блокировании могут только игроки передней линии, при этом допускается, что сделать это они могут в одно или несколько касаний. Касание блока одним из трёх игровых касаний не считается.

Регламент. Игра проходит до победы в трёх партиях. Каждая партия продолжается до тех пор, пока одна из команд не наберёт 25 очков, при этом разница между набранными соперниками

очками должна быть не меньше двух. Пока это соотношение не будет достигнуто, партия будет продолжаться, и счёт может быть, например, 29:27. Если после четырёх партий счёт в игре ничейный, то играется пятая, которая называется тай-брейком и ведётся до 15 очков.

В каждой партии разрешается проведение шести замен, либеро в это число не входит. После каждой партии, а также после того, как набраны 8 очков на тай-брейке, команды меняются сторонами. В каждой партии у тренера есть возможность взять два тайм-аута по 30 секунд. Также в каждой партии, кроме тай-брейка, после набирания командами 8 и 16 очков назначаются технические тайм-ауты продолжительностью 60 секунд.

Основные нарушения правил: В ходе игры нарушения происходят достаточно часто, и основными из них являются:

- заступ при подаче
- подача не сделана на протяжении 8 секунд, которые на это отведены
- игрок дважды подряд коснулся мяча
- игрок сделал заступ на поле соперника
- произошло касание верха сетки
- произведен бросок мяча
- расстановка игроков на площадке проведена неправильно
- при розыгрыше было допущено более трёх касаний мяча
- имело место неспортивное поведение

Судейство: Судейство в волейболе осуществляется двумя основными судьями, имеющими право свистком остановить игру и зафиксировать нарушение, и линейными, фиксирующими нарушения в поле и сигнализирующими об этом при помощи флажков. Все судейские сигналы во время игры подаются жестами, пререкаться с судьями игрокам во время игры запрещено. По окончании матча каждая из команд при несогласии с каким-либо из решений может подать протест.

Техника игры. Особое место в технике игры занимают стойки и перемещения. В технике нападения существует одна стойка - основная. При этой стойке ноги располагаются на ширине плеч, согнуты в коленях, туловище в вертикальном положении, руки согнуты в локтях и находятся перед грудью.

При выполнении приемов техники нападения игроку приходится перемещаться. Перемещения могут быть выполнены шагом или бегом в различных направлениях. При выполнении нападающих ударов применяются прыжки толчком двумя ногами или одной ногой, с места или разбега. Технический прием может быть выполнен правильно только в том случае, когда игрок, своевременно переместившись, принял основную стойку.

Передачи являются одним из основных технических приемов в волейболе. В зависимости от положения рук при выполнении передач различаются верхние и нижние передачи двумя и одной рукой. Основой для правильного выполнения передачи является своевременное перемещение под мяч и принятие основной стойки.

Передачи могут быть различными по расстоянию и высоте. По расстоянию различаются короткие и длинные передачи, а по высоте - низкие, средние, высокие.

Особенностью выполнения длинных и высоких передач является более активная работа ног. При выполнении верхних передач следует обратить внимание на то, что линия плеч игрока должна быть перпендикулярна направлению, в котором выполняется передача.

Разновидностью выполнения верхней передачи является передача в прыжке.Она наиболее сложна, так как выполняется в безопорном положении.После перемещения под мяч игрок делает прыжок вверх и выносит согнутые руки над головой. Передача выполняется в высшей точке прыжка за счёт активного выпрямления рук локтевых и лучезапястных суставах. Передача в прыжке с имитацией нападающего удара называется «откидкой».

Подача - это способ введения мяча в игру. В современном волейболе подача используется не только для начала игры, но и как мощное средство нападения. Подачи бывают - нижняя прямая, нижняя боковая, верхняя прямая и верхняя боковая с разбега в прыжке с верху.

Все подачи выполняются в соответствии с требованиями, указанными в правилах: подающий игрок становится за пределами площадки обязательно подбрасывает мяч и ударом одной руки направляет его через сетку на сторону противника.

*Для правильного выполнения любой подачи требуется:*

1. *Занять правильное исходное положение*
2. *Правильно подбросить мяч*
3. *Ударить в нижнюю часть мяча с определенной силой*
4. Удар должен производиться твердой кистью, закрепленной в лучезапястном суставе.

5. После удара рука продолжает движение в направлении подачи.

Нападающий удар относится к сложным техническим приемам, сочетая временные и пространственные параметры разбега, прыжка и удара по мячу.

Нападающий игрок тесно взаимодействует с партнером, выполняющим передачу, и здесь очень важна одинаковая трактовка обоими всех параметров приема и взаимное понимание условных сигналов. Умение наносить нападающие удары правой и левой руками обогащают технический арсенал игрока, заметно расширяют его тактические возможности.

Игрок должен стремиться нанести удар по мячу в высшей точке взлета, в «мертвой точке». На ней он и должен наносить удар по мячу независимо от характера подачи. Мяч всегда должен быть чуть впереди игрока. Это положение приобретает решающее значение при ударах. С низких и прострельных передач, помогает нападающему сориентироваться относительно блока. Разбег по траектории, близкой к прямому углу по отношению к сетке, создает для нападающего игрока большие тактические возможности, чем разбег вдоль сетки.

Совершенствование нападающих ударов проводится как без противодействия блока, так и при пассивном или активном сопротивлении блокирующих.

Игрокам полезно вырабатывать своеобразное мышечное чувство, прыгать как можно выше, чтобы нанести удар по мячу на «своей» высоте.

Блок - это основной защитный прием. Техника блокирования проста: прыжок и вынос рук над верхним краем сетки. Но не последнюю роль играет и перемещение игрока к месту постановки блока.

Игрок перемещается вдоль сетки приставными или с крестными шагами, бегом или шагом, согнув руки, держа кисти на уровне лица. Во время перемещения и прыжка взгляд блокирующего направлен на нападающего игрока противника. По приему с подачи или нападающего удара, а также по начальной траектории мяча после передачи блокирующий определяет направление и характер передачи нападающему.

## УЧЕБНЫЕ ИГРЫ В ВОЛЕЙБОЛ

Основные ошибки игры в волейбол. Для лучшего усвоения упражнений и для исправления недостатков игроков применяются различные усложненные правила или ограничения в технике и тактике игры.

1. Первым ударом послать мяч на подающего игрока.
2. Третьим ударом послать мяч на заднюю линию.
3. Первый принятый мяч посылается на третий номер.
4. Перебивать мяч на сторону противника только с четвертого номера.
5. Подача производится до тех пор, пока мяч не перелетел через сетку на сторону противника.

Методика обучения и тренировка. Приступая к обучению начинающих играть в волейбол, нужно, в первую очередь, ознакомить их с основной стойкой, работой рук, затем по мере усвоения правильной работы рук обратить внимание занимающихся на слитную работу ног и туловища одновременно с руками. В начале обучения передачи выполняются без перемещений (исходное положение сразу принимается из высокой стойки), затем можно перейти к изучению передач с перемещением. Из всех технических приемов дольше всего усваивается прием и передача мяча. Наиболее выгодна и точна передача двумя руками сверху. С нее следует начинать обучение. Правильное исходное положение при приеме мяча и согласованная работа ног, туловища и рук в момент удара обеспечивает точность передачи, которая закрепляется практикой. Основные ошибки новичков:

1. Мяч принимается не перед глазами на уровне головы, а справа, слева или за головой.
2. Мяч принимается ладонью и прямыми руками.
3. Мяч принимается поочередно правой, потом левой рукой — двойной удар.
4. Мяч захватывается ладонями и бросается — захват или пронос мяча.

Изучение передач производится вначале одним мячом с тем, чтобы игроки могли сосредоточиться. В дальнейшем можно переходить к самостоятельной работе, разбившись на пары или тройки. Затем передача дается во время движения. Самая сложная передача мяча — в косом направлении. Чем больше угол между направлением приема и передачи мяча, тем больше трудность упражнения. При проведении подготовительных и учебных игр необходимо требовать от играков точного выполнения технических приемов, при этом необходимо учитывать основные ошибки. Изучение подачи следует проводить на всех занятиях. Процесс обучения индивидуализируется. Игроки, хорошо овладевшие подачей снизу или сбоку, переходят к изучению подачи сверху. Изучая подачу, вначале обращается внимание на правильность технического выполнения подачи, затем отрабатывается точность удара. Основные ошибки новичков при подаче:

1. Мяч подбрасывается очень высоко или очень низко, далеко вперед, назад или в сторону.
2. Удар наносится согнутой в локте рукой.
3. Кисть руки в момент нанесения удара по мячу расслаблена.

Изучение нападающего удара является одним из самых трудных элементов техники игры в волейбол. Выполнение его требует хорошей общей физической и специальной подготовки. Подготовительными упражнениями для изучения нападающего удара является - подача сверху, удар у стены, удар в кругу. Одновременно нужно изучать удар у сетки. На первых уроках высота сетки может быть понижена. Нападающий удар зависит во многом от предварительной передачи. Поэтому в начале обучения накидывает мяч руководитель или игрок, хорошо владеющий техникой игры. Начинать обучение блокированию следует после того, как игроки научились выполнять нападающий удар. В начале обучения блокированию, необходимо обратить внимание на своевременность прыжка и правильное положение рук (не очень широко), причем руки не должны переходить через сетку, должны быть напряжены. Приступая к изучению двухсторонней игры, нужно прежде всего познакомить играков с расстановкой команды на поле. Начинающих лучше всего располагать в виде двух треугольников, обращенных своими вершинами к сетке. Первый треугольник представляют игроки линии нападения с выдвинутым вперед к сетке средним игроком и оттянутыми назад краями. Второй треугольник образуют игроки защитной линии, причем основание этого треугольника, по сравнению с первым, несколько сужено. Для того чтобы игроки освоились в каждой зоне площадки, можно искусственно задерживать переходы в течение трех-четырех подач с каждой стороны. У начинающих игроков наблюдается стремление больше играть на передней линии, в нападении, чем на задней линии, в защите. С первых же игр надо уделять особое внимание организации защиты и особенно задней линии поля. Для развития подвижности, выдержки и быстроты ориентировки в командах, которые умеют играть, можно проводить игры с уменьшенным составом игроков. Тренировочные игры надо проводить с более сильным или равным противником.

Волейбол - одна из наиболее распространенных игр в Таджикистане. Массовый, подлинно народный характер волейбола объясняется его высокой эмоциональностью и доступностью, основанной на простоте правил игры и несложности оборудования. Особым достоинством волейбола как средства физического воспитания является его специфическое качество — возможность самодозирования нагрузки, т.е. соответствие между подготовленностью игрока и нагрузкой, которую он получает. Это делает волейбол игрой, доступной для людей всех возрастов.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Железняк Ю.Д. 120 уроков по волейболу / Ю.Д. Железняк. – М.: Физкультура и спорт, 1965 Основы волейбола /Сост. О. Чехов. -М.: Физкультура и спорт, 1979 Правдин В.А. и др. Волейбол - игра для всех - М.: Физкультура и спорт, 1966 Фурманов А.Г., Болдырев Д.М. Волейбол. - М.: Физкультура и спорт, 1983.


## ТАЪРИХИ ИНКИШОФИ ВОЛЕЙБОЛ ДАР ҶАҲОН ВА ТОҶИКИСТОН


Аз лаҳзаи пайдоиш бозии волейбол хеле хуб тараққӣ менамояд. Ин дар зиёдшавии шумораи волейболбозон, аз ҷумла аз шумораи мамлакатҳо-аъзоёни Федератсияи байналмилалии волейбол ифода меёбад. Аз рӯи паҳншавандагӣ ин бозӣ вазъи пешбапрро дар майдон ҷаҳонии варзиш ишғол менамояд. Бозии волейбол на танҳо намуди варзишӣ, инчунин воситаи ташкили фароғат, нигоҳдории солимӣ ва барқарорсозии қобилияти корӣ гаштааст. Волейбол – яке аз бозиҳапи васеъпаҳнгардида дар Тоҷикистон мебошад. Вижагии оммавият ва халқӣ будани бозии волейбол бо эҳсосотӣ будан ва дастрасии он шарҳ дода мешавад, ки аз оддӣ будани қоидаҳои он ва номураккабии таҷҳизот асос ёфтааст. Арзиши махсуси волейбол ҳамчун воситаи тарбияи ҷисмонӣ сифати ба худ хоси он— имконияти ба вояҳо тақсим кардани сарборӣ, яъне мувофиқат байни тайёрии бозингар ва сарборие, ки ӯ мегирад, мебошад. Ин волейболро бозие мегардонад, ки барои одамони синну соли гуногун дастрас мебошад.



**Калидвожаҳо:** бозии волейбол, воситаи тарбияи ҷисмонӣ, воситаи ташкили фароғат, нигоҳдории солимӣ ва барқарорсозии қобилияти корӣ, арзишҳои волейбол ҳамчун воситаи тарбияи ҷисмонӣ.


## ИСТОРИЯ РАЗВИТИЯ ВОЛЕЙБОЛА В МИРЕ И В ТАДЖИКИСТАНЕ


С момента своего возникновения, игра в волейбол продолжает бурно развиваться. Это выражается и в растущем количестве волейболистов, и в числе стран-членов Международной федерации волейбола. По своей распространённости эта игра занимает ведущее положение на мировой арене спорта. Игра в волейбол стала не только чисто спортивной, но и стала средством организации досуга, поддержания здоровья и восстановления работоспособности. Волейбол - одна из наиболее распространенных игр в Таджикистане. Массовый, подлинно народный характер волейбола объясняется его высокой эмоциональностью и доступностью, основанной на простоте правил игры и несложности оборудования. Особым достоинством волейбола как средства физического воспитания является его специфическое качество — возможность самодозирования нагрузки, т.е. соответствие между подготовленностью игрока и нагрузкой, которую он получает. Это делает волейбол игрой, доступной для людей всех возрастов.



**Ключевые слова:** игра в волейбол, средство физического воспитания, средство организации досуга, поддержание здоровья и восстановление работоспособности, достоинства волейбола как средства физического воспитания.

**HISTORY OF DEVELOPMENT OF VOLLEYBALL IN THE WORLD AND IN TAJIKISTAN**

Since its inception, the game of volleyball continues to develop rapidly. This is reflected in the growing number of volleyball players, and among the member countries of the International Volleyball Federation. In terms of its prevalence, this game occupies a leading position in the world sports arena. The game of volleyball has become not only purely sports, but also has become a means of organizing leisure activities, maintaining health and restoring health. Volleyball is one of the most common games in Tajikistan. The massive, truly national character of volleyball is explained by its high emotionality and accessibility, based on the simplicity of the rules of the game and the simplicity of equipment. A special advantage of volleyball as a means of physical education is its specific quality - the ability to self-dose the load, i.e. the correspondence between the preparedness of the player and the load that he receives. This makes volleyball a game accessible to people of all ages.

**Key words:** volleyball game, means of physical education, means of organizing leisure activities, maintaining health and restoring health, the dignity of volleyball as a means of physical education

**Сведения об авторах:** ***Махмадрасулов Бободжон Саймахмудович***- Филиал Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе, кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры социально-гуманитарных дисциплин, Заслуженный тренер Республики Таджикистан, телефон **918-80-84-84**, E-mail: *bobojonsport@mail.ru

***Махмарасулов Мухамед Саймахмудович*** – Таджикский технический университет им. М. С. Осими, ассистент кафедры физического воспитания, Мастер спорта международного класса Республики Таджикистан по борьбе самбо. Телефон: **908-22-88-34.**

***Махмадрасулов Саймахмуд*** - Филиал Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе, доцент кафедры социально-гуманитарных дисциплин

**Information about the authors:** ***Mahmadrasulov Bobojon Saimahmudovich*** – Branch of the Moscow state university named after M.V Lomonosov. Lomonosov in the city of Dushanbe, candidate of historical sciences, head of the deportment of social and humanitarian disciplines, Honored trainer of the Republic of Tajikistan, Phone: **918-80-84-84** E-mail: *bobojonsport@mail.ru

***Mahmarasulov Mukhamed Saimahmudovich*** – Tajik Technical University named after M.S Osimi, assistant of the Department of physical education, master of sports of the international class of the Republic of Tajikistan in the fight again sambo . Phone: **908-22-88-34.**

***Makhmadrasulov Saymakhmud*** - Branch of MV Lomonosov Moscow State University in Dushanbe, Associate Professor of the Department of Social and Humanitarian Disciplines

**УДК: 930(575.3)(470)**

# ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА БЕЛОРУС ДАР ДАВРОНИ НАВИН

***Нурова Л.Н., Мирзоев Н.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бо дарёфти истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ бо кишварҳои олам робитаҳои сиёсӣ ва дипломатӣ барқарор намуд. Яке аз он ҷумҳуриҳое, ки Тоҷикистон бо он дар даврони аввали соҳибихтиёрӣ робитаҳои сиёсӣ, дипломатӣ ва иқтисодӣ барқарор намуд, Ҷумҳурии Белорус мебошад. 5 сентябри соли 1996 робитаҳои дипломатӣ байни ду кишвар барқарор карда шуданд. Ба барқарор шудани робитаҳои дипломатӣ барои вусъат додани раванди ҳамкориҳои дутарафа ва бисёрҷониба 4 феврали соли 1997 бо амри Президенти ҶТ дар Ҷумҳурии Белорус Сафорати ҶТ таъсис дода шуд. Аввалин сафири Тоҷикистон дар Белорус Раҳимов Ф.С. таъйин гардид. Баъдан ин вазифаро Сафаров А. ва Қоимдодов Қ. иҷро намуданд.

Дар заминаи барқароршавии робитаҳои дипломатӣ, таъсиси сафоратхонаҳо робитаҳои сиёсӣ дар сатҳи олӣ низ вусъат ёфта, ташрифи роҳбарони сиёсии ҳарду кишвар оғоз ёфтанд. Сафарҳои расмии сарони давлатҳо ба кишварҳои якдигар ҷиҳати ба сатҳи дилхоҳ баровардани ҳамкориҳои дуҷониба такони ҷиддӣ бахшид.

Аввалин сафари расмии Президенти Белорус А.Г. Лукашенко ба Тоҷикистон моҳи апрели соли 2000 сурат гирифт. Дар ҷараёни сафар як қатор созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи илму техника, дар бораи стандартизатсия, метрология, сертификатсия, дар бораи аттестатсияи кадрҳои илмӣ-техникӣ, оид ба ҳаракати воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва ҳамкорӣ миёни вазоратҳои маорифи ҳарду кишвар ба имзо расиданд. Дар маросими ташрифот Президенти Белорус А.Г. Лукашенко изҳор намуд, ки «Тоҷикистон кишвари ба мо дӯст аст ва мо онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоем, зеро, ба пиндори мо, ин кишвар қодир аст дар ду-се сол ба по бархезад» [15].

Сафари аввалини расмии Президенти ҶБ А.Г.Лукашенкоро натиҷагирӣ намуда, Президенти Тоҷикистон Э.Раҳмон бо қаноатмандӣ изҳор намуданд, ки «аз мулоқот бо Президенти Белорус ва имзои як қатор созишномаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ бисёр

қаноатмандем, умедворем, ки ин ташрифот ба ҳамкориҳои мавҷудаи Тоҷикистон ва Белорус мазмун ва муҳтавои нав зам месозад» [15].

Тарафҳо таъкид сохтанд, ки ин сафари расмӣ муносибатҳои дӯстонаро дар соҳаи сиёсӣ устувор сохта, барои ривоҷи ҳамкориҳои иқтисодӣ заминаи боэътимод фароҳам месозад.

Моҳи июни соли 2001 сафари расмии ҷавобии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Белорус сурат гирифт, ки ба вусъати робитаҳои дуҷонибаи ду кишвари дӯст такони ҷиддӣ бахшид.

Дар солҳои баъдӣ робитаҳои сиёсии сатҳи олӣ характери дӯстона, мунтазам ва эътимоднокро ба худ гирифтанд. Президенти Белорус А.Г.Лукашенко баъдан моҳи октябри соли 2011, майи соли 2018 ба Тоҷикистон ташрифи расмӣ овард. Президенти Тоҷикистон Э.Раҳмон июли соли 2001, марти соли 2014, июни соли 2019 ба Ҷумҳурии Белорус сафарҳои расмӣ ва корӣ анҷом дод. Ҳамчунин, сарони ду давлат дар доираи ҷаласаҳои созмонҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалии ИДМ, ОДКБ, ЕВРАЗЭС ва ғ. мулоқотҳо доир намуданд.

Имрӯз, робитаҳои байнидавлатии байни ду ҷумҳурӣ дар заминаи 85 санади ҳуқуқӣ сурат мегирад. Созишнома ва қарордодҳои имзошуда заминаи боэътимоди ҳамкориҳоро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, саноат, кишоварзӣ, илму маориф, фарҳанг ба вуҷуд овардааст.

Ҷумҳурии Белорус узви фаъоли созмонҳои интегратсионии ИДМ, ЕВРАЗЭС, ОДКБ мебошад. Белорус дар қатори Федератсияи Россия ва Қазоқистон дар соли 2012 ташаббускори бунёди созмони фазои ягонаи иқтисодӣ ва соли 2015 ташаббускори таъсиси созмони ЕВРАЗЭС – Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошад. Аз рӯйи бисёр масъалаҳои доғи сайёра Тоҷикистон ва Белорус мавқеъ ва назари ягона доранд. Белорус аз аввалин давлатҳоест, ки ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳалли масъалаҳои доғи сайёра, аз қабили даҳсолаҳои «Об барои ҳаёт (солҳои 2005-2015)» ва «Об барои рушди устувор (солҳои 2018-2028)»-ро ҷонибдорӣ намуд. Ҷумҳурии Белорус шарики боэътимоди тиҷоратӣ ва иқтисодии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Белорус дар соли 2018 37,4 млн. долларро ташкил додааст [16]. Маъмулан Белорус ба Точикистон трактор, маҳсулоти сохтмонӣ, қолин, чархҳои автомобил ва дигар мошинолот ворид менамояд ва аз Тоҷикистон ба Белорус меваи хушк, чормағз, нахи пахта ва маҳсулоти бофандагӣ содир мегардад.

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Белорус А.Г.Лукашенко моҳи майи соли 2018 робитаҳои ду кишварро ба сатҳи баланд бардошта, ба вусъати он такони ҷиддӣ бахшид. То имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се ширкати муштараки Тоҷикистону Белорус таҳти унвони «Тадбел», ООО «Торговый дом», «Ориён» амал мекунанд. Октябри соли 2011 дар ш. Душанбе бо ташаббуси Палатаи савдо ва саноати ҳарду кишвар Шӯрои кории Тоҷикистон – Белорус таъсис ёфт. Ҳадафи асосии Шӯрои корӣ рушду тавсеаи ҳамкориҳои судманди тарафайн, вусъати соҳибкорӣ ва сармоягузории Белорус ба Тоҷикистон аст. Моҳи июни соли 2019 соҳибкорони Белорус дар ярмаркаи маҳсулоти саноатие, ки бо ташаббуси Палатаи савдо ва саноати ҷумҳурӣ дар вилояти Суғд баргузор гардид, фаъолона иштирок намуданд.

Ҳамчунин, солҳои охир робитаҳои байниминтақавии ду кишвар ривоҷ ёфта истодаанд. Байни минтақаҳои озоди иқтисодии «Витебск», «Минск»-и Ҷумҳурии Белорус ва минтақаи озоди иқтисодии «Суғд»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон диду боздидҳо ба амал омада, гуфтушунидҳо оид ба таъсиси корхонаҳои муштараки ширу гӯшт, қаннодӣ, бофандагӣ сурат гирифтанд. Созишномаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни вилояти Суғди Тоҷикистон ва вилояти Мински Белорус ба имзо расиданд. Имзои чунин созишномаҳо байни вилояти Хатлон ва вилояти Гродненск ва Гомели Белорус низ дар назар аст.

Дар рафти сафари расмии Президенти Белорус майи соли 2018, бо иштироки бевоситаи сарони ду давлат дар ш.Ҳисор корхонаи муштараки тракторсозии Тоҷикистону Белорус ва таҷҳизоти барои соҳаи кишоварзӣ лозимӣ ифтитоҳ гардид. Қобили қайд аст, ки барои Тоҷикистон чунин корхона аҳаммияти бағоят бузург дорад. Соҳаи кишоварзии мамлакат ба чунин тракторҳо эҳтиёҷоти зиёд дорад. Ва сохтмони чунин корхона ба манфиати хоҷагии халқи мо аст.

Президенти Белорус А.Г. Лукашенко баён дошт, ки «бо истифода аз мавқеи хуби ҷойгиршавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо бояд фаъолияти корхонаи мазкурро барои содирот ба бозори кишварҳои сеюм равона намоем, аз таҷрибаи солҳои қаблӣ аксарият кормандони соҳаи кишоварзӣ медонанд, ки тракторҳои истеҳсолнамудаи мо бисёр ҳам сода ва дар истифода боэътимоданд. Ҳар кадоми он 80 қувваи аспро дорад. Бо назардошти чунин сифатҳо дар Тоҷикистон маҳз ба чунин тракторҳо эҳтиёҷ доранд. Корхона барои истеҳсоли 500 адад трактор дар як сол пешбинӣ шудааст ва дар ҳолати лозима истеҳсоли онҳоро то ба якчанд ҳазор расонидан мумкин аст. Дар айни замон трактор аввалин маҳсулоти якҷоя истеҳсолкарда, аз маҷмӯи молҳои барои Тоҷикистон банақшагирифтаи мо мебошад. Дар марҳилаи дуюми барномаи мо, бароҳмонии истеҳсоли мошинҳои ғалладаравӣ, пахтачинӣ,

трактори ядакдор (прицеп) ва намудҳои гуногуни сипори трактор ба назар гирифта шудааст. Бинобар ин, бори дигар таъкид намуданием, ки ин майдончаи саноатиро мо бояд хеле хуб истифода барем ва тирамоҳи соли ҷорӣ, ки ман боз барои иштирок дар саммити ИДМ ба Душанбе меоям, иҷроиши супоришҳои додашударо бори дигар санҷида, муайян менамоем, ки ба бозори кадом давлат даромада метавонем ва оё соҳибкорони Афғонистон бо мо кор кардан мехоҳанд ё не? Ҳоло ҳамкори софдилро ёфтан душвор аст ва онро бо пул харида намешавад. Бояд ёдовар шавем, ки белорусҳо маҳз чунин кор мекунанд» [17,с.111].

Ҳамчунин, миёни ду кишвар қарордод оид ба сохтмони чунин корхонаҳои тракторсозӣ дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Хуҷанд низ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаи фарҳанг ва илму маориф дар ҳоли рушд ва тараққӣ қарор доранд. Ҳамкориҳои фарҳангӣ омили муҳимми пайванди халқҳо ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, ҳанӯз дар марҳилаи аввали барқароршавии муносибатҳо байни Тоҷикистон ва Белорус ба рушди робитаҳои фарҳангӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардид. Яке аз воситаҳои наздиксозии халқҳо баргузории рӯзҳои фарҳангӣ мебошад. Ҷиҳати шиносоӣ бо фарҳанги кишвари дӯст Белорус 30 июл – 3 августи соли 2007 дар Тоҷикистон рӯзҳои фарҳангии Белорус баргузор гардид. Рузҳои фарҳангии Белорус 31-августи соли 2007 дар Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ бо сухани ифтитоҳии муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. Мавлонова оғоз гардид. Чорабиниҳои идона дар шаҳрҳои Душанбе, Норак, Турсунзода низ доир гардиданд. Барномаи рӯзҳои фарҳангӣ хеле гуногун, рангин ва ҷаззоб буда, тараннумгари фарҳанги ғании халқи Белорус ба ҳисоб мерафт. Ҳунарнамоии ансамбли рақсии Белорус таҳти роҳбарии профессор В. Дудкевич, ҳунармандони Театри миллии опера ва балети Белорус О. Янушевич, Т.Глаголева, намоиши филмҳои «Салом Белорус», «Ман ёд дорам» ба тамошобинони тоҷик хеле писанд омад.

Роҳбари ҳайати Ҷумҳурии Белорус муовини вазири фарҳанги Белорус В.Гедройс дар мусоҳибаи матбуотии худ иброз намуд, ки «робитаҳои адабӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷику белорус таърихи қадима доранд. Осори адибони форсу тоҷик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Умари Хайём, Абӯалӣ Сино, Саъдии Шерозӣ ва адибони муосир С. Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М Турсунзода, М.Миршакар ва дигарон дар Белорус тарҷума ва нашр гардида, хонандагони зиёд дорад. Дар навбати худ, асарҳо ва осори адибони намоёни Белорус Янка Купала, Якуб Колас, Петра Бровки ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр шудаанд» [18]. Бисёр рамзӣ аст, ки яке аз кӯчаҳои ш.Душанбе ба номи шоири Белорус Янка Купала гузошта шудааст.

Байни ду кишвар ҳамкориҳо дар соҳаи кинематография низ побарҷост. Кинорежисёри тоҷик М.Қосимова дар Киностудияи «Белорусфилм» филми бадеии «Фирории хурд»-ро ба навор гирифтааст. Тамошобинони белорус бо мароқи зиёд филмҳои тоҷикӣ «Достони Рустам», «Рустам ва Сухроб», «Қисмати шоир», «Нисо», «Асрори ниёгон», «Ҷура саркор», ки дар Белорус намоиш дода шуд, дидан намуданд.

Сентябри соли 2010 дар кинотеатри «Сентральный»-и шаҳри Минск нигораҳои суратгири ҷавони тоҷик, аълочии фарҳанг ва матбуоти Тоҷикистон Шуҳрат Ёров ба маърази намоиш гузошта шуд, ки мақбули бинандагони белорус гардид.

Дар Ҷумҳурии Белорус ба рушду такомули ҳунарҳои мардумӣ, тарғибу ташвиқи санъати миллӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ба тарбияи ҷавонони боистеъдод ҳукумати Белорус таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Ҷиҳати дастгирии истеъдодҳои ҷавон фонди махсуси Президентӣ таъсис дода шудааст. Дар Белорус 28 ҳаз. дастаҳои худфаъолияти бадеӣ амал мекунанд, ки беш аз 300 ҳаз. шавқмандони ҳунарҳои мардумиро муттаҳид мекунанд. Ҳамчунин, ҷиҳати эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар Белорус 50 маркази ҳунармандӣ, 34 маркази фолклорӣ, 40 мактаби эҷодиёти халқ фаъолият менамоянд. Ҳамасола дар мамлакат фестивалҳои мусиқӣ таҳти унвони «Славянский базар в Витебске», «Баҳори Минск», «Фестивали умуми-белорусии фарҳанги миллӣ», «Хазонрези мусиқии Белорус» ва ғ.доир мегарданд, ки дар он аз тамоми гӯшаю канори мамлакат ва берун аз он ҳунармандон иштирок менамоянд.

Ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Белорус аз апрели соли 2000 ба роҳ монда шудаанд. Дар доираи созишнома Ҷумҳурии Белорус дар тарбияи кадрҳои баландихтисоси техникӣ барои ҷумҳурии мо саҳми назаррас мегузорад. Соли 2012 дар донишкадаҳои олии Белорус 38 нафар донишҷӯёни тоҷик таҳсил менамуданд, ки теъдоди онҳо соли 2018 ба 100 нафар расидааст.

Мутобиқи созишномаи байнидавлатӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ, ки соли 2013 имзо гардид, минбаъд барои Тоҷикистон мактабҳои олии Белорус 100 ҷой ҷудо хоҳанд намуд. Оид ба ҳамкориҳои мустақим байни Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии техникии Белорус дар хусуси тарбияи мутахассисони соҳибмаълумоти техникӣ қарордод ба имзо расидааст. Мутобиқи ин қарордод дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи

М.С. Осимӣ факултаҳои муштараки инженерӣ-техникии Тоҷикистону Белорус таъсис дода шудаанд. Дар ин факултаҳо донишҷӯён ду сол таҳсил намуда, баъдан таҳсилро дар ш.Минск Белорус идома медиҳанд. Чунин роҳ василаи хуби тайёр кардани кадрҳо буда, барои тавсеаи робитаҳои илмӣ ва таълимӣ мусоидат менамояд. Ҳоло дар факултаи муштараки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 500 нафар ва дар факултаи муштараки Донишгоҳи техникии Тоҷикистон 400 нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд.

Дар заминаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ҳамчунин соли 2012 ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон-Белорус» таъсис ёфт, ки барои рушди робитаҳои фарҳангӣ ва дӯстӣ байни Тоҷикистон ва Белорус нақши муҳим мебозад.

Аз соли 2012 дар Белорус ҷамъияти фарҳангии «Сомониён» амал мекунад, ки шаҳрвандони Тоҷикистони муқими Белорусро муттаҳид намудааст.

Ҷамъиятҳои дӯстӣ мунтазам чорабиниҳои фарҳангӣ, маърифатӣ доир намуда, дастовардҳои илмиву фарҳангии кишвари дӯсти Белорусро дар Тоҷикистон ва дастовардҳои Тоҷикистонро дар Белорус тарғибу ташвиқ менамоянд. Бисёр рамзист, ки Президенти Белорус А.Г. Лукашенко ҳангоми ташрифи расмӣ ба Тоҷикистон соли 2011 профессори фахрии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ интихоб гардид.

Сентябри соли 2012 вазири маорифи Белорус С.А. Маскевич ба Душанбе ташриф оварда, дар ифтитоҳи факултети муштараки инженерии Белорус дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ ширкат намуд. Соли 2015 факултети техникии муштараки Белорус – Тоҷикистон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ таъсис дода шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дар чорабиниҳои фарҳангӣ, фестивалҳо ва ярмаркаҳое, ки дар Белорус баргузор мегарданд, фаъолона иштирок менамояд. Солҳои охир як қатор асарҳои адибони Белорус ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шудаанд. Дар нашриёти «Адабиёт ва санъат»-и Белорус бошад, маҷмӯаи ашъори 10 адибони тоҷик ба чоп тайёр карда шудааст.

Ҳамин тариқ, дар даврони истиқлолият робитаҳои сиёсӣ, дипломатӣ, иқтисодӣ-тиҷоратӣ, илмиву фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Белорус бемайлон рушду инкишоф ёфта, натиҷаҳои судманд ба бор овардааст, ки ба манфиати халқҳои тоҷику белорус хизмат хоҳанд намуд.

**АДАБИЁТ**


1. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон. Монография/ М.Бобохонов. - Душанбе, 1999.
2. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. Монография/ Под ред. Х. Зарифи. - Душанбе: Ирфон, 2009. -Т.1.
3. Коимдодов К. Диалог ценностей: Таджикистан – Беларусь. Монография / К. Коимдодов. – М., 2011.
4. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик. Монография / Т. Назаров, А.Сатторзода. –Душанбе, 2006.
5. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости (хроника событий). год 1992-й. Монография/ Д.Назриев, И. Сатторов. –Душанбе: Ирфон, 2005.
6. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости (хроника событий). Год 1993-й. Монография/ Д.Назриев, И. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 2006.
7. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Душанбе, 2006-2010с. -Дар 8 ҷилд.
8. Саидов З. Внешняя политика Таджикистана (1992-1994). Монография/ З.Саидов. –Душанбе, 2010.
9. Саидов З. Актуальные аспекты внешнеполитического механизма и международной деятельности Республики Таджикистан. Монография/ З.Саидов. –Душанбе, 2010.
10. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият (зери назари Ҳамрохон Зарифӣ). –Душанбе, 2011.
11. Содружеству Независимых Государств 15 лет. – Мн.: Белта, 2006. – 224 с.
12. Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон. Монография/ А.Шарифзода, З.Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.-372с.
13. Сатторзода А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (многовекторность в действии) Монография/ А.Сатторзода. –Душанбе,2014.-520с.
14. Саидов З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики: Монография/ З.Саидов. -седьмое дополненное издание. –Душанбе : ООО “Контраст”, 2014. -636с.
15. Рӯзномаи “Независимая газета”. 7 апрели соли 2000.
16. Рӯзномаи “Тоҷикистон”. 4 июни соли 2019.
17. Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил. -Душанбе, 2018. -С.111
18. Рӯзномаи “Независимая газета” 3 августи соли 2007.


## ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА БЕЛОРУС ДАР ДАВРОНИ НАВИН


Бо дарёфти истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста, робитаҳои дипломатии хешро ба давлатҳои дунё барқарор намуд. Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол пойдор ва рушди робитаҳои бисёрҷониба бо давлатҳои ИДМ мебошад, ки сол то сол рушду инкишоф меёбанд. Дар мақола самтҳо ва марҳилаҳои инкишофи робитаҳои сиёсӣ, дипломатӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, илмиву фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Белорус баррасӣ гардидаанд. Дар мақола қайд мегардад, ки Белорус яке аз аввалин давлатҳоест, ки соҳибистиқлолии ҷумҳурии моро ба расмият шинохта, бо Тоҷикистон робитаҳои дипломатӣ ва сиёсӣ барқарор намуд. Президенти Ҷумҳурии Белорус А.Г.Лукашенко се маротиба ба Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом дод. Миёни сарони ҳарду давлат муносибати самимона, дӯстона, эътимоднок пойдор гардидааст. Дар ин замина байни ду кишвар беш аз 85 санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ ба имзо расидаанд. Маҳсулоти саноатии Белорус, таҷҳизот ва мошинҳои истеҳсоли Белорус дар сохтмони иншоотҳои бузурги Тоҷикистон, аз ҷумла

НБО Роғун мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар донишгоҳҳои олии мамлакат бо иштироки Белорус факултетҳои махсуси инженерӣ таъсис дода шудаанд. Робитаҳои фарҳангӣ миёни ду ҷумҳурӣ дар мақола бо мисолҳои эътимодбахш баён ёфтаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳамкорӣ, робита, миллат, манфиат, дӯстӣ, бародарӣ, иттиҳод, давлат, истиқлолият, созмон, ИДМ, рушд, иқтисодӣ, илм, фарҳанг.

## СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА И БЕЛАРУСИ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

С провозглашением государственной независимости Республика Таджикистан как суверенное государство начало устанавливать дипломатические отношения с зарубежными странами. Одной из первых стран, с которой Республика Таджикистан установила дипломатические отношения, была Республика Белорусь. В статье рассматривается история становления и развития политико-дипломатических, торгово-экономических, научно-культурных отношений Республики Таджикистан и Республики Белорусь. Между двумя странами сложились дружественные, особо доверительные политические отношения, что послужило важным фактором развития двусторонних отношений Республики Таджикистан и Республики Беларусь. Президент Республики Белорусь А.Г. Лукашенко трижды посетил Республику Таджикистан с официальным визитом и Президент Республики Таджикистан трижды совершил официальный и рабочий визиты в Республику Белорусь. Эти визиты, в результате которых были заключены более 85 межправительственных соглашений, стали основой для расширения многостороннего сотрудничества во многих сферах экономики, сельского хозяйства, промышленности, науки и культуры. Важным итогом сотрудничества двух стран стало строительство белорусского тракторного завода в г.Душанбе, открытие филиалов Белорусского технического университета в Таджикском техническом университете им. М.С. Осими и Таджикском национальном университете, где обучаются свыше 800 чел. по инженерным специальностям. Республика Таджикистан и Республика Белорусь успешно взаимодействуют в рамках международных и региональных объединений. Статья освещает взаимодействие двух стран в сфере науки, культуры и образования.

**Ключевые слова:** сотрудничество, отношение, нация, интересы, дружба, братство, сотрудничество, независимость, организация, СНГ, развитие, экономика, наука, культура.

## COOPERATION OF TAJIKISTAN AND BELARUS IN THE YEARS OF INDEPENDENCE

With the proclamation of state independence, the Republic of Tajikistan as a sovereign state began to establish diplomatic relations with foreign countries. One of the first countries with which the Republic of Tajikistan established diplomatic relations was the Republic of Belarus. The article deals with the history of the formation and development of political and diplomatic, trade, economic, scientific and cultural relations of the Republic of Tajikistan and the Republic of Belarus. Friendly, especially trusting, political relations rallied between the two countries, which was an important factor in the development of bilateral relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Belarus. President of the Republic of Belarus A.G. Lukashenko visited the Republic of Tajikistan three times with an official visit and the President of the Republic of Tajikistan made an official visit to the Republic of Belarus twice. These visits, as a result of which more than 85 intergovernmental agreements were concluded, became the basis for expanding multilateral cooperation in many areas of the agricultural economy, industry, science and culture. An important outcome of the cooperation between the two countries was the construction of the Belarusian Tractor Plant in Dushanbe, the opening of branches of the Belarusian Technical University at the Tajik-Technical University. MS Osimi and the Tajik National University study over 800 people. engineering majors. The Republic of Tajikistan and the Republic of Belarus successfully interact in the framework of international and regional associations. The article covers the interaction of the two countries in the field of science, culture and education.

**Key words:** cooperation, relationship, nation, interests, friendship, fraternity, cooperation, independence, organization, CIS, development, economy, science, culture.

**Сведения об авторах:** ***Нурова Л.Н.*** – Научно-исследовательский институт Таджикского национального университета, младший научный сотрудник отдела социально-гуманитарных и экономических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **919-50-99-50**. E-mail: **lutfiyanurova.83@mail.ru**
***Мирзоев Н.М.*** - Научно-исследовательский институт Таджикского национального университета, доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела социально-гуманитарных и экономических наук. **Адрес:** 734025, Таджикистан г. Душанбе, пр. Рудаки, 17 E-mail: **nmmirzoev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-00-26**

**Information about the authors:** ***Nurova L.N.*** **-** Research Institute of Tajik National University, Junior Researcher, Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. Phone: **919-50-99-50.** E-mail: **lutfiyanurova.83@mail.ru**
***Mirzoev N.M.*** **-** Research Institute of the Tajik National University, Doctor of Historical Sciences, Professor, Chief Researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences. **Address:** 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17 E-mail: **nmmirzoev@mail.ru.** Phone: **(+992) 919-16-00-26**

**УКД: 930 (575.3) (1-87)**

# ТОҶИКИСТОН ВА ҲИНДУСТОН: ҲАМКОРИҲО ДАР САМТИ ЭНЕРГЕТИКА (с. 2012-2018)

*Турсунов Т.Х.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар самти энергетика пас аз дарёфти истиқлолияти Тоҷикистон ҷараён гирифта, дар оғози садаи XXI ба мариҳилаи сифатан нави худ ворид гардид. Масъалаи ҳамкорӣ дар самти энергетика борҳо дар вохӯриву мулоқотҳои сатҳи олии ду кишвар, масалан дар вохӯриҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сарвазири Ҳиндустон Атал Биҳари Ваҷҳпайи (12. 05. 2001 ва 14.11.2003), бо муовини вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон Раҷендра Абгянгар (9.08.2002), бо сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Манмоҳан Сингх (6.08. 2006), бо намояндагони соҳибкорон, саноатчиён ва тоҷирони Ҳиндустон (7.08.2006), бо вазири нафту гази Ҷумҳурии Ҳиндустон Мурли Деора (28.08.2008), бо президенти Ҳиндустон Пратибҳа Патил (7.09.2009) ва ғ. мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои густариши он масъалагузорӣ карда шудааст. Ҳамзамон, дар ҷаласаҳои муштараки Комиссияи Тоҷикистону Ҳиндустон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию, иқтисодӣ ва илмию техникӣ масъалаи ҳамкориҳои энергетикӣ (16.07.2005, 7.08.2006, 11.10.2007, 21.11.2008 ва ғ.) матраҳ гардида, натиҷаҳои дилхоҳ ба бор овард.

3 июли соли 2012 дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон Соманахалли Малайя Кришна қайд гарид, ки азнавсозии НОБ-и “Варзоб-1” дар назар аст ва соли 2012 тавассути сармояи Ҳиндустон НОБ-и “Варзоб-1” ба маблағи 75 миллион сомонӣ таҷдиду таъмир гардида, иқтидори истеҳсолии он баланд бардошта шуд [5].

3 сентябри соли 2012 дар шаҳри Деҳли вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва директори иҷроияи ширкати Ходай групп (Khoday group) - и Ҳиндустон Шри Ҳари Ходай доир шуда, нақша ва дурнамои ҳамкории ширкат бо Тоҷикистон матраҳ гардид [7]. Ширкати мазкур барои татбиқи амалии нақшаҳои ҳамкорӣ дар самти гидроэнергетика, бахусус сохтмони НОБ-ҳо, истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ ҳавасмандӣ дорад. Бо мақсади татбиқи нақшаҳои ҳамкорӣ байни ширкат ва Вазорати энергетика ва саноати Тоҷикистон Ёддошти тафоҳум ба имзо расид.

19-20 феврали соли 2013 дар шаҳри Деҳлии Нав бо роҳбарии муовини якуми вазири тиҷорат ва саноати Ҷумҳурии Ҳиндустон С.Р.Рао ва вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Раҳимзода ҷаласаи ҳафтуми Комиссияи Тоҷикистону Ҳиндустон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию, иқтисодӣ ва илмию техникӣ доир шуд [1]. Дар ҷаласа яке аз масъалаҳои мубрами баррасишуда, ҳамкорӣ дар самти энергетика буд.

Ҷонибҳо аз вазъи корҳои анҷомёфта дар лоиҳаи НОБ-и Варзоб, ки аз тарафи ширкатҳои Ҳиндустон- NHPC, BHEL анҷом дода шуданд, изҳори қаноатмандӣ намуданд. Комиссия ба ширкатҳои NHPC, BHEL супориш дод, ки корҳои боқимондаи лоиҳаро дар муддати кӯтоҳ ба анҷом расонанд ва акти омодашудаи лоиҳаро барои истифода тайёр намоянд.

Ҳамчунин, ҷонибҳо ба имзо расидани Ёддошти ҳамдигарфаҳмӣ байни ширкати Ҳиндустон BHEL, корхонаҳои давлатии Ҳиндустон ва Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтмони неругоҳи хурд бо иқтидори 2x50 МВ дар дарёи Зарафшонро бо қаноатмандӣ ёдовар шуданд. Ҷониби Тоҷикистон мебоист ба Ҳиндустон ахбороти заруриро барои асосоноккунии техникӣ-иқтисодии лоиҳа дар рӯди Зарафшон пешниҳод мекард. Мутаассифона, бо гузашти чандин сол ин лоиҳа то имрӯз амалӣ нагардидааст.

Ҷониби Ҳиндустон аз ҷаласаи 6-уми Комиссияи муштарак ишора кард, ки дар он оид ба ташкили курсҳо барои мутахассисони бахши энергетикии Тоҷикистон гуфта шуда буд. Ҷониби Ҳиндустон қайд кард, ки дар ин бора аз ҷониби Тоҷикистон дархосте вуҷуд надорад.

Ғайр аз ин, ҷониби Ҳиндустон қайд кард, ки BHEL курсҳои махсусро дар соҳаҳои гуногуни энергетикӣ, аз ҷумла истеҳсоли таҷҳизот ва таъминоти ин ширкат ташкил мекунад. Пешниҳодҳои муфассал аз BHEL оид ба ин масъала ба ҷониби Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

Ҷониби Ҳиндустон барои дарёфти имконоти рушди васеътари лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи иқтидори потенсиалии гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиши худро иброз дошт. Дар робита ба ин, Ҳиндустон иттилоъ дод, ки BHEL аз Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳиндустон як рӯйхати лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар неругоҳҳои барқи обӣ, ки мавриди баррасӣ қарор

дорад, дастрас кардааст. Идораи марказӣ оид ба неруи барқи Вазорати энергетикаи Ҳукумати Ҳиндустон метавонад дар таҳияи муфассали лоиҳавӣ оид ба сохтори гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак расонад. Ҷониби Ҳиндустон имконияти ҳамкорӣ дар соҳаи интиқоли технологияҳо барои лоиҳакашӣ ва муҳандисии неругоҳҳои барқии обӣ аз Ҳиндустон ба Тоҷикистонро таъкид кард.

Дар ҷаласа қайд гардид, ки идора оид ба масъалаи гази Ҳиндустон GAIL барои ҳамкорӣ бо соҳаи саноати нафту гази Тоҷикистон ҳамкориро дар назар дорад. Муҳандисони ширкати Ҳиндустон кӯшиш мекунанд, ки хизматрасониҳои лоиҳакашӣ ва муҳандисиро дар Тоҷикистон дар соҳаҳои пайвастҳои карбогидридӣ, аз ҷумла софкунии нафт, нафту химия, нафту газ, хатҳои интиқоли газ ва ғайра таъмин намоянд.

GAIL ва IOCL (Корпоратсияи гази Ҳиндустон) ва BPCL (Бҳарат нефт ва моддаҳои химиявӣ), се корхонаҳои сектори давлатии Ҳиндустон, барномаҳои омӯзиширо дар ин соҳа пешниҳод карданд. Дар робита ба ин, Ҳиндустон даъватномаи тренингҳоро аз Институти омӯзишии GAIL дар мавзӯи «Қубурҳои гази табиӣ - фаъолият ва нигоҳубини техникӣ» барои мутахассисони тоҷик пешниҳод кард.

Ширкатҳои сохтмонии Ҳиндустон фаъолона амал карда, дар бунёди хатҳои барқ ва таҷдиду азнавсозии пойгоҳҳои эргетикӣ саҳми сазовор доранд. Мавриди зикр аст, ки дар бунёди лоиҳаи хатти интиқоли барқи 220 - киловолтаи «Қайроққум – Ашт» пудратчӣ яке аз ширкатҳои бонуфузи «Калпатару»-и Ҷумҳурии Ҳиндустон буда, барои иҷрои он ҳукумати кишвар дар ҳаҷми қариб 65 миллион сомонӣ гранти Бонки Рушди Осиёро ҷалб карда буд [9]. Корҳои сохтмонии он 4 апрели соли 2014 оғоз шуда, он 19 октябри соли 2015 ба истифода дода шуд. Хатти нави интиқоли барқи Қайроққум-Ашт 74,3 километр буда, бо насби 181 сутунпоя он ноҳияи Аштро бевосита ба ҳалқаи ягонаи энергетикии мамлакат пайваста, пойгоҳҳои обтаъминкунӣ, инчунин аҳолии ноҳияро бо неруи барқ таъмин намуд.

7 майи соли 2014 котиби корҳои хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон Суҷатҳа Сингҳ дар вохӯрӣ бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд, ки Ҳиндустон дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Тоҷикистон, бахусус дар самти энергетика ва зербинои нақлиётӣ саҳм мегузорад.

11 сентябри соли 2014 дар шаҳри Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон Сушма Сварač вохӯрда, масъалаҳои ҳамкории ду кишварро баррасӣ карданд [10]. Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки новобаста аз заминаҳои қарордодию ҳуқуқӣ, ҳамкории ду кишвар, дар бахши иқтисоду тиҷорат ва сармоягузорӣ ҷавобгӯи талабот нест. Изҳори боварӣ шуд, ки равобити самаровар дар самти ҳамкориҳои энергетикӣ ба роҳ монда мешавад ва навсозии НОБ-и “Варзоб-1” намунаи барҷастаи ҳамкориҳои энергетикӣ унвон шуд. Қайд гардид, ки Ҳиндустон имкон дорад дар сохтмони иншоотҳои энергетикии Тоҷикистон саҳм гирифта, интиқоли неруи барқро аз Тоҷикистон ба Ҳиндустон ба роҳ монад. Зикр шуд, ки тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва энергетикӣ метавонад ба ҳалли проблемаҳои Афғонистон расидагӣ кунад.

Доираҳои расмии Ҳиндустон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ намоишгоҳҳо ташкил намуданд ва дар моҳи марти соли 2016 дар шаҳри Душанбе бизнес- форуми тоҷикӣ-ҳиндӣ доир шуд, ки он иқтидори бузурги ҳамкории мутақобиларо дар кулли самтҳо, аз ҷумла самти энергетика нишон дод [4].

17 декабри соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Пранаб Кумар Мукерҷи дар Қасри Раштрапати Бҳаван оид ба масъалаи ширкати Ҳиндустон дар лоиҳаҳои иқтисодии Тоҷикистон, аз ҷумла тақвияти муносибатҳо дар соҳаҳои энергетика табодули афкор намуданд [2].

Дар мулоқот бо роҳбари Ширкати «Ходайз групп Индастрис» Сиривас Ходай 17 декабри соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масоили ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Тоҷикистон, татбиқи лоиҳаҳои мақсадноки сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика, бахусус рафти иҷрои лоиҳаи сармоягузории сохтмони неругоҳҳои барқи обиро дар дарёҳои Оби Хингоб – «Нуробод-1», «Нуробод-2» ва «Фондарё» мавриди муҳокима қарор дод. Агар ин лоиҳаҳо амалӣ шаванд, иқтидори неругоҳи барқи обии «Нуробод-1» - 400 МВт, «Нуробод-2» - 520 МВт ва «Фондарё» - 135 МВт - ро ташкил медиҳад.

17 декабри соли 2016 дар вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Моди ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика яке аз самтҳои афзалиятнок ва ояндадори муштараки Тоҷикистон ва Ҳиндустон унвон шуданд.

17 декабри соли 2016 дар шаҳри Деҳлии Нав Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва директори ширкати «Ходайз групп Индастрис» Сиривас Ходай вохӯрда [8], масъалаи сармоягузорӣ ба соҳаи энергетикаи Тоҷикистон, минҷумла, бунёди НОБ-и «Нуробод-1» бо иқтидори 400 МВт, «Нуробод -2» бо иқтидори 520 МВт ва «Фондарё» иқтидори 135 МВт матраҳ шуданд.

Дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Пранаб Кумар Мукерҷи низ сармоягузории Ҳиндустон дар иқтисоди Тоҷикистон, пеш аз ҳама дар соҳаи энергетика, бо дарназардошти самарабахшии он ба иқтисоди Ҳиндустон ва Афғонистон қайд гардид.

Ҳиндустон кишвари саноатӣ-аграрӣ аст ва асоси иқтисодиёти онро саноати коркарди маъдану нефт ва нефту химия, металлургия, саноати нассоҷӣ ва хоҷагии деҳот ташкил медиҳад.

Ҳиндустон аз ҳисоби истифодаи манбаи энергия дар ҷаҳон пас аз Чин, ИМА, Россия дар ҷойи чорум қарор дорад. Ҳамзамон, Ҳиндустон аз хисоби воридоти нефт ва гази моеи табиӣ дар ҷойи чорум, истеҳсол ва истифодаи ангишт дар ҷойи 3-юм қарор дорад.

Ангишт ва нефт 70%-и тавозуни энергетикии кишварро ташкил медиҳад ва ин фоиз зиёд карда мешавад. Ҳоли ҳозир ҳаҷми газ дар ҳаҷми умумии истеҳсоли 5% аст ва дар соли 2030 он ба 6% баробар мешавад.

Дар давоми солҳои 2015-2030 рушди умумии талабот ба манбаъҳои энергия ба ҳисоби миёна 2% ва дар натиҷа, дар соли 2030 талаботи умумӣ ба нефт ва газ 1,5 маротиба, энергияи атомӣ 2,5 маротиба ва энергияи офтобиву бодӣ 2 маротиба меафзояд. Сарчашмаи асосии афзоиш дар оянда электрикунонӣ ва бо газ таъмин кардани аҳолӣ, рушди истеҳсолоти саноатӣ мебошад.

Ҳиндустон бозори сеюми электроэнергия пас аз Чин ва ИМА мебошад. Суръати миёнаи рушди талабот ба неруи барқ дар солҳои 2000-2014 агар 6%-ро ташкил диҳад, аз рӯйи пешгӯиҳо дар солҳои 2015-2030 солона 3%-ро ташкил хоҳад дод. Дар кишвар захираҳои бузурги ангишт мавҷуданд, аз ин сабаб нархи он паст аст. Якчанд лоиҳаҳои сохтмони қубури газ, аз қабили лоиҳаи ТАПИ (Туркменистон-Афғонистон-Покистон-Ҳиндустон), лоиҳаи Мянма-Бангладеш-Ҳиндустон, қубури гази «Мир» (Эрон-Покистон-Ҳиндустон) дар марҳилаи анҷомёбист.

Ҳаҷми умумии барномаҳои сармоягузорӣ доир ба рушди гидроэнергетика (то соли 2030 бунёди 75 объекти энергетикӣ ба нақша гирифта шудааст) 52 млрд доллари ИМА баҳогузорӣ мешавад. Дар кишвар 22%-и аҳолӣ ба неруи барқ дастрасӣ надорад ва ҳукумат ба нақша гирифтааст, ки дар соли 2030 тамоми аҳолии кишварро бо неруи барқ таъмин намояд. Талафоти техникии неруи барқ дар Ҳиндустон баланд буда, 40%-ро ташкил медиҳад. Бо сабаби нокифоя будани рушди неруи барқ маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳамасола 2% кам мешавад.

Аз нигоҳи геологӣ ҳудуди Ҳиндустон танҳо 48% омӯхта шудааст ва дар 52%-и боқимонда иқтидори кушодани захираҳои карбогидратҳо ва канданиҳои сахти фоиданок мавҷуд аст. Захираҳои мавҷудаи нефти кишвар тақрибан 23%-и талаботро мепӯшонад ва боқимондаи он аз хориҷа, бахусус аз Шарқи Наздик ворид карда мешавад. Нақшаи рушди соҳаи нефту газ барои панҷсолаи оянда тарҳрезӣ шудааст ва хати 10 километраи интиқоли нефту газ бояд сохта ба истифода дода шавад. Дар давоми панҷ соли оянда сохтмони 4 ҳазор км хатҳои газ ба нақша гирифта шудааст [6].

Талабот ба неруи барқ дар Ҳиндустон тезутунд боқӣ мондааст ва норасоии қувваи барқ ба вазъи иқтисодии кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Моҳи июни соли 2013 ҳукумати Ҳиндустон қарор кард, ки нархи газ аз моҳи апрели соли 2014 ду мартиба гарон шуда, аз 4,2 доллар ба 8,4 баробар мешавад. Вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон Салмон Кхуршед чунин маънидод намуд, ки 80%-и сӯзишворӣ ворид карда мешавад. Дар Ҳиндустон нархи нефту газ 4,5 доллар аст ва аз хориҷи кишвар он бо нархи 13 долларӣ харидорӣ мешавад [14].

Бехатарии энергетикӣ яке аз проблемаҳои калидии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҳиндустон ба ҳисоб меравад ва он ба рушди иқтисоди кишвар ва сиёсати иҷтимоии кишвар алоқаманд аст. Зиёда аз 400 млн аҳолии Ҳиндустон аз неруи барқ маҳруманд ва 400 млн нафари дигар дастарасии маҳдуд доранд.

Дар сиёсати хориҷии Ҳиндустон масъалаи энергетика яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад, зеро талаботи энергеткии кишвар аз ҳисоби воридоти нефт, гази моеъ, уран ва ангишти баландсифат қонеъ карда мешавад. Ба Ҳиндустон лозим аст, ки пойбандии энергетикии худ аз дигар кишварҳоро омӯзад. Ба назари олими ҳиндӣ Баладас Гхошал, аз соли 2012 то соли 2017 пойбандии Ҳиндустон аз воридоти нефт аз 76% то 80%, гази табиӣ аз 19% то 28%, ангишт аз 19,8% то 22,1% афзудааст. Ҳиндустон тақрибан 5,5 маротиба камтар аз Чин, 5 мартиба камтар аз ИМА, 3 маротиба камтар аз Россия, 1,5 маротиба камтар аз Арабистони Саудӣ қувваи барқ истеҳсол менамояд.

Талаботи қувваи барқ ба ҳар сари аҳолӣ бошад, дар Ҳиндустон нисбат ба ин кишварҳо дар сатҳи хеле паст қарор дорад. Талаботи қувваи барқи Ҳиндустон нисбат ба ИМА ва Россия 3,5 маротиба кам ва каме болотар аз Ҷопон аст.

Аз рӯйи захираи нефт ва газ Ҳиндустон аз зумраи он кишварҳоест, ки захираҳои лозимии нефт ва гази худро барои рушди иқтисодиёт надорад. Гарчанде ки дар Ҳиндустон захираи ангишт фаровон аст, аммо он сифати хуб надорад ва онро метавон танҳо дар заводҳои металлургӣ ва марказҳои гармидиҳӣ истифода кард. Аз ин рӯ, ангишти босифатро аз Австралия ворид мекунанд. Воридоти ангишт ба Ҳиндустон аз соли 2012 то соли 2017 тақрибан аз 100 млн тонна то 185 млн тонна афзудааст.

**Мавқеи Ҳиндустон дар миқёси ҷаҳон аз рӯйи неругоҳҳои гидроэнергетикӣ (млн КВт/соат)** [3]

| солҳо | Аз шумори кишварҳои ҷаҳон | Дар ҷойи чандум | Аз шумори кишварҳои қитъаи Осиё | Дар ҷойи чандум |
|---|---|---|---|---|
| 1990 | 109 | 7 | 27 | 4 |
| 1995 | 115 | 4 | 27 | 4 |
| 2000 | 118 | 4 | 27 | 3 |
| 2005 | 119 | 6 | 27 | 4 |
| 2010 | 119 | 5 | 27 | 3 |
| 2015 | 112 | 6 (95,54%) | 25 | 3 (92%) |

**Мавқеи Ҳиндустон дар миқёси ҷаҳон аз рӯйи истеҳсоли неруи тозаи барқ (млн КВт/соат)** [11].

| солҳо | Аз шумори кишварҳои ҷаҳон | Дар ҷойи чандум | Аз шумори кишварҳои қитъаи Осиё | Дар ҷойи чандум |
|---|---|---|---|---|
| 1990 | 158 | 6 | 34 | 3 |
| 1995 | 162 | 6 | 35 | 3 |
| 2000 | 164 | 5 | 35 | 3 |
| 2005 | 166 | 3 | 35 | 3 |
| 2010 | 167 | 3 | 35 | 3 |
| 2015 | 161 | 2 | 35 | 2 |

Ин нишондиҳандаҳо аз рушди бемайлони соҳаи гидроэнергетика шаҳодат медиҳад ва дар ин самт ҳукумати кишвар тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Новобаста аз кӯшишҳо ва рушди соҳаи гидроэнергетика дар Ҳиндустон таъминоти аҳолӣ бо барқ масъалаи мушкил боқӣ мондааст.

Сиёсати энергетикии Ҳиндустон, дар маҷмӯъ, ба бартараф кардани талаботи рӯзафзуни неруи барқ нигаронида шудааст ва дар ин самт бештар ба сарчашмаҳои алтернативии неруи атомӣ, офтобӣ ва бодӣ диққат дода мешавад [15].

Бо мақсади созмон додани чорчӯба барои ба роҳ мондани муносибатҳои институтсионалӣ ва ташвиқу тарғиби ҳамкориҳои дуҷонибаи техникӣ дар самти энергияи нав ва барқароршаванда дар асоси манфиатҳои тарафайн, баробарӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ва бо муайян намудани энергияи нав ва барқароршаванда ҳамчун самти мутақобилан муфид ва бо хоҳиши роҳандозӣ намудани ҳамкориҳо байни сохторҳои Тоҷикистону Ҳиндустон ҷиҳати рушди технологияи энергияи нав ва барқароршаванда дар таърихи 8 октябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе Ёддошти тафоҳум байни Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергияи нав ва барқароршавандаи Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи энергияи барқароршаванда ба муҳлати панҷ соли ба ҳамин муҳлат дар оянда тамдидшаванда ба имзо расид [1].

Дар моддаи дуюми он гуфта шудааст, ки ду кишвар дар доираи қонунҳо, қоидаҳо, муқаррарот ва сиёсати миллии худ, ки дар баъзе ҳолатҳо амал намуда, масъалаҳои дахлдорро дар кишварҳои якдигар ба танзим медароранд, чораҳои зарурииро ҷиҳати ташвиқи ҳамкорӣ дар соҳаи энергияи барқароршаванда роҳандозӣ менамоянд. Рушди технологияҳои энергияи нав ва барқароршаванда ҳамчун самти афзалиятноки ҳамкориҳо ба роҳ монда мешавад.

Ҳамкорӣ дар самти мубодила ва таҷрибаомӯзии ҳайатҳои илмӣ-техникӣ, мубодилаи иттилоот ва маълумоти мавҷудбудаи илмӣ ва технологӣ, ташкил намудани ҷаласаҳои корӣ, семинарҳо ва гурӯҳҳои корӣ, интиқоли таҷҳизот ва технология бидуни уҳдадориҳои тиҷоратӣ, рушди тадқиқотҳои муштарак ё лоиҳаҳои техникии дар таваҷҷуҳи Тоҷикистон ва Ҳиндустон қарордошта сурат мегирад.

Дар асоси моддаи 4-уми Ёддошт, гурӯҳи кории муштарак созмон дода шуда, он бояд вазифаҳои муайянсозии самтҳои дар таваҷҷуҳи ду кишвар қарордошта ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҷиҳати рушди технологияҳои энергияи нав ва барқароршаванда, низомҳо, зернизомҳо, таҷҳизот, ҷузъҳо ва ғайра, мониторинг ва арзёбии фаъолияти ҳамкориро иҷро намояд. Ин гурӯҳи кории муштарак фаъолияти худро ба қадри имкон тавассути алоқаи электронӣ ба роҳ монда, дар ҳолати зарурӣ баргузории онро тибқи навбат дар Ҳиндустон ва

Тоҷикистон ташкил менамояд ва дар ҳолати лозимӣ намояндагони дигарро аз муассисаҳои илмӣ, марказҳои таҳқиқотӣ, донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳо ба ҳайати худ шомил менамояд.

Тибқи моддаи 8-уми Ёддошт Тоҷикистон ва Ҳиндустон эътилофи байналмилалии офтобӣ (ISA)-ро, ки фаъолияти он 30 ноябри соли 2015 дар ҳошияи Конференсияи 21-уми тарафҳои Конвенсияи колабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим дар шаҳри Парижи Фаронса оғоз гардида буд, дастгирӣ ва нақши эътилофи байналмилалии офтобиро дар самти рушд ва густариши энергияи офтобӣ эътироф менамоянд.

Талаботи энергеткии Ҳиндустон аз ҳисоби воридоти нефт, гази моеъ, уран ва ангишти баландсифат қонеъ карда мешавад [12]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаъҳои зиёди уран ва ангишти баландсифат мавҷуд аст. Аз ин рӯ, ҳамкорӣ дар самти истихроҷ ва коркарди уран ва ангишти Тоҷикистон ва интиқоли он ба Ҳиндустон ба манфиати иқтисодии ду кишвар аст. Ҳамзамон, дар ин замина сохтмони корхонаи муштараки истихроҷ ва коркарди уран бо мақсадҳои осоишта низ мувофиқи мақсад аст. Дар ин самт ҷораҷӯии вазорату идораҳои дахлдори ду кишвар зарур аст. Истифодаи васеи манбаъҳои таҷдидшавандаи «энергияи сабз» ба рушди иҷтимоиву иқтисодии тамоми кишварҳо ва ташаккули «иқтисоди сабз» дар онҳо мусоидат мекунад ва барои рушди устувор заминаи бунёдию шароити мусоидро фароҳам меорад.

Хуллас, Тоҷикистон бо ёрии Ҳиндустон ба барқарорсозии як қатор зерсоҳаҳои истеҳсолии соҳаи иқтисод, аз ҷумла ба роҳ мондани истеҳсоли агрегатҳо барои неругоҳҳои хурду миёна эҳтиёҷ дорад.

Сармоягузории Ҳиндустон барои бунёди НОБ-ҳои хурду миёна дар Тоҷикистон ба манфиати ду кишвар ва минтақа мебошад. Дар ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон талабот ба сохтмон ва истифодаи неругоҳҳои обии барқӣ зиёд аст. Дар дарёҳои кӯҳии Тоҷикистон вобаста ба минтақаҳои аҳолинишин даҳҳо неругоҳҳои хурду миёна сохтан имкон дорад. Дар ин самт ширкатҳои Ҳиндустон метавонанд дар ҳамкорӣ бо доираҳои энергетикии Тоҷикистон дар бунёду роҳандозии неругоҳҳои хурду миёна дар дарёҳои кӯҳӣ саҳм гузоранд, ки ин ба рушди хоҷагии деҳоти мардуми кӯҳистон мусоидат карда, дар маҷмӯъ, ба вусъати иқтисоди кишвар таъсири мусбат мерасонад. Умед аст, ки ҳамкориҳои энергетикӣ дар оянда ба манфиати халқҳои Тоҷикистон ва Ҳиндустон босамар рушд хоҳанд кард.

## АДАБИЁТ


1. Бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раёсати шартномавӣ-ҳуқуқӣ. Папкаи №50, 50 а, 50 б.
2. Вохӯрии Эмомалӣ Раҳмон бо Пранаб Кумар Мукерҷи // Ҷумҳурият.-2016.-19 декабр.- № 248 (23070)
3. Гидроэлектростанции в Индии [электронный ресурс]. URL: //ru.countries.world. (дата обращения: 2.05.2019)
4. Двери Таджикистана всегда открыты для доверительного сотрудничества с Республикой Индия [электронный ресурс]. URL: // http://today.tj/politika/19411-dveri-tadzhikistana-vsegda-otkryty-dlya-doveritelnogo-sotrudnichestva-s-respublikoy-indiya.html (дата обращения: 23.04.2019)
5. Мулоқот бо вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон Соманахалли Малайя Кришна. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj . (санаи истифодабарӣ: 10. 03.2018)
6. Обзор энергетики Индии [электронный ресурс]. URL: //http://asiavector.ru/analytics/559/. (дата обращения: 2.05.2019)
7. Сафари давлатии Президенти Тоҷикистон ба Ҳиндустон // Ҷумҳурият.-2012.-8 сентябр.-№114-115 (22 095-096)
8. Сафари давлатии Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳиндустон // Ҷумҳурият.-2016.-19 декабр.- № 248 (23070)
9. Суханронӣ дар маросими оғози бунёди хатти интиқоли барқи «Қайроққум – Ашт». [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj (санаи истифодабарӣ: 12.04.2019)
10. Тоҷикистону Ҳиндустон барои ҳамкории пурсамар имкону захираҳои фаровон доранд //Садои мардум. - 2014.- 12 сентябр.- №105-106 (3251-3252).
11. Электричество - чистое производство в Индии [электронный ресурс]. URL: // ru.countries.world. (дата обращения:2.05.2019)
12. Электроэнергетический сектор в Индии [электронный ресурс]. URL: http://ru.knowledgr.com/00811757/%D0%AD%D0%BB (дата обращения: 3.03.2019)
13. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ҳафтум. -Душанбе: Ирфон, 2007.-С.136.
14. Энергетика Индии [электронный ресурс]. URL: http://www.webeconomy.ru/news (дата обращения: 2.05.2019)
15. Энергетическая политика Индии [электронный ресурс]. URL: http://ru.knowledgr.com/00811757/ (дата обращения: 5.04.2019)


## ТОҶИКИСТОН ВА ҲИНДУСТОН: ҲАМКОРИҲО ДАР САМТИ ЭНЕРГЕТИКА (с. 2012-2018)


Дар мақолаи мазкур ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дар солҳои 2012-2018 дар самти энергетика мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Чуноне маълум аст, ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон, пас аз барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ (28.08.1992) шакл гирифта, дар давоми солҳои 1992-2011 дар вохӯриву мулоқотҳои сарони ду кишвар мавриди баррасӣ ва татбиқи амалӣ қарор гирифтанд. Масалан, дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон Соманахалли Малайя Кришна (3.12.2012) азнавсозии НОБ-и "Варзоб-1" баррасӣ шуда, соли 2012 тавассути сармояи Ҳиндустон НОБ-и "Варзоб-1" ба маблағи 75 миллион сомонӣ таҷдиду таъмир гардида, иқтидори истеҳсолии он баланд бардошта шуд.

Ҳамзамон, вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва директори иҷроияи ширкати Ходай группи Ҳиндустон Шри Ҳари Ходай (3.09.2012 дар ш. Деҳли) нақша ва дурнамои ҳамкории ширкат бо Тоҷикистон ва татбиқи амалии нақшаҳои ҳамкорӣ дар самти гидроэнергетика, бахусус сохтмони НОБ-ҳо матраҳ гардида, барои ду кишвар натиҷаи муфид ба бор овард. Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар самти энергетика бо ба имзо расонида шудани созишномаҳо, ёддоштҳои тафоҳум ва татбиқи амалии онҳо самаровар гардиданд. Аз ҷумла, Ёддошти тафоҳуми байни Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергияи нав ва барқароршавандаи Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи энергияи барқароршаванда ба муҳлати панҷ соли ба ҳамин муҳлат тамдидшаванда ба имзо расида (8.10. 2018, дар ш. Душанбе), дар густариш ва татбиқи амалии лоиҳаҳо дар самти энергетика дар панҷсолаву даҳсолаҳои оянда ба манфиати иқтисоди кишварҳо, халқҳои ду кишвар ва минтақа хоҳад буд. Умед дорем, ки бо саъю талоши сарони ду кишвар ҳамкориҳо дар ин самт густариш меёбанд ва созандаву хотирмон мешаванд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Ҳиндустон, созишнома, ёддошт, равобит, энергетика, гидроэнергетика, мулоқот.

## ТАДЖИКИСТАН И ИНДИЯ: СОТРУДНИЧЕСТВО В НЕРГЕТИЧЕСКОЙ ОБЛАСТИ (2012-2018)

В данной статье проанализировано сотрудничество Республики Таджикистан и Республики Индия на 2012-2018 годы в области энергетики. Как известно, сотрудничество между Таджикистаном и Индией на первом этапе обретения независимости Таджикистана было сформулировано после восстановления дипломатических отношений (28 августа 1992 года) и в период 1992-2011 годов, обсуждалось и осуществлялось на встречах глава двух стран. Например, на встрече Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона и Министра иностранных дел Индии Соманахалли Малая Кришна (3.12.2012 г) обсуждалась реконструкция Варзобской ГЭС-1, а в 2012 году Варзобской ГЭС-1 реконструирован на сумму 75 млн. сомони, а его производственные мощности были увеличены. В то же время на встрече Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон и исполнительный директор индийской компании Khodai groups Шри Хари Ходай (3.12.2012 г., в Дели) обсудили план и перспективы сотрудничества с Таджикистаном и реализация планов сотрудничества в области гидроэнергетики, в частности, строительства гидроэлектростанций и дали полезные и плодотворные результаты. Сотрудничество Таджикистана и Индии в области энергетики было плодотворным благодаря подписанию соглашений, меморандумов и практических инициатив. В частности, меморандум о взаимопонимании между Министерством энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан и Министерством новой и возобновляемой энергии Республики Индии о взаимоотношениях в секторе возобновляемых источников энергии был подписан на пять лет после этого периода (8.10.2018 г, г. Душанбе) при разработке и реализации энергетических проектов на ближайшие пятилетие и десятилетие будет в интересах двух стран и региона. Мы надеемся, что со старением глав двух государств отношения будут расширяться и развиваться в этом направлении.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Индия, соглашения, меморандум, отношения, энергетика, гидроэнергетика, встреча.

## TAJIKISTAN AND INDIA: COOPERATION IN THE ENERGY AREA (2012-2018)

This article analyzed the cooperation of the Republic of Tajikistan and the Republic of India for 2012-2018 in the field of energy. As is known, cooperation between Tajikistan and India at the first stage of the acquisition of independence of Tajikistan was formulated after the restoration of diplomatic relations (August 28, 1992) and in the period 1992-2011, was discussed and implemented at meetings of the head of the two countries. For example, at the meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rakhmon and the Minister of Foreign Affairs of India Somanahalli Malaya Krishna (December 3, 2012) the reconstruction of Varzob HPP-1 was discussed, and in 2012 Varzob HPP-1 reconstructed the amount of 75 million Somoni and its production capacity has been increased. At the same time, at the meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rakhmon and the executive director of the Indian company Khodai groups Sri Hari Khodai (September 3, 2012 in Delhi) discussed the plan and prospects for cooperation with Tajikistan and the implementation of plans for cooperation in the field of hydropower, in particular, the construction of hydropower plants s and benefited and fruitful results. Cooperation of Tajikistan and India in the field of energy was fruitful thanks to the signing of agreements, memorandums and practical initiatives. In particular, a memorandum of understanding between the Ministry of Energy and Water Resources of the Republic of Tajikistan and the Ministry of New and Renewable Energy of the Republic of India on the relationship in the renewable energy sector was signed for five years after this period (October 8, 2018, in Dushanbe) when developing and the implementation of energy projects for the next five years and a decade will be in the interests of the two countries and the region. We hope that with the aging of the heads of two states, the relationship will expand and be built in this direction.

**Key words:** Tajikistan, India, agreements, memorandum, relations, energy, hydropower, meeting.

**Сведения об авторе:** ***Турсунов Турсунмурод Худоймуродович*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры новая и новейшая история зарубежных стран исторического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **tursunov-murod@mail.ru**. Телефон: (**+992) 934-66-55-81**

**Information about the author:** ***Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of New and Recent History of Foreign Countries of the Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **tursunov-murod@mail.ru.** Phone: **(+992) 934-66-55-81**

УДК:930 (470)

# ҲАДАФҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ РУСИЯ ДАР ШАРҚИ НАЗДИК

*Розиқов Ф., Закурлоев А.Х.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шарқи Наздик минтақае мебошад, ки дар байни Аврупову Африқо ва ҷанубу шарқи Осиё қарор дорад ва дорои якчанд нуқтаҳои стратегӣ, аз ҷумла гузаргоҳҳои баҳрии Ҳурмуз, Бобулмандаб ва канали Суэтс мебошад. Бинобар ин аз қадимулайём ба даст овардани ин манотиқи старатегӣ барои кишварҳои абарқудрат аз назари низомӣ муҳим арзёбӣ шуда, яке аз сабабҳои таниши Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ дар замони ҷанги сард буд. Илова бар м низомӣ ва стратегии ин минтақа, арзиши иқтисодии он бисёр ҳаётӣ буда, таваҷҷуҳи қудратҳои минтақавӣ ва фароминтақавиро дар тӯли таърих, махсусан баъди кашфи захираҳои нафтӣ ва аҳаммияти он дар саноат, ба худ ҷалб намудааст [6,с.212].

Аз ин рӯ, бо назардошти ғанӣ будани кишварҳои минтақаи Шарқи Наздик аз захираҳои нафт, ин минтақа дар харитаи бозори нафти ҷаҳон ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд. Талаботи рӯзафзуни нафт дар ҷаҳон аз як тараф, захираҳои фаровон, арзиши пасти истеҳсолот ва мавҷудияти инфрасохтор дар минтақа аз ҷониби дигар, омилҳое мебошанд, ки таваҷҷуҳи ҷаҳонро ба худ ҷалб мекунанд. Маҳз аз сабаби ошкор шудани захираҳои табиӣ дар ин минтақа дар асри XIX кишварҳои он пайваста ба маркази рақобати абарқудратҳо табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, ин минтақа дар даврони ҷанги сард яке аз ҳассостарин манотиқи тахти нуфузу Блоки Шарқу Ғарб маҳсуб мешуд ва ҳатто бо поён ёфтани ҷанги сард ва яккатозии ИМА ин минтақа аҳаммияти худро аз даст надод ва ҳанӯз ҳам маҳалли бархӯрди абарқудратҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад [7,с.12-13]. Таниш дар миёни кишварҳои минтақа мусобиқаи таслиҳотии бузургеро ба миён овардааст, ки он ҳам яке аз манбаъҳои муҳимми даромади бузурги абарқудратҳо ба ҳисоб меравад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, Шарқи Наздик ҳазораи сеюмро дар ҳоле оғоз мекунад, ки ба гуфтаи Мануэл Кастелс аксари бухронҳои ҷаҳон дар ин минтақа ҷараён доранд. Ба ибораи дигар, бухронҳо дар ин минтақа дар асри XXI аз асри гузашта дида шадидтар ва густардатар хоҳанд шуд. Тасдиқи гуфтаҳои боло инқилобҳои баҳори арабӣ мебошад, ки ба як проблемаи ҷаҳонӣ ва маркази бархӯрди кишварҳои абарқудрати ҷаҳон табдил ёфтааст.

Тибқи таҳлили коршиносон, яке аз хусусиятҳои низоми байналмилалии навин ин интиқоли бухронҳо ба минтақаҳои хоссе ҳамчун Шарқи Наздик мебошад, ки сабаби тағйири моҳияти муносибатҳои амниятӣ дар ин минтақа мешавад. Ба ин тартиб, амнияти миллӣ барои ин кишварҳо таҳдид ва зарурати "ёргирӣ"-и онҳоро ба вуҷуд меорад. Мутобиқи ин таҳлил Шарқи Наздик аз ҳошияи амнияти ҷаҳонӣ дар қарни XX ба маркази муодилоти амнияти ҷаҳонӣ дар асри XXI табдил меёбад ва ба мавзӯи ҷаҳоние табдил мешавад, ки тамоми абарқудратҳо бо он иртибот барқарор намуда, амнияти худро дар он таъриф мекунанд [1,с.158].

Русия пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ то солҳои 2000, ки ягон стратегияи мушаххасро пайравӣ намекард, то андозае нуфузи худро дар ин минтақа аз даст дод ва ин навъи амалкард ба иқтисоди Русия зарба зад. Зеро Шарқи Наздик барои Русия бозори фурӯши силоҳ маҳсуб мешуд ва бахши муҳимми даромади он аз ҳамин ҳисоб буд. Ба ин тартиб, инзивои Русия дар замони ҳукумати ғарбгарои Елтсин ба он оварда расонд, ки нуфузи ИМА дар ин минтақа бештар шавад ва нухбагони рус ин вазъиятро таҳдиде барои Русия медонистанд [13,с.3]. Аз ин рӯ, Владимир Путин бо ба сари қудрат омадани худ иртиботи Русияро бо ин кишварҳо аз нав барқарор намуда, дар садади эҳё кардани ҷойгоҳи аздастрафтаи он мебошад. Ин фурсат барои Русия бо шурӯъ шудани баҳори арабӣ бештар фароҳам шуд ва ба назар мерасад то андозае ҷойгоҳи худро мустаҳкам намудааст.

Баъд аз дахолати ҳарбии Русия дар Сурия бо шиори мубориза бар зидди терроризм тавозуни неруҳои минтақаи Шарқи Наздик тағйир ёфт. Ба назари коршиносон, ҳамлаи ҳарбии Русия ба Сурия танҳо мубориза бар зидди терроризм набуда, балки омилҳои дигар ҳам дорад. Чунончи, ИМА бо ҳамлаҳои худ ба Ироқ ва Либия –шарикони деринаи Русияро дар инзиво қарор дод ва Русия ҳамчун кишвари манфиатдор бояд ҷойгоҳи худро дар минтақа устувор месохт. Аз ҷониби дигар, ИМА бо ҳамлаи худ ба Ироқу Либия, ки кишвар ва мардуми онро ба бунбаст кашонд, маҳбубияти худро дар минтақаи Шарқи Наздик аз даст дод ва ба назар мерасад Русия ин фазои холиро ғанимат шуморида, ҷойгоҳи аздастрафтаи худро мехоҳад барқарор созад [2.с.1-14]. Аз ҷониби дигар, вақте Русия дар мавриди дахолати ҳарбии неруҳои НАТО ба Либия дар таърихи 17 марти соли 2011 дар СММ раъйи бетарафиро дод, неруҳои НАТО бо раҳбарии Амрико ба ин кишвар ҳамла карда, раҳбар ва

неруҳои вобаста ба ӯро саркӯб карданд. Дар натиҷа Русия, ки аз даврони Шӯравӣ то он замон ба ин кишвар аслиҳа мефурӯхт ва ба миқдори 4,5 миллиард доллар аз Русия қарздор буд, яке аз харидорони бузурги аслиҳаи худро дар минтақа аз даст дод. Айнан ҳамон мавзеъгирие, ки Русия дар баробари Ироқ ҳам гирифта буд ва ба ҳамлаи низомии ИМА ба ин кишвар анҷомид. Аз ин рӯ, Русия худро шикастхӯрда дид ва ба натиҷае расид, ки барои устувории худ дар минтақа бояд тамоми саъйи худро ба харҷ диҳад [3,с.339-340]. Ин фурсат бо шӯриши ноороmиҳо дар Сурия фаро расид. Бо назардошти он ки Русия бо Сурия шарики стратегӣ маҳсуб мешуданд, вақте ҳафтод дарсади ҳудуди Сурия ба дасти ДОИШ афтод ва қариб суқут карда буд, ҳукумати Башшор Асад аз Русия расман кумаки низомӣ хост. Ҳамин тавр Русия аз 30 сентябри соли 2015 ба Сурия ворид шуда, ҳамлаҳои низомии худро дар он ҷо оғоз кард.

Ба назари коршиносон, Русия дар мудохилаи низомии худ дар минтақа хеле зиракона амал кард, ба ин маъно ки Русия тибқи қонунҳои байналмилалӣ ва бо даъвати ҷониби Сурия вориди хоки ин кишвар шуд, бар хилофи рақиби аслии худ Амрико, ки ба Ироқу Либия ва Сурия бидуни дар назар гирифтани қонунҳои байналмилалӣ ва дахлнопазирии хоки кишвари ғайр ба ин кишварҳо ворид шуд ва ба обрӯи ҷаҳонии худ латма зад.

Тибқи пешгӯии коршиносон Русия ба ин зудиҳо ин минтақаро раҳо карданӣ нест, чунончи будубоши худро дар пойгоҳи Тартус, ки мавқеи стратегӣ дошта, ба тамоми баҳрҳои минтақа роҳ дорад, тамдид кард. Аз тариқи пойгоҳи Тартус, ки дар Баҳри Миёназамин қарор дорад, Русия метавонад дар муддати кӯтоҳ ба воситаи канали Суэтс ба Баҳри Сурх ва Уқёнуси Ҳинд ва аз самти дигар ба воситаи гулугоҳи Ҷабалутториқ (Гибралтар) ба Уқёнуси Атлантика роҳ ёбад. Ба қавле, Русия Сурияро охирон “қарта”-и худ дар Шарқи Наздик медонад ва амнияти баҳрии худро дар гарави он мешуморад [3,с.339-340].

Аз як тараф, дахолати низомии Русия дар Сурияро метавон як гуна пешгирӣ аз инқилобҳои мушобеҳ дар кишварҳои Қафқоз ва соир кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки аксаран мусалмон ҳастанд, қаламдод кард. Зеро дар ин кишварҳо ҳанӯз то ҷое таъсири низоми коммунистӣ побарҷост ва ба ном озодихоҳии кишварҳои арабӣ метавонад ба “бедорӣ”-и онҳо сабаб гардад [2,с.-14]. Русия бо таваҷҷуҳ ба ин ки дар ин кишварҳо манфиатдор аст ва онҳоро ҳамчун узви аздастрафтаи худ медонад, намехоҳад дар ин минтақаҳо ноороmӣ сар занад. Зиёда аз ин, Русия мухолифи сарсахти сиёсисозии ислом мебошад.

Дар умум аҳдофи Русияро дар Шарқи Наздик коршиносон гуногун пешгӯӣ мекунанд, ки мо муҳимтарини онҳоро дар зер зикр мекунем:

1. Манъи кишварҳои Ғарб аз дастёбӣ ба имконият ва захираҳои табиии минтақа дар доираи лоиҳаи сиррии “Шарқи Наздики Навин”, ки Вашингтон баъди ҳамлаи худ ба Ироқ онро матраҳ кард [9,с.12].

2. Манъи паҳншавии гурӯҳҳои террористӣ дар тамоми минтақа ва махсусан Русия, ки вақтҳои охир дар ҳар нуқта аз худ дарак медиҳанд.

3. Ҳамкорӣ ба кишварҳои содиркунандаи нафт дар Шарқи Наздик ва шимоли Африқо бо ҳадафи ба даст гирифтани нархи нафт дар бозорҳои ҷаҳонӣ, бо назардошти ин ки Русия яке аз муҳимтарин кишварҳои содиркунандаи нафт ба Аврупо мебошад.

4. Аз даст надодани бозори фурӯши силоҳ. Минтақаи Шарқи Наздик ва Шимоли Африқо яке аз муҳимтарин бозорҳои хариди аслиҳа ва техникаҳои ҳастаии Русия мебошад. Минтақае, ки тамоми кишварҳои Ғарб дар раъси он Амрико барои дастёбӣ ба бозори он тамоми саъйи худро ба харҷ медиҳанд [4,с.3].

5. Русия тамоми саъйи худро ба харҷ медиҳад, то аз шаклгирии эътилофи Ғарб бо кишварҳои арабӣ барои сарнагунии низоми Башшор Асад – шарики стратегии Русия пешгирӣ кунад. Намунаи онро метавон дар саркӯби шадиди Русия аз мухолифини низоми Асад, ки аз онҳо Ғарб ҳимоят мекунад, дид. Ба ибораи дигар, Русия бо ҳар гурӯҳе, ки бо низоми Асад мухолифат мекунад, ба шиори мубориза бар зидди терроризм бархӯрд мекунад.

6. Муҳимтар аз ҳама, Русия дар ҷараёни ҷанги худ дар Сурия силоҳҳои нави ҷангии худро дар майдони ҷанг озмуд ва дар айни замон онҳоро ба намоиш гузошт.

7. Барои муқобила бо Амрико ва муттаҳидони ғарбияш дар минтақа Русия робитаҳои худро бо кишварҳои ғарби Осиё, махсусан Эрон тақвият медиҳад. Намунаи онро мо метавонем дар иқдомоти дипломатии фаровони Русия ва Эрон дар ҳалли бухронҳои минтақа бубинем [1,с.158].

**Нақши Русия дар ҳалли низоъҳои минтақа.** Бояд гуфт, ки аксари низоъҳои минтақа ҷанбаи мазҳабӣ доранд ва Русия бо таваҷҷуҳ ба робитаҳои ҳасанаи худ ҳам бо кишварҳои суннимазҳаб ҳамчун Саудӣ ва дигар кишварҳои арабӣ ва ҳам бо кишварҳои шиамазҳаб ҳамчун Эрон ва Сурия метавонад дар ҳалли низоъҳои минтақа нақши муҳимро бозад. Ин ҳам дар ҳолест, ки ин бартариятро ИМА ва муттаҳидони минтақавии он надоранд, зеро

Амрико бештар бо кишварҳои суннимазҳаб робита намуда, бо Эрон - яке аз кишварҳои соҳибнуфузи шиа дар минтақа робитаҳои душманона дорад ва фазоро барои худ баста намудааст. Ин фурсат дар замоне, ки боварӣ ба ИМА дар натиҷаи ҳамлаҳои нокомаш ба минтақа хеле кам шудааст, корро барои Русия осон мекунад [11,с.326].

Ба назари коршиносон, Русия барои ҳалли низоъҳои минтақа ва дар назди кишварҳои минтақа аз маҳбубият бархӯрдор шудан, бояд нуктаҳои зеринро ба назар бигирад:

1.Аз ҳимояи Эрон, ки дар ҳамаи низоъҳои минтақа даст дорад, худдорӣ намояд.

2.Робитаи худ бо мусалмонони кишварҳои Қафқоз ва берун аз онро беҳтар намояд.

3.Аз саркӯби мухолифини демократи Сурия худдорӣ намояд ва барои ҳалли бухрони Сурия аз гуфтушунид кор гирад [2.с.1-14].

Таваҷҷуҳи беш аз ҳадди Русия ба Сурия ба он маъно нест, ки манофеи он бо ин кишвар маҳдуд мешавад, балки барои Русия Арабистони Саудӣ, Эрон, Миср, Ироқ, Урдун, Исроил ва бисёре аз кишварҳои минтақа муҳим мебошад ва бо онҳо робитаҳои қавӣ дорад ва ин яке аз вижагиҳое мебошад, ки дигар абарқудратҳо аз он бархӯрдор нестанд.

Амалиёти ҳарбии Русия дар Сурия мавқеашро дар минтақа устувор кард, аммо бо вуҷуди ин зиёнҳои фаровон дид. Сарфи маблағҳои ҳангуфт барои Русия, ки иқтисоди чандон қавӣ надорад ва зери таҳримҳои Амрико ва Ғарб қарор дорад, бо мушкил мувоҷеҳ намудааст. Тибқи маълумотҳои оморӣ, Русия ҳар рӯз дар Сурия ба миқдори зиёда аз ду миллион доллар ва дар як сол зиёда аз 800 миллион доллар пул масраф мекунад.

Зиёда аз ин, сиёсати хориҷии Русия нисбат ба кишварҳои Шарқи Наздик бо вуҷуди муваффақиятҳои ахираш номаълум боқӣ мемонад. Аз назари коршиносон, Русия дар минтақа бо як сардаргумӣ рӯ ба рӯст, бо назардошти ин ки ин кишвар аз раҳбари саркубгаре, ки аз назари мардум ва ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳкум шудааст, пуштибонӣ мекунад, бо ин амалкарди худ Русия нуфуз ва маҳбубияташро дар назари мардуми минтақа аз даст медиҳад [5,с.6].

**АДАБИЁТ**


1. Tsygankov A.P. Russia’s Foreighn Policy: Change and Countinuity in National Identity, Michigansky University 2006: p158
2. Ekaterina Stepanova, “Russia In the Middle East: Back To a Grand Strategy” – Or Enforcing Multilateralism,” Politique Etrangere, No. 2, 2016, pp. 1-14.
3. Fiona Hill and Clifford Gaddy, Mr. Putin Operative In the Kremlin: Geopolitics in the 21st Century, Washington, D.C.: Brookings Institution Press, 2015, Revised Edition, 2015. - pp. 339–340.
4. Osama Al-Sharif, “Russia Key To Reset Of Jordanian-Syrian ties,” www.al-moonitor.com, July 23, 2018
5. . ورشتا عمل مركز السياسات العامة في الشرق األوسط التابع لمؤسسة RAND( East Middle for Center RAND ]CMEPP [Policy Public لندن، سبتمبر/أيلول 2016 ،وواشنطن العاصمة، أكتوبر/تشرين األول 2016)،
6. Alex Pravda, “The Public Polics of Foreighn Policy”, Oxford University. – Press, 1996. - p. 212.
7. Harvey, David. The New Middle East. - New York, 1998.- pp.12-13.
8. Morgan, C.H., Postmodern war, the New Politics of Conflicts, New York, Gulford. 1998, p 40
9. Trenin and Lo , The landscape of Russian Foreighn Policy decision-making. - Moscow, 2005. - p. 12.
10. Ward, J. The New Middle East. - New York, 1999. -p. 23.
11. Роберт Какс: Реализми нав. Чашмандозе бар чандҷонибагароӣ ва назми ҷаҳонӣ, тарҷумаи Маҳдӣ Раҳмонӣ. – Теҳрон, 1380. -С. 326.
12. Ҳусайн Сайфзода. Назарияпардозӣ дар равобити байналмилал: мабонӣ ва қолабҳои фикрӣ. – Теҳрон,1379. - С. 130-131.
13. حافظ نيا محمدرضا (1379) تعريفى نو از جئوباتيك فصلنامه تحقيقات جغرافيايي. مشهد. شماره 3


## ҲАДАФҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ РУСИЯ ДАР ШАРҚИ НАЗДИК


Минтақаи Шарқи Наздик аз ҷиҳати низомӣ ва стратегӣ дорои аҳаммияти хос буда, минтақае мебошад, ки дар байни Аврупову Африқо ва ҷанубу шарқи Осиё қарор дорад ва дорои якчанд нуқтаи стратегӣ, аз ҷумла гузаргоҳҳои баҳрии Ҳурмуз, Бобулмандаб ва канали Суэтс мебошад. Бинобар ин, аз қадимулайём ба даст овардани ин манотиқи старатегӣ барои кишварҳои абарқудрат аз назари низомӣ муҳим арзёбӣ шуда, яке аз сабабҳои таниши Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ дар замони ҷанги сард буд ва солҳои охир ҳам дар маркази таваҷҷуҳи Русия ва ИМА қарор дорад. Илова бар аҳаммияти низомӣ ва стратегии ин минтақа, арзиши иқтисодии он бисёр ҳаётӣ буда, таваҷҷуҳи қудратҳои минтақавӣ ва фароминтақавиро дар тӯли таърих, махсусан баъди кашфи захираҳои нафтӣ ва аҳаммияти он дар саноат, ба худ ҷалб намудааст. Масъалаи Шарқи Наздик аз мавзӯъҳои бисёр муҳим дар сиёсати байналмилалӣ мебошад. Суолҳои зиёде дар ин масъала вуҷуд доранд, аз ҷумла чаро ҳамаи ин нооромиҳо дар Шарқи Наздик ба вуқӯъ меоянд? Аҳаммияти ин минтақа дар чист? Агар ба харитаи ҷаҳон назар афканем ва китобҳоеро, ки дар мавриди ҷангҳои муосир навишта шудаанд, мутолиа намоем, мебинем, ки дар тӯли сад соли гузашта ҳамаи ҷангҳои ҷаҳон дар ин минтақа рух додаанд, ҳам ҷангҳои мустақим миёни абарқудратҳо ва ҳам ҷангҳои алтернативӣ (бо ҳимояи яке аз давлатҳои абарқудрат). Ин ҳама бо он сабаб аст, ки ин минтақа як қатор хусусиятҳое дорад, ки кишварҳои абарқудрат аз истиқрори ин минтақа дар ҳаросанд. Ин хусусиятҳо танҳо иқтисодӣ ва стратегӣ набуда, вижагиҳои дигаре мебошанд, ки бар аҳаммияти он афзудаанд ва мо онро дар ин мақола мавриди баррасӣ қарор додем.



**Калидвожаҳо**: Русия, ИМА, Шарқи Наздик, сулҳ, ҷанг, нафт, газ, тиҷорат, бозор, мавқеи ҷуғрофӣ.

**ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ ЦЕЛИ РОССИИ НА БЛИЖНЕМ ВОСТОКЕ**

Ближний Восток считается военным и стратегически важным регионом, который расположен между Европой, Африкой и Юго-Восточной Азией и имеет несколько стратегических точек, включая морской порт Хурмуз, канал Баб-аль-Мандаб и Суэцкий канал. Таким образом, с древних времен эти стратегические территории считались важным регионом, и это было одной из причин вызовов между США и Советским Союзом во время холодной войны, и в последние годы это в центре внимания России и США. В дополнение к военному и стратегическому значению этого региона его экономическая ценность очень велика и вызывает интерес к региональной и трансрегиональной мощи, особенно после обнаружения нефтяных запасов и их важности в промышленности.Проблема Ближнего Востока является очень важной темой в международной политике. В этом выпуске много вопросов, в том числе почему все эти нарушения на Ближнем Востоке? Каково значение этого региона? Если мы посмотрим на карту мира и прочитем книги, в которых описывается современная война, мы увидим, что за последние сто лет в регионе произошли все мировые войны, как прямые, так и косвенные войны между Пробуждением и Альтернативной войной, от власти суверенитета). Это связано с тем, что в регионе есть ряд особенностей, которые доминирующие страны боятся устанавливать в регионе. Эти функции являются не только экономическими и стратегическими, но и другими, которые становятся все более важными.

**Ключевые слова:** Россия, США, Ближний Восток, мир, война, нефть, газ, торговля, рынок, географическое положение.

**RUSSIA'S GEOPOLITICAL GOALS IN THE MIDDLE EAST**

The Middle East is a particularly military and strategically important region, which is located between Europe, Africa and Southeast Asia and has several strategic points, including the seaport of Hurmuz, Bab al-Mandab channel and Suez Canal. Therefore, from ancient times, these strategic territories were considered as important region and it was one of the reasons behind the challenges between the US and the Soviet Union during the Cold War and even in recent years it is in the center of Russia and USA attention. In addition to the military and strategic importance of this region, its economic value is very life-long, and has attracted interest in regional and trans-regional power, especially after discovering oil reserves and its importance in the industry. The problem of the Middle East is a very important topic in international politics. There are a lot of questions in this issue, including why all these violations in the Middle East? What is the significance of this region? If we look at the world map and read the books that are written in the modern war, we will see that in the last hundred years all world wars, both direct and indirect wars between the Awakening and the Alternative War, have taken place in the region. from the power of sovereignty). This is due to the fact that in the region there are a number of features that the dominant countries are afraid to install in the region. These functions are not only economic and strategic, but also others that are becoming increasingly important and we will look at this in this article.

**Key words:** Middle East, Peace, War, Oil, Gas, Trade, Market, Geographical Position.

**Сведения об авторах:** ***Розиков Ф.*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

***Закурлоев Аюб Хасанович*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедра зарубежного регионоведения, факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **934-58-38-38.** Gmail: **ayubjonzakurloev@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Rozikov F.*** **-** Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

***Zakurloev Ayub Hasanovich*** **-** Tajik National University, Second-year Master of the Department of Foreign Studies, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **934-58-38-38.** Gmail: **ayubjonzakurloev@gmail.com**

**УДК:94/(100)”05/…”**

# ИНКИШОФИ ТАЪРИХНИГОРӢ ДАР АСРИ XVII ВА ИБТИДОИ АСРИ XVIII

***Иброҳимов Мусаммир, Мунавваров Манзар***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Афкори ҷамъиятии таърихи инсоният дар асри XVII, пеш аз ҳама, бо таълимоти масоили ҳуқуқи табиӣ ва ҷамъиятӣ алоқамандӣ доштанд. Дар он давра намояндагони машҳури ин таълимот ҳуқуқшинос Гуго Гротсий (1583 – 1645) ва файласуфи англис Томас Гоббс (1588 – 1679) маҳсуб меёфтанд.

Барои шарҳи таъсири бадастовардаи илм ва илмҳои табиатшиносӣ, ки барои шарҳу баёни илмии падидаҳои муҳити бавуҷудовардаи илмҳои илоҳӣ шароитҳои мусоид фароҳам меоварданд, олимони асри XVII ва ибтидои асри XVIII бо кӯшиши зиёд таъсири қонунҳои математика ва табиатшиносиро дар раванди таърих татбиқ менамуданд. Гоббс замонеро орзу мекард, ки дар он муносибатҳои байниҳамдигарии инсонҳо бо як боварии қатъӣ ҳамчун таносубҳои шуморавии шаклҳои геометрӣ дақиқу возеҳ муайян карда мешуданд. Ӯ ҳатто пешниҳод намуда буд, ки он вақт насли инсон аз ҷаҳони бефосила истифода мебарад, ҳамаи

мухолифату муқовиматҳои байниинсонӣ аз миён бардошта мешаванд. Гоббс барои табдили усулҳои геометрӣ ва механикӣ ҳамчун меъёри ҳама намуд андешаҳои илмӣ кӯшиш ба харҷ дода бошад ҳам, хусусиятҳои хосси қонунҳои ҳаёти ҷомеа ва мураккаб ва калони онҳоро ба ҳисоб нагирифта буд. Бо вуҷуди ин, кӯшиши ҳалли мушкилоти ҳаёти ҷомеа тавассути ақли солим, на бо роҳи эътиқоди кӯр-кӯрона, андешаи пешқадами он замон дониста мешавад.

Гоббс рисолаи «Таърих»-и Фукидидро ба забони англисӣ тарҷума карда буд. Гуго Гротсий бошад, китоби Татситро ба нашр расонид. Яке аз муҳимтарин асарҳои Гротсий «Ҳуқуқи ҷанг ва сулҳ» ба шумор меравад, ки соли 1625 ба табъ расида, тақрибан соли 1710 бо забони русӣ тарҷума ва нашр шуда буд.[1] Асари бо салиқаи хеле баланд нигоришёфта ва машҳури Томас Гоббс буд, «Левиафан» («Қавиҳайкал») ки соли 1651 нашр гардида, дар як муддати кӯтоҳ ба чандин забонҳои олам тарҷума шуд ва дар аксар кишварҳои мутамаддини ҷаҳон паҳн гардид. Аз ҷумла ин асари таърихӣ-фалсафӣ аз соли 1936 инҷониб чандин маротиба бо забони русӣ нашр шудааст [2].

Ба монанди Макиавелли ва гуманистони дигар Гоббс ва Гротсий низ сохти давлатдориро аз назари инсонӣ мушоҳида намуда, ба хулосае омаданд, ки «қонунҳои табиӣ на аз илоҳиёт, балки аз ақли солим ва таҷрибаи пешқадам маншаъ мегиранд».[3] Онҳо назарияи бо хости худовандӣ пайдо шудани давлатро эътироф накарда, онро ҳамчун падидаи талаботи инсонӣ ва ақлу шуури одамӣ маънидод карда буданд.

Ба мисли Аристотел Гуго Гротсий ҳам чунин меҳисобид, ки табиатан инсон мавҷудияти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Кӯшиши бо худ муносибат доштани инсонро ӯ муҳимтарин хусусияти табиати одамӣ эътироф карда буд. Инсонҳои ҷомеаи ибтидоиро тавсиф намуда, Гротсий чунин андеша дошт, ки онҳо дорои моликияти хусусӣ набуданд. Ҳар як шахси ҷомеаи ибтидоӣ метавонист барои худ озодона аз воситаҳои истеҳсолот истифода барад. Ин гуна сохторро Гротсий ҳуқуқ ба олотҳои давраи ибтидоӣ номида буд. Бо вуҷӯди ин, чунин вазъияти безиддият ва ҷой надоштани моликияти хусусӣ то он даврае идома ёфт, ки инсонҳо ба фазои бузургтаре-фарохтаре дохил гардиданд ва дар он муҳит «байни худ рафоқати байниҳамдигарии фавқулоддаро пеша намуданд». Вале баъд аз падид омадани заминдорӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ, ҳамчунин дар сурати инкишофи маҳорату тадбирҳои гуногун ва маккорию муғамбирӣ, ҳамаи нозу неъматҳои табиат барои қонеъ намудани талаботи нафсонӣ равона гардиданд. Ҳамин минвол, «инсонҳои давраи ибтидоӣ дар як давлат ва дар як ҷомеа, ҳамчунин ҳатто дар як қабила на бо хости худовандӣ, балки бо майлу хоҳиши худ муттаҳид гардида, ба ин восита тавонистанд чандин мушкилоти пешомадаашонро ҳал намоянд». Ба ақидаи Гротсий, «давлат ин иттиҳоди инсонҳои озод аст, ки барои риояи ҳақиқат ва манфиати умум нигаронида шудааст» [1].

Гоббс ба мисли Гротсий чунин меҳисобид, ки инсонҳои дар муҳити табиӣ рӯзгордошта, ҳанӯз соҳиби давлат набуданд, вале ӯ кӯшиши онҳоро барои бунёди муносибати байниҳамдигарӣ инкор карда буд. Ӯ ба он пешниҳоди Гротсий розӣ шуда наметавонист, ки дар ҳолати табиӣ як инсон аз инсони дигар чиз ё ашёи ба он дахлдоштаро аз худ мекунанд. Баръакс, Гоббс чунин меҳисобид, ки ба инсонҳо дар ҳолати табиӣ худхоҳии лаҷомгусехта хос буда, онҳо бештар кӯшиш ба он доштанд, то ҳама чизро аз они худ намоянд ва ҳама ҷойро ишғол созанд. На бунёдҳои ахлоқӣ, балки шартҳои истифодаи шахсӣ кирдори инсонҳоро муайян месозанд. Инсонҳои ҷомеаи ибтидоӣ дар ҳолати «мубориза байниҳамдигарӣ ва зиддияти байнихудӣ» қарор доштанд.[2]

Хусусиятҳои табиати инсонӣ ва ҳолатҳои ибтидоии табиати одамон ҳам аз нуқтаи назари Гротсий ва ҳам дар доираи андешаҳои Гоббс дар ифодаи пайдоиши давлатдорӣ ҳамчун натиҷаи аҳдномаи ихтиёрии ҷамъиятӣ ба ҳамдигар мувофиқ омадаанд. Дар ин васила вақте сухан оиди ҳуқуқу уҳдадориҳои давлат ва зердастону раият меравад, боз ба шохаҳо ҷудошавии ҷомеа ва зиддияту ихтилофот падид меоянд. Бо ин назардошт, аксари муаррихони он давра ва аз ҷумла Гоббс ақида доштанд, ки ин раванди ҷамъиятию таърихӣ беохир идома ёфта, аз байн намеравад. Дар доираи андешаҳои Гротсий бошад, инқилоби

буржуазии ғалабаовар дар Нидерландия ва озодшвии мардуми ин сарзамин аз асорати испаниҳо ба таври васеъ таҷассум ёфтаанд. Ин ҳуқуқшиноси машҳури ҳолландӣ эътироф намуда буд, ки «фармони давлатро ба ҳуқуқи табиӣ ва муқаддасоти илоҳӣ тавъам намуда, онро мутеи касе ё чизе сохтан хатои маҳз аст».[1]

Ба ақидаи Гуго Гротсий, агар «шоҳ аз рӯҳияти хусуматомез воқиф гардид, оиди нобудшавии халқи худ андеша намояд» ва ё «агар бо қонуншиканӣ ва вайронсозии талаботи ҳуқуқии мардумон мубориза барад» мухолифат намудан бо ҳукумати олӣ қонунӣ аст. Вале ҳуқуқ ба инқилоб ва муқобилият нишон додан ба ҳукуматро Гротсий ҳамчун истиснои нодир эътироф менамояд. Мувофиқи қонун, - гуфта буд ӯ, - бо ҳукуматдорони сатҳи болоӣ, ки худ ҳимоятгари қонуну ҳуқуқҳои ҷомеа дониста мешаванд, берун аз қонун пой намегузоранд, мубориза бурдан ғалат аст.[1] Ин ақидаҳои Гротсий бо мақсадҳои буржуазияи ҳолландӣ, ки аллакай дар сари давлатдорӣ қарор гирифта буданд, мувофиқат доштанд. Чунин андешаронихо нисбат ба ақидаҳои кухнапарастонаи Гоббс, ки оиди устуворӣ ва шикастнопазирии ҳуқуқҳои ҳукумати олӣ баромад намуда буд, хеле бартарият доштанд. Гоббс чунин ақида дошт: ҳуқуқи одамон дар ҳолатҳои табиӣ номаҳдуд аст, зеро инсонҳо аз рӯйи аҳдномаи ихтиёрии ҷамъиятӣ ин ҳуқуқҳоро ба давлат доданд. Аз ин лиҳоз, ҳуқуқҳои давлат низ номаҳдуд шуморида мешаванд.

Гоббс беҳуда асари ба давлат бахшидаи худро «Қавиҳайкал», яъне «махлуқи баҳрии библиягии» дорои тавононии бузург ном наниҳода буд. Ӯ дар ин асараш давлатро ҳатто худои заминӣ меҳисобид. Ба андешаи вай, гӯё давлат на бо хости худовандӣ, балки тавассути шартномае, ки инсонҳо ҳуқуқҳои худро ба давлат бахшидаанд, арзи ҳастӣ намудааст. Воқеан, давлати пешниҳоднамудаи Гоббс бе маҳдудият эътироф гардида буд. Гоббс пешниҳод намуда буд, ки қонунҳои давлатӣ ба ҳайси ҳуқуқи ягона дар рӯйи Замин эътироф карда шаванд. Ин пешниҳоди олими ҳуқуқдонро муаррихону донишмандони олам ҳамчун намунаи беҳтарини ҳуқуқҳои насли башар дар ҳамон давра маънидод кардаанд.

На танҳо ҳукумати номаҳдуди давлатӣ ба ҳуқуқҳои табиӣ алоқамандӣ дошт, балки уҳдадориҳои ақлониву бошуурона оиди тараддуд баҳри рӯзгори бомароми табақаи поёнии ҷомеа низ ба доираи ин ҳуқуқҳо ворид карда шуда буданд. Вазифаи аввалиндараҷаи давлат таъмини ҳаёти солиму рӯзгори гуворо ба камбағалону бечорагон маҳсуб меёфт. Ин гуна ҳаёти солиму рӯзгори гувороро аз нуқтаи назари худ шарҳу тафсир карда, Гоббс чор шарти ин масъаларо пешниҳод менамояд: ҳимояи шаҳрвандон аз душманони беруна, нигоҳдории сулҳу дӯстӣ дар дохили давлат, баланд бардоштани некуаҳволӣ ва сатҳи дороии мардум, ба ҳар як шаҳрванд додани ҳуқуқ оиди истифодаи озоди меҳнати шаҳрванди дигар.[2]

Ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Гоббс ба орзую омоли буржуазияи англис ва дворянҳои нав, махсусан он табақаҳое, ки аз ҳокимияти мутлақ аз байн бурдани бенизомиҳои феодалӣ ва инкишоф додани озодиҳои буржуазии бо тартиби муайянро тақозо менамуданд, рост меояд.

Назарияпардозони ҳуқуқи табиии голландӣ ва англис дар асри XVII хеле боқатъият назарияҳои куҳнаи феодалӣ ва калисоро аз ҷамъомадҳои франсавӣ, немисӣ ва русӣ гирифта буданд. Аз ҷумла ин амал ба рӯҳонии католики фаронсавӣ Ж. Боссюэ (солҳои 1627 - 1704), муаллифи асарҳои "Муҳокима оиди таърихи ҷаҳонӣ", "Таърихи иштибоҳи калисоҳои протестантӣ" ва "Сиёсате, ки аз вожаҳои аслии Каломи Худованд истинод аст" дахл дошта метавонад. Ба туфайли забони оммафаҳм ва услуби хуби баён ин асарҳо байни ҷомеа ҳаводорони зиёд пайдо карда, дар охири асри XVII ва ибтидои асри XVIII, на танҳо дар ватани худи муаллифон, балки дар тамоми кишварҳои Аврупо ва аз ҷумла дар Россия шуҳрат ёфтанд.

Ба мисли Гуго Гротсий ва Томас Гоббс, Боссюэ низ чунин андеша дошт, ки ҳокимияти давлатӣ дар натиҷаи шартномаи озоди ҷамъиятӣ, ки созиши он хеле зарурат дошт, падид омадааст. Зеро танҳо ҳокимияти давлатӣ метавонад ба даҳшатҳои ҳалокатовари одамон тоб оварад. Вале дар муқоиса бо Гоббс ва Гротсий ин омилро Боссюэ таъбири оқилонаи пайдоиши давлат бо назарияи қадимаи худопарастӣ номидааст. Фитрати ҷамъиятии инсон

ва кӯшишҳои маъмулии онро нисбати ба даст овардани манфиатҳо эътироф намуда, Боссюэ дар ин ҷо низ боз сарнавишт ва қазову қадар, фармудаҳои диниро, ки онҳо сабабгори умдаи воқеоти таърихӣ дониста мешуданд, нисбат ба табиати одамӣ ва кӯшиши инсонҳо барои ба даст овардани манфиатҳои хеш муҳимтар меҳисобад.

Барои бо ягон васила ҳал намудани мухолифати ҳалнопазире, ки аз мурочиатҳои яквақтаина ба назарияҳои кухна ва назарияҳои пешқадами асри XVII сарчашма мегиранд, Боссюэ сабабҳои воқеоти таърихиро ба гурӯҳҳои аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа ҷудо месозад. Фитрати табиӣ ва сифати инсонҳову ҳадафи халқҳо танҳо сабабҳои дуюмдараҷаи ҳаводису воқеоти таърихӣ дониста мешуданд ва ибтидои ин воқеаву ҳаводис, пеш аз ҳама, хостаи Худованд маҳсуб мешавад. Он бевосита дар шакли мустасно падид омада, дар муъҷизаҳои ба чашм диданашавандаи Худованд зуҳур меёбад. Аммо воқеан, нақши Худованд аввалиндараҷа ва муайянкунанда мебошад, зеро ҳаёт инсон ва халқҳоро ба он хусусиятҳо, сифатҳо ва хислатҳое, ки ба ҳайси сабабҳои дуюмдараҷа баён мегарданд, ҷудо месозад. Таърихро ба вуҷуд оварда, инсонҳо танҳо матлабҳои қазову қадарро ба амал мебароранд ва гумон мекунанд, ки мустақилона амал карда истодаанд.

Дар хотир дорем, ки Гуго Гротсий Худовандро офаридгори замину замон ва инсонҳо эътироф карда, дар навбати худ, пешниҳод намуда буд, ки ҳуқуқи табииро ҳатто он ҳам тағйир дода наметавонад. Ҳамин минвол, барои қадарият (провиденсиализм) дигар ҷой намонд. Баръакс, Боссюэ ҳам нақши Худовандро дар офариниши инсон ва хусусиятҳои он маҳдуд намепиндорад. Худованд, ба андешаи ӯ, "кулли инсонҳоро идора мекунад". "Агар истилогаронро ба по хезонидан хоҳад, тавре ин амалро ба роҳ мемонад, ки онҳо аз тарсу ҳарос пештар мегузаранд ва ҷанговарони онҳоро ба ҷанги мағлубнопазир талқин месозад. Ва агар қонунгузорҳоро сохтан хоҳад, ҳикмату дурандешии худро ба онҳо тақдим менамояд ва имкон фароҳам месозад, ки онҳо балоҳои пешмеомадаву хатарҳои шоҳигариро дарк карда, асосҳои оромии ҷамъиятро таъмин созанд". Яъне, ҳар чизе, ки ба ақидаи сусти инсонҳо дар мисоли воқеот ва хушбахтиҳо ворид мегардад, "нақшаи пештар тарҳрезишудаи Худованд" мебошад. Ҳамин тариқ, Боссюэ кӯшиш менамояд, ки қадариятро (провиденсиализмро) дар асоси ақидаҳои парокандагардидаи ватанхоҳони асрҳои XV - XVI ва олимони асри XVII наҷот дода, ақидаҳои кухнаи диниро ба назарияҳои нави мулоҳизакорона, ки ба ҳеҷ ваҷҳ онҳо ба якдигар ҳамоҳангӣ надоштанд, мувофиқат кунонад [4]. Дар давраи ҳукмронии ҳокимияти мутлақ дар Фаронса шуҳрат ва асосёбии он дар назарияҳои ҷамъиятӣ табиӣ маҳсуб мешавад. Боссюэ дар рисолаи худ бо унвони "Сиёсат" беҳуда ба он бовар намекунонад, ки ҳокимияти мутлақ ба ҳокимияти Худованд наздик аст ва, дар навбати худ, хеле табиӣ дониста мешавад, зеро он тимсоли давлати падар ва оила мебошад.

Олимони немис С. Пуфендорф (солҳои 1632 - 1694) ва Хр. Волф (солҳои 1679 - 1754) ба мисли Боссюэ аз Томас Гоббс ва Гуго Гротсий дар раванди аслияти афкор ва радикализми андешаҳо пештар гузаштанд. Онҳо эклектик* буданд ва оиди ҳамоҳангсозии назарияҳои нав бо назарияҳои кухнаи илоҳиётӣ ва оиди мувофиқсозии ақидаҳои нав бо назарияҳои буржуазӣ ба эҳтиёҷоти синфи дворянӣ кӯшиш ба харҷ додаанд. Ба қалами Перу Пуфендорф асарҳое нисбат дода мешаванд, ки бо унвонҳои "Андешаҳои сиёсӣ оиди мувофиқати сиёсати воқеӣ бо дини насронӣ", инчунин "Муқаддима ба таърихи ашрофзодагони давлатҳои аврупоӣ" ва "Доир ба вазифаҳои инсон ва шаҳрванд" нашр гардидаанд. Ду асари охири олим дар давраи шоҳигарии Пётри Кабир бо забони русӣ тарҷума шуда, бо дастгирӣ ва зери назари ӯ ба чоп расидаанд. "Муқаддима ба таърихи ашрофзодагони давлатҳои аврупоӣ" ба доираи асарҳое дохил карда шуд, ки барои омодагии таълимгирии шоҳзода Алексей Петрович нигаронида шуда буданд.

Ба ақидаи Пуфендорф, тасдиқи он, ки гӯё Худо бевосита шоҳонро таъйин ва муайян менамояд, ба доираи ақл мухолиф буда, хурофот дониста мешавад. Одамон "байни худ ҷомеаро ташкил медиҳанд" ва тавассути аҳдномаи ҷамъиятӣ давлат бунёд менамояд, дар ин

---

* эклектик - одаме, ки ба эклектизм майл дорад, ба таври эклектикӣ фикр мекунад

раванд онҳо манфиатҳои шахсии худро пеши назар оварда, аз хушунату бечорагии ногузир, ки танҳо-танҳо ва "дар ҳолати ғайришаҳрвандӣ" ба вуҷуд меоянд, эмин мондан мехоҳанд. Вале, дар муқоиса бо Гоббс, Пуфендорф пайдоиши давлатро на танҳо ба ҳайси талаботи инсон ва ақли инсонӣ, балки дар ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ ва поягузорони ҳокимияти олӣ шарҳ дода, онро "Худованди некандеш" эълон месозад. Хости Худованд бевосита таъсирпазир аст. Вале маҳз Худованд қатъиян ва ноаён ба одамон барои қонеъ намудани талаботашон сохтани давлатро талқин намуд [5]. Пуфендорф талаботи "сиёсати воқеӣ"-ро ғамхории ҳокимон барои некуаҳволии халқ меҳисобад, муҳофизати онҳоро аз озору алам ва зулму ситами зӯроварон, ҳарисон, бедодгариҳо ва қонунгузориҳо мутобиқи қонунҳои табиӣ (ё худ тавре ки мутарҷимони рус онро тарҷума кардаанд, "қонунҳои аслӣ") арзёбӣ мекунад. Вале тантанаи ин муҳокимаҳо пеш аз ҳама на ба сарзанишу маломати хушунат ва вайронкориҳои дар эътирофи худи муаллиф ҷойдошта, балки ба ҳаёти воқеии давлат нигаронида шудаанд. Хушунат ва вайронкориҳои дар сатҳи давлат баамаломадаро бо он "бадбахтиҳое, ки ба таври доимӣ дар ҳолати танҳоӣ ва ғайришаҳрвандӣ моро ҳамроҳӣ менамуданд"[5] қиёс карда, Пуфендорф беаҳаммият будани онҳоро эътироф менамояд. Нуқтаи назари Пуфендорф хеле дақиқ дар он ифода мегардад, ки ӯ тавонистааст шаклҳои нисбатан оштинопазири нобаробариҳои иҷтимоӣ, ҳатто ғуломдориро тасдиқ намояд. Ӯ кӯшиш ба харҷ додааст, ки назарияи ҳуқуқи табииро бо воқеияти олмонӣ ва Христиан Волф ҳамоҳанг созад. Аз пешниҳоди машҳур оиди он, ки "то давлатдорӣ инсоният озодиҳои худро ба зиён табдил дода буд", хулоса баровarда, Волф пешниҳод намуд, ки барои аз байн бурдани озодиҳои зиёновар онҳо шартномаҳои хусусиро дар бораи даст кашидан аз озодии шахсӣ ва гузаштан ба ҳолати ғуломӣ тартиб доданд. Ҳамин минвол, нуқтаҳои назари зиддифеодалӣ ва зиддидинии мутафаккирони пешқадами асри XVII (мутобиқи ҳаракати крепостной, ки ба қисмати шарқии Элба рост меояд) барои ҳақ баровардани бартариятҳои феодалӣ ва ғояпардозиҳои динӣ шароит фароҳам оварданд.

Дар Россия низ ба мисли Германия назарияи ҳуқуқи табиӣ на танҳо барои тарафдории боғаразонаи ҳокимияти мутлақ (абсолютизм), балки бештар аз он барои асоснок намудани бартариятҳои сохти дворянӣ истифода бурда мешуд. Яке аз публисистони машҳур ва арбобони калисои сиёсии замони давлатдории Пётр, Феофан Прокопович (солҳои 1681 - 1736), ки муаллифи як қатор вожаҳои мадҳӣ-тавсифӣ, асарҳо оиди илми суханпардозӣ ва педагогика, шеърҳо, драмаҳо ва асари хосаи таърихӣ бо унвони "Таърихи император Пётри Кабир аз давраи таваллуд то муҳорибаи Полтава" дониста мешавад, намояндаи машҳури назарияи ҳуқуқи табиӣ маҳсуб меёфт. Мардумоне, ки ҳанӯз қонунҳои давлатиро намедонистанд, кунун "моҳиятан қонун эҷод мекунанд", - навишта буд Ф. Прокопович [6].

Мувофиқи ақидаи Ф. Прокопович, ҳокимият ва шарафи шоҳӣ ба монанди ҳуқуқи табиӣ, ки дар асоси Каломи Худованд асос меёбад. Г.В. Плеханов ба он диққат додааст, ки ӯ ҳуқуқи табииро он пеш аз Каломи Худо ба истинод овардааст [7]. Дар ин васила тобеъ намудани ҳокимияти подшоҳӣ ва умуман ҳама ҳокимиятҳо қонуни асосии табиӣ эътироф карда мешавад.

Андешаи он, ки сохти ҳокимияти мутлақ нисбат ба ҳамаи дигар сохторҳои ҳукмрон бартарият дошта, ба "нафъи умум" мувофиқат мекунад, ба Феофан Прокопович низ мисли дигар ҷонибдорони ҳокимияти мутлақ хос мебошад.

Назарияи давлати пулисӣ, ки дар Олмон аз тарафи Хр. Волф ва дар Россия аз ҷониби худи Пётри Кабир дастгирӣ ёфта буд, ба афкори боло алоқамандӣ дорад.

Андешаи манфиатҳои умум ва давлати пулисӣ дар фармонҳо ва махсусан дар муқаддимаи фармонҳое, ки Петри Кабир тез-тез ба имзо мерасонид, хеле возеҳ ба мушоҳида мерасиданд. Ҳанӯз соли 1702 шоҳ оиди нияту азми худ чунин эълон дошта буд: "Давлатро чунон идора бояд кард, ки ҳама фуқарои тобеи мо ҳарчи зудтару бартар зери манфиатҳои умумӣ ба ҳолати беҳтару рафоҳат гузаранд".[8]Дар яке аз фармонҳояш, соли 1718 Петри Кабир оиди "кӯшишҳои боғайратонаи" шоҳ барои ба раият илова намудани "манфиати

умум" ҳушдор дода буд. Оиди паҳншавии мануфактур* дар Россия "барои манфиати умум ва рӯзгузаронии раият" ҳамчун масъалаи муҳим, инчунин дар Регламенти Мануфактур - ҳайатҳо, ки дар охирҳои умри шоҳ Петр (соли 1723) ба тасвиб расида буд, дастур дода шудааст.

Дар ҳақиқат, пеш аз ба даст овардани он сифатҳои махлуқи боақлеро, ки Гротсий хусусиятҳои табиии кули инсоният ҳисоб мекард, инсоният роҳи хеле дарози таърихро тай намудааст. Вико ҳолати табииро дар инкишоф арзёбӣ намудааст: замони азимҷуссагони лаванд, ки қобилияти эҳсосӣ дошта, аз қобилияти андешаронӣ бебаҳра буданд, қонунан бо гузашти вақту замон, ҳангоми инкишофи шуур ба тағйирот дучор мегардад.

Ба ақидаи Вико одамони қадимтарин камақл ва дағал буданд. "Онҳо ба мисли ҳайвонҳо дар ҷангалҳо оворагардӣ мекарданд ва назари бемаънии худро аз осмон барнаканда, овозҳои норавшан мебароварданд".[9] Дар тани онҳо аслан на майна, балки "гӯшту устухонҳо" тараққӣ карда буданд. Онҳо азимҷуссаҳое, буданд, ки пас аз тӯфони Нӯҳ дар замин паҳн гардидаанд.

Тавре ба мушоҳида мерасад, инкишофи таърихнигорӣ дар асри XVII ва ибтидои асри XVIII бо ду роҳ ба пеш ҳаракат намудааст. Роҳи аввал ин мабдаи эҷод гардидани тариқи фалсафии таърихнигорӣ бо ғояи қонунҳои табиӣ ва муоҳидаи ҷамъиятӣ буда, роҳи дувум, ҷамъоварӣ ва нашри манбаъҳои зиёди таърихӣ маҳсуб меёбад.

## АДАБИЁТ


1. Гроций Гуго «Три книги о праве войны и мира». Перевод с латин. Саккетти А.Л.; Репринт с изд. 1956 г. Издательство: М.: Ладомир Год: 1994.
2. Гоббс Т. Левиафан, или Материя, форма и власть государства церковного и гражданского// Гоббс Т. Сочинения: В 2 т. –Т. 2. – М.: Мысль, 1991.
3. К.Маркс,Ф.Энгельс Избранные произведения в 2-х томах.Т.1,2. М. 1952г.
4. Косминский, Е.А. Историография средних веков /Е.А.Косминский. — М.: Издательство Московского университета, 1963.63.
5. Пуфендорф С. Политическое рассуждение о согласии политики истинной с религию христианскою. СПб, 1815..
6. Прокопович Ф. Соч. - М.; - Л., 1961, - С. 81.
7. Плеханов Г.В. История русской общественной мысли. китоби 2, - М.; - Л., 1925. - С. 47.
8. Богословский М.М. Областная реформа Петра Великого. - М., 1902. - С. 20.
9. Вико Д.Ж. Основания новой науки об общей природе нации/ Пер. с ит. ... 1989, №9. С. 141.


## ИНКИШОФИ ТАЪРИХНИГОРӢ ДАР АСРИ XVII ВА ИБТИДОИ АСРИ XVIII


Дар мақола масъалаи инкишофи таърихнигорӣ аз рӯйи ҳуқуқи табиӣ ва амалияи он дар ҷомеа шарҳ дода мешавад. Муаллиф оид ба таҳқиқоти намояндагони машҳури он давра -Гуго Гротский ва Томос Гоббс перомуни ҳуқуқи табиӣ дар ҷомеаи инсонӣ вуҷуддошта маълумот додааст. Гуго Гротский ва Томос Гоббс дар таҳқиқоти худ ба масъалаҳои ҳуқуқи ҳар як табақаи ҷомеа, пайдоиши давлат ва амсоли ин, нуқтаи назари хешро иброз намудаанд. Асари Гротский «Ҳуқуқи ҷанг ва сулҳ» ва асари Гоббс «Қавиҳайкал» аҳаммияти калон дошта, дар ин замина онҳо маълумотҳои мушаххас додаанд. Ақидаҳои Гоббс ва Гротский ба зудӣ дар Аврупо паҳн шуданд. Аксари муаллифон ақидаҳои Гротский ва Томос Гоббсро пазируфтанд ва онҳо ба ин ақидаҳо баҳои баланд доданд, аз ҷумла дар Россия аввалин шуда М.Ломоносов, М. Посошков ва В.Просветов дар ин маврид андешаҳои худро иброз доштанд. Фарқияти фикрҳои олимони Росия нисбат ба олимони Аврупо дар он буд, ки олимони Руссия аз нуктаи назари динӣ онҳоро пазируфта буданд, лекин қимати меъёрҳои рафтору кирдори инсонӣ-ҷамъиятиашонро пазируфтанд.



**Калидвожаҳо**: Томос Гоббс, Гуго Гротский, ҳуқуқи табиӣ, қарордоди ҷамъиятӣ, ҷанг ва сулҳ, Қавиҳайкал, байналмилалӣ


## РАЗВИТИЕ ИСТОРИОГРАФИИ В XVII В. И НАЧАЛЕ XVIII ВЕКА


В статье освещается развитие историографии естественных прав и ее распространение в обществе. Автор основное внимание обратил на труды и взгляды известных английских историков -Томоса Гоббса и Гуго Гротского, которые в своих трудах отразили права войны и мира с древнейшего периода истории человечества. Они сообщают о возникновении государства, распространении права в обществе. Они сообщают о развитии права в каждом обществе, классе, в период возникновении первого общества и развития государства. Европейский авторы воспринимали идеи Томоса Гоббса и Гуго Гротского высоко оценили их взгляды. Следуют отметить, что их идеи распространились и в России. В основном, они были приняты М.Ломоносовым, М. Посошковым и В.Просветовым и другими авторами. Но отличие их в том, что российские авторов что русские авторы обратили внимание в основном на законодательные акты.



**Ключевые слова**: Томос Гоббс, Гуго Гротский, естественные права, общественные права, война и мир, левифан.


* Мануфактур - шакли истеҳсолоти капиталистӣ , ки кораш бо асбабҳои дастӣ бурда шуда, меҳнаташ аз равандҳои алоҳида иборат буд.

## HISTORIOGRAPHY DEVELOPMENT IN THE XVII CENTURY AND THE BEGINNING OF THE XVIII CENTURY

The articles highlight the development of the historiography of natural rights and its distribution in society. The author based his attention drew attention to the writings and views of famous English historians Tomos Hobbes and Hugo Grotsky in which they in their writings are the rights of the war of peace and the leviathan. Famous English doctrine of Tomos Hobbes and Hugo Grotsky set forth their point of view of existing law from the most ancient period of the history of mankind. They report the emergence of a state spread of law in society. They report the development of law to each class society, the period of the first society the emergence and development of the state. The advantage of European authors perceived the idea of Tomos Hobbes and Hugo Grotsky in Europe and they praised their view. It should be noted that their idea spread to Russia. Basically, it was adopted by M. Lomonosov, M. Pososhkov and V. Prosvetov and other authors. But the difference perceived by Russian authors is that Russian authors have an advantage on legislator's acts.

**Key word.** Tomos Hobs,Hugo Grotsy, natural rights, war and peas, levianthan.

**Сведения об авторах:** ***Ибрагимов Мусаммир*** - Таджикский национальный университет, доктор исторических наук, профессор кафедры историографии и источниковедения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **904-13-35-37.**
***Мунавваров Манзар*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **907-83-10-31**

**Information about the authors:** ***Ibragimov Musammir*** - Tajik National University, doctor of historical sciences, a professor at the Department of Historiography and Source Studies. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. Tel: **904-13-35-37**
***Munavvarov Manzar*** - Tajik National University assistant professor, Department of Modern and Contemporary History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. Tel. **907-83-10-31**

**УДК:930(575.3)(549.1)**

# ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ВА ПОКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Суфиев Садриддин***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рудакӣ**

Таърихан иқтисод омили пайвандкунандаи халқу миллатҳо маҳсуб мегашт. Ин омил дар замони муосир аҳаммияти худро на танҳо нигоҳ доштааст, балки моҳият ва мазмуни нав касб карда, заминаи ташаккули муносибатҳои сиёсии кишварҳо мебошад. Тавре аз Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар бармеояд, Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои кушода», сулҳхоҳона ва беғараз буда, зимни татбиқи он Тоҷикистон омода аст бо ҳамаи кишварҳои дуру наздик робитаҳои дӯстона ва эътирофи манфиатҳои тарафайнро дар асоси эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд густариш диҳад [4].

Дар ин росто барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими муносибатҳои сиёсӣ ва густариши ҳамкориҳои судманди гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Исломии Покистон, бо дарназардошти имкониятҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва мавқеи геостратегии он, аҳаммияти хосса доранд.

Ин зарурат аз ҳадафҳои миллӣ ва моҳияти дипломатияи иқтисодии кишвар бармеояд, ки мусоидат ба пайвастани кишвар ба низоми байналмилалӣ ва минтақавии нақлиётӣ, энергетикӣ ва коммуникатсиониро дар назар дорад.

Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бо Покистон таърихи тӯлонӣ доранд. Ибтидои ин муносибат байни аҷдодони мо аз даврони қадим маншаъ гирифта, бо таъсиси давлати Покистон густариш ёфтанд (ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Шӯравӣ бошад ҳам), ки асоси устувори рушди ҳамкории ҷонибҳо дар даврони истиқлолият гаштааст.

Маҳз бахри тақвияти муносибати кишварҳо дар асоси баробар ва эътирофи мунфиатҳои мутақобила, Ҷумҳурии Исломии Покистон истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, дар санаи 6 июни соли 1992 муносибатҳои дипломатиро барқарор намуд [5].

Моҳи апрели соли 1992 Покистон бо Тоҷикистон созишномаро дар бораи воридоти неруи барқ ба имзо расонид, ки дар асоси он Исломобод уҳдадор шуд, то барои бунёди неругоҳи Роғун мусоидат намояд [2].

Покистон мебоист то 3600 мегаватт неруи барқ дар муддати 30-сол мегирифт. Созиши мубодилавӣ кумакро аз Покистон ба маблағи 5 миллион доллар, 25% нақд ва 75 % бо молҳои истеҳсоли Покистон пешбинӣ менамуд [11].

Аз ҳамаи кишварҳои минтақа Тоҷикистон аз лиҳози ҷуғрофӣ ба Покистон наздик мебошад, вилояти шарқии Бадахшон аз Покистон танҳо бо хатти борики ҳудуди Афғонистон – долони Вахон ҷудо мегардад. Тоҷикистон яке аз аввалин кишваре буд, ки Покистон эътироф намуд. Вале, талошҳои аввалини Исломобод баҳри мусоидат ба тиҷорати мутақобила, амалӣ намудани лоиҳаҳои такмили неругоҳҳои барқӣ, роҳандозии алоқаҳои роҳи автомобилӣ ва оҳан бо Тоҷикистон – бинобар оғози ҷанги шаҳрвандӣ рушди воқеӣ наёфт. Бо назардошти он, ки дастрасии Покистон ба бозорҳои Осиёи Марказӣ аз ҳалли низои шаҳрвандии Тоҷикистон вобаста аст, Покистон ташаббусҳои солҳҳоҳонаи СММ-ро дар соли 1994 оид ба қатъи низоъ дастгирӣ намуд. Ҳангоми боздиди расмии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Покистон моҳи марти соли 1994 созиш дар бораи пешниҳоди имконияти баргузории як даври музокироти сулҳи тоҷикон дар Исломобод ба даст омад.

Моҳи майи соли 1994 барои машварат оид ба вазъи Тоҷикистон Анатолий Адамишин, муовини вазири корҳои хориҷии Россия ва намояндаи президенти он дар Осиёи Марказӣ, аз Исломобод дидан намуд. Ҳангоми музокирот Наҷмуддин Шейх вазири корҳои хориҷии Покистон таъкид намуд, ки "Покистон аз дахолат ба ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон худдорӣ намуда, намегузорад, ки ҳудуди он барои тарғиби ақида ё пойгоҳе барои гурӯҳҳои даргир истифода гардад"[11].

Моҳи октябри соли 1994 дар Исломобод даври сеюми музокироти сулҳи тоҷикон баргузор гардид, ки ба коҳиши минбаъдаи ихтилоф байни гурӯҳҳо мусоидат намуд. Аз он вақт Покистон, ба мисли Россия, Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ҳамчун нозир дар музокирот ширкат варзиданд. Бо анҷоми музокирот ва имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ Покистон ҳамчун кишвари кафили созишҳои бадастомада баромад менамуд.

Имрӯз ба ҳар як дигаргунии дар минтақа рухдода аҳаммияти зиёд дода мешавад. Хусусан, дигаргуниҳое, ки дар кишварҳои ҳамсоя рух медиҳанд, барои Покистон диққатҷалбкунанда мебошанд. Ба эътидол овардани вазъияти Афғонистон барои Покистон ва Тоҷикистон роҳи пешрафти иқтисодию фарҳангиро боз менамояд. Тоҷикистону Покистонро танҳо дараи танги Вахон, ки дарозиаш 14 километрро ташкил медиҳад, аз ҳам ҷудо менамояд. Вазъи ноустувори Афғонистон ба рушди тиҷорату ҳамкорӣ, муносибатҳои иқтисодӣ ва шароити дигари ҳамкории самарабахши мамлакатҳои мо монеъ мешавад [12].

Аз оғози истиқлолият мавқеи кишварҳо нисбати ҳалли қазияи Афғонистон мухолиф ба назар расида, Тоҷикистон қатъиян хостори ҳалли мусолиматомези буҳрон буд. Дурустии мавқеи моро амалиёти байналмилалии зиддитеррористии Афғонистони собит карда, бар асари дигаргуниҳое, ки дар Исломобод ба вуҷуд омаданд, шароити мусоид ҷиҳати рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд байни ду кишвар возеҳ гардид [1, с.140]. Ҳамкориҳо бо Покистон дар соҳаҳои иқтисодӣ ва истифодаи муштараки захираҳои обу барқ ба манфиати ҷонибҳо мебошад. Боздиди расмии Президенти Покистон Парвиз Мушарраф дар таърихи 2 июни соли 2002 далели ин гуфтаҳост.

Пояи қарордодӣ-ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаро зиёда аз 55 созишномаю ёддоштҳои тафоҳуми байниҳукуматӣ ва соҳавӣ ташкил медиҳад.

Байни ду кишвар Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ фаъолият дорад, ки яке аз механизмҳои асосии рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Қобили зикр аст, ки то ба имрӯз 6 ҷаласаи Комиссияи мазкур баргузор шудааст. 2 июли соли 2019 ҷаласаи шашуми Комиссия дар Душанбе баргузор шуд.

Форуми соҳибкорону тоҷирони Тоҷикистону Покистон 18-20 июли 2010, 8-9 марти 2011 ва 24-26 майи 2017 дар Душанбе ва Исломобод доир шуд. Илова бар ин, зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Покистон (12-13 ноябри 2015) Шӯрои муштараки соҳибкорони Тоҷикистону Покистон таъсис дода шуд ва ҷаласаи нахустини он дар Исломобод гузаронида шуд.

Бояд таъкид намоем, ки новобаста аз иқтидори бузурги тиҷоратӣ мубодилаи молу маҳсулот миёни кишварҳо дар сатҳи қаноатмандкунанда ба роҳ монда нашудааст. Дар соли соли 1992 дар низоми равобити иқтисодӣ мубодилаи тиҷоратии ҷонибҳо дар ҳаҷми 800 ҳазор доллари ИМА ба назар мерасид, соли 1996 ин нишондод то 7,5 млн доллар боло рафта

бошад ҳам, вале аз солҳои баъдӣ ҳаҷми мубодилаи мол байни кишварҳо коҳиш ёфта, соли 2000 ба 200 ҳазор доллари ИМА баробар гардид [9 с.339].

Ин номутавозинӣ дар солҳои аввали ҳазораи нав идома ёфта, аз соли 2005 тамоюли афзоишро касб кард. Агар гардиши мол дар соли 2008 байни ду кишвар 1,7 миллион доллари амрикоиро ташкил дода бошад, пас дар соли 2018 гардиши мол байни ду кишвар ба 62 млн 547 ҳазор долл. ИМА расид, ки аз он содирот 10 млн 103,4 ҳазор доллар ва воридот 52 млн 443,6 ҳазор долларро ташкил дод [5].

Инчунин, дар раванди мубодилаи тиҷоратӣ аз Покистон сабзавоту меваҷот ворид мегардад, ки бо назардошти имкониятҳои кишоварзии кишвари мо набояд ба ин роҳ дода шавад. Масалан, дар солҳои 2011-14 аз Покистон ба ҷумҳурии мо мутаносибан дар соли 2011 зиёда аз 2920 тонна, дар соли 2012 26121 тонна, соли 2013 34788 тонна ва соли 2014 бошад, 18149 тонна картошка ворид гардида, дар солҳои 2012-14 42 тонна пиёз ворид карда шуд [10 с.108].

Албатта, бо назардошти вазъи мавҷуда зарур аст, ки ба тавозуни тиҷорат бо Покистон диққати ҷиддӣ дода шуда, ҷиҳати баробар намудани салдои тиҷоратӣ ва афзоиши содирот ба ин кишвар чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Ҳукумати Покистон барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ бо кишварҳои минтақа, бахусус Тоҷикистон тадбирҳои ҷиддӣ меандешад. Масалан, ба қарибӣ Покистон тартиби гирифтани раводидро хеле осон карда, муҳлати додани онро ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле кӯтоҳ намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад молҳои худро ба воситаи бандари Гвадари Покистон ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ барорад.

Аз ҷониби дигар, миёни кишварҳои лоиҳаҳои ояндадори ҳамкорӣ тарҳрезӣ мегарданд, ки сатҳи муносибати ҷонибҳоро амиқ сохта, мубодилаи иқтисодиро бештар хоҳад намуд. Яке аз ин лоиҳаҳо Лоиҳаи «CASA-1000» ба шумор меравад. Лоиҳаи «CASA-1000» -сохтмони хатҳои баландшиддати интиқоли неруи барқ аз Тоҷикистону Қирғизистон ба Афғонистону Покистон дар ҳоли татбиқ мебошад. Покистон пешниҳод кард, ки ба Тоҷикистон барои рушди соҳаи энергетика кумаки техникӣ расонад. Мо медонем, ки дар Тоҷикистон захираи обу энергетика хеле фаровон аст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар оянда ба давлати асосии истеҳсолкунандаи неруи барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ табдил гардад.

Ба маълумоти сомонаи расмии ин тарҳ - "Барои ба даст овардани иқтисодиёти рақобатпазири бозори меҳнат, бо инфрасохтори замонавӣ ва иқтисодиёти рушдёбанда, ки самараи он ба доираи ҳарчи васеътари одамон бирасад, системаи амалкунандаи барқӣ зарур аст. Лоиҳаи “CASA-1000” яке аз заминаҳои муҳимми сохтмони амалии низоми муфиди интиқоли неруи барқии Осиёи Марказӣ ба Осиёи Ҷанубӣ мебошад. Дар натиҷаи содир намудани барқи аз нигоҳи экологӣ тозатарини кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Осиёи Ҷанубӣ эҳтиёҷ ба неруи барқ дар ин кишварҳо коҳиш меёбад ва ин лоиҳа дурнамои рушди минтақаҳоро беҳтар мекунад. Лоиҳаи мазкур, ҳамкориҳои байниминтақавиро тақвият мебахшад, ҳамчунин ба манфиати иқтисодии тамоми қишрҳои аҳолӣ мусоидат мекунад. Аз ҳама муҳимаш, барои инкишофи иқтисодию сиёсии минтақаҳо имкон медиҳад" [14].

Талаботи Покистон торафт ба неруи обӣ бештар мешавад: "...дар шароити кунунӣ Покистон ба 6 000 МВт неруи барқ эҳтиёҷ дорад, вале бо назардошти рушди иқтисод, сохтмони корхонаҳо ва афзоиши аҳолӣ ин рақам дар солҳои оянда афзоиш хоҳад ёфт. Коршиносон ҳисоб кардаанд, ки то соли 2021 камбуди неруи барқ дар Покистон ба 10 000 МВт хоҳад расид. Бинобар ин, корхонадорону соҳибкорон аз ҳоло барои бароварда сохтани ниёзмандиҳои худ бо барқ сарчашмаҳои онро ҷустуҷӯ мекунанд. Ҳоло 70 дарсади барқи Покистон аз газу нафт ва ангиштсанг тавлид мешавад ва он барои ин кишвар хеле гарон тамом мешавад. 30 дарсади боқимонда ба неруи барқи обӣ дуруст меояд" [8].

Покистон вобаста ба дараҷаи рушди соҳаи иқтисодиёти худ тӯли солҳои охир аз нарасидани неруи барқ танқисӣ мекашад. Бинобар ин, мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи энергетика рушд ёбад. Дар робита Покистон хоҳони ҳарчи бештари густариши сектори энергетикии Тоҷикистон аст ва умедворем, ки барномаҳои

муштараки мо дар ин соҳа саривақт татбиқ ва иҷро хоҳанд шуд. Покистон хоҳони ободӣ, шукуфоӣ ва пешрафти мардуми Тоҷикистон мебошад [12].

Моҳи феврали соли 2013 дар шаҳри Душанбе мулоқоти вазири молияи Тоҷикистон Сафаралӣ Наҷмиддинов ва ҳайати Бонки умумиҷаҳонӣ бо сардории роҳбари Барномаи рушди энергетика дар Осиёи Марказӣ Сунил Хосла баргузор гардид. Ҷонибҳо дар ҷараёни мулоқот перомуни масоили мубрам ва дурнамои ҳамкорӣ дар бахшҳои молиявию бонкӣ ва соҳаҳои дигари фаъолият табодули афкор намуданд.Мусоҳибон ба масоили рушди бахши энергетикаи Тоҷикистон, аз ҷумла ба таҳлили техникию иқтисодии бунёди хатти интиқоли барқи "CASA– 1000" таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Зимни мулоқот ҳамчунин имконияти татбиқи барномаҳои дурнамо, расонидани ёрии молиявию техникӣ ба Тоҷикистон ва мақоми созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ дар ин самт мавриди муҳокима қарор гирифт. Вазири молияи кишвар зикр намуд, ки тайи давраи ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ дар амри роҳандозии ислоҳоти бахшҳои молиявии ҶТ дастовардҳои зиёде ба назар расид [15].

Барои амалӣ кардани "CASA-1000" бояд хатти интиқоли 500 киловатта аз зеристгоҳи "Датка"-и Қирғизистон то Хуҷанди Тоҷикистон [475 км], зеристгоҳи интиқолдиҳандаи 1300 мегаватта дар Сангтӯда, хатти баландшиддати барқи 750 километра аз Сангтӯда ба Кобули Афғонистон ва Пешовари Покистон, зеристгоҳҳои интиқолдиҳандаи 300 мегаватта дар Кобул ва 1300 мегаватта дар Пешоварро анҷом диҳанд". Мушкили дигар мушкили молӣ сари ин тарҳ аст. Арзиши умумии лоиҳа 1,17 миллиард доллари ИМА муайян шудааст. Бонки ҷаҳо»нӣ бошад, 50 фисади (526,5) маблағгузории «CASA-1000»-ро ба таври грантӣ ва қарзӣ ба дӯш гирифтааст. "Аз ҳаҷми умумии маблағгузории лоиҳа, ба Афғонистон 316, 5 миллион доллари ИМА дар шакли грант; Покистон 120 миллион доллари ИМА дар шакли қарз; Ҷумҳурии Қирғизистон 45 миллион доллари ИМА дар шакли грант ва қарз ва Тоҷикистон 45 миллион доллари ИМА дар шакли маблағгузории грантӣ ҷудо мешавад". Боқимонда маблаҳои даркорӣ аз ҳисоби дигар созмонҳову давлатҳои ҳавасманд бояд сармоягузорӣ шавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ба 313 миллион доллар эҳтиёҷ дорад. Бештар аз нисфи ин маблағ барои сохтмони зеристгоҳи 1300 мегаваттаи Сангтӯда зарур аст, ки беш аз 150 миллион доллар сармоя мехоҳад. Бақияи маблағ ба сохтмони 231 километр хатти барқ сарф мешавад [3]. Вале гузашта аз ин, боз ноамнӣ дар Афғонистон яке аз монеаҳои амалишавии ин тарҳ мебошад.

12 майи соли 2016 дар шаҳри Турсунзода бо иштироки Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон, Раиси иҷроияи Ҳукумати ваҳдати миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдулло Абдулло, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф ва Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбай Жээнбеков ба оғози татбиқи Лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи "CASA – 1000" асос гузошта шуд [7].

Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Покистон дар ин соҳа на танҳо ҷавобгӯи манофеи милли ду кишвар мебошад, балки такони мусбате ба раванди ҳамгироии минтақавӣ мебахшад. Татбиқи лоиҳаи энергетикии "CASA-1000" дар рушди иҷтимоию иқтисодии чор кишвар ва таъмини суботи минтақавӣ нақши калидӣ хоҳад дошт [1 с.81].

Фаъолшавии ҳамкориҳои созандаи Тоҷикистон ва Покистон дар ҳавзаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ ва пешбурди муштараки лоиҳаҳои зерсохторӣ ба тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва таъмини амнияту суботи минтақа таъсири матлуб ва мусбат мерасонанд.

Яке аз масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои ду кишвар соҳаи энергетика ва зерсохтори нақлиётӣ мебошад. Вохӯрии аввали гурӯҳи муштараки корӣ оид ба масъалаҳои энергетикӣ ва инфрасохтор байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон, ки бо ҳидояти роҳбарони ду кишвар таъсис ёфтааст, 12-13 январи соли 2016 дар шаҳри Душанбе баргузор шуд ва дурнамои ҳамкориҳо дар ин самт муайян гардиданд.

Ҳамкориҳои судманди Тоҷикистони соҳибистиқлол бо Ҷумҳурии Исломии Покистон сол то сол таҳким ёфта, муносибот дар соҳаҳои бунёди инфрасохтори иртиботиву нақлиётӣ, иншооти гидроэнергетикӣ ва монанди инҳо амалӣ карда мешаванд, ки аз рушди онҳо мардумони кишварҳо манфиатдоранд [13].

Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Покистон дар ин соҳа на танҳо ҷавобгӯи манофеи миллии ду кишвар мебошад, балки такони мусбате ба раванди ҳамгироии минтақавӣ мебахшад. Татбиқи лоиҳаи энергетикии “CASA-1000” дар рушди иҷтимоию иқтисодии чор кишвар ва таъмини суботи минтақавӣ нақши калидӣ хоҳад дошт.

**АДАБИЁТ**


1. 25 қадам дар паҳнои олам. -Душанбе: Ирфон, 2016. - 220с.
2. Галищева Н.В. Центральноазиатский вектор внешнеэкономической политики Пакистана: основные проблемы и перспективы [электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/tsentralnoaziatskiy-vektor-vneshneekonomicheskoy-politiki-pakistana-osnovnye-problemy-i-perspektivy. (дата обращение: 20.01.2019).
3. Қарордоди CASA-1000. Тоҷикистон 70% ва Қирғизистон 30% барқ содир мекунанд [манбаъи электронӣ]. URL: //http://www.ozodi.org/content/article/26726297.html.(санаи муроҷиат: 22.08.2019).
4. Консепсияи сиёсати хориҷии ҶТ. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, таҳти №332 тасдиқ шудааст [манбаъи электронӣ]. URL: http://mfa.tj/?l=tj&cat=109&art=1072.(санаи муроҷиат: 20.03.2019).
5. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Покистон. [манбаъи электронӣ].URL: https://mfa.tj/tg/main/view/23/munosibathoi-tojikiston-bo-pokiston.(санаи муроҷиат: 10.06.2019).
6. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т. Назаров, А.Сатторзода. - Душанбе: Ирфон, 2006. - С.140.
7. Оғози татбиқи Лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи CASA-1000 [манбаъи электронӣ].URL: http://prezident.tj/node/11713. (санаи муроҷиат: 25.02.2019).
8. Сармоягузорони покистонӣ ба Тоҷикистон чашм дӯхтаанд [манбаъи электронӣ].URL: http://www.ozodi.org/content/pakistan-desire-to-invest-in-tajikistan/26881838.html. (санаи муроҷиат: 23.07.2019).
9. Таджикистан: 15 лет государственной независимости. (Статистический сборник) Госстатагенство при Правительстве РТ. Душанбе, 2006, - С.339
10. Турсунов Т., Х. Торгово-экономические отношения Таджикистана и Пакистана. Вестник ТНУ, 2019, №5 часть 2, С.108
11. Ҳуссейн Рифат Пакистан и Центральная Азия. [электронный ресурс]. URL: https://www.ca-c.org/journal/08-1997/st_14_gusein.shtml. (дата обращение: 22.09.2019).
12. Қайсар Х.У. Тоҷикистон дар оянда кишвари бузурги энергетикӣ мегардад [манбаъи электронӣ] URL: https://khovar.tj/2009/08/h-u-1178-ajsar-to-1206-ikiston-dar-oyanda-kishvari-buzurgi-energetik-1250-megardad. (санаи муроҷиат: 23.07.2019).
13. Шарифзода А., Шамсуддинзода С. Сиёсати муваффақи сиёсатмадори тавоно. [манбаъи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/21504#khovaling. (санаи муроҷиат: 28.05.2019).
14. Главная цель проекта CASA-1000 - разумное использование природных ресурсов. [электронный ресурс]. URL:http://www.casa-1000.org/MainPages/CASAAboutr.php#Главная_цель. (дата обращение: 18.02.2019).
15. Энергетикаи ҶТ рушд мeёбад. [манбаъи электронӣ] URL: https://khovar.tj/2013/02/energetikai-1206-t-rushd-meyobad. (санаи муроҷиат: 22.03.2019).


## ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ВА ПОКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ


Дар мақолаи мазкур масоили ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Покистон дар даврони истиқлолият мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Иқтисод омили пайвандкунандаи халқу миллатҳо маҳсуб гашта, он дар замони муосир аҳаммияти худро на танҳо нигоҳ доштааст, балки моҳият ва мазмуни нав касб карда, заминаи ташаккули муносибатҳои сиёсии кишварҳо мебошад. Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бо Покистон таърихи тӯлонӣ доранд. Покистон аз оғози истиқлолият ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Тоҷикистон манфиатдор буда, мақоми Покистон дар консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон низ қайд гаштааст. Ин зарурат аз ҳадафҳои миллӣ ва моҳияти дипломатияи иқтисодии кишвар бармеояд, ки мусоидат ба пайвастани кишвар ба низоми байналмилалӣ ва минтақавии нақлиётӣ, энергетикӣ ва коммуникатсиониро дар назар дорад. Дар баробари ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ байни кишварҳо лоиҳаи бузурги минтақавӣ, аз қабили “CASA-1000” татбиқ мегарданд, ки на танҳо ба дурнамои муносибати кишварҳо, балки суботи минтақавӣ низ таъсири мусбат хоҳад расонид. Муаллиф самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳоро инъикоси намуда, зарурати риояи тавозуни тиҷоратиро таъкид месозад.



**Калидвожаҳо:** ҳамкорӣ, иқтисод, Тоҷикистон, Покистон, тиҷорат, энергетика, лоиҳа, CASA-1000.


## ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА И ПАКИСТАНА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ


В статье рассмотрена проблема экономических отношений Таджикистана и Пакистана в период независимости. Экономика как соединяющий фактор народов и наций, не только сохранила своё значение в современном периоде, но, приобретая новую сущность и содержание, становится подспорьем в развитии политических отношений. Экономические отношения Таджикистана и Пакистана имеют давнюю историю. С началом независимости Пакистан был заинтересован в развитии экономического сотрудничества с Таджикистаном. Место Пакистана и необходимость взаимоотношений с ним указана в Концепции внешней политики Таджикистана. Эта необходимость исходит из учета национальных интересов и сущности его экономической дипломатии, содействия в присоединении страны к международной и региональной транспортной, энергетической и коммуникационной инфраструктуре. Наравне с экономическими и торговыми отношениями между странами осуществляется большие региональные проекты, в том числе CASA-1000, который окажет позитивное влияние не только на перспективу взаимоотношений, но и

региональную стабильность. Автор, показав перспективные направления отношений, подчеркивает важность соблюдения торгового баланса между странами.
**Ключевые слова:** сотрудничество, экономика, Таджикистан, Пакистан, торговля, энергетика, проект, CASA-1000.

**ECONOMIC RELATIONS OF TAJIKISTAN AND PAKISTAN IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE**

The article considers the problem of economic relations between Tajikistan and Pakistan during the period of independence. The economy is considered a connecting factor of peoples and nations, not only retained its significance in the modern period, but acquiring a new essence and content, it becomes an aid to the development of political relations. The economic relations of Tajikistan and Pakistan have a long history. With the beginning of independence, Pakistan was interested in developing economic cooperation with Tajikistan. The place of Pakistan and the need for relations with it are indicated in the Foreign Policy Concept of Tajikistan. This need to proceed taking into account national interests and the essence of its economic diplomacy, assistance in the country's accession to the international and regional transport, energy and communication infrastructure. On a par with economic and trade relations between the countries, large regional projects are being implemented, including the CASA-1000, which will have a positive impact not only on the prospect of relations, but also regional stability. The author, trying to show promising areas of relations, emphasizes the observance of the trade balance between countries.
**Keywords:** cooperation, economy, Tajikistan, Pakistan, trade, energy, project, CASA-1000.

**Сведения об авторе:** ***Суфиев Садриддин Насридинович*** - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, ассистент кафедры права и международных отношений. Телефон: **918-89-84-85.** E-mail: **sadriddin.sufieyev@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sufiev Sadriddin Nasridinovich,*** Assistant of the Department of Law and International Relations of Kulyab State University named by A. Rudaki, Tel. **918-89-84-85**, E-mail: **sadriddin.sufieyev@mail.ru**

**УДК: 327(575,3)(55)**

# НАҚШИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҷумаева П.А.***
**Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Исломии Покистон яке аз аввалин кишварҳое мебошад, ки истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф намудааст. Муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Покистон 6 июни соли 1992 барқарор гардидаанд. Дар муддати 27 соли ҳамкорӣ байни Тоҷикистону Покистон бисёр санадҳои муҳим дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба имзо расидаанд. Бояд қайд кард, ки ба ғайр аз ҳамкориҳои дуҷониба ин ду кишвар дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналхалқӣ, ба монанди Созмони Ҳамкории Шанхай, СММ иштироки фаъол доранд [1,с.13].

Яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон соҳаи энергетика мебошад. Дар ин робита манофеи ду кишвар ба ҳам гиреҳ хӯрдааст: ниёзи мубрами иқтисоди Покистон ба неруи барқи арзони Тоҷикистон ва эҳтиёҷи Тоҷикистон ба сармоягузории хориҷӣ барои такмили тарҳҳои худ, ду кишварро дар масири тавсеаи равобит қарор додааст.

Яке аз лоиҳаҳои муҳимтарин дар соҳаи энергетика, ки дар он Тоҷикистону Покистон ҳамкорӣ доранд, ин лоиҳаи CASA - 1000 мебошад. Лоиҳаи мазкур сохтмони хатти баландшиддати интиқоли баркро (1200 км) бо бунёди се истгоҳи интиқоли барқ тариқи Қирғизистон ва Тоҷикистон ба Афғонистон ва Покистон дар бар мегирад.

Бо имзои тарҳи «CASA-1000" дар соли 2006 «Меморандум оид ба якдигарфаҳмӣ дар созмони “Бозори минтақавии савдои неруи барқ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ (CASAREM)» ва вобаста ба ин «Лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи байни Осиёи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ (CASA-1000)» амалӣ шуда истодааст, ки барои Покистон фурсати тозае чиҳати мушорикат дар тарҳҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон фароҳам омад. Бар асоси ин лоиҳа неруи барқи Осиёи Марказӣ ба Осиёи Ҷанубӣ интиқол дода хоҳад шуд.

Мақсади лоиҳа, созмон додани бозори минтақавии савдои неруи барқ дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, чиҳати фурӯши неруи барқи зиёдатии дар Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон дар фасли тобистон истеҳсолшаванда ва аз ин ҳисоб таъмин намудани Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Покистон бо неруи барқ мебошад.

Тибқи лоиҳа хатти интиқоли барқи Сангтӯда – Кобул – Пешовар (дар ҳудуди Тоҷикистон 117 км, дар ҳудуди Афғонистон 557 км ва дар ҳудуди Покистон 76 км) бо дарозии умумии 750 км таъсис дода мешавад.

Мавриди зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осаф Алии Зардорӣ ва Президенти Давлати Исломии Афғонистон Ҳамид Карзай 8 майи соли 2010 дар Вашингтон

бо раиси Бонки Ҷаҳонӣ Роберт Зеллик мулоқот анҷом доданд. Зимни мулоқот изҳор карда шуд, ки Афғонистону Покистон тайёранд ҳамкории иқтисодии минтақавиро густариш диҳанд. Ҳарду ҷониб паймон карданд, ки ба хариду фурӯши қувваи барқ дар байни мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ мусоидат хоҳанд кард.

Осаф Алии Зардорӣ ва Ҳамид Карзай ба кумаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ ва Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ, Бонки Рушди Исломӣ, Бонки Рушди Осиё ва ИМА дар ҳалли ин проблема изҳори сипос намуданд. Қайд карда шуд, ки созмонҳои байналхалқии молиявии зикршуда барои сохтмони хатҳои баландшиддати барқӣ маблағ ҷудо менамоянд. Зимни суҳбат қайд карда шуд, ки кашидани хатҳои баландшиддати интиқоли барқ аз Осиёи Марказӣ ба мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ ба ҷалби бештари сармоя ба соҳаҳои энергетикаю тиҷорат мусоидат карда, имкон хоҳад дод, ки дар байни Кобул ва Пешовар роҳҳои мошингард ва оҳан сохта шаванд.

Президентҳои Покистону Афғонистон дар фарҷоми мулоқоташон изҳороти муштарак дарҷ намуданд. Дар он барномаи пешниҳоднамудаи ИМА дар масъалаи сохтмони хатҳои баландшиддати интиқоли барқ аз Осиёи Марказӣ ба Осиёи Ҷанубӣ ва бо ин мақсад ҷудо намудани 680 миллион доллари ИМА дастгирӣ карда мешавад. Ба туфайли сохтмони хатҳои интиқоли барқ дар оянда барнома барои дастгирии ҷомеа амалӣ шуда, мутобиқан дар деҳаю ҷамоатҳое, ки аз ҳудуди онҳо хатти интиқоли барқи 500 кВ мегузарад, сохтмони хатҳои интиқоли барқ 0,4кВ, насби трансформаторҳои 4кВ, барқарорсозии сохтори бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ, барқарорсозии сохтори обёрии хоҷагии қишлоқ, барқарорсозии мактабҳою беморхонаҳо ва барқарорсозии роҳҳо пешбинӣ карда мешавад.

30 июли соли 2009 дар шаҳри Душанбе мулоқоти чорҷонибаи президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳ. Карзай, президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон О. А. Зардорӣ, президенти Федератсияи Россия Д. А. Медведев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон баргузор гашт. Дар ҷараёни мулоқот, ки дар фазои ҳусни тафоҳум ва якдигарфаҳмӣ сурат гирифт, сарони чор давлат самтҳои асосӣ ва дурнамои ҳамкориҳои чорҷонибаро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Моҳи сетябри соли 2011 президенти Покистон Асиф Алӣ Зардорӣ бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон барои иштирок дар вохӯрии чорҷонибаи Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон ва Федератсияи Россия ташриф овард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ дар бинои Қасри Миллат нахуст мулоқоти расмӣ анҷом дода, масоили густариши ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Покистонро дар музокироти сатҳи олӣ бо иштироки ҳайатҳои расмии ҳарду кишвар мавриди баррасӣ қарор доданд.

Соҳаҳои гидроэнергетика, нақлиёту коммуникатсия, кишоварзӣ, коркарди канданиҳои фоиданок, нахи пахта, пӯсту пашм, бозсозии корхонаҳои ресандагӣ, бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсоли матоъ ва либосу пойафзол, моводи шӯянда ва рангҳои гуногун, коркарди саноатии гӯшту шир ва меваю сабзавот, коркарди сангҳои қиматбаҳою ороишӣ, истеҳсоли доруворӣ ва ҳамчунин туризм аз самтҳои ояндадори ҳамкории иқтисодии ду кишвар маънидод гардиданд.

Сарони ду давлат ҳавасмандии худро ба татбиқи лоиҳаи минтақавии CASAREM, ки кашидани хатти 500 киловолтаи интиқоли неруи баркро аз Қирғизистону Тоҷикистон ба Афғонистону Покистон дар назар дорад, таъкид намуданд.

Ба густариши ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт, аз ҷумла ба пайвастани роҳҳои оҳану мошингарди Тоҷикистон бо бандарҳои баҳрии Қарочӣ ва Гвадари Покистон изҳори омодагӣ карда шуд. Ҳарду ҷониб ба мувофиқа расиданд, ки то охири соли равон миёни шаҳрҳои Душанбею Исломобод хатсайири мустақими ҳавоӣ кушода шавад.

Сарони ҳайатҳо изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистонро оид ба лоиҳаи интиқол ва фурӯши неруи барқ миёни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ «CASA 1000», ки 8 майи соли 2009 дар Вашингтон дарҷ гардид, дастгирӣ намуданд. Вобаста ба ин, тарафҳо ба гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Исломии Рушд барои дастгирии лоиҳаи «CASA 1000» миннатдорӣ баён карданд [3]. Ҷонибҳо аҳамияти иҷрои муқаррароти созишномаро миёни Тоҷикистон, Афғонистон, Қирғизистон ва Покистон оид ба таҳияи лоиҳаи сохтмони хатти интиқоли барқ «CASA 1000», инчунин инкишофи минбаъдаи бозори минтақавии неруи барқи Осиёи Миёна ва Осиёи Марказиро эътироф намуда, изҳор доштанд, ки ҳамбастагии низоми энергетикии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ метавонад барои ба даст овардани фоидаи иловагии иқтисодӣ мусоидат намояд. Дар мулоқот аҳаммияти ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ба манфиати тамоми халқҳои минтақа махсус таъкид гардид.

Дар Вазорати энергетика ва саноат ба мухбири АМИТ «Ховар» иттилоъ доданд, ки Бонки Ҷаҳонӣ масъалаи ҷудо намудани қарзи имтиёзнокро дар ҳаҷми 200 млн доллари амрикоӣ барои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Давлати Исломии Афғонистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Мавриди зикр аст, ки ҳаҷми умумии хароҷоти лоиҳаи CASA- 1000 барои сохтмон бо тамоми фоизҳои пешбинишуда 935 млн доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Аз рӯйи ҳисоби пешакӣ тақсими маблағи хароҷот барои чор давлати дар сохтмони лоиҳаи мазкур ширкаткунанда, аз ҷумла барои Тоҷикистон дар ҳаҷми 251 млн. доллар, Афғонистон–309млн Покистон– 96 млн ва барои Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳаҷми 196 млн доллар пешбинӣ шудааст. Чунон ки маълум шуд, ҳиссаи бештари маблағҳои қарзӣ дар сохтмони лоиҳаи CASA- 1000 ба дӯши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Исломии Афғонистон рост омадааст.

Бояд гуфт, ки дар соли 2014 дар Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гул Шералӣ бо Сафири Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Амҷад Ҳусейн Сиал баргузор гардид [5].

Дар вохӯрӣ масъалаи ҳамкориҳо вобаста ба ҷараёни корҳо дар самти беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ дар бахши татбиқи лоиҳаҳои сохтмони НБО-ҳо, бунёди корхонаҳои истеҳсоли семент, густариш ва фаъол намудани ҳамкориҳо ҷиҳати татбиқи лоиҳаи минтақавии «CASA-1000», ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар бахшҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ, саноати сабуку нассоҷӣ ва саноати хӯрокворӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Вобаста ба таърихи баргузории ҷаласаи навбатии 5-уми Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Покистон иброз гардид, ки дар айни замон он барои мувофиқа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон ирсол гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки сарвазири Федератсияи Русия Медведев Д.А. изҳор намуд, ки кишвараш аз тарҳи CASA-1000 ҳимоят мекунад ва омодааст, садҳо миллион доллар ба ин тарҳ сармоягзорӣ кунад. Ӯ афзуд: «Вақти он аст, ки аз сухан ба амал гузарем, тавре ки ҳамтоёни ман ҳам имрӯз зикр карданд. Чанд тарҳ мавҷуд аст, ки ба истилоҳ, рӯйи миз истодаанд ва ҳаракат намекунанд, аммо бояд амалӣ шаванд. Манзури ман, тарҳи CASA – 1000 аст, ки интиқоли энержӣ аз Қирғизистону Тоҷикистон ба Афғонистону Покистонро дар назар дорад. Русия омодааст, ки дар ин тарҳ ширкат кунад ва ҳатто маблағҳои бузург сармоягузорӣ намояд. Аммо барои ин бояд қарорҳои зарурӣ ва ташкилӣ ба тасвиб расанд, то моро ба он даъват кунанд. Ҳамчунин, сухан дар бораи тарҳҳои фаромиллии бузурги газ, дар мисоли (ТАПИ) меравад, ки мо дар он низ омодаем ширкат кунем» [3].

Президенти Федератсияи Русия дар ин бора зимни як нишасти матбуотӣ пас аз анҷоми нишасти чаҳоргонаи раҳбарони Афғонистону Покистон ва Тоҷикистону Русия дар Душанбе суҳбат орост. Ин нишасти савуми чаҳоргона тайи се соли охир аст, ки бо ибтикори Тоҷикистон ташкил шудааст ва дар оғоз як чаҳорчӯбаи баррасии масоили ҳамкориҳои иқтисодии чаҳор кишвар муаррифӣ шуда, масъалаҳои маҳдудтареро мавриди баррасӣ қарор дода буд.

Осиф Алӣ Зардорӣ, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон аз ҳамкориҳои чаҳоргона рӯйи мубориза муштарак алайҳи терроризм ва ифротгароӣ сухан кард, аммо аз муҳтавои нишаст бештар рӯйи ҳамкориҳои иқтисодӣ тамаркуз намуд: «Мо имрӯз имкон доштем, ки дар бораи «обҳои гарм» суҳбат кунем. Имрӯз мо тавонистем сари тиҷорат то «обҳои гарм», роҳҳои заминӣ ба «обҳои гарм» ва ҳамкориҳои минтақаву ҷаҳон музокираву суҳбат намоем. Кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ аз кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ абарқудрати Чин, Русия ва ҳам Покистон барои ҳалли мушкилоти оянда дар минтақа нақши созандаро умедворанд» [6].

Ҳомид Карзай, Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамкориҳо дар чаҳорчӯбаи чаҳоргонаро қисмати мантиқии кӯшишҳои байналмилалӣ барои ҳалли масоили минтақавӣ, қабл аз ҳама Афғонистон унвон кард: «Аз ҷониби ҷонибҳо лутф шуд, ки ба масъалаи Афғонистон таваҷҷуҳи зиёд карданд. Мо ҳам ба ҳамкории кишварҳои минтақа арҷгузорӣ мекунем ва нигарониҳои онҳоро дар робита ба Афғонистон дарк мекунем. Бовар дорем, ки самимият доред ва бо ҳам шоҳиди якояндаи дурахшон ва шукуфони кишвари мо хоҳем шуд».

Ҳамзамон, дар изҳороти муштараке, ки пас аз нишасти раҳбарони Русия, Покистон, Афғонистон ва Тоҷикистон пахш шуд, низ бар ҳамкориҳои муштарак алайҳи терроризму экстремизм, рушди равобити иқтисодӣ, қабл аз ҳама соҳаҳои тиҷорат, энергетикӣ, мухобарот, рушди зерсохторҳо ва сармоягузорӣ дар соҳоти саноат, сохтмон, кишоварзӣ ва кимиёву хӯрокворӣ таъкид шудааст.

Ҷонибҳо ба тавофуқ расиданд, ки як «харитаи роҳ»-и ҳамкории дарозмуддатро вазоратҳои иқтисоди чаҳор кишвар омода кунанд. Ҳамчунин, ҷонибҳо аз талошҳои

ҳукумати Афғонистон барои дастёбӣ ба мусолиҳаи миллӣ, ба уҳдаи неруҳои мусаллаҳи ин кишвар гузоштани амнияти кишвар дар чараёни «Раванди Кобул» ҷонибдорӣ карданд.

Пас аз анҷоми мулоқоти «Чоргонаи Душанбе» 2 сентябри соли 2013 дар шаҳри Душанбе изҳороти муштараки президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай, президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ, президенти Федератсияи Русия Дмитрий Анатолевич Медведев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баргузор шуд.

Сарони давлатҳо дар ҷараёни дӯстона, ки дар вазъияти ҳамкории амалӣ ва ҳамфикрӣ сурат гирифт, масоили муҳимми минтақавӣ, самтҳои асосӣ ва дурнамои ҳамкории чорҷонибаро бо дарназардошти ҷиҳатҳои мухталифи онҳо мавриди муҳокима қарор доданд.

Инчунин, 12 майи соли 2016 дар шаҳри Турсунзода бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, раиси иҷроияи Ҳукумати ваҳдати миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдулло Абдулло, сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф ва сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбай Жеенбеков ба оғози татбиқи Лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи CASA-1000 асос гузошта шуд.

Роҳбарони кишварҳо ба назди такягоҳи оҳании рамзи ифтитоҳи лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи CASA-1000 омада, бо калидҳо мурватҳоро ба такягоҳ тоб доданд. Сипас, бо пахши тугмаи рамзӣ татбиқи Лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи CASA-1000 расман оғоз гардид. Баъдан дар ҳамин ҷо вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмоналӣ Усмонзода аз рӯйи лавҳаи омодакарда ҳозиринро бо масири интиқоли неруи барқ тибқи лоиҳаи CASA-1000 шинос кард. Роҳбарони кишварҳои иштирокчии татбиқи ин лоиҳа бо сокинони шаҳри Турсунзода, ноҳияи Шаҳринав ва дигар фаъолони ҷумҳурӣ мулоқоти самимӣ доир карданд.

Дар маросими оғози татбиқи лоиҳа инчунин ҳайатҳои расмии Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон, Қирғизистон, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ иштирок намуданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон инчунин таъкид доштанд, ки оғози татбиқи лоиҳаи бунёди хатти интиқоли барқи CASA-1000 барои ҳамаи мо ҳамчун рамзи шурӯи ҳамкориҳои воқеӣ байни кишварҳои минтақаи фарохи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ лаҳзаи хотирмону дорои аҳаммияти таърихӣ мебошад. Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инчунин оид ба оғоз ва аҳаммияту афзалияти лоиҳаи CASA-1000 сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбай Жеенбеков, раиси иҷроияи Ҳукумати Ваҳдати миллии Афғонистон Абдулло Абдулло, сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф ва ноиби Президенти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба Осиёи Ҷанубӣ хонум Аннет Диксон андешаронӣ карданд.

Дар назар аст, ки фурӯшандагони неруи барқ - Тоҷикистон ва Қирғизистон дар моҳҳои май - сентябр то 5 миллиард киловатт соат, аз ҷумла 3 миллиард киловатт соат Тоҷикистон ба харидорон - Афғонистон ва Покистон таҳвил кард. Дар марҳилаи аввал хатти баландшиддати 500 киловаттаи интиқоли неруи барқ аз Даткаи Қирғизистон ба Хуҷанди Тоҷикистон бо дарозии 477 километр бунёд шуда, сипас сохтмони хатти баландшиддат аз Тоҷикистон ба Афғонистон ва аз он кишвар ба Покистон бо дарозии 750 километр оғоз шуд.

Маълум аст, ки барои тараққӣ ва инкишоф додани иқтисодиёт неруи барқ хеле муҳим аст. Барқ муҳимтарин соҳаи рушд барои ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Ин тарҳ норасоии барқро коҳиш дода, дар ташаккули бозори энергетикӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратии кишварҳои шарик, таъсиси ҷойҳои корӣ бо дарназардошти як қатор манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ҳиссагузор хоҳад буд.

Ҳамин тавр, робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар ин самт метавонанд бахри интиқол ва савдои минтақавии барқи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ мусоидат намуда, муносибати ин ду қитъаро боз мустаҳкамтар гардонанд.

**АДАБИЁТ**


1. Ҳ. Зарифӣ. Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз. Монография. - Д.: Ирфон, 2009. – 296с.-Ҷ.1.
2. Назаров Т.Н. Экономическая реформа, сотрудничество и безопасность. Монография / Т.Н. Назаров. – Д.: Эр-граф, 2013. - 264с.
3. Оймањмадов М. Иќтисоди љањон. Монография/ М.Оймањмадов, М.Муртазоев. -Т., 2001.- 127с.
4. Њ. Зарифї. Многовекторная дипломатия Таджикистана. - Д.: Офсет, 2009.- 352с.
5. Саидзода З. Сиёсати давлатии Президент Э. Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон. Монография/ З.Саидзода, Ф.Саидов. -Д.: ЧДММ «Кон-траст», 2012. – 164с.
6. Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмонова. Монография/ З.Саидов. - Д.: Авасто, 2000. -160.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016 [манбаи электронӣ]. URL:http://www.president.tj/node/6930
8. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (14.11.2014) http://mfa.tj/bsdhsueqrh.html?l=tj&cat=8&art=674

9. Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон http://www.tajsohtmon.tj/.
10. Пресс-центр ТПП Таджикистана. http://tpp.tj/2018/10/16/peregovory- sharif-saida-s-sopredsedatelem-soveta-predprinimatelej-pakistan-tadzhikistan

## НАКШИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола яке аз лоиҳаҳои муҳиме, ки Тоҷикистону Покистон саҳм доранд -CASA-1000, ки он сохтмони хатти баландшиддати интиқоли баркро бо бунёди се истгоҳи интиқоли барқ тариқи Қирғизистон ва Тоҷикистон ба Афғонистон ва Покистон дар бар мегирад, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Покистон яке аз шарикони боэътимоди тиҷоратии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Гардиши мол миёни кишвар беш аз 50 млн долларро ташкил медиҳад. Аз Тоҷикистон ба ҳамсоякишвари Покистон маҳсулоти боғдорӣ, нахи пахта ва аз Покистон ба Тоҷикистон маҳсулоти саноати сабук ва кишоварзӣ ворид мегардад. Яке аз самтҳои ояндадори ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Покистон бунёди корхонаи неруи барқ ва интиқоли он ба Покистон мебошад. Иншооти бузурги стратегии ин ду кишвар бунёди хатти интиқоли неруи барқ бо унвони CASA-1000 мебошад, ки соли 2015 сохтмони он оғоз ёфта, тавассути он неруи барқи арзон аз Қирғизистон ва Тоҷикистон ба Афғонистон ва Покистон интиқол дода мешавад. Тоҷикистон ва Покистон инчунин дар доираи созмони байналмилалии минтақавии Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамкориҳоро вусъат дода истодаанд. Дар доираи ин созмон ҳамкориҳои тиҷорати – иқтисодӣ ва илмиву фарҳангии ин ду кишвар ривоҷу равнақ хоҳад ёфт, ки ба манфиати халқҳои ҳарду кишвар мебошад.

**Калидвожаҳо**: муносибатҳои дуҷониба, ҳамкориҳо, истиқлолият, барқ, савдо, минтақа, манфиат, иқтисодиёт, тиҷорат.

## РОЛЬ ПАКИСТАНА В РАЗВИИ ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕФОРМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается сотрудничество Республики Таджикистан и Исламской Республики Пакистан в сфере энергетики на примере совместного строительства высоковольтной линии электропередач CASA-1000 из Кыргызстана и Таджикистана в Афганистан и Пакистан. Торговый оборот между двумя странами составляет более 50 млн. долл. США. Из Таджикистана в Пакистан поставляется сельскохозяйственная продукция, хлопковое волокно, а из Пакистана в Таджикистан импортируется промышленные и сельхозтовары. Одним из важных направлений сотрудничества Таджикистана с Пакистаном является создание гидроэнергетики, а ее транспортировка в Пакистан. В этой сфере основным стратегическим совместным объектом двух стран является строительство линии электропередач CASA-1000. Строительство данного объекта началось в 2015 году, посредством этой линии дешевая электроэнергия из Кыргызстана и Таджикистана поставляется в Афганистан и Пакистан. Таджикистан и Пакистан сотрудничают в рамках международной региональной Шанхайской организации сотрудничества (ШОС). В рамках этой организации расширяется торгово-экономическое, научно-культурное сотрудничество между двумя странами в интересах обеих стран.

**Ключевое слова:** двусторонние отношения, сотрудничество, независимость, энергетика, регион, экономика, торговля, интерес.

## THE ROLE OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF PAKISTAN IN SOLVING ENERGY PROBLEMS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses the cooperation of the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Pakistan in the field of energy on the example of the joint construction of a high-voltage transmission line CASA-1000 from Kyrgyzstan and Tajikistan to Afghanistan and Pakistan. The trade turnover between the two countries is more than $ 50 million. Agricultural products from cotton fiber are supplied to Tajikistan from Pakistan, while industrial and agricultural products are imported from Pakistan to Tajikistan. One of the important areas of cooperation between Tajikistan and Pakistan is the creation of hydropower, and its transportation to Pakistan. In this area, the main strategic joint facility of the two countries is the construction of a transmission line CASA-1000. Construction of this object began in 2015, through this line cheap electricity from Kyrgyzstan and Tajikistan is supplied to Afghanistan and Pakistan. Tajikistan and Pakistan cooperate in the framework of the Shanghai International Cooperation Organization (SCO). Within this organization, trade, economic, scientific and cultural cooperation between the two countries is expanding in the interests of both countries.

**Key words**: bilateral relations, cooperation, independence, energy, region, economy, trade, interest.

**Сведения об авторе:** ***Джумаева Парвона Абдувохидовна*** **–** Научно-исследовательский иниститут Таджикского нациального университета, старший научный сотрудник отдела социально-экономических и гуманитарных наук **Адрес:** 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **985-39-40-00**

**Information about the author:** ***Jumaeva Parvona Abduvohidovna*** **-** Research Institute of Tajik National University, Senior Researcher, Department of Socio-Economic and Humanitarian Sciences Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 17. Phone: **985-39-40-00**

УДК: 930+32.001 (575.3)

# МАФҲУМИ РАВАНДИ ДАВЛАТ-МИЛЛАТСОЗӢ

*Воҳидов Насриддини Ҳ.*
**Институти идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар адабиёт ва сарчашмаҳои байналмилалӣ маъмулан вақте ба мафҳуми давлат-миллатсозӣ бозмегарданд, онро раванди ягона дар назар мегиранд, чунки ба таври суннатӣ ва дар ибтидо ба давлат-миллат ҳамчун воҳиди ягона назар мекарданд. Барои боз ҳам беҳтару хубтар дарк намудани масъала, хусусан чигунагии раванди сохта шудан ва таҳаввули он, давлат ва миллатро бояд ба ҳайси ду воҳид дар назар дошта бошем. Албатта, он пешрафтҳое, ки дар Аврупои Шарқӣ аз асри 16 ба вуқӯъ пайвастанд, ин ду равандро то андозае ба ҳам наздик намуд. Марзҳои давлатӣ чунон бо марзҳои ҳувиятӣ ва ҷамъиятӣ наздик шуданд, ки ҳақиқатан ин раванд дар як асос ва сохтори ягонаи иҷтимоӣ, бахусус намунаҳои муваффақи давлат-миллатсозиро аз нигоҳи байналмилалӣ нишон медиҳанд. Дар ҳамин асос истифодаи мафҳуми давлати миллӣ дар воқеъ баёнгари иртиботи наздики ин ду раванд буда, бо гузашти замон ва такомулашон дар қолаб ва чаҳорчӯбаи як воҳид, арзёбӣ карда мешуданд. Вале ҳамон гуна ки қаблан гуфтем, корбурди давлати миллӣ бо ин хусусиятҳо барои бисёре аз бозингарони давлатӣ дар ҷаҳон имконпазир нест. Зеро раванди давлат-миллатсозӣ дар бисёре аз воҳидҳои кишварӣ дар ҷаҳон, ба таври бояду шояд иҷро нашудааст. Бештари онҳоро дар мисоли шабеҳи давлатҳо ё кишварҳои пасоистеъморӣ муаррифӣ бояд кард.

Аввалан, дар ин воҳидҳо марз ва ҷудо намудани давлат ва миллат возеҳу равшан аст. Дувум ин ки худи давлат ё умуман рушд накардааст ва ё сохторҳои ҳувиятии ба ном миллат бо сабаби чандпорчагиҳо ва мушкилоти ҳувиятӣ аз ҷумла қавмӣ, аз худ дарак медиҳанд. Омӯзиши раванди давлат-миллатсозӣ бештар барои воҳидҳои кишварӣ тавсия ва амалӣ карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар раванди давлат-миллатсозиро метавон дар ду бахши мафҳумӣ маънидод кард. Ба ин маъно имкон дорад, ки раванди давлатсозӣ аз раванди миллатсозӣ дар вазъияти пешрафтатаре қарор дошта бошад ва ё баръакс. Албатта, ин ду раванд дар иртиботи ҳамешагӣ қарор дошта, бо ҳам пеш мераванд ва бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Ҳамин аст, ки одатан аз мафҳуми “давлат-миллатсозӣ” дар шакли як истилоҳ ва ё як ибораи ягона ёд мешавад. Албатта, вақте ки аз давлатсозӣ ва миллатсозӣ низ (дар алоҳидагӣ) истифода мешавад, хоҳу нохоҳ ин ду раванд ба таври доимӣ дар иртибот ҳастанд. Пас метавон ба чунин хулоса омад, ки ин равандҳоро наметавон ва набояд айни якдигар ва ҳаммонанд дар назар гирифт, вале дар айни ҳол комилан ҷудо ва беиртибот донистани ин ду раванд низ иштибоҳ аст. Ҳамин аст, ки дар ин мақола мафҳуми давлат-миллатсозӣ тавсия мешавад.

Дар мавриди маъно ва чӣ будани ин раванд низ таъриф ва назарҳои мухталиф вуҷуд доранд. Мафҳуми миллатсозӣ ба таври хос миёни донишмандон ва олимони сиёсии Амрико, як даҳа ё бештар пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор гирифт. Аз он бештар барои тавсифи ҳамгироии васеъ миёни давлат ва ҷомеа, ки шаҳрвандиро омили вафодорӣ ба давлат-миллати муосир тавсиф мекард, истифода мешуд.

Аз ҷумла, ба назари муҳаққиқони амрикоӣ дар ин давра, метавон ба назари Рейнхард Бендикс - густариши ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи иштироки сиёсӣ дар ин раванд, Карл Дойч - нақши робитаи иҷтимоӣ ва ҳамгироии миллӣ дар ин раванд, Алмонд ва Колман [1, с. 218] (Almond and Coleman) – роҳёфтҳои коркардгароёна дар пайи фаҳмиши муқоисаи низомҳои сиёсии кишварҳои дар ҳоли рушд, бахусус аз роҳи коркардҳои дарундодии (political capacity) ин низомҳо дар фарқгузории марҳилаи рушди сиёсиашон ишора намуд [2].

Бештар мафҳуми “давлатсозӣ” дар мавриди “рушди ниҳодҳои ҳукуматмадорӣ” натиҷа хоҳад дод. Вале “миллатсозӣ” дар мавриди “тавсеа ва рушди як ҳувияти муштарак” [3, с. 29] дар қолаби миллат ва ҳувияти миллӣ ба назар мерасад. Ба ин маъно давлатсозӣ равандест ба

сӯи давлатмадорӣ ва миллатсозӣ раванде аст ба сӯйи як ҳувияти муштарак ё ҳамзистии миллӣ. Keith Jaggers давлатсозиро ба таври мафҳумӣ чунин таъриф медиҳад: "Давлатсозӣ, маъмулан, ба ҳайси тавоноии давлат барои мутамарказ намудани қудрат мебошад. Давлатсозӣ равандест, ки давлат на танҳо аз нуқтаи назари манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷбори ҳукуматӣ, ҳамчунин аз нуқтаи назари қудрати ниҳодӣ ва сиёсӣ, рушд хоҳад кард". Ӯ муътақид аст, ки қудрати давлат дар се шохаи гуногун инъикос меёбад:

- қудрат ба ҳайси тавонии миллӣ (National Capabilities);
- қудрат ба ҳайси қобилиятҳои сиёсӣ (Political Capacity);
- қудрат ба ҳайси муттаҳидшавии ниҳодҳо (Institutional Coherence) [4, с. 29].

Агар ба таърихи сохта шудани давлатҳо низ назар афканем, возеҳу равшан мебинем, ки дар маҷмӯъ ин раванд дар асоси қудрат пеш рафтааст [5, с. 97]. Гуфтаҳои боло як таърифи дуруст маънидод карда мешавад ва ҳамаи ин мавридҳо бо шохаҳои давлат-миллатсозӣ алоқамандии зич доранд. Бешак, раванди давлат-миллатсозӣ бо ангеза ва мақсади мутамарказ намудани қудрат, ҳамчунин тақвият бахшидани як воҳид, яъне кишвар пайгирӣ карда мешавад. Вақте аз қобилиятсозӣ ва тавони он суҳбат мекунем, мақсад баланд бардоштани коркардҳои давлатӣ, ба монанди дифоъ, назму низом, қонуният, идораи босамари макро ва микро иқтисод ва ғайраро дар назар дорем.

Албатта, ин имкониятҳо бояд баробар ва бо авлавиятҳо пеш раванд. Барои мисол, дар марҳилаи аввали давлатсозӣ, тавони муҳофизатӣ аз аҳаммияти аввалиндараҷа бархӯрдор мебошад. Албатта, бо мурури замон, давлат дар заминаи боло бурдани ҳарчи бештари қобилият ва имкониятҳои сиёсӣ, тақвият бахшидани низоми таълим, афзоиши ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ва ғайра низ, бояд пешрафти назаррасеро соҳиб гардад [6, с. 6-15 ]. Мафҳуми давлатсозӣ метавонад ба ҳайси як раванде пешниҳод шавад, ки зери он як иқтидори бузурге барои таъмини назм ва низоми ҳуқуқӣ ва расидан ба суботи сиёсӣ дар чаҳорчӯбаи як давлат-миллат фаҳмида шавад...

Маркази рушди ҷаҳонӣ (Center for Global Development) чунин таъкид мекунад, ки мавҷудияти давлатҳои ноком ва заиф, ба монанди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Гаити ва Либерия ба амнияти ҷаҳонӣ таҳдид мекунанд. Бинобар ин давлатсозиро як зарурияти муҳим пешниҳод намуда, онро чунин таъриф медиҳад: "Давлатсозӣ ба маънои эҷод ва тақвияти ниҳодҳои лозим барои ҳимоят аз рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии дарозмуддат аст". Дар ин таъриф, ниҳодҳои давлатие, ки асосан бояд эҷод ва тақвият шаванд, дар ин якчанд маворид баршумурда нд

- мақомоти қонунгузор (монанди Конгресси ИМА ва монанди Маҷлис ва раванди қонунгузорӣ дар Тоҷикистон);
- низомҳои судӣ (монанди низомҳои судии федералӣ ва барои назорат аз рӯйи қонунҳо);
- коргузориҳои иҷроӣ (монанди ниҳодҳои хазинадорӣ, маориф, ҳамлу нақл ва ғайра) [7].

Ин таърифи ҳадди ақали (танг кардани доираи мафҳуми) давлатсозӣ қаламдод мегардад ва бештар барои давлатсозӣ аз берун бо дахолати хориҷиён амалӣ мешавад. Айнан, таърифе, ки аз ҷониби муассиса пешниҳод шуда буд. Муассисаи амрикоии Ронд ва Шӯрои равобити хориҷии Амрико низ миллатсозиро, ки бештар ба давлатсозӣ ҳаммонандӣ дорад, чунин таъриф медиҳад: "Раванди бавуҷудоии назми маданӣ (Civic Order) ва коркардҳои ҳукуматӣ дар кишварҳое, ки аз як давраи ҷанг ва ё дигар намуди мунозиаҳо берун омадаанд, мисоли кишварҳои Ироқ, Афғонистон, Босния, Сомали ва Мозамбик метавон мушоҳида кард" [8]. Ба назари муаллиф, ин таъриф бисёр коста ва ҳатто метавонад нодуруст бошад. Зеро чигунае ки дар адабиёт ва сарчашмаҳои мухталиф мебинем, раванди давлат-миллатсозӣ ҷараёне мебошад, ки на танҳо дар кишварҳои заиф ва пасоистеъморӣ маҳдуд мешавад, ҳатто дар пешрафтатарин кишварҳо ҳанӯз идома дорад. Барои мисол, Испания то ҳол натавонистааст мушкилоти дохилии худро бо Каталония ҳаллу фасл намояд, Федератсия Россия, Ҷумҳурии Туркия, Гурҷистонро низ метавон мисолҳо овард.

Бешубҳа, раванди давлат-миллатсозӣ комилан хосси кишварҳои нав аз ҷанг баромада набуда, дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳони сеюм ба таври ҷиддӣ мушоҳида мешавад. Албатта, кишварҳое, ки нав истиқлолият ба даст овардаанд, ё аз ҷанг ва ноамниҳои дохилӣ баромадаанд, бештар аз назари раванди давлат-миллатсозӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, одатан дар мадди назари амнияти ҷаҳонӣ қарор мегиранд.

Аксари муҳаққиқони соҳа ба чунин хулоса омадаанд, ки раванди давлат-миллатсозӣ хосси давлатҳои заиф ва ноком набуда, ҳатто дар бисёре аз кишварҳои пешрафтаи Аврупо низ ба авҷи худ нарасидааст. Агарчанде пешрафтҳои назаррасе дар онҳо дида мешаванд, вале ҳанӯз ҳам дар масоили ҳамбастагӣ ва якпорчагии миллӣ, ҳалли масоили ҳувиятӣ рӯ ба рӯ ҳастанд.

Ҳамзамон, набояд ин нуктаро фаромӯш кард, ки раванди мазкур дар аксари кишварҳои ҷануб ва ё худ кишварҳои пасоистеъморӣ дар вазъияти начандон хубе қарор дорад. Ҳатто бо гузашти солҳои зиёд аз соҳибистиқлолияшон, раванди давлат-миллатсозӣ дар кишварҳои ҷануб бо дарназардошти решаҳои таърихии чандҳазорсолаашон аз назари пешрафт,чандон ба муваффақият нарасидаанд. Дар давоми садсолаи оянда низ бо чунин вазъияте, ки пеш мераванд ба монанди кишварҳои Аврупои Шимолу-Ғарбӣ пеш раванд, ба натиҷаҳои назаррас нахоҳанд расид...

Дар ниҳоят, метавон ба ин нукта ишора кард, ки давлат-миллатсозиро ба ҳайси як барномаи давлатӣ бояд дар назар гирифт. Баъдан, дар моделҳои давлат-миллатсозӣ хоҳем дид, бахусус ин вазъият дар мисолҳои кишварҳои шарқӣ ё ғайри аврупоӣ мушоҳида мешавад. Дар ҳақиқат, давлат баъди таъсисёбиаш метавонад раванди миллатсозиро дар доираи як барнома пеш барад. Барои мисол, дар чунин шароит давлат бо сиёсат ва барномаҳои худ ҳатто неруи миллатгароиро низ дар тобеияти худ гирифта, аз он барои ҳамгироӣ ва якпорчагии миллиаш истифода мебарад. Барномаи давлатсозӣ ва миллатсозӣ, бахусус дар модели аз берун роҳандозишуда, ба монанди Афғонистон ва Ироқ, ки Амрико кӯшиш кардааст дар давраи пас аз ишғоли онҳо давлат-миллатсозиро дар қолаби як барномаи тарҳрезишуда амалӣ намояд, вале бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шудааст.

Бинобар ин миллатсозӣ раванде мебошад, ки танҳо идоракунии як давлати хос ва алоҳидаро фаро мегирад. Ин идоракунӣ ба таври куллӣ тавассути як кишвар ташкил мешавад ва дар як сарзамин ва ҷамъияти муайян сурат мегирад. Дар ҳақиқат имкони ноамнӣ, ба вуқӯъ пайвастани ҷанг, шикаст ва ҳатто фурупошии давлат (ба монанди Ироқ, Афғонистон, Сомали...) имкон дорад. Дар ин сурат як бозингари хориҷӣ, ки метавонад кишвар ё созмон бошад, кӯшиш мекунад, ки оромии кишвари навро таъмин намояд ва ба ин роҳ дар пешбурди раванди давлат-миллатсозӣ дахолат намояд.

Дар пешбурди раванди миллатсозӣ омили иқтисодӣ низ нақши муҳим ва ҳалкунанда дорад. Дар ҳақиқат сарчашмаҳои бузурги иқтисодӣ дар пешбурди беҳтари раванди миллатсозӣ ва амалинамоии барномаҳои давлатӣ, тавони давлатро афзоиш медиҳанд. Шароити таърихӣ (вақтро дар назар дорем), мавқеи геополитикӣ ва низоми байналмилалӣ низ аз унсурҳои бисёр муҳим дар ин раванд маҳсуб меёбанд.

Мувофиқи гузориши "Play to win" (Бозӣ барои бурд), ки тавассути "Commission on Post-Conflict Restruction" (Комиссияи бозсозии баъдиҷангӣ) ва бо ҳимояти "Center for Strategic and International Studies" (Маркази стратегӣ ва омӯзиши байналмилалӣ) ва ҳамзамон аз ҷониби "Association of the U.S. Army" (Анҷумани артиши ИМА) дар раванди давлат-миллатсозӣ, бахусус дар ҳолати баъдиҷангӣ авлавиятҳои мазкурро пешниҳод намудаанд, ки иборатанд аз:

- **амният -** эҷоди як муҳити ором барои шаҳрвандон;
- **ислоҳоти сиёсӣ -** эҷоди як ҷомеаи шаҳрвандӣ, тавсеаи ниҳодҳои ҳукумати маҳаллӣ, кафолати озодии матбуот ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон;

- **бозсозии иқтисодӣ** - бозсозии инфраструктураҳои иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, бахусус дар бахши кишоварзӣ, рақобати озоди тиҷоратӣ, ташкили минтақаҳои озоди тиҷоратӣ ва саноатикунонии кишвар;

- **тақвияти ниҳодҳои ҳуқуқӣ** - кафолати як низоми судии мустақил [9], мустақилияти вакилони ҳуқуқӣ (адвокатҳо) ва ғайра.

Хулоса, раванди давлат-миллатсозӣ фаротар аз намунаҳои кишварҳои ноком ё пасоистеъморӣ буда, новобаста аз мавқеи ҷойгиршавӣ ва дигар имкониятҳои мавҷуда, дарбаргирандаи кишварҳои мухталифи ҷаҳон мебошад. Аз ҷумла кишварҳои пасошӯравӣ намунаи ошкорои ин раванд буда, дар давраи пас аз ҷанги сард ба шиддат ва ҳатто дар баъзе маворид ба таври хушунатомез - барои мисол Тоҷикистон - бо ин раванд рӯ ба рӯ гардидаанд. Ҳамин гуна раванди давлат-миллатсозӣ дар тамоми минтақаҳои олам вобаста ба шароит ва дар вазъиятҳои мухталиф идома дорад.

Бояд тазаккур дод, ки аксари муҳаққиқони соҳа, ки дар боло аз онҳо ишора кардем, чунин ақида доранд, ки давлат-миллатсозӣ ду раванди ҷудогона ва мухталиф мебошанд. Хуб мешуд, таъриферо баён намоем, ки битавонад ин ду равандро дар як қолаб ё дар як мазмун фаро гирад. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи раванди давлат-миллатсозӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст: "Давлат-миллатсозӣ равандест, ки зери он як ҷомеаи сиёсӣ кӯшиш менамояд, ба воситаи мутамарказ намудани қудрат ва тавсеаи ниҳодҳои ҳукуматӣ, худмухторӣ, касби истиқлолият ва ҳокимияти худро равнақ бахшад. Вобаста ба чунин мақсад, раванди давлат-миллатсозӣ ба афзоиши ҳамбастагӣ ва якпорчагии миллӣ, суботи сиёсӣ, хусусан ба тавсеаи ниҳодҳои демократӣ алоқаманд мебошад. Ҳадафи чунин раванд такмили ҳарчи бештари давлат (ҳамчун як сохтори пурқувват) ва миллат (ҳамчун як омили якпорчагии иҷтимоӣ ва дорои ҳувияти ягона) ба ҳам алоқамандии ногусастанӣ доранд".

Дар ниҳоят, давлат ва миллат, сохтори дар ҳам танида ва ҷудонашаванда ба назар мерасад, яъне миллат давлатро аз худ ва барои худ медонад. Дар ин таъриф, метавон хулоса кард, ки давлат ва миллатсозӣ ду раванди алоҳида набуда, дар ҳам танида мебошанд. Кишвари ҷавоне мисли Тоҷикистон, дар замони пасошӯравӣ раванди хуби давлат-миллатсозиро оғоз намуд. Аммо, мутаассифона, ба сабаби оғози ҷанги шаҳрвандӣ, ин раванд нисбатан ба таъхир гузошта шуд. Ҷанг, илова бар заиф кардани ниҳодҳои ҳукуматӣ ва институтҳои иҷтимоию иқтисодӣ, миллати моро беш аз пеш пароканда кард. Вале бо барномаҳои ҳукуматие, ки дар солҳои баъдиҷангӣ ба иҷро расиданд, ниҳодҳои ҳукуматӣ пурқувват карда шуданд ва қудрат мутамарказ шуд. Ин ба раванди миллатсозӣ низ кумак кард ва масири ҳувиятёбии тоҷиконро низ ҳамвортар сохт.

Барои фаҳми бештару беҳтари ин раванд, таҷрибаи раванди давлат-миллатсозиро дар кишварҳои дигар бояд омӯхт ва ҷанбаҳои мусбату манфии онҳоро дар ҷойҳои лозим бояд истифода кард.

**АДАБИЁТ**


1. Almond Gabriel A. and Coleman James S. The politics of the Developing Areas, Princeton University Press 1960. pp. 312
2. Stephenson Carolyn, "Nation Building" 2005, available at : https://www.beyondintractability.org/essay/nation_building/%3B (Accessed: 10.08.2019)
3. Ian Bremer, Nation- and State-Building in Eurasia, Georgetown Journal of International Affairs Vol. 4, No. 1 (Winter/Spring 2003), pp. 29-37
4. Jiggers Keith "War and the Three Faces of Power: War Making and State Making in Europe and the Americas", Comparative Political Studies, Vol. 25, on, 1, April 1992. pp. 124
5. Skocpol Theda. Бозгардонидани давлат: стратегияҳои таҳлилӣ дар таҳқиқоти имрӯз, Фаслномаи гуфтугу, №45. Саҳ. 129
6. Fukuyama, Francis, State-Building, Governance and World Order in the 21st Century, Ithaca, New York. 2004. pp. 160
7. Center for Global Development "Rich World, Poor World: A Guide to Global Development", 2005. http://www.cgdev.org (Accessed: 12.11.2007)
8. Pan, Esther "United Nations: Nation-Building" , Council on Foreign Relation, (October 2, 2003), https://www.cfr.org/backgrounder/united-nations-nation-building (Accessed: 06.07.2019)
9. Center for Strategic & International Studies, "Play to win: report of the Post-Conflict Reconstruction Commission", Washington D.C. (January1, 2003), http://www.csis.org/ (Accessed: 08.08.2019)

## МАФҲУМИ РАВАНДИ ДАВЛАТ-МИЛЛАТСОЗӢ

Худи мафҳуми давлат-миллатсозӣ чист ва чӣ гуна сурат мегирад? Оё давлат-миллатсозӣ раванди ягона аст, ё ин ки давлатсозӣ ва миллатсозиро аз ҳам ҷудо ба назар бигирем? Ин саволҳое ҳастанд, ки дар ин навишта ба онҳо ба таври кӯтоҳ ҷавоб гуфта мешавад. Мо дар ин навишта, бар ин назарем, ки давлат-миллатсозиро ду раванди аз ҳам ҷудо бояд дар назар бигирем. Бо вуҷуди ин, ин ду истилоҳро аз назари сиёсӣ, ба ҳамдигар бисёр наздик ва дар ҳам танида бояд донист. Ҳукуматҳои навташкил, пас аз сохтани давлати муқтадир аввалин коре, ки мекунанд, миллатсозӣ ва тақвияти ҳувияти миллӣ аст. Дар айни ҳол, давлат бе миллат наметавонад вуҷуд дошта бошад. Кишвари ҷавоне мисли Тоҷикистон, дар замони пасошӯравӣ раванди хуби давлат-миллатсозиро оғоз намуд. Аммо, мутаассифона, ба сабаби оғози ҷанги шаҳрвандӣ, ин раванд нисбатан ба таъхир гузошта шуд. Ҷанг, илова бар заиф кардани ниҳодҳои ҳукуматӣ ва институтҳои иҷтимоию иқтисодӣ, миллати моро беш аз пеш пароканда кард. Вале бо барномаҳои ҳукуматие, ки дар солҳои баъдиҷангӣ ба иҷро расиданд, ниҳодҳои ҳукуматӣ пурқувват карда шуданд ва қудрат мутамарказ шуд. Ин ба раванди миллатсозӣ низ кумак кард ва масири ҳувиятёбии тоҷиконро низ ҳамвортар сохт.

**Калидвожаҳо:** Давлатсозӣ, миллатсозӣ, мафҳум ва маънои давлат-миллатсозӣ.

## КОНЦЕПЦИЯ ПРОЦЕССА ГОСУДАРСТВЕННО-НАЦИОНАЛЬНОГО СТРОИТЕЛЬСТВА

Что такое понятие государственно-национального строительства и как оно происходит? Государственно-национальное строительство единый процесс, или мы должны рассматривать национальное строительство и государственное строительство отдельно? Вот некоторые из вопросов, на которые даны ответы в этой статье. В этом отрывке мы считаем, что государственное строительство должно учитываться в двух отдельных процессах. Однако эти два термина должны быть признаны политически очень тесными. Новые правительства после создания мощного государства в первую очередь строят нацию и укрепляют национальную идентичность. В то же время государство не может существовать без нации. Молодая страна, такая как Таджикистан, в постсоветский период начала хороший процесс национального строительства. Но, к сожалению, из-за начала гражданской войны этот процесс был на некоторое время отложен. Война, в дополнение к ослаблению государственных и социально-экономических институтов, еще больше расколола нашу нацию. Однако благодаря государственным программам, реализованным в послевоенные годы, государственные институты были усилены, а власть укреплена. Это также помогло процессу построения нации и сделало таджикскую идентичность более сложной.

**Ключевые слова:** национальное строительство, государственное строительство, значение государственно-национального строительства, новые независимые государства.

## THE CONCEPT OF THE STATE-NATION BUILDING PROCESS

What is the notion of state-nation building and how does it happen? Is state-nation building a single process, or we have to consider nation building and state building separately? These are some of the questions that are answered in this article. In this passage, we consider that state-nation building must be taken into account in two separate processes. However, these two terms should be recognized politically, very closely and intimately. New governments, after building a powerful state, the first thing they do is nation building and strengthen national identity. At the same time, a state cannot exist without a nation. A young country like Tajikistan, during the post-Soviet period, began a good process of nation building. But, unfortunately, because of the outbreak of the civil war, the process was relatively delayed. The war, in addition to the weakening of government institutions and socio-economic institutions, has further divided our nation. However, with government programs implemented in the postwar years, government institutions were strengthened and power was concentrated. This also helped the nation building process and made the Tajikistani identity more sophisticated.

**Keywords**: State building, nation building, the meaning of state-nation building, the newly independent states.

**Сведения об авторе:** ***Вохидов Насридин Хизбуллоевич*** –Институт государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, ассистент кафедры международных отношений и политических процессов. **Адрес:**734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33. Телефон: **(+992) 55 55 55147**, E-mail: vokhidzoda.nasriddin@mail.ru

**Information about the author:** ***Vohidov Nasridin Hizbulloevich*** –Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, assistant of the Department of International Relations and Political Processes. **Address:** 734003, Dushanbe, Said Nosir str. 33, phone: **(+992)555555147,** E-mail: **vokhidzoda.nasriddin@mail.ru**

УДК: 93+32+891. 550 (575.3)

# РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН

*Шарофов Э.У., Рауфова З.Н.*
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ**

Муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 15 июли соли 1992 барқарор гардидаанд.

Муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ дар таъмини рушди бемайлони иқтисоди кишвар, сулҳу субот ва амнияти минтақа мебошанд, аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд.

Дар ҳошияи татбиқи Аҳдномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамсоягии нек мулоқотҳои президентҳои ду кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1993, 1996, 2001 ва дар Афғонистон солҳои 1993, 1995 баргузор гардида, дар ҷараёни онҳо доираи васеи масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо, аз ҷумла, оромии вазъ дар сарҳад ва ҳаллу фасли низои дохилии Тоҷикистон ва Афғонистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Моҳи декабри соли 1993 сафари расмии Президенти Давлати Исломии Афғонистон Бурҳонуддин Раббонӣ ба Тоҷикистон сурат гирифт, ки дар рафти он ҳуҷҷатҳои ҳамкории дуҷониба ба имзо расиданд. Ин нахустин боздиди роҳбари давлати хориҷӣ аз Тоҷикистони соҳибистиқлол буд.

22 октябри соли 2001 дар Душанбе бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мулоқоти сарони кишварҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Россия роҷеъ ба авзои Афғонистон баргузор гардид. Дар вохӯрӣ роҳбарони давлатҳо, вазирони корҳои хориҷӣ, вазирони мудофиа ва дигар шахсони расмии ин кишварҳо иштирок доштанд. Тарафҳо бо назардошти вазъи муташанниҷи Афғонистон зарурат ва аҳаммияти машваратҳои доимиро дар сатҳҳои мухталиф махсус таъкид намуда, ҳамзамон ҷонибдории комили худро дар мавриди таъсиси ҳукумати фарогир бо иштироки намояндагони тамоми халқҳо ва гурӯҳҳои этникии Афғонистон аз тариқи интихоботи озод изҳор доштанд [1,с.91].

3 ноябри соли 2002 маросими ифтитоҳи яке аз пулҳои миёни Тоҷикистон ва Афғонистон болои дарёи Панҷ дар минтақаи Хоруғ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шоҳзода Карим, Оғохони IV ва ҳайати Афғонистон бо роҳбарии муовини раиси Ҳукумати Интиқолии Исломии Афғонистон баргузор гардид.

26 ноябри соли 2002 дар шаҳри Душанбе миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Интиқолии Исломии Афғонистон Созишнома дар бораи ифтитоҳи Консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Мазори Шариф ва Консулгарии Афғонистон дар шаҳри Хоруғ ба имзо расид [3,с.48].

23-28 декабри соли 2002 ҳайати Ҳукумати Интиқолии Исломии Афғонистон таҳти роҳбарии фармондеҳи артиши 6-уми Вазорати дифои Афғонистон ба Душанбе ташриф овард. Дар ҷараёни мулоқотҳо дар Душанбе масъалаҳои ҳамкориҳои наздики байни ду кишвар, бахусус миёни минтақаҳои наздисарҳадӣ, таъсиси гурӯҳи фаврии сарҳадӣ ҷиҳати рафъи ҳодисаҳои нохуш дар марз, инкишофи савдои наздисарҳадӣ ва ғайра мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Аз 29 апрел то 2 майи соли 2003 ҳайати Афғонистон бо роҳбарии вазири алоқаи ин кишвар аз Тоҷикистон боздид ба амал овард. Дар ҷараёни гуфтушинидҳо дар хусуси ҳамкориҳо дар соҳаҳои почта ва коммуникатсияи телефонӣ мувофиқа ҳосил гардид. Дар фарҷоми боздид Созишномаи ҳамкорӣ миёни вазоратҳои алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Интиқолии Исломии Афғонистон ба имзо расид.

Бар асоси Созишномаи ҳамкориҳои миёни вазоратҳои дифои Тоҷикистон ва Афғонистон дар коллеҷи ҳарбии шаҳри Душанбе аз моҳи марти соли 2003 гурӯҳи низомиёни Вазорати дифои миллии Афғонистон таҳсил намуданд.

22-25 феврали соли 2006 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи якуми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Афғонистон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва техникӣ баргузор шуда, Протоколи ҳамкорӣ ба имзо расид.

26-28 июли соли 2006 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт. Зимни сафар масоили таҳкими муносибатҳои дуҷониба баррасӣ гардида, барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо қадамҳои устувор гузошта шуданд [2,с.123].

23-29 марти соли 2007 дар шаҳри Душанбе вохӯрии гурӯҳи корӣ оид ба соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳили чапи дарёи Панҷ, ҳаммарз бо ноҳияи Мир Сайид Алии

Ҳамадонӣ баргузор гашт. Дар анҷоми воҳӯрӣ протоколи ҳамкорӣ оид ба соҳилмустаҳкамкунӣ ба имзо расид.

17-19 апрели соли 2007 дар шаҳри Қӯрғонтеппа бизнес-форуми тиҷорати наздисарҳадӣ бо иштироки соҳибкорони вилояти Хатлони Тоҷикистон ва вилояти Балхи Афғонистон баргузор гардид.

3 августи соли 2007 зимни сафари вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Тоҷикистон се протоколи ҳамкориҳои дуҷониба ба имзо расид.

Боиси қаноатмандист, ки аҳаммияти кишварҳои ҳамсоя, махсусан Тоҷикистон дар таъмини амну субот дар Афғонистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо беш аз пеш дарк мешавад. Декабри соли 2008 дар Париж бо ташаббуси вазири корҳои хориҷии Фаронса Б. Кушнер ба сифати кишваре, ки дар он замон раёсати Иттиҳоди Аврупоро ба уҳда дошт, мулоқоти ғайрирасмии вазирон дар мавзӯи «Афғонистон ва ҳамсоягони он» баргузор гардид [3,с.88]. Дар мулоқот ба ғайр аз мизбонон вазирони корҳои хориҷии Афғонистон ва кишварҳои ҳамсояи он, намояндаи махсуси Котиби кулли СММ дар Афғонистон К.Эйде, Намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо оид ба сиёсати муштараки хориҷӣ ва амниятӣ Х. Солана, Комиссари Аврупо оид ба робитаҳои хориҷӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ Б.Ф. Валднер, намояндагони баландпояи кишварҳои узви доимии Шӯрои Амнияти СММ, инчунин Олмон ва Италия иштирок доштанд.

Мулоқот бори дигар собит намуд, ки ҳамкории ҷаҳонӣ ва ҳамоҳангсозӣ иқдомот дар мавриди Афғонистон шарти зарурии ноил шудан ба сулҳи пойдор дар он кишвар мебошад. Таъкид гардид, ки татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон, махсусан сохтмони НБО, бунёди хатҳои интиқоли барқ, сохтмони роҳҳои оҳан ва автомобилгарди Қирғизистон-Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон, сохтмони пулҳо рӯйи дарёи сарҳадии Панҷ, истифодаи оби дарёи Ому ҷиҳати инкишофи соҳаҳои алоҳида, бахусус кишоварзӣ, ки он ҳама аҳаммияти минтақавӣ доранд, дар барқарорсозии иқтисодии Афғонистон метавонанд нақши муҳим бозанд. Намояндагони воломақоми Иттиҳоди Аврупо зимни ҷонибдорӣ аз лоиҳаҳои мазкур омодагии Комиссияи Аврупоро дар мавриди гузаронидани омӯзиши техникию иқтисодии он лоиҳаҳо изҳор доштанд.

Сохтмони НБО дар қаламрави Тоҷикистон (Роғун, Даштиҷум, Шӯроб) ва ғайра манбаи неруи арзону аз назари экологӣ тоза буда, дар ояндаи начандон дур ба пешрафти иҷтимоиву иқтисодии минтақа ва пеш аз ҳама Афғонистон мусоидат менамояд. Танҳо анҷоми сохтмони неругоҳи барқии обии Даштиҷум дар дарёи сарҳадии Панҷ имкон медиҳад, ки 1,5 млн гектар замин дар Афғонистон обёрӣ шавад. Тоҷикистон инчунин омода аст, ки ба барқарорсозии системаи обёри Афғонистон, ки дар натиҷаи қариб 30 соли ҷанг комилан хароб гаштааст, саҳм гузорад.

Моҳи апрели соли 2003 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарори Шӯрои доимии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар бораи ба Афғонистон додани мақоми шарикӣ ва ҳамкорӣ бо Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо қабул гардид.

Баъди ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 дар ИМА ва оғози амалиёти эътилофи зиддитеррористӣ, сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пуштибонии раванди таҳкими низоми давлатдорӣ дар Афғонистон, сулҳу субот ва эҳёи баъдиҷангии он кишвар, пешгирии хавфу таҳдидҳо аз қаламрави Афғонистон ба роҳ монда шуд [1,с.89].

Пас аз рӯйи кор омадани ҳукумати нав дар Афғонистон сарони ду кишвари ҳамсоя борҳо аз кишварҳои ҳамдигар боздид ба амал оварда, доираи васеи робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро мавриди баррасӣ қарор дода, самтҳои мушаххаси ҳамкориҳои мутақобилан судмандро муайян сохтанд. Чунончи, ҳангоми ташрифи расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз он кишвар дар санаи 27-28 апрели соли 2005, 11 ҳуҷҷати ҳамкорӣ, аз ҷумла аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ миёни Тоҷикистон ва Афғонистон, созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, маориф, фарҳанг, илму техника, нақлиёт ва интиқоли транзитии мусофирон ва борҳо, мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ ва ҷинояти муташаккилонаи фаромиллӣ, дар бораи гузаргоҳҳои сарҳадӣ, санадҳо дар мавриди машваратҳои дуҷонибаи вазоратҳои корҳои хориҷии ду кишвар, равуои бераводид бо шиносномаҳои дипломатӣ ва ғайра ба имзо расиданд. Ҷонибҳо ба масъалаҳои густариши ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодӣ, интиқоли транзитии борҳо аз қаламрави Тоҷикистон ба Афғонистон, сохтмони роҳҳову пулҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Бунёди 5 пул миёни ду кишвар рӯйи дарёи Панҷ дар ростои татбиқи нақшаҳои муҳим оид ба даҳлези нақлиётии фароафғонӣ беҳбудии инфрасохтори тамоми минтақа муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, бахусус пуле, ки бо маблағгузории Ҳукумати ИМА дар мавзеи Панҷи Поён (моҳи июли соли 2007) мавриди баҳрабардорӣ

қарор гирифт, боиси ба таври чашмгир афзоиш пайдо кардани табодулу интиқоли мол гардида, равуои мардумро низ осон намуд.

Сатҳи хуби робитаҳо дар мавриди мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, табодули ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа ба роҳ монда шудааст. Ба мақсади ҳамкории муштарак бо Комиссияи давлатӣ оид ба мубориза ба маводи мухаддири назди Шӯрои Амнияти Афғонистон намояндагии Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Таъсиси Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Афғонистон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва техникӣ ва баргузории ду ҷаласаи он (дар солҳои 2006, 2008) дар роҳи инкишофи ҳамкориҳои мутақобилан судманди дуҷониба нақши муҳим дорад.

### АДАБИЁТ


1. Ҳамрохон Зарифӣ. Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз. –Душанбе: Ирфон, 2009. -Ҷ.1. -296 с.
2. Ҳамрохон Зарифӣ. Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик. –Душанбе: Ирфон, 2013. -160 с.
3. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т. Назаров, А. Сатторзода. –Душанбе: Ирфон, 2006. -224 с.
4. Эмомали Раҳмон. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе; Ирфон, 2012. -272 с.


## РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН


Муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 15 июли соли 1992 барқарор гардидаанд. Муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо ҶИА, ки ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ дар таъмини рушди бемайлони иқтисоди кишвар, сулҳу субот ва амнияти минтақа мебошанд, аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар ҳошияи татбиқи Аҳдномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамсоягии нек мулоқотҳои президентҳои ду кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1993, 1996, 2001 ва дар Афғонистон солҳои 1993, 1995 баргузор гардида, дар ҷараёни онҳо доираи васеи масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо, аз ҷумла, оромии вазъ дар сарҳад ва ҳаллу фасли низои дохилии Тоҷикистон ва Афғонистон мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Моҳи декабри соли 1993 сафари расмии Президенти Давлати Исломии Афғонистон Бурҳонуддин Раббонӣ ба Тоҷикистон сурат гирифт, ки дар рафти он ҳуҷҷатҳои ҳамкории дуҷониба ба имзо расиданд. Ин нахустин боздиди роҳбари давлати хориҷӣ аз Тоҷикистони соҳибистиқлол буд. Сатҳи хуби робитаҳо дар мавриди мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, табодули ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа ба роҳ монда шудааст. Ба мақсади ҳамкории муштарак бо Комиссияи давлатӣ оид ба мубориза бо маводи мухаддири назди Шӯрои Амнияти Афғонистон намояндагии Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.



**Калидвожаҳо:** Иттиҳоди Аврупо, Афғонистон, Тоҷикистон, Созишнома, терроризм, ифротгароӣ, идеологияи миллӣ, робитаҳои байналхалқӣ, хурофот,ҷаҳонбинии миллӣ, маводи мухаддир,истиқлолият.


## РАЗВИТИЕ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И ИСЛАМСКОЙ РСПУБЛИКОЙ АФГАНИСТАН


Дипломатические отношения между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан были восстановлены 15 июля 1992 года. Отношения дружбы и сотрудничества с ОБСЕ, отвечающие национальным интересам в обеспечении устойчивого экономического развития страны, мира, стабильности и региональной безопасности, являются одними из приоритетных направлений внешней политики Республики Таджикистан. В рамках реализации Договора о дружбе, сотрудничестве и добрососедстве состоялись визиты президентов двух стран: в Республику Таджикистан визиты в 1993, 1996, 2001 годах и Афганистан - 1993, 1995 годах, в ходе которых обсуждался ряд важных вопросов, представляющих взаимный интерес, включая стабильность ситуации и разрешение внутреннего конфликта между Таджикистаном и Афганистаном. В декабре 1993 года состоялся официальный визит Президента Исламской Республики Афганистан Бурхануддина Раббани в Таджикистан, в ходе которого были подписаны два двусторонних документа. Это был первый визит главы иностранного государства в независимый Таджикистан. Весомый уровень связей налаживается в борьбе с международным терроризмом, экстремизмом, незаконным оборотом наркотиков и оружия. При совместном сотрудничестве с Государственным агентством по контролю над наркотиками при Антинаркотическом совете Афганистана действует Агентство по контролю над наркотикам при Президенте Республики Таджикистан.



**Ключевые слова:** Европейский Союз, Афганистан, Таджикистан, соглашение, терроризм, экстремизм, национальное мировоззрение, национальное самосознание, национальное самопознание, патриотизм, цивилизация, традиция, культура, нация, независимость.


## DEVELOPMENT DIPLOMATIC RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ISLAMIC AFGHANISTAN REPUBLIC


Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Afghanistan were restored on July 15, 1992. Relations of friendship and cooperation with the OSCE, which meet national interests in ensuring sustainable economic development of the country, peace, stability and regional security, are among the priorities of the foreign policy of the Republic of Tajikistan. As part of the implementation of the Treaty of Friendship, Cooperation and Good Neighborhood, the presidents of the two countries in the Republic of Tajikistan were held in 1993, 1996, 2001 and Afghanistan in 1993, 1995, on a series of broad issues of interest, including the stability of the situation. and resolution of internal conflict between Tajikistan and Afghanistan. In December 1993, the official visit of the President of the Islamic Republic of Afghanistan Burkhanuddin Rabbani to Tajikistan took place, during which two bilateral documents were signed. This was the first visit of the head of a foreign state of independent Tajikistan. The weight level of connections is being established in the fight against international terrorism, extremism, and the illegal circulation of drugs and weapons. The Agency for Drug Control under the President of the Republic of Tajikistan operates in cooperation with the State Agency for Drug Control under the Anti-Drug Council of Afghanistan.

**Key words:** European Union, Afghanistan, Tajikistan, agreement, terrorism, extremism, national outlook, national self-consciousness, national self-knowledge, patriotism, civilization, tradition, culture, nation, independence.

**Сведения об авторах:** ***Шарофов Эрадж Умрибаевич*** - Таджикский технический университет им. М.С. Осими, кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных и общетехнических дисциплин БНТУ. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых 10. Телефон: **(+992) 93-767-26-77.** E-mail: **sharofov77@inbox.ru**
***Рауфова Зулхумор Нуровна*** - учительница гимназии №53 имени Мухаббата Махмудова, г.Душанбе

**Information about the authors:** ***Sharofov Eraj Umribaevich*** - Tajik Technical University named after M.S. Osimi, candidate of historical sciences, associate professor of the department of humanitarian and technical disciplines of BNTU. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academician Radjabov Street 10. Phone: **(+992) 93-767-26-77**. E-mail: **sharofov77@inbox.ru**
***Raufova Zulkhumor Nurovna*** - teacher of gymnasium No. 53 named after Muhabbat Makhmudov, Dushanbe

**УДК: 94 ( 100) ”05 / ...(581)**

## НИГОҲЕ БА МУНОСИБОТИ МИЛЛӢ ДАР АФҒОНИСТОН: РАҚОБАТ ВА МУБОРИЗАҲОИ СИЁСӢ

***Маҳмадшоев Р.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз ҳамон оғози ба сари қудрат омадани пуштунҳо дар соли 1747 ва ишғоли замин ва мулкияти тоҷикон ва ақвоми дигари ғайрипуштун сафҳаи нав дар муносиботи байниқавмӣ ва қабилавӣ бозгардид, ки рӯиҳамрафта хислати мухолифату хушунат ва рақобатро ба худ касб кард. Баъдан, дар солҳои 80-90 асри XIX, дар замони ҳукумати амир Абдурраҳмонхон (1880-1901), дар асари сиёсати фишор, таъқиб, табъиз, наслкушӣ ва табъиди мардуми шиамазҳаби ҳазора муносиботи байни пуштунҳо ва ақвом ва қабоили ғайрипуштун боз ҳам бадтар гардида, бар замми ин мухолифатҳои қавмӣ– қабилавӣ моҳияти динӣ-мазҳабӣ гирифтанд.

Дар солҳои 20–30-ми асри XX, дар асари муҳоҷир намудани қабоили пуштун/афғон ба самти шимол ва ҷойгузин намудани онҳо дар заминҳои тоҷикон, ҳазораҳо,ӯзбекҳо, туркманҳо ва муҳоҷирати иҷбории онҳо ба заминҳои камҳосил ва беоби ҷануб сабаби боз ҳам муташанниҷ шудани муносиботи байниқавмӣ ва байнимиллӣ гардид. Акнун ба мухолифатҳои қавмӣ–қабилавӣ ва байнимиллиятӣ зиддиятҳо ва мухолифатҳои динӣ-мазҳабӣ илова шуда, дар солҳои 90–ми асри XX ба задухӯрдҳо ва муборизаи шадиди сиёсӣ мубаддал гардид, ки заминаҳои ҷуғрофӣ ва таърихӣ доранд. Решаҳои он ба умқи таърих фурӯ рафта, асоси онро таркиби мураккаби этникӣ ташкил медиҳад. Дар кишвар даҳҳо халқиятҳо ва этносҳои хурд зиндагӣ мекунанд, ки ба гурӯҳҳои этникии эронӣ, ҳиндӣ, турку муғулӣ, сомиву дравидӣ марбут буда, бо алоими нажодӣ, забонӣ, пайдоиш ва фарҳанги худ фарқ карда, дар марҳилаҳои гуногуни иҷтимоӣ–иқтисодӣ қарор доранд. Ғайр аз ин, дар ин ҷо боз зиёда аз сад қабила ва гурӯҳҳои бешумори қавмӣ-қабилавӣ ба сар мавҷуданд.

Сукунати халқҳо ва қабоил ниҳоят мураккаб ва омехта буда, шароити табиӣ, ҷуғрофӣ, иқлимӣ, дастнорасии манотиқи куҳистонӣ ва ғ., аз як тараф ва дар тайи садсолаҳо анҷом гирифтани тохтутозҳо ва таҳоҷуми аҷнабиён аз тарафи дигар, ба таркиби мураккаби этникӣ, гуногунрангии нажодӣ, забонӣ ва мазҳабӣ мунҷар гардида, якпорчагии ҷуғрофиёӣ ва якрангии аҳолии бумии Хуросон–тоҷиконро барҳам зад. Акнун, ба истиснои баъзе манотиқи Кӯҳистон, Кӯҳдоман, Кобулистон, Панҷшер, Бадахшон, самти шимолӣ, дигар дар тамоми қаламрави кишвар тоҷикон ба шакли пароканда дар байни ақвому қабоили баъдомада сукунат доранд. Дар тақсим ва парокандагии халқҳои минтақа, бахусус тоҷикон нақши муҳимеро Британияи Кабир ва Русияи подшоҳӣ бозӣ карданд. Дар натиҷаи сиёсати “қисмат кардану ҳукумат рондан” қисмати азими тоҷикон ҳамчун ирридента - аҳолии аслӣ ва бумии кишвар ва халқҳои дигар, ба монанди ӯзбекҳо, туркманҳо, қирғизҳо, қазоқҳо, балуҷҳо дар охири асри XIX шомили давлати Афғонистон гардиданд [9, с.52]. Аммо, дар натиҷаи аз тарафи охирин ишғолгарони сарзамини Хуросон – пуштунҳо ғасбу ғорат ва тасарруф кардани замин ва мулкияти тоҷикон ва халқҳои ғайрипуштун, вусъат бахшидани зулми миллии халқҳои ғайрипуштун сабабгори норозигӣ, рақобат, хусумат ва мухолифати байниқавмӣ–қабилавӣ ва байнимиллиятӣ гардид. Маҷмӯи гуногунрангӣ ва танаввуи динӣ–мазҳабӣ, забонӣ, фарҳангӣ, чи дар сарҳади этносҳо ва чи дар дохили як этнос, ин вазъро боз ҳам муташанниҷтар месозад. Пуштунҳо, аксари тоҷикон, ӯзбекҳо, туркманҳо, нуристониҳо,

балуҷҳо, арабҳо ва ғ. (85% аҳолӣ) пайрави тариқати ҳанафии мазҳаби суннӣ буда, қисме аз тоҷикони кӯҳистони Бадахшон, қисме аз ҳазораҳо, чораймоқҳо ва қирғизҳо пайрави мазҳаби исмоилияи шиа мебошанд. Афшориҳо, қизилбошҳо, таймуриҳо, қавми турӣ ва ҷоҷӣ, оракзоиҳо, қавмҳои алоҳидаи ману, афридӣ, бангашӣ ва баъзе пуштунҳои ҷанубӣ аҳли ташайюъ мебошанд [6. с.552] . Ҷамоати ҳиндуҳо ба пайравони индуизм ва сикхизм ҷудо мешаванд. Ғайр аз ин, як қисми аҳолӣ (қабилаҳои пуштунӣ), пайрави тариқатҳои сӯфимаоби ***қодирия ва нақшбандия*** мебошанд. Яъне, дин омили муҳим дар ташкилоти иҷтимоии халқҳо ба шумор рафта, гушагирӣ ва маҳдудияти ҷамоати диндоронро (ҳазораҳо, сикхҳо, ҳиндуҳо, тоҷикони баландкӯҳ) таҳким бахшида, монеи раванди муттаҳидшавии миллӣ мегардад. Дар баъзе манотиқ, масалан, Ҳазораҷот ва Бадахшон тафовути мазҳабии байни сунниҳо ва шиаҳо ва исмоилиҳо боиси мунокишаҳои миллӣ мегардад. Ва ё дар Бомиён аз нигоҳи мазҳабӣ тоҷикони он ҷо аз тарафи ҳазораҳо мавриди таъқиб,фишор ва ихроҷ аз мулкиятшон мегарданд. Аммо таърих гувоҳ аст, ки дар лаҳазоти таҳоҷуми аҷнабиён (англисҳо, шӯравиҳо, амрикоиҳо) эътиқодоти динӣ инсиҷомбахш ва муттаҳидкунандаи тамоми ақвом ва миллиятҳо мегардад. Масалан, дар замони "ҷиҳоди зиддишӯравӣ" "дин ба омили ҳалкунандаи ҳаёти сиёсӣ мубаддал гардид" [1, с.160]. Мусаллам аст, ки таркиби рангини аҳолии Афғонистон заминаи табиӣ ва айнии нофаҳмиҳои байниқавмӣ ва байнимиллиятӣ буда, мушкилоти забонӣ онро тақвият мебахшад. Дар кишваре, ки бо 30 забон ҳарф мезананд, аксаран масоили забонӣ боиси мунокишаҳо ва муқобилатҳои байни ду миллияти асосӣ – пуштузабонҳо ва порсизабонон мегардад. Миллатгароёни пушту, ки қудрати сиёсӣ дар дасташон ҳаст, бо ҳар восита мехоҳанд мақом ва манзалати забони порсӣ ва ё дариро коҳиш ва маҳдуд намоянд, дар ҳоле ки маҳз забони форсӣ дар тайи садсолаҳо забони тафоҳум ва такаллуми тамоми халқиятҳои Афғонистон ба шумор меравад. Дар натиҷаи чунин сиёсати ифротгароёна, бартариҷӯии пуштунӣ миллиятҳои ғайрипуштун зери фишор ва ситами миллӣ қарор гирифта, раванди марказгурезиро дар ҷомеаи сермиллати Афғонистон ба бор овардааст.

Бо омадани "Толибон" ба сари қудрат дар соли 1996 мухолифатҳои қавмиву қабилавӣ ва байнимиллӣ хислат ва муҳтавои нав гирифта, мушаххасан мубориза барои ба даст овардани қудрати сиёсӣ байни пуштунҳо ва тоҷикон гардид.

Таркиби мутанаввеи аҳолии Афғонистон сабаби табиӣ ва айнии мушкилоти баҳамоӣ ва инсиҷоми байнимиллӣ гардидааст, чаро ки илова бар тафарруқи этникӣ мушкилоти забонӣ низ мавҷуд аст. Миллатҳои кишвар бо 30 забон, аз ҷумла ба забонҳо ва гӯйишҳои эронӣ, ҳиндориёӣ (ҳиндӣ), туркӣ ва нуристонӣ (дардӣ) такаллум менамоянд. Аммо мушкилоти асосӣ дар рақобати ду забони асосӣ – форсии дарӣ, ки ба он тақрибан 80% аҳолӣ тасаллут доранд [ 10. p.504] ва забонӣ пушту мебошад, ки бо вуҷуди забони аввали давлатӣ будан, асосан дар манотиқи ҷанубии пуштузабон мураввиҷ аст. Ниҳодҳо, муассисот ва қудрати давлатӣ, ки асосан дар дасти пуштузабонон қарор доранд, бо роҳу васоили гуногун мехоҳанд, ки забони форсии дариро аз мақом ва манзалати волояш барканор сохта, забони пуштуро дар тамоми ҳаёти иҷтимоӣ–иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ҷойгузин намоянд, ки ин ба զоти худ боиси мунокиша ва мухолифати шадиди байниқавмӣ ва байнимиллӣ гардидааст. Доман задани чунин сиёсати бартариҷӯӣ ва миллатгароии раҳбарони пуштун, ба гуфтаи шарқшиноси машҳури рус И.М.Рейснер, "дар як давлати касирулмиллати порча – порчаӣ " [8. с . 7], ки қудрати давлатӣ дар дасти як қавм қарор дошта, зулм ва фишори иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ болои миллиятҳои ғайрипуштун таҳмил мегардад, мавриди накуҳиш ва мухолифати густурдаи онҳо қарор мегирад. Сароғози чунин сиёсат аз ҳамон аввали ҳукумати афғонҳо/ пуштунҳо дар соли 1747, замоне ки мулкҳои тоҷикнишини манотиқи ҷанубӣ, марказӣ ва шимоли силсилакӯҳҳои Ҳиндукуш шомили давлати Дурраниҳо гардида, баъдан дар нимаи дувуми асри нуздаҳ аз тарафи афғонҳо / пуштунҳо дубора ишғол гардида буд, маншаъ мегирад.

Бахусус, баъди имзои муоҳидоти англисӣ-русии 1873 ва 1887, ки сарҳадоти шимолӣ ва шимолу ғарбии Афғонистонро тасбит намуд, амир Абдурраҳмонхон имкон ёфт, ки ҳукумати худро дар тамоми қаламрави тахти тасаллут истиқрор бахшад. Соли 1893 Ҳазораҷот, соли 1896 Нуристон (Кофиристони собиқ) пурра тасхир ва ишғол гардиданд. Ҷиҳати таҳким бахшидани пояҳои давлатдории худ амир Абдурраҳмонхон сиёсати муҳоҷиркунонии пуштунҳоро ба шимоли кишвар оғоз карда, то охири асри нуздаҳ ва аввали асри бист ба Чорвилоят 62 ҳазор хонаводаҳои пуштунӣ интиқол дода шуданд [2.л.18]. Тамоми заминҳои ғасбгардидаи мардуми маҳаллии тоҷику ӯзбеку туркман ройгон ва бидуни ахзи молиёт ба муҳоҷирини пуштун тақдим гардид. Ин амали ишғолгарони пуштун тавъам бо зӯроварӣ ва муҷозоти дастаҷамъии миллиятҳои ғайрипуштун сурат гирифта, ҳатто теъдоди зиёди

мардуми ҳазора ва нуристонӣ, ки пайрави мазоҳиби дигар буданд, дар бозорҳои ғуломфӯрушӣ ба фурӯш мерасиданд. Барои пешгирии эътирозоти мардуми ҷабрдидаи шимол онҳоро ба заминҳои камҳосил ва беоби манотиқи ҷанубӣ муҳоҷир месохтанд. Ҳамаи ин боиси норозигӣ ва ташаннуҷи шадиди байниқавмӣ ва шӯришҳои васеи зиддиҳукуматӣ ва зиддипуштунӣ гардида буд. Мисоли равшани онҳо шӯриши тоҷикони Кӯҳистон, Панҷшер ва Ниҷроб дар соли 1881, шуриши тоҷикон ва ҳазораҳои Ғазнӣ дар соли 1887 ( Файз Муҳаммад Котиб Сироҷ ат т3 384-385) ва шӯриши ӯзбекҳои қаттағанӣ соли 1889, шӯриши тоҷикони Бадахшон соли 1890, шӯриши чораймоқҳо дар охири солои 80–уми асри XIX ва ҳаракати васеи Исҳоқхон, шӯриши ҳазораҳо дар солҳои 1892–1893 мебошанд [4, с.779]. Ҳамаи ин ҳодисоти ногувори ишғолгарӣ, тасарруф, наслкушӣ ва таъқиботи мазҳабӣ дар хотироти талхи миллатҳои ғайрипуштун маҳфуз буда, то ҳанӯз мояи бадбинӣ, авҷи эҳсосоти зиддипуштунӣ ва мухолифату ташаннуҷи этникӣ ва минтақавии миллатҳои ғайрипуштун гардидааст. Дар навбати худ, пуштунҳо, ки тамоми қудрати сиёсиро дар даст доштанд, аз мазоё ва манофеи васеи сиёсӣ ва иқтисодӣ бархӯрдор буда, на танҳо соҳибон ва моликони зарфиятҳои иқтисодӣ буданд, балки дорои имтиёзҳои зиёде дар мавриди истихдом ба вазоифи давлатӣ, қабул ба макотиби олӣ, махсусан муассисоти таълимии ҳарбӣ, хондан дар хориҷи кишвар ва ғ. буданд. Тамоми мақомоти олӣ дар дастгоҳи давлатӣ ва махсусан урду, маъмулан мансуб ба пуштунҳо буд. Тазодҳои ҷараёноти этникӣ, сиёсати табъизомези сарони ҳукмрони пушту, рушди нобаробари иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва сиёсии иштирокҳои гуногуни этникӣ ба бурузи афзояндаи авомили буҳронӣ дар муносиботи миллӣ мусоидат менамуд. Дар тааммуқи мухолифатҳои байнимиллӣ сохтори иҷтимоии ҷомеаи афғонистонӣ, бахусус " зинапояи силсилаи этникӣ " нақши муҳим дошт, ки тибқи он дар зинаи болоӣ пуштунҳо,баъдан тоҷикҳо ва поёнтар миллиятҳои дигар қарор доштанд [11, с.54-55]. Мухолифатҳои байнимиллӣ шароити мусоидро барои ташкили аҳзоб ва гурӯҳҳои сиёсии миллигаро дар байни иштирокҳои этникӣ фароҳам овард, ки қабл аз ҳама, ҳимоятгари манофеъи гуруҳҳои этникии худ буданд. Яке аз чунин гурӯҳи дорои ақоиди зиддипуштунӣ гурӯҳи тоҷиктабори "Ситами миллӣ" буд, ки соли 1968 аз тарафи собиқ узви Кумитаи марказии ҳизби халқи-демократии Афғонистон тоҷики шаҳри Файзободи вилояти Бадахшон Тоҳири Бадахшӣ ташкил ёфта буд. Баъдан, ӯ раҳбари ҷиноҳи чапи он – Созмони инқилобии заҳматкашони Афғонистон (СОЗО) гардид, ки зери шиори "Озодии ақаллиятҳои миллӣ ва иттиҳоди тоҷикон, ӯзбекҳо ва туркманҳо, барои мубориза бар зидди зулми пуштунӣ" баромад мекард. Ҳамчунин гурӯҳҳои хурди дигари демократҳои чапгаро ва маоистии таркиби ғайрипуштунидошта, ба монанди "Гурӯҳи кор", "Шуълаи ҷовид"ва ғ. хоҳони хотима додани диктатураи пуштунӣ ва "озодии ақаллиятҳои миллӣ" дар вилоёти марказӣ ва шимолӣ, барои ҳуқуқ ва имконоти мусовии тоҷикон, ӯзбекҳо, туркманҳо, ҳазораҳо баромад мекарданд. Пуштунҳои миллатгаро низ дар соли 1966 гурӯҳи миллии худ "Афғон миллат"–ро ташкил доданд, ки ҳадафаш таҳкими панафғонизм, муттаҳид сохтани тамоми пуштунҳои Покистон ва дар ин замина эҷоди як "Пуштунистони бузург" аз соҳилҳои Амударё то рӯди Инд буд.

Гурӯҳҳои чапи "Халқ" ва "Парчам", ки баъдан муттаҳид шуда, Ҳизби халқӣ – демократии Афғонистонро ташкил доданд, дар оғоз аз рӯйи усули таборӣ ташкил шуда буд: "Халқ" аз ҳисоби пуштунҳои шаҳрак ва деҳот ва "Парчам" аз ҳисоби тоҷикон ва пуштунҳои шаҳришуда.

Ин буд, ки баъди ба қудрат расидани ҲХДА тамоми дастгоҳи марказии ҳизб пуштунӣ шуда, муҷозот ва саркӯбии миллатҳои ғайрипуштун, аз ҷумла ҳазораҳо, дар тобистони соли 1979 мунҷар ба ҳаракатҳои густурдаи ҳазораҳо, қатъи муносибот бо Кобул ва зери итоати роҳбарони маҳаллии рӯҳонӣ қарор гирифт. Баҳори ҳамон сол ташкили "Нуристони озод" эълон шуд. Сарварии муқовимати мусаллаҳонаро бо сардории Б.Раббонӣ "Ҷамъияти исломии Афғонистон", ки аксаран аз тоҷикон ташкил шуда буд, ба уҳда гирифта буд. Соли 1986, бо ба сари қудрат омадани М.Наҷибулло, дар асари пурра пуштунишавии мақомоти ҳизбӣ, давлатӣ ва низомӣ эътироз ва муқовимати намояндагони миллатҳои ғайрипуштун боз ҳам авҷ гирифта, сабабгори таҷзияи қавмӣ-қамбилавии минтақаҳои шимолӣ аз рӯйи мушаххасоти этникӣ гардид. Падидаи нав – иттиҳоди қумандонҳои саҳроии Шимол ба вуҷуд омад, ки баҳри ихроҷи тамоми пуштунҳо аз заминҳои ишғолшуда тааҳҳуд бастанд.

Дар дохили қувваҳои мусаллаҳ низ низоъҳо ва мухолифатҳои этникӣ шурӯъ шуда, дар байни қисмҳои низомии пуштузабонҳо аз як тараф ва ӯзбекҳо, шиамазҳабон аз тарафи дигар задухӯрдҳо авҷ гирифтанд. Соли 1992 иртибототи сарони этники ӯзбек ва тоҷик генерал А. Дустум, Б.Раббонӣ ва А.Ш.Масъуд таҳким ёфт. М.Наҷибулло низ ҷиҳати инсиҷом ва иттиҳоди пуштунҳо бо Г. Ҳикматёр ва сарони дигари ақвом ва қабоили пушту дар иртибот

шуд. Мухолифат ва муқобилати низомиён зиддияти байнимиллии мардуми мулкиро дучанд доман зад. Моҳи марти соли 1992 неруҳои низомии тахти роҳбарии генерал А.Дустум вилояти Балхро ишғол карданд, ки оқибат боиси суқути режими М.Наҷибулло гардид.

Акнун, дар чунин шароит мунокишаҳои низомиву сиёсӣ заминасози шаклгирии худогоҳӣ ва худшиносии миллии миллатҳои ғайрипуштун гардид. Дар ин амр нақши равшанфикрони сафаҳоти шимол ниҳоят муҳим буд. Дар ташаккули қишри равшанфикрони миллатҳои ғайрипуштун

ифтитоҳи муассисоти таълимӣ дар солҳои 70–ми асри XX, бахусус Донишгоҳи педагогии Маймана, Техникуми кӯҳии нафти Мазори Шариф буданд. Аз нигоҳи таркиби этникӣ, агар дар соҳаи низомӣ аксарияти зиёиёнро пуштунҳо (55%) ташкил намоянд, дар соҳоти таълиму тарбия дар соли 1989 аз 22 ҳазор муаллимин 15 ҳазорро тоҷикон, як ҳазор ӯзбекон ташкил медоданд [3, с.10 -11].Тавсеаи равобити иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо Иттиҳоди Шӯравӣ низ дар ташаккули қишри равшанфикри миллиятҳои тоҷик, ӯзбек ва туркмани Афғонистон таъсиргузор будааст. Рушду равнақи худшиносии миллӣ ва қишри равшанфикри миллатҳои ғайрипуштун ба ташкили маҳфилҳо, ҷараёнҳо ва аҳзоби сиёсӣ мусоидат намуданд. Соли 1951 дар Кобул нашри рӯзномаи “Ватан” шурӯъ шуд, ки заминаро барои эҷоди ҳаракати сиёсии намояндагони миллатҳои ғайрипуштун, пеш аз ҳама тоҷикон фароҳам овард. Ҳамчунин, онҳо аксариятро дар “Ҳизби халқ” ташкил медоданд. Ғайр аз тоҷикон ва ӯзбекон, ҷараёни муттаҳидшавии ҳазораҳо низ вусъат гирифт. Моҳи августи соли 1979 ҳазораҳо тахти раҳбарии “Иттиҳоди сарбозони исломии Афғонистон”, “Ҷумҳурии мустақили исломии Ҳазораҷот”-ро ба шумули дастаҳои низомӣ таъсис намуда, як қатор марбутоти вилоёти Ғур, Бомиён, Урузгон ва Ҳиротро тасарруф намуданд [7,с.66-82]. Идораи воқеии ҳукумат дар Ҳазораҷот “ Шӯрои исломӣ” гардид, ки дар он як теъдод намояндагони гурӯҳҳои шиамазҳаби сиёсӣ шомил буданд. Дар маҳаллот мақомоти маҳаллии ҳукумат – “кумитаҳои исломӣ” амал мекарданд. Дар натиҷа, аҳзобе аз қабили ҳизби шиаҳазории “Наср” (муассисон А.А.Мазорӣ, К.Халилӣ, М.Муҳаққиқ), ҳизби “Шӯрои ваҳдати исломӣ”(Оятулло А.Биҳиштӣ), ҳизби ”Урдуи муҳофиз ”, ҳизби “Ҳизби Аллоҳ” (“Ҳизбуллоҳ”) машҳур гардида, тамоми онҳо аз ҳимояти давоири мазҳабии эронӣ бархӯрдор буданд. Дастаҳои низомии ин аҳзоб тамоми манотиқи ҳазоранишинро зери назорат дошта, кӯшишҳои ишғоли онҳоро, чи аз тарафи неруҳои ҳукуматӣ ва чи аз тарафи неруҳои мухолифи давлат, хунсо менамуданд. Соли 1990 дар Эрон, дар заминаи аҳзоб ва гурӯҳҳои ҳазорагӣ Ҳизби ваҳдати исломии Афғонистон (“Ваҳдат”) бо сардории Абдул Али Мазорӣ таъсис ёфт. Баъд аз марги ӯ дар соли 1995, Абдулкарим Халилӣ роҳбари ҷиноҳи ҳизб гардида, дар натиҷаи муборизаи ӯ дар ҳайати Иттиҳоди Шимол ба муқобили “Толибон” аз соли 2002 вазифаи муовини раиси ҷумҳурро дар ҳукумати муваққат ишғол намуд.

Нақши муҳимеро дар муттаҳидшавии тоҷикон ҳизби “Ҷамъияти исломии Афғонистон”(ҶИА) бо сардории Бурҳониддин Раббонӣ иҷро мекард, ки асосан аз ҳисоби тоҷикон ташкил шуда буд. Ин ҳизб дар тамоми қаламрави кишвар сохторҳои низомӣ ва мулкии ҳукуматро ташкил намуда буд. Дар асари фаъолияти густурдаи ин ҳизб дар шимоли кишвар дастаи олимақоми низомии қумандонони саҳроӣ тарбия ёфт. Яке аз муваффақтарин дастаҳои низомии муҷоҳиддин дастаи Аҳмадшоҳ Масъуд ба шумор мерафт. Сохтори муназзам ва муваффақи қудрат, идора ва қисмҳои низомии муҷоҳиддин пас аз суқути М.Наҷибулло заминаи мусоиде барои ташкили мақомоти ҳукумати давлатӣ дар вилоёти шимолии кишвар гардида, Б.Раббониро ба роҳбари миқёси умумимиллӣ мубаддал сохт. Роҳбарии ҳизб ба А.Масъуд интиқол ёфта, баъд аз ишғоли шаҳри Кобул дар охири моҳи апрели 1992 вазири дифоъ таъйин гардид. Дар ҳайати ҳукумати муҷоҳиддин аз 30 аъзои он 18 нафарро намояндагони Иттиҳоди Шимол ташкил медоданд. Баъд аз марги А.Масъуд (9 сентябри 2001) вазифаи вазири дифоъ ба Қосим Фаҳим супурда шуда, дар Лоя Ҷиргаи соли 2002 муовини раиси ҷумҳур интихоб гардид. Намояндагони дигари тоҷиктабори панҷшерӣ низ вазоифи калидиро дар ҳукумати муваққат ва интиқолӣ соҳиб шуданд. Аз ҷумла, вазири умури хор- иҷа Абдулло Абдулло, Юнус Қонунӣ вазири умури дохила ва баъдан вазири таълиму тарбия таъйин гардиданд. Аммо баъдан, бо истифодаи моҳирона аз рақобатҳои дохилитоҷикӣ пуштунҳо, мушаххасан Ҳ.Карзай, суиистифода намуда, тадриҷан дар байни роҳбарони тоҷик ҷудоӣ меандохтанд. Масалан, дар интихоботи соли 2004, Ҳ.Карзай ба ҳайси муовини раиси ҷумҳур, ба ҷойи Қ. Фаҳим бародари хурдии А.Масъуд Аҳмад Зиё Масъудро пешниҳод намуд. Бо ин амал Қ. Фаҳим аз саҳнаи сиёсии кишвар берун сохта шуд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам роҳбарони тоҷик мансабҳои баланди давлатиро дар даст доштанд. Абдулло Абдулло то апрели соли 2006 ифои вазифаи вазири хориҷа карда, баъдан

ӯро Рангин Спанто иваз намуд. Юнус Қонунӣ баъд аз даст кашидан аз вазифаи вазири дохила, вазири таълиму тарбия дар декабри соли 2004 ҳизби мухолифи давлат “Афғонистони навин”–ро таъсис ва дар интихоботи парлумонӣ бо 122 раъй пирӯз ва раиси парлумон интихоб шуд. Роҳбарони миллатҳои дигари ғайрипуштун низ барои ба даст овардани рутбаҳо ва вазифаҳои баланди давлатӣ мубориза мебурданд. Масалан, роҳбари ӯзбекони кишвар А.Дустум дар соли 1992 ҳизби “Наҳзати милли – исломии Афғонистон”–ро таъсис дода, бо ташкили сохторҳои муназзами органҳои давлатии мустақил аз Кобул дар Чорвилоят як давлати номниҳод таъсис дод, ки ба Кобул итоат намекард. Ин буд, ки бо дарназардошти мақом ва мавқеи сиёсӣ–низомӣ ба зудӣ ӯ ба симмати муовини вазири мудофиа, мушовири махсуси масоили низомӣ ва амниятӣ ва сардори кулли урдуи сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи Афғонистон таъйин гардид. Дар Маҷлиси намояндагон низ ҳизби ӯ - “Наҳзати миллӣ-исломии Афғонистон” соҳиби 20 ҷой гардид.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамзамон бо рушду такомули ҳаракатҳои миллатҳои ғайрипуштун дар ин давраи таърихӣ заъфу инқироз ва мухолифатҳои дохилипуштунӣ тавсеа меёфт, ки оғози онҳо ҳанӯз аз ташаккули давлати афғонҳо маншаъ мегирифт. Дар имтидоди таърих рақобатҳо ва мухолифатҳо, чи дар байни муддаиёни тахти шоҳӣ ва чи дар байни хонҳои қавму қабоили пуштунӣ як амри одӣ ба шумор рафта, дарбори шоҳони афғон маҷбур буд, ки ё хонҳо ва қабоили саркашро саркӯб намояд ва ё нафақа, маош ва сабукиҳои молиётӣ дода, онҳоро ёр ва дамсози худ гардонад. Аммо ин тадобир низ пеши роҳи рақобатҳо ва мухолифатҳои байни ақвом ва қабоили пуштунро, ки барои чарогоҳ, замин, об байни ҳам задухурдҳои хунин мекарданд, гирифта наметавонист. Дар ин росто бахусус мухолифати ду қабилаи бузурги пуштунҳо – Дуррониҳо ва Ғилҷоиҳо қобили таваҷҷуҳ аст. Ин ду қабилаи бузурги пуштунӣ, дар навбати худ, боз ба шуабот гурӯҳҳои фараии қабилавӣ тақсим мешаванд. Қабилаи Дуррониҳо иборат аст аз ақвоми ҳамтабори Боракзоӣ, Пупалзоӣ, Нурзоӣ, Ализоиҳо, Исҳоқзоӣ, Ачакзоӣ, Алкузоӣ ва Садузоиҳо, ки маъмулан дар ҷануб ва ҷанубу ғарби кишвар сукунат доранд. Қабилаи Ғилҷоиҳо иборат аст аз ақвоми Ҳутак, Тухӣ, Носирӣ, Андар, Таракӣ, Тарин, Ҷадрон, Ҷоҷӣ, Кокар, Хугиёнӣ, Сулаймонхел, Алихел, Софӣ, Аҳмадзай, Вазирӣ мебошанд, ки умдатан дар соҳоти ҷануб ва ҷанубу шарқи кишвар зиндагӣ менамоянд.

Садорони қабоили Дурронӣ иҷозат намедоданд, ки пешвоёни қабоили ғилҷоӣ вазифи баланди давлатиро ишғол намоянд. Решаи ин мухолифатҳои байни ду иттиҳодияи қабоили пуштунӣ ба умқи асрҳо фурӯ рафта, тибқи ривоятҳо, гӯё пайдоиши пуштунҳои ғилҷоӣ “ғайримашрӯъ” буда, ғилҷоиҳо, пуштунҳои асил набуда, балки дар вуҷудашон хуни эронӣ,туркӣ ва халаҷӣ доштаанд.

Бо гузашти айём ин мухолифатҳо ҳар чи бештар ҷанбаи иҷтимоӣ касб
мекарданд. Масалан, солҳои 1886-1888 барои молиёте, ки амир
Абдурраҳмонхон дар баробари мардумони дигар болои ғилҷоиҳо таҳмил карда буд, онҳо шӯриш бардошта, аммо аз тарафи амир бераҳмона пахш ва шӯришиёни зиёд ба қатл расонида шуданд. Ҳамин норозигии ғилҷоиҳо буд, ки дар шӯришҳои зидди Амонуллоҳхон дар соли 1929 онҳо ба шӯришиёни тоҷик бо сардории Ҳабибуллохони Калаконӣ пайвастанд. Билохира, баъд аз садсолаҳо хорӣ, тавҳину таҳқир ва нодидагирӣ ғилҷоиҳо дар кудатои апрелии соли 1978 қудрати сиёсиро ба даст гирифтанд, ки ин худ марҳилаи навро дар мухолифатҳо ва рақобатҳои байни дурраниҳо ва ғилҷоиҳо оғоз бахшид. Дар натиҷа тавозуни анъанавии байниқавмӣ ва байнимиллӣ халалдор шуда, мавқеъ ва мақоми сиёсӣ, иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва фарҳангии пуштунҳо дар муқоиса бо миллатҳои ғайрипуштун берангтар ва заъиф гардид. Ин ҷараён махсусан дар асари даргириҳои дохили тарки кишвар кардани миллионҳо пуштун густурдатар гардид. Яке аз сабабҳои заъф ва инқирози якпорчагии пуштунҳо ҷанги давомдори хонумонсӯз, вазъи нобасомони зиндагӣ, қатъи рафтуомади анъанавии мардуми кӯчӣ ба алафчарҳои дохили Афғонистон, бахусус самти шимол ва масоили дигари иҷтимоӣ буд, ки пуштунҳоро маҷбур ба тарки кишвар ва муҳоҷират ба Покистон намуд Дар солҳои ҷанги давомдор шумораи онҳо, ба истисноии кӯчиён ба 3 миллион расид, ки ба кам шудани нуфуси пуштунҳо мунҷар шуд. Ин падида дар асл шикасти дувуми пуштунҳо баъди имзои қарордоди байни амир Абдурраҳмонхон ва англисҳо бо номи “Хатти Дюранд” буд, ки тибқи он қисмати аъзами заминҳои пуштунҳо ба шумули яке марказҳои ақвом ва қабоили пуштунҳо-шаҳри Пешовар берун аз ҳастаи этникии онҳо монд.

Чунин ҳолати этносиёсӣ на ба нафъи пуштунҳо ва на ба нафъи роҳбарони хориҷиашон буд. Бинобар ин, ҷиҳати истирдоди қудрат ва ишғоли ҷойгоҳи пешини этносиёсии пуштунҳо як силсила иқдомоти мафкуравӣ, аз қабили барномарезии идеологии бартарияти пуштунҳо нисбат ба дигар миллатҳои сокини кишвар, таҷдиди сиёсати муҳоҷиркунонии навини

пуштунҳо ба самти шимол, бароҳандозии ҳаракати даҳшатафканӣ ва зиддиинсонии “Толибон” аз ҳисоби пуштунҳои ҳарду тарафи “Хатти Дюранд” ва ғ. рӯйи даст гирифта шуд.

Ғолибан, ҷараёни пуштунии “Толибон”, бо истифода аз шиорҳои пуштунизми миллигаро дар тайи солҳои 90 асри XX кӯшиш ба харҷ дод, ки мисли замони ноқилини самти шимол, мавҷи нави муҳоҷирини ақвоми пуштунро ба заминҳои тоҷикон, ӯзбекон, ҳазораҳо ва миллатҳои ғайритоҷики самти шимол роҳандозӣ намояд. Барои амалӣ сохтани ин нақша роҳбарони ақидатии пуштунизм, ба монанди Исмоили Юн китоберо бо номи “Сақавии дувум” ба нашр расонид, ки дар он “барои эъмори тасмаи амниятӣ дар қади дарёи Панҷ - Амударё” на танҳо ишғоли навбатии вилоёти шимолӣ, балки аз ҳисоби муҳоҷиркунии қабоили пуштунии сарҳадӣ сохтани тасмаи амниятии атрофи шаҳрҳо ва қасаботи тоҷикнишин, пеш аз ҳама шаҳри Кобул тавсия шуда, дар чанд соли ахир ҷиддан амалӣ мегардад. Дар айни замон, мисли гузашта сиёсати маҳв ва наслкушии намояндагони миллатҳои ғайрипуштун, рабудану ғорати мусофирин, қатли дастаҷамъии ғайрипуштунҳо, бахусус мардуми ҳазора бо наҳву шеваи мудҳиш аз тарафи пуштунҳои толиб доман зада, вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии кишварро боз ҳам муташанниҷтар мегардонанд. Дар чунин шароит, миллатҳои ғайрипуштун, роҳбарон ва пешвоёни онҳо даст ба дифоъ аз ҳайсият ва ҳаққу ҳуқуқи худ зада, манзилу макони зист ва манотиқи худро аз “Толибон” пок месозанд.

Падидаи нав дар муносиботи миллӣ ин аст, ки дар муқобили сиёсати бартариҷӯӣ ва миллатгароии пуштунӣ, инҳилоли иҷбории қавмҳо ва миллатҳои тоҷик, ҳазора, ӯзбек, туркман, балуҷ, нуристонӣ ва ғ. дар баданаи қабилаи афғон ва эъмори як миллат ва давлати воҳид бо номи афғон ва Афғонистон наҳзатҳо ва ҷараёноти зиддипуштунии халқҳои ғайрипуштун қомат рост карда, аз тариқи роҳпаймоиҳо, шиорҳо, баёнияҳо возеҳан эълом медоранд, ки “мо афғон нестем, мо ҳазораем, мо ӯзбекем, мо тоҷикем”. Аммо ин падидаи нави сиёсӣ пасманзарҳои ҷолибе низ дорад. Баъд аз мағлубияти “Толибон” дар ноябри соли 2001 ва таъсиси хукумати интиқолӣ дар Конфронси Бонн (27 ноябр – 5 декабри 2001), ки мақомҳо ва вазифаҳои калидии ҳукумат ба дасти намояндагони Эътилофи Шимол уфтод, алорағми ин ки бо фиребу найранг намояндаи пуштунҳо Карзай мақоми вазифаи раҳбарии давлатро ғасб кард, ба ҳамагон маълум шуд, ки минбаъд пуштунҳо наметавонанд болои халқҳои ғайрипуштун ҳукумат кунанд. Таҷрибаи нодири солҳои муқовимат ва ҷиҳод, таҷаммуи силоҳ ва муҳиммоти ҳангуфти ҷангӣ дар дасти муҷоҳиддини ғайрипуштун, боварӣ ба неруи бозуи худ мунҷар ба он шуд, ки миллатҳои ғайрипуштун дар манотиқи сукунати худ пурра мустақил гардиданд. Аз ин зовия, акнун рақобат на танҳо байни пуштунҳо/ афғонҳо ва ғайрипуштунҳо, балки байни тоҷикон ва узбекҳо, тоҷикон ва ҳазораҳо, ҳазораҳо ва ӯзбекҳо ва билохира байни худи пуштунҳо шиддат гирифт. Аксари роҳбарони ақвоми пуштун норизогии худро аз тақвият ёфтани мавқеи “шимолиҳо ” дар мақомоти давлатӣ, хосатан дар органҳои амниятӣ ва низомӣ, ки дар собиқа “моли” пуштунҳо буд, пинҳон намедоранд. Дар навбати худ, қумандонони саҳроӣ, ки дар вилоёти шимолӣ қудратро дар даст доштанд, аҳолиро бар зидди пуштунҳои маҳаллӣ таҳрик мекарданд.

Дар партави шакли этникӣ гирифтани муборизаҳои сиёсӣ дар солҳои 90–уми асри XX мухолифатҳои этникӣ шакли асосии муборизаи иҷтимоӣ ва сиёсиро ба худ касб карда, тамоми соҳоти зиндагии иҷтимоиро фаро гирифтанд. Масалан, дар раванди сохтмони давлатӣ, ташаккули ниҳодҳои қудрати давлатӣ ва идораи он зиддиятҳои ҷиддии этникӣ бармало гардида, ба заъфи ниҳодҳои нави қудрати давлатӣ ва дар маҷмӯъ давлат оварда расонид. Зиддият ва мухолифатҳои этномиллӣ, махсусан қабули Қонуни асосиро мушкил месохт. Масалан пешниҳоди шакли ҷумҳурии президентӣ боиси мухолифати шадиди намояндагони ақаллиятҳои миллӣ гардид, ки зидди тамаркузи қудрати сиёсӣ дар дасти президенти пуштун ва тарафдори шакли идораи парлумонӣ буданд. Баъд аз баҳсҳо ва гузаштҳо созиш ба даст омад, ки тибқи он дар Афғонистон шакли президентии давлатдорӣ боқӣ монда, аммо раиси ҷумҳур ҳақ надорад, ки парлумонро пароканда намояд ва ҳайати ҳукуматеро, ки ӯ пешниҳод менамояд, бояд парлумон тасдиқ намояд. Аммо парлумон ҳам ҳаққи импичменти президентро надорад. Ҳамчунин баҳсу мунозираҳо дар бораи шакли давлатдории федеролӣ ва истифодаи забонҳои миллӣ шиддат мегирифт. Ин буд, ки дар муборизоти пешазинтихоботии Лоя ҷирга барои қабули Қонуни асосӣ ва интихоботи президентии соли 2004 намояндагони мардумӣ аз нигоҳи таборӣ ба ҷабҳаи пуштунӣ ва ғайрипуштунии бо ҳам мухолиф мунқасим шуда, тамоми миллатҳо ва ақвоми кишвар номзадони худро барои ишғоли курсии раиси ҷумҳур пешбарӣ намуданд. Аммо, тавре маълум аст, дар натиҷаи тақаллубкорӣ намояндаи ақвоми пуштун Ҳомид Карзай дастболо

шуда, намояндаи тоҷикон Ю.Қонунӣ мақоми дувум (16,3%), намояндаи ҳазораҳо М.Муҳаққиқ мақоми савум (11,6%), ӯзбекҳо А.Дустум ҷойи чорум (10%)–ро ишғол карданд.

Нишондиҳандаи возеҳи муборизоти байнимиллӣ таркиби этникии ҳайати Маҷлиси намояндагон буд, ки сентябри соли 2005 интихоб шуда, тақрибан 42% вакилонро пуштунҳо, 23% - ро тоҷикон, 10% - ро ҳазораҳо ва 8% -ро =збекҳо ташкил медоданд. Аммо вакилони тозаинтихоби Маҷлиси намояндагон бар ин ақида буданд, ки таносуби миллӣ дар мақомоти иҷроияи ҳукумати давлатӣ ва Дастгоҳи раиси ҷумҳур тахаллуф шуда, масалан, аз 420 ҷойи ҳукумат 53%-ро тоҷикон, 32% пуштунҳо, 4% ҳазораҳо ва 3%-ро ӯзбекҳо ишғол кардаанд.

Дар тайи солҳои сипаришуда, роҳбарони ҷоҳталаб, бартариҷӯй ва миллатгарои пуштун ба ҳар василае кӯшиш карданд, қарордоди Боннро хунсо ва поймол намуда, аз усули тавозуни этникӣ дар қудрати сиёсӣ сарпечӣ ва намояндагони ғайрипуштунро аз қудрати сиёсӣ дур намоянд. Дар шумори онҳо метавон аз А. Дустум, Ато Муҳаммади Нур, Исмоилхон, Ю. Қонунӣ ва дигаронро ном гирифт. Зиёда аз ин, мисли солҳои пешин аз террори физикии роҳбарони сиёсӣ ва шахсиятҳои илмӣ ва фарҳангии миллатҳои ғайрипуштун даст накашиданд, ки мисоли фоҷиабори он тирборони устоди фарҳехта ва олими шинохтаи кишвар, профессори Донишгоҳи Кобул Аҳмади Панҷшерӣ буд.

Акнун, дар марҳилаи навини таърихи кишвар – интихоботи раиси ҷумҳури соли 2019 боз мехоҳанд бо тақдири миллионҳо мардумони одӣ бозӣ намоянд. Мисли соли 2014, ки бо тақаллуби густурдаи натоиҷи раъйдиҳӣ ва бозиҳои пуштипардагии сарварони хориҷӣ намояндаи қабилаи ғилҷой, аз тирраи Аҳмадзай Ашраф Ғанӣ раиси ҷумҳури Афғонистон гумошта шуда, барои ризои хотири рақибони сарсахташон - дурраниҳо ва тоҷикон, намояндаи онҳоро дар симои як шахс – Абдулло Абдуллои ниматоҷик ва нимадурронӣ ба ҳайси раиси иҷроияи ҳукумат пазируфтанд.

Аммо ҳоло боз мазҳакаи нави интихоботии соли 2019-ро оғоз карданд. Боз тақаллуб, фиреб ва хокпошӣ ба чашми мардум. Бо хатми раъйдиҳӣ, аз 18 номзади раиси ҷумҳур Абдулло Абдулло бо сароҳат эълон кард, ки пирӯз шудааст. Ашраф Ғанӣ ҳам бозиҳои пуштипардагиро давом дода, ба умеди он аст, ки бозингарони асосии пуштипардагии хориҷӣ ӯро дубора ба сари қудрат меоранд. Аммо, бо дарназардошти панҷ соли нокомии ин ду роҳбари ноуҳдабарои "Ҳукумати ваҳдати миллӣ" моҳҳост, ки баъди хатми интихобот ҳануз натоиҷи он эълон нашудааст. Шояд бозингарони асосӣ дар садади кофтукови номзади лоиқтаранд.

## АДАБИЁТ


1. Бзежинский З. Великая шахматная доска. Государство Америки и его геостратегические императивы. М.: Международные отношения, 1998.
2. Государственный Архив Республики Узбекистан (ГА РУ). Ф.18, оп.1, д. 542. л.18
3. Коргун В.Г. Интеллигенция в политической жизни Афганистана. М.: Наука, 1983.
4. Котиб Ф.М. Сироҷ ат – таворих, т.3, Кобул, 1303.
5. Ҳамон ҷо.
6. Лалетин Ю.П. Этносы в Афганистане: напряженность взаимоотношений // Этносы и конфессии на Востоке. Конфликты и взаимодействие / Отв. Ред. А.Д. Воскресенский. – М.: МГИМО (У). 2005.
7. Пластун В.Н. Содержание дебатов на сессии национального совета Республики Афганистан (рукопись, 1990).
8. Рейснер И.М. Независимый Афганистан. М.: Институт востоковедения, 1929.
9. Рейснер И.М. Развитие феодализма и образование государства у афганцев, М., 1954
10. Dupre L. Encxlopedie Iranica. Vol.1.Fasc.6,p.504
11. Wilber. Afghanistan. Its people, its society, its culture. New Haven, 1962.


## НИГОҲЕ БА МУНОСИБОТИ МИЛЛӢ ДАР АФҒОНИСТОН: РАҚОБАТ ВА МУБОРИЗАҲОИ СИЁСӢ


Дар мақола, дар асоси маводи таҳлиливу таҳқиқӣ, аснод ва мадорики зирабти мавзӯи таҳқиқ кӯшиш шудааст, ки масоили марбут ба муносиботи қавмиву қабилавӣ ва миллӣ дар чунин як кишвари бисёрмиллате ба монанди Афғонистон мавриди баррасӣ қарор гирад. Сараввал, барои рӯшании бештар сайри иҷмолие дар таркиби этникии кишвар, ҷуғрофиёи таърихии он, манотиқи сукунати ин ва ё он қавму қабила, масоили этногенетикии онҳо дар кишвар, таарруз, таҳоҷум ва тасарруфи мулкҳои мардумони таҳҷоӣ аз ҷониби қабоили муҳоҷири пасокӯҳи Сулаймон, сиёсати муҳоҷиркунонии қабоили пуштун дар вилоёти ғайрипуштун ва дар ин замина, ривоҷи тадриҷии бартарихоҳии қабоили ҳоким сурат гирифтааст. Баъдан, ҷанбаҳои мухталифи рақобатҳо, мухолифатҳои байнимиллӣ, аз қабили мушкилот ва зиддиятҳои забонӣ, динӣ, минтақавӣ, байнипуштунӣ, низоъҳои байнимиллӣ, рушди худшиносии миллатҳои ғайрипуштун ва пофишорӣ барои саҳим будан дар қудрати сиёсӣ мавриди баррасӣ ва пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Аммо дар марҳилаи кунунӣ мунҳариф ва мутаҷониб шудан аз мусолиҳаи мусовият, ки дар қарордоди Бонн (2001) ба даст омада буд, мазомин ва муҳтавои асосии ҷанҷолҳои сиёсӣ-низомӣ ва давлатсозии қудратҳои асосии этносиёсӣ гардидааст.



**Калидвожаҳо:** Афғонистон, этносҳо, равандҳои этникӣ, муносиботи миллӣ, омилҳои ташаннуҷи этникӣ, мухолифатҳо ва муқобилатҳои этникӣ, инҳироф ва иҷтиноб дар тавозуни қудратҳои этносиёсӣ, ташаккули қудратҳои минтақавии этникӣ.

**ОБЗОР МЕЖНАЦИОНАЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ В АФГАНИСТАНЕ: СОПЕРНИЧЕСТВО И ПОЛИТИЧЕСКАЯ БОРЬБА**

В статье, на основе собранного аналитического материала по рассматриваемой тематике предпринято изучение проблем, связанных с межнациональными отношениями в такой сложной полиэтнческой стране, как Афганистан. В первую очередь, для всестороннего освешения дана краткая географическая, этническая, демографическая, этногенетическая характеристика проживающих этносов, завоевание, экспансия и захват земель коренных народов со стороны кочевых племен Сулеймановых гор, политика переселения пуштунских кочевых племен в непуштунские регионы и, на этой почве возрастающий этнонационализм пуштунских правителей. Наряду с этим, исследованы также различные аспекты межнациональных противоречий и противоборств, в том числе языковые, конфессиональные, региональные, межнациональные и внутрипуштунские конфликты, проблемы и вызовы, растущие тенденции национального самосознания непуштунских этносов и их стремление к рычагам политической власти. Однако на нынешнем этапе главной сутью военно – политических противоречий основных этносов страны является нарушение Боннских(2001г.) договоренностей о паритетном участии основных этносов во власти.

**Ключевые слова:** Афганистан,этносы,этнические процессы, межнациональные отношения,факторы этнической напряженности, этническое противостояние и конфликты, нарушение равновесия этно- политических сил, формирование этно – региональных центров силы.

**OVERVIEW OF INTERNATIONAL RELATIONS IN AFGHANISTAN: RIVALRY AND POLITICAL STRUGGLE**

On the basis of collected analytical materials, an effort is taken in this article to study problems related to interethnic relations in such a complex poliethnic country as Afghanistan. First of all, with aim to give a comprehensive overview, a brief geographical, ethnic, demographic, ethnogenetic characterization of the inhabiting ethnic groups is provided, the conquest, expansion and seizure of indigenous nations' lands by nomadic tribes of the Suleiman Mountains, the resettlement policy of Pashtun nomadic tribes to non-Pashtun regions and, due to this, a growing ethno-nationalism of Pashtun rulers. Along with this, various aspects of interethnic contradictions and confrontations, including linguistic, confessional, regional, interethnic and intra-Pashtun conflicts, problems and challenges, growing tendencies of national self-awareness of non-Pashtun ethnic groups and their striving for levers of political power, were also studied. However, at this stage in the country, the main reason for the military-political contradictions among the key ethnic groups, is the violation of the Bonn (2001) agreements on the equal participation of the main ethnic groups in power.

**Keywords:** Afghanistan, ethnic groups, ethnic processes, interethnic relations, factors of ethnic tension, ethnic confrontation and conflicts, imbalance of ethno-political forces, formation of ethno-regional centers of power.

**Сведения об авторе:** ***Махмадшоев Рахматшо*** – Таджикский национальный университет, доктор исторических наук, профессор кафедры зарубежного регионоведения факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Телефон: **93 5866777**

**Information about the author**: ***Mahmadshoev Rahmatsh***o - Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of Foreign Regional Studies, Faculty of International Relations of the Tajik National University. *Address:* 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.17.
Phone**: (+992) 93 5866777**

**УДК:94(100) ”05/…”**

# ҶУҒРОФИЯИ ТАЪРИХИИ СИСТОН ДАР АСРҲОИ МИЁНА

***Сайфуллоҳи Муллоҷон, Садиров Шараф***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Систон яке аз мулкҳои маъруф ва куҳан ба шумор рафта, дар таъриху тамаддуни халқи тоҷик мақоми хос дорад. Бино ба ахбори муҳаққиқон дар гузашта онро Сакистон меномиданд, ки аз номи яке аз сокинони дерини ориёӣ – мардумони сакоӣ гирифта шудааст. Дар сарчашмаҳои арабӣ ва ҳатто баъзе сарчашмаҳои форсӣ Систонро Сиҷистон навиштаанд. Тақрибан дар аксари давраҳои муҳимми таърихӣ Систон нақши муносиб гузошта, нақши боризе дар таъриху тамаддуни мо гузоштааст.

Муаллифи «Таърихи Систон» менависад, ки ин ин диёри арҷманд ба дасти Гаршосп, ки ба сездаҳ нисбат ба Каюмарс мерасад, бино ниҳода шуд. Ва таъкид мекунад, ки «Каюмарс Одам алайҳиссалом буд» [7, с.2]. Аз ин гуфта чунин бармеояд, ки ҳарчанд он ҷанбаи асотирӣ дорад, вале ҳокӣ аз бовари мардум дар бораи қидмати сарзамини Систон мебошад. Дар ҳамин китоб омадааст, ки Систон чанд ном доштааст, ки муҳимтарини онҳо Систон, Зовул, Заранг ва Нимрӯз мебошанд.

Барои муайян кардани ҷуғрофияи таърихии Систон нақши осори ҷуғрофӣ, ки дар қарнҳои 9-10 таълиф гаштаанд, хеле муҳим аст. Аз миёни ин осор мақоми асари Истахрӣ ва Мақдисиро махсус таъкид мекунем. Чун ахбори ин муаллифон дақиқ буда, бештари навиштаи ин ду аз дидаву мушоҳидаи онон будааст. Ҳамчунин, беҳтарин манбаи иттилои мо роҷеъ ба таърих, ҷуғрофия ва мардумшиносии Систон асари мунҳасир ба фард, бемуаллиф вале гаронсанги «Таърихи Систон» аст. Асаре, ки ҳеҷ ҷое барои суол нагузошта, сарнавишти дерину рангини ин хиттаи гуҳархезро тасвир кардааст. Осори дигари таърихӣ низ бахшҳое аз таърихи Систонро равшан месозанд.

Комилтарин тавсифи ҷуғрофии Систон дар асари Истахрӣ – ҷуғрофиянависи машҳури асри Х омадааст. Ӯ марзҳои Систонро тавсиф карда, ки дарки қаламрави ин мулкро осон мегардонад. Ба навиштаи Истахрӣ, самти шарқии Систонро бо Кирмон пайваста буда, ғарбии Систон бо Хуросон ҳаммарз буд. Шимолии Систонро бо Ҳинд ҳамсарҳад донистааст. Ҷанубии Систон бо биёбоне, ки байни Систон ва Кирмон қарор доштааст, ҳаммарз будааст [2, с.252].

Шаҳрҳои Систонро Истахрӣ зикр кардааст, ки инҳоянд: Заранг, Кас, Наҳ, Тоқ, Қарнин, Хош, Фара, Ҷара, Буст, Равдон, Сарвон, Солиқон, Бағнин, Дарғаш, Тал, Башланг, Банҷвой, Куҳак, Гарма, Қаср, Сивӣ, Исфанҷой, Ҷомон ва Довар. Вижагии дигаре, ки Истахрӣ барои Систон баршумурда, гилин будани тамоми хонаҳои минтақа будааст. Сабаби инро набудани ҷӯб дар Систон меномад.

Кушкҳои Яъқуб ва бародараш Амр замони ба Систон омадани Истахрӣ ҳанӯз пойбарҷо будаанд ва яке аз ин хонаҳо дорулимораи Систон ба шумор меомад. Истахрӣ бо тозӣ навишта бошад ҳам, махсус таъкид мекунад, ки хонаҳои баланди Оли Лайсро систониён «ба забони худ арг мехонанд»(2, 255).

Истахрӣ аз рӯдҳои шаҳр низ сухан меронад, ки ҳар кадом осиёберо мегардонд. Ин маънои хурд будани ин рӯдҳоро дорад. Машҳуртарин рӯди марзи Систонро Истахрӣ Санорӯд меномад.

Вижагии дигари Систон регҳои фаровон ва туғёни онҳо ба шаҳру деҳаҳо буд. Мардуми ин минтақа маҷбур мешуданд, ки садди роҳи туғён шаванд, вале он на ҳамеша натиҷа медод. Муаллифи «Мамолик ва масолик» навиштааст, ки байни Кирмон ва Систон шаҳри бузурге бо номи Ромшаҳристон побарҷо будааст, ки бар асари сели рег аз байн рафта, имкони мушоҳидаи харобаҳои он дар асри Х мавҷуд будааст. Сокинони ин шаҳр ба Заранг ҳиҷрат карда, пойтахти тозаи Систонро обод сохтанд. Садсозӣ барои маҳори об ва истифодаи бештар аз захоири обӣ дар Систон хеле маъмул будааст. Дар фасли серобӣ гоҳе киштиҳо низ дар об ҳаракат мекардаанд. Аммо об дар бештари қисматҳои Систон мушкили ҷиддӣ ба шумор мерафт. Мақдисӣ дар асри Х Систонро дида, навиштааст, ки оби бештари мавзеъҳо аз корезҳо таъмин мегардад.

Систон яке аз минтақаҳои гармтарини қаламрави Эрон ба шумор мерафт ва ба қавли Истахрӣ «аз гармои он ҳаргиз барф дар он ҷо намеуфтад». Вобаста ба иқлим ва ҳавои Систон парвариши дом маъмул буд. Истахрӣ дар бораи Систон навиштааст, ки «аҳли он бо молу ясор ва қудрату маноланд» [2, с.256-258].

Дар биёбони миёни Кирмону Систон моддае бо номи самғ мерӯид, ки таоми умдаи систониён ва содироти ин минтақа будааст.

Истахрӣ зимни баршумурдани шаҳру минтақаҳои Систон таъкид мекунад, ки дар ин музофот «аввал Заранҷ» аст, ки муарраби Заранг мебошад [2,с. 252]. Ин маънои онро дорад, ки ин шаҳр пойтахти Систон ва қалби он ба шумор меравад. Истахрӣ дар идома ҷойгоҳи сиёсӣ ва низомии Заранҷро шарҳ дода, дарвозаҳои шаҳрро ба тартиб Нав, Куҳна, Каркуя, Найшак ва Таом номидааст, ки аз ҳар кадом ба самти вилоят ва шаҳре роҳ мавҷуд буд. Мақдисӣ Зарангро маркази мору мардони гарданфароз номидааст. Систон, ки бо биёбон иҳота мешуд, макони морони саммӣ дониста шудааст. Мақдисӣ инчунин Зарангро «Басраи Хуросон» меномад [3, с.444].

Номи яке аз ноҳияти Систон Болис буд, ки шаҳри онро Сивӣ мехонданд. Рухаҷ қисмати дигари Систон ва хеле машҳур буда, маркази он Банҷвой ном дошт. Шаҳри дигари Рухаҷ Куҳак ном дошт. Мардуми ин шаҳр дар суф бофтан шуҳрати тамом доштанд. Ин суф ба дигар минтақаҳо низ содир мегашт.

Қисмати дигари Систон Баладидовар будааст. Шаҳрҳои он Дарғаш, Бағнин, Халаҷ, Хош ном дошта, нисбат ба дигар минтақаҳои Систон дертар ба ислом гаравиданд. Мардуми Халаҷ мувофиқи навиштаи Истахрӣ турк буда, ин ҷойи хушобуҳаворо пештар аз омадани арабҳо тасарруф кардаанд. Либосу сирати халаҷӣ низ бо туркон монанд будааст.

Шаҳри дувуми Систон пас аз Заранг Буст ба шумор мерафт. Истахрӣ навиштааст, ки «дар аъмоли Систон баъд аз Заранг ҳеч шаҳре бузургтар аз он нест» [2, с.257]. Мардуми шаҳр низ бо саховату мурувват шухра будаанд. Мақдисӣ низ дар фазилати Буст навиштааст, ки «қасабаест муҳим, мардумаш аҳли дину ойин ва адабу донишу мардонагӣ ҳастанд» [3, с.443].

Ба як нуктаи дигар низ ишора кунем ва он фарзандони бономи Систон, аз ҷумла шаҳрҳои он аст. Ҷойгоҳи Буст миёни шаҳру деҳоти Систон хеле муҳим аст. Бо вуҷуди кӯчакӣ аз Буст донишманду фақеҳу шоири зиёд бархостааст. Аз ҷумла, Абумансури Фақеҳи Сагистонӣ, ки Мақдисӣ ва дигар муаллифон аз ӯ нақли қавл кардаанд. Дигар чеҳраи шохиси адабӣ, ки парвардаи Систон аст, Абулфатҳи Бустӣ ба шумор меояд, ки бо дарбори Сомониён ва Ғазнавиён иртиботи танготанг доштааст. Абулфатҳ бо арабиву форсӣ ашъори баланд суруда, қасидаву ғазалҳои ғарро дорад. Саолибии машҳур, ки камтар шоиронро сутуда, баъзе ашъори Бустиро дар «ҳадди аъҷоб» донистааст [5, с.345]. Ӯ соли 1010 бар асари ранҷидани Султон Маҳмуд аз Ғазнин табъид гашт ва дар оворагиву саросонӣ ҷон ба ҷонофарин супурд. Машҳуртарин шахсияти сиёсии Систон Яъқуби Лайс аст, ки аз Қарнини Систон бархостааст. Қарнинро ҷуғрофинависон шаҳри хурд ва иборат аз деҳаҳои зиёд ва як диж донистаанд.

Масъалаи дигаре, ки дар зикри таъриху ҷуғрофияи Систон аз он бояд ёдовар шуд, мавқеи стратегии ин минтақа дар низоми давлатдории қадим ва асрҳои миёнаи Эрон мебошад. Номи Систон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ борҳо зикр шудааст. Қаҳрамони достонҳои дилангези ин асар Рустам бо Систон пайванди ногусастанӣ дорад. Соми Наримон ҷадди Рустам ҳокими ин қисмати Эрон дониста мешавад. Муаллифи «Таърихи Систон» дар васфи Рустам бо ифтихор навиштааст, ки «Худои таъоло хештанро ҳеч бандае чун Рустам дигар наёфарид». Ин сарзамин дар таърихҳои куҳани эронӣ макони паҳлавонон шумурда мешавад.

Дар аҳди Ашкониёну Сосониён низ Систон аҳаммияти муҳим дошт ва дар солномаҳои ин давра аз он мукаррар зикр мешавад. Фарҳоди III (70-57 то милод) дар муборизаҳои худ алайҳи Селевкиён соли 129 то милод аз сокинони ин ҳитта – сакоиён ёрӣ хост [1, с.14]. Дар замони Сосониён бар асоси тақсимоти маъмурие, ки Хусрави Анӯшервон гузаронд, Эрон ба чаҳор бахш қисмат шуд ва ин бахшҳо – Хуросон (шарқ), Хуброн (ғарб), Озарбодгон (шимол) ва бахши Нимрӯз (ҷануб), ки ҳамин Систон аст. Яъне, Систонро Сосониён қисмати муҳим ва ё асли кишвар мешумурдаанд.

Мувофиқи ахбори «Таърихи Систон», арабҳо дар замони хилофати Усмон ибни Аффон (644-656) ба дасти Рабеъ ибни Зиёд фатҳ шудааст. Ин сарчашмаи муътабар навиштааст, ки шоҳи Систон дар ин давра Эрон ибни Рустам ном дошт. Пас аз машварат бо мубади мубадону дигар бузургони Систон қарор доданд, ки сулҳ баста шавад. Сарлашкари араб низ ҷавоб дод, ки «мо сулҳ дӯсттар дорем» [7, с.81]. Қарордоди сулҳро ин сарчашма як миллион (ҳазор ҳазор) дирам номидааст. Муаллифи «Таърихи Систон» номи тамоми волиёни Систонро, ки дастгоҳи хилофат фиристода буд, навиштааст. Бештари эшон як вазифа доштанд ва он ҳам ҷамъоварии молиёт ва аз ин ҳисоб ғорати аҳолӣ. Дар замони Аббосиён яке аз чунин волиёни ситампеша Алӣ ибни Исо буд, ки Ҳорунуррашид вайро фиристода буд. Корномаи ӯро Абулфазли Байҳақӣ чунин баҳо медиҳад: «Алӣ Хуросону Мовароуннаҳр ва Раю Ҷиболу Гургону Табаристон ва Кирмону Сипоҳону Хоразм ва Нимрӯзу Систон бикanду бисӯхт ва он ситад к-аз ҳадду шумор бигзашт» [6, с.456].

Дар асрҳои миёна, хусусан давраи садсолаи Аббосиён то баромадани Саффориён, Систон давраи нооромиву иғтишоши бесобиқаеро паси сар кардааст. Систон ба маркази ҷунбишҳои мардумӣ бар зидди хилофат табдил ёфт. Яке аз ин қаҳрамонони мардумии Систон Ҳамзаи Озарак буд, ки хотираи таърихӣ ва ёди сакоиҳои диловарро дубора зинда кард. Дар сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки ӯ мегуфт, шакли аслии Сакистон ба маънии сарзамини сипоҳ буда, азамати дерини ин кишварро бояд эҳё кунем. Аммо сарчашмаҳои дигар, назири Табарӣ ва Ибни Асир, аз кушторҳои зиёди Ҳамза ёдовар шудаанд, ки «қаҳрамон» будани ӯро зери суол мебарад.

Муаллифи «Таърихи Систон» беҳтарин даврони Систонро замони истиқрори Саффориён мушуморад, ки барои амнияту рифоҳи ин сарзамин ҳар чӣ дар тавон доштанд, карданд. Саффориён, ки худ систонӣ буданд, ба зодгоҳи хеш ангезаи бузургӣ ва ғурури маҳаллӣ бахшиданд. Ифтихоре, ки систониён садсолаҳо онро нигоҳ доштанду бар он меболиданд. Аммо ин ифтихор танҳо ба маҳалли хос ё забони бумии сагистониён хатм намешуд. Маҳз дар Систон буд, ки Яъқуб бо забони арабӣ ситоиш гаштанро написандид ва бо ташвиқи ӯ буд, ки «Муҳаммад ибни Васиф пас шеъри порсӣ гуфтан гирифт» [7, с.210-211]. Яъне, ба таъбири дигар Систон дар баробари Балху Бухоро яке аз хостгоҳҳои забону адаби порсии нав шумурда мешавад.

Сомониён ҳукумати Хуросонро аз Саффориёни систонӣ гирифтанд. Аз ин рӯ дар назди ҳамшаҳриёни Оли Лайс чандон маҳбубу мақбул набуданд. Гузашта аз ин, соли 912 бар асари бекифоятии фиристодаи Сомониён ва таҳқири систониён мардум алайҳи амири Хуросон (Аҳмад ибни Исмоил) шӯрида, фиристодаи вайро берун карданд. Достони ин моҷаро, ки муаллифи «Таърихи Систон» оварда, нишонгари зиддияти хуросониҳову систониҳо мебошад, ки саранҷом яке аз далелҳои суқути Сомониён гардид.

Маҳмуди Ғазнавӣ ҷойгоҳи стратегии Систонро барои тасарруфоти худ дар самти Ҳинд эҳсос мекард. Аз ин рӯ, соли 1002 ҳокими Систон Халаф ибни Аҳмадро барканор карда, ҳукумати хешро бар ин хитта устувор кард. Носири Хусрав дар қасидаи маъруфи худ чунин гуфт:

*Чу Систон зи Халаф, Рай зи розиён бистуд,*
*В-аз авҷи кайвон сар барфарошт айвонро.*

Муаллифи «Таърихи Систон» ба қудрат расидани туркон дар Хуросон ва ишғоли Систонро бо ин ҷумлаи маъруфи худ чунин хулоса мекунад: «ва чун бар минбари Ислом ба номи туркон хутба карданд, ибтидои меҳнати Систон он рӯз буд» [7, с.354]. Муҳимтарин рукни сиёсати Маҳмуд дар муносибат бо ҳокимони музофоте, ки онро тасарруф мекард, барҳам задани сулолаҳои маҳаллӣ буд.

Ба хотири хубтар ба роҳ мондани системаи идориву маъмурии хеш Ғазнавиён ба се шаҳри бузурги ин аср аҳаммияти вижа медоданд. Инҳо Ғазна, Балх ва Буст буданд. Ба навиштаи Байҳақӣ, вазир ба амир Масъуд ҳушдор дода буд, ки Рай «аз мо сахт дур аст», вале он аз ҷиҳате ҳам барои Ғазнавиён аҳаммият дошт, ки воситаи иртиботи Хуросон бо Ироқ буд. Бо ин манзур Ғазнавиён вазифаи сипоҳсолори Ироқро таъсис дода буданд, ки мақарри он шаҳри Буст буд. Байҳақӣ навиштааст, ки Амир Масъуд амаки худ Юсуфро бо сипоҳе муҷаҳҳаз карда, ӯро чунин мегӯяд: «Ай амм, ту рӯзгоре осуда будаӣ ва мегӯянд, ки волии Қусдор дар ин рӯзгори фатрат боде дар сар кардааст, туро сӯйи Буст бояд рафт бо ғуломони хеш ва ба Қусдор муқом бояд кард, то ҳам Қусдор ба салоҳ ояд ва хароҷи дусола бифиристад ва ҳам лашкарро, ки ба Макрон рафтаанд, қуввате бузург бошад ба муқом кардани ту ба Қусдор» [6, с.373].

Бояд гуфт, ки вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ, офатҳои табиӣ ва ҳуҷуми вайронгари сулолаҳои ғоратгар ҷуғрофияи таърихӣ ва қаламрави Систон тағйир ёфтааст. Зеро дар натиҷаи ҳамлаҳои харобиовари Салҷуқиён ва муғулҳо баъзе шаҳру қасабаҳои Систон комилан аз байн рафта, дигар асаре аз онҳо боқӣ намондааст.

Дар қисмати мардумшиносии Систон низ бояд таваҷҷуҳ дошта бошем. Систон ҳамон тавре ки вижагиҳои иқлимӣ дорад, мардумони он низ аз мардумони тамоми минтақаҳои Хуросону Эрону Мовароуннаҳр бо сару либос ва қиёфаву ахлоқу рӯҳиёту эътиқод тафовут

доштанд. Мақдисӣ навиштааст, ки систониён таассуби ошкор доранд. Вижагии дигари систониёнро, ки дар дигар минтақаҳои тоҷикнишин низ мавҷуд аст, лақаб мондани маҳалҳо ба якдигар аст. Мақдисӣ, ки араб аст, инро дар Систон мушоҳида карда, навиштааст, ки систониён «қасидаҳо дар накӯҳиши якдигар месароянд» [3,с. 445]. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки сару либоси систониён дар асрҳои миёна бо либоси тамоми минтақаҳои дигари Эрон тафовут доштааст. Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар гуфтори ширини худ аз Фаррухии Систонӣ ёдовар шуда, мегӯяд, ки Чағониён чун либосу кафш ва дастори сагзиён бар андоми Фаррухӣ диданд, онро аҷиб диданд. «Фаррухиро сагзие дид беандом, ҷуббае пешу пас чок пӯшида, дасторе бузурги сагзивор дар сар ва пою кафш бас нохуш» [8, с.58]. Хусусияти дигари систониёнроривоҷи айёрӣ медонанд, ки дар асрҳои миёна хеле маъмул буд.

Ба ҷуз сокинони бумӣ арабҳо низ дар ин минтақа сукунат ихтиёр кардаанд. Мо инро аз он ҷо медонем, ки муаллифи «Таърихи Систон» пайравони Ҳамзаи Озаракро араб меномад. Арабҳо дар бештари минтақаҳои Эрон ва Хуросон, баъзан дар Мовароуннаҳр ва Систон низ сукунат ихтиёр карда буданд. Бақоёи ин арабҳоро то кунун метавон мушоҳида кард.

Систон низ чун дигар қисматҳои Эрон пайрави оини зардуштӣ будааст. Аммо панҷ маркази динии масеҳиён низ ин ҷо вуҷуд доштааст [1, с.23-30]. Дар бораи ҳузури пайравони масеҳият пас аз ҳамлаи арабҳо ва густариши тадриҷии ислом маълумот хеле кам аст. Аз як ишораи «Таърихи Систон», ки дар бораи тасарруфи Систон ба дасти Султон Маҳмуд хабар додааст, метавонем хулоса кунем, ки ҳанӯз пайравони масеҳият дар Систон ҳузур доштаанд. Чун дар ҷараёни ишғоли Систон ба дасти сипоҳи Маҳмуд масҷид ва калисои масеҳиён ғорат карда мешавад. Ин муаллиф мегӯяд, ки ғарази сипоҳиёни турк «ғорат буд, на куштан» [7, с.357].

Аз эътиқоди асримиёнагии аҳли Систонривоҷи ҷунбиши хориҷияро бояд таъкид кард. Ҳатто вақте Мақдисӣ ба ин ҷо меояд, тафаккури хориҷӣ ҳанӯз побарҷо будааст. Ӯ навиштааст, ки бештари систониён бо ду домоди Пайғамбар – Усмон ва Алӣ, ки давраи хилофати онҳо замони ноороми ва қатлу куштор ва падид омадани ҷунбиши хориҷия мебошад, душманӣ доранд [3, с.445]. Ҷунбиши хориҷия дар Систон беш аз дусад сол идома ёфт ва дар ташаккули ҷаҳонбинии мардуми ин минтақа нақши сазовор гузошт. Аммо ин ҷонибдории систониён аз хориҷия на ба хотири идеалҳову назарияҳои ин ҷунбиш буда, он бештар ҷанбаи сиёсӣ ва иқтисодӣ дорад. Чун хориҷиён ҳукумати Аббосиёнро напазируфта, истиқлоли Систонро ҳифз карданд ва ба Аббосиён низ додани хироҷро рад карданд. «Пас, Ҳамза мардумони Саводи Систонро ҳама бихонду бигуфт, як дирам хароҷу мол беш ба султон мадиҳед, чун шуморо нигоҳ натавонанд дошт ва ман аз Шумо ҳеч нахоҳаму наситонам» [7, с.243]. Мақдисӣ менависад, ки дар мавзеи Фараҳи Систон мардум ба ду даста тақсим мешуданд, қисме хориҷӣ буданд ва гурӯҳе суннимазҳаб. Дар ҷое дигар яке аз ноҳияҳои Систонро, ки Борнавод ном дошта, зикр карда, таъкид мекунад, дар ин макон хориҷиҳо мавҷуд намебошанд [3, с.446].

Дар давраҳои баъд аз заволи Аббосиён низ Систон маркази шӯришу ошӯбҳои фаровон буда, дар бештари мавридҳо ҳамчун пойгоҳи шӯришу ошӯб шинохта мешудааст. Оромгоҳҳову мазорҳои ҳудуди Систон нисбат ба дигар минтақаҳои Эрону Хуросону Мовароуннаҳр камтар ба мушоҳида мерасанд, ки шояд ба хотири пирӯзии андешаи хориҷия, ки муқаддас шумурдани афроду хулафо барояш бегона буд, вобаста бошад. Яке аз чунин мазорҳо бо номи Хоҷа Ғалтон маъруф буд, ки мувофиқи баъзе ривоятҳо мансуб ба яке аз бародарони Дониёли набӣ будааст. Мазорҳои дигаре низ дар Систон мавҷуд аст, ки хеле машҳур намебошанд.

Ҳамин тавр, Систон дар асрҳои миёна минтақае бо вижагиҳои хосси ҷуғрофӣ, иқлимӣ, оину русум ва эътиқодӣ будааст, ки омӯхтани он аз аҳаммияти бузурги илмӣ бархӯрдор аст. Систон пас аз Хуросону Мовароуннаҳр, муҳимтарин музофоти таърихии тоҷикнишин будааст, ки дар ташаккули фарҳангу андешаи ниёгони мо нақши бориз гузоштааст.

## АДАБИЁТ

1. Босворт К.Э. Таърихи Систон. Аз омадани тозиён то баромадани давлати Саффориён / К.Э. Босворт; Тарҷумаи Ҳасани Ануша. -Теҳрон, 1377. -302 с.
2. Истахрӣ Абӯисҳоқ Иброҳим. Мамолик ва масолик. Тарҷумаи Муҳаммад ибни Асъад ибни Абдуллоҳи Тустарӣ. Ба кӯшиши Эраҷи Афшор. -Теҳрон, 1373.
3. Мақдисӣ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-т-тақосим фи маърифатил ақолим.. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. -Теҳрон, 1385.
4. Мец Адам. Мусульманский реннесанс. Перевод с немецкого, предисловие, библиография и указатель Д.Е.Бертельса. М., Наука, 1973.
5. Саъолибӣ Абумансур. Йатимату-д-даҳр фи маҳосини аҳли-л-аср. Таҳқиқи Муҳаммад Муҳийиддин Абдулҳамид. -Қоҳира, 1947.
6. Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ / Таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо С. Муллоҷон. Душанбе, 2014.
7. Таърихи Систон. Ба тасҳеҳи Маликушшуарои Баҳор. -Теҳрон, 1366 ҳ.
8. Чаҳор мақола. Таълифи Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ Низомии Самарқандӣ. Тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ. Теҳрон, 1343.

## ҶУҒРОФИЯИ ТАЪРИХИИ СИСТОН ДАР АСРҲОИ МИЁНА

Систон аз музофоти муҳимми таърихӣ ба шумор рафта, дар таърихи халқи тоҷик мақоми махсус дорад. Ин минтақа хусусиятҳои хосси ҷуғрофӣ, иқлимӣ, мардумшиносӣ дошта, бо Хуросон, Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон робитаҳои наздики сиёсӣ ва тиҷоратӣ доштааст. Шаҳрҳои муҳимми он Заранг, Буст, Хош, Наҳ, Тоқ, Қарнин, Бағнин, Дарғаш, Қаср, Сивӣ, Исфанҷой, Ҷомон ва Довар будаанд. Систон аз замонҳои қадим дар сарнавишти давлатҳои минтақа нақши муҳим ифо мекардааст. Машҳуртарин шаҳрҳои Систон Заранг ва Буст ба шумор мерафтанд, ки ҷойгоҳи муҳимми стратегӣ доштанд. Ислом дар ин сарзамин дар чанд марҳила паҳн шудааст. Машҳуртарин ҳаракати динӣ дар таърихи Систон ҷунбиши хориҷия ба шумор меомад. Дар давраҳои гуногуни ин минтақа шӯришу исёнҳои зиёде алайҳи ҳукумати марказӣ барпо кардаанд. Систон дар тарвиҷи забону адаби форсӣ нақши муҳим гузоштааст.

**Калидвожаҳо:** таърихи халқи тоҷик, Систон, хусусиятҳои хосси ҷуғрофӣ, робитаҳои сиёсӣ ва тиҷоратӣ, ислом, ҳаракати динӣ, ҷунбиши хориҷия.

## ИСТОРИЧЕСКАЯ ГЕОГРАФИЯ СИСТАНА В СРЕДНИЕ ВЕКА

Систан являсь одним из важных исторических провинций, имеет особое место в истории таджикского народа. Её территория имела специфические особенности в сфере географического положения, климата, демографии. Систан имела близкие политические и торговские отношения с Мавераннахром и Индией. Такие города как Заранг, Буст, Хош, Нах, Ток, Карнин, Багнин, Даргаш, Каср, Сиви, Исфанчой, Джаман и Довар входили в территорию Систана. Особенно Заранг и Буст находясь в стратегически важной территории, имели особенное место. Именно из этих городов распространился Ислам в нескольких этапах. Самым популярным религиозным движением в истории Систана является Хариджиты. В Систане совершались разные восстания и бунты против центрального правительства. Систан также сыграла важную роль в развитии персидской литературы.

**Ключевые слова:** история таджикского народа, Систан, сфера географического положения, политические и торговские отношения, ислам, религиозное движение Хариджиты.

## HISTORICAL GEOGRAPHY OF SISTAN IN THE MIDDLE CENTURIES

Sistan is one of the important historical provinces, played a special rolein the history of the Tajik people. Its territory had specific features in the field of geographical location, climate, and demography. Sistan had close political and commercial relations with Maverinnakhr and India. Cities such as Zarang, Boost, Khosh, Nakh, Tok, Karnin, Bagnin, Dargash, Kasr, Sivi, Isfanchoy, Dzhaman and Dovar were in the territory of Sistan. Especially Zarang and Boost, being in a strategically important territory, had a special place. From these cities Islam spread in several stages. The most popular religious movement in Sistan's history is Kharijits. In Sistan, various uprisings and revolts took place against the central government. Sistan also played an important role in the development of Persian literatur

**Keywords:** history of the Tajik people, Sistan, geographical area, political and commercial relations, Islam, Kharijita religious movement.

**Сведения об авторах:** ***Сайфуллохи Муллоджон*** – доктор исторических наук, профессор кафедры древней, средневековой истории и археологии **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки. 17. E-mail: **saifullo7272@mail.ru**

***Шараф Садиров*** – Государственный педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, старший преподаватель кафедры истории и педагогики. E-mail: **sharaf.256@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Sayfullohi Mullogyon*** - Doctor of Historical Sciences, Professor, Department of Ancient, Medieval History and Archeology **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue. 17. E-mail: **saifullo7272@mail.ru**

***Sharaf Sadirov*** - State Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht District, Senior Lecturer, Department of History and Pedagogy. E-mail: **sharaf.256@mail.ru**

УДК 930.85

# ИНЪИКОСИ ВИЖАГИҲОИ НИЗОМИ ИДОРИИ ИМПЕРИЯИ ҲАХОМАНИШИҲО ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК

*Муродов Н.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дер ё зуд дар саҳифаи таърихи ҳар қавму халқият падидае ворид мегардад, ки бо як қатор хусусиятҳои хосси худ аз давраҳои дигар фарққунанда аст. Дар таърихи қадими халқи тоҷик яке аз чунин марҳилаҳои нисбатан сарнавиштсоз даврони ҳукмронии империяи Ҳахоманишиён махсуб меёбад. Аҷдодони тоҷикон дар таърихи инсоният нахустин шуда низоми мукаммали давалатдорӣ ва империяи бузургеро ба вуҷуд оварданд, ки аз лиҳози геополитикӣ дар се қитъаи олам доман афрӯхта буд. Албатта, эъмори чунин як императории бузург ва тӯли 220 сол нигоҳ доштани он кори саҳл набуда, як низоми мукаммали давлаториро металабад. Шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ аз Куруш сар карда то Ҳишёршоҳ низоми хоссаи давлаториро ба вуҷуд оварданд, ки минбаъд чи аз ҷониби юнониёну мақдуниҳо ва чи аз ҷониби римиҳо ҳамчун намуна қабул гардида буд.

Бояд тазаккур дод, ки тӯли зиёда аз дусад сол мешавад, ки аз ҷониби муҳаққиқони мухталифи хориҷию дохилӣ масоили давлатдории Ҳаҳоманишиён мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Таҷрибаи бою ғании ин саҳифаи таърихии аҷдодони тоҷикон то ҳол аксариятро ба ҳайрат гузоштааст. Махсусан низоми вижаи ташкилнамудаи онҳо, ки минбаъд ҳамчун намунаи давлатдорӣ қабул гардида буд.

Хушбахтона, дар роҳи таҳқиқи ин саҳифаи таърихи аҳди қадими халқи тоҷик тӯли солҳои охир як қатор муҳаққиқони тоҷик саҳми бузурги хешро гузошта истодаанд. Дар саргаҳи ин таҳқиқот, пеш аз ҳама, муҳаққиқони барҷаста Б. Ғафуров, Н. Неъматов, Ю. Яъқубов, Қ. Расулиён, М. Ҳазратқулов, И. Умарзода ва дигарон қарор доранд. Ҳамчунин, дар ин самт саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нашри як қатор китобу мақолаҳои илмӣ барҷаста мебошад. Дар осори ҳар яке аз ин муҳаққиқони номбаршуда метавон саҳифае аз низоми давлатдории Ҳаҳоманишиёнро дарёфт, ки нишондиҳандаи зарурати омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин марҳилаи сарнавиштсози таърихи аҷдодони тоҷикон мебошад.

Дар замони муосир, махсусан дар даврони соҳибистиқлолӣ, омӯзиш ва таҳқиқи таърихи давлатдории аҳди қадими халқи тоҷик саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад. Маҳз тавассути омӯзиши ин саҳифаҳои таърихӣ имрӯз халқи тоҷик исбот карда метавонад, ки дар ташаккул ва рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми бузург дошта, таҷрибаи пурғановати давлатдориро соҳиб аст. Ба ин манзур дарси таърих, сабақи давлатҳои бавуҷудомада ва азбайнрафта хеле омӯзанда аст. Дар ин хусус метавон таъкидҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро иқтибос овард, ки чунин навиштааст: “Имрӯз давлатҳои соҳибиситиқлол, узви созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошанд, ки дар асоси санадҳои муътабари умумибашарӣ истиқлолияти онҳо ҳарчи бештар ва беҳтар таҳти ҳимоя қарор мегирад. Вале дар гузаштаи начандон дур ҷангҳои харобиовар давлатҳои зиёдро аз харитаи ҷаҳон хориҷ намуда, давлатҳои навро ба вуҷуд меоварaданд. Вазифаи ҷомеаи ҷаҳонист, ки сулҳу амниятро нигоҳ дошта, аз ҳар гуна тахдидҳои харобиовар халқҳо ва давлатҳоро нигоҳ дорад” [6, с. 61].

Ҳамин тавр, омӯзиши низоми давлатдориҳои гузашта имконият медиҳад, ки имрӯз аз таҷрибаи ибратомӯзи онҳо истифода бурда, дар таҳкими давлатдорӣ ба муваффақият ноил гардем. Ҳахоманишиён барои аҷдодони тоҷикон хизмати бузург ва таърихӣ намудаанд. Онҳо муттаҳидсозии қавму миллатҳои аҷдодии тоҷикон – ориёиҳоро, ки аз ҳазорсолаи III-II оғоз ёфта буд, идома дода, ба марҳилаи нав бурда расониданд.

Муҳаққиқи тоҷик М. Ҳазратқулов баъд аз омӯзиш ва таҳқиқи масоили давлатдорӣ ва низоми идории Ҳахоманишиён ба чунин хулосае омадааст, ки дар чунин як марҳилаи қадими таърихӣ ба ҳайати империяи Ҳахоманишиён Мисру Фаластину Финиқия, Лидия, Порс, Балуҷистон, Осиёи Миёна ва Ҳиндустон дохил мешуданд. Ба ақидаи ӯ, то ин замон ҳеҷ давлате ба ин бузургиву паҳноварӣ, ки дар зери ҳукумати як нафар бошад, дар таърих ба вуҷуд наомада буд. Сарзаминҳои аҷдодии тоҷикон Бохтару Суғд ва Порту Хоразм қисмати муҳимми давлати Ҳахоманишиёнро ташкил медоданд [10, с. 126]. Дар умум, ягонагии таърихӣ, этникӣ, динӣ ва фарҳангии Орёнои Ғарбию Шарқӣ имконият фароҳам овард, ки муҳити сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии давлати Ҳахоманишиҳо дар ташаккулу рушди тамаддуни ягона ва умумии аҷдодони тоҷикон саҳми бузурге гузорад.

Таҳлили осори муҳаққиқони тоҷик ва муқоисаи он бо таҳқиқотҳои муаррихони хориҷӣ равшан намуд, ки дар низоми идории императории Ҳахоманишиҳо шоҳ нуфузи мутлақ дошта, амру фармони ӯ лозимуличро буд ва шахсоне, ки аз фармон саркашӣ менамуданд,

бидуни баррасӣ ба қатл маҳкум мешуданд. Ҳукми охирин аз ҷониби шоҳ вобаста ба масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ бароварда мешуд ва он тағйирнопазир буд. Вале ин маънои онро надошт, ки тамоми масъалаҳои давлатдориро танҳо шоҳ ҳаллу фасл менамуд. Мувофиқи маълумоти яке аз таҳқиқотчиёни таърихи давлатдории аҳди қадими халқи тоҷик Эмомалӣ Раҳмон дар назди дарбори шоҳ шӯрое амал менамуд, ки он аз наздикони шоҳ, хешу табор ашрофу аъёни бонуфуз, ки элитаҳои сиёсии ҷомеа маҳсуб меёфтанд, таркиб ёфта буд [6, с. 127].

Бояд қайд намуд, ки мавҷудияти шӯрои назди шоҳ яке аз муваффақиятҳои бузурги таҷрибаи давлатдории аҷдодони тоҷикон дар аҳди қадим буд. Он намегузошт, ки шоҳ қарорҳои нодуруст қабул намояд, яъне дар мукаммал гардидани қонунҳо ва мураттаб гардидани онҳо нақши боризро мебозид. Шоҳаншоҳ, пеш аз оне, ки дар хусуси масъалаи муҳимми давлатӣ қарор мебаровард, бо ин шӯро машварат намуда, баъдан бо дарназардошти ин шӯро ҳукми охиринро мебаровард. Яке аз масъалаҳои машваратии муҳим эълони ҷанг бо давлатҳои ҳамсоя буд, ки баъд аз баррасиҳои зиёд маълум мегардид. Дар ин радиф соҳибмансабони бузург ба тарви мустақим дар муқобили шоҳ масъулият доштанд. Барои пешгирӣ аз зиддияту шӯришҳои эҳтимолӣ дар ҳавзаи қудратии ҳар шаҳру ноҳияҳо фармондеҳӣ бар кулли қувваи муқими он вилоят интихоб мешуд, ки он низ масъул назди шоҳаншоҳ буд. Илова бар ин, тафтишгароне, ки унвони “чашму гӯши шоҳ”-ро доштанд, дар қаламрави шоҳаншоҳӣ сайр намуда, ногаҳон хешро бар масъулини фармон муаррифӣ карда, ба баррасии фаъолияти сатрапҳою амалдорони минтақавӣ машғул мегардиданд ва дар ҳолатҳои лозима аз неруҳои ҳарбӣ истифода менамуданд. Таҳлили вижагии низоми идорӣи давлати Ҳахоманишиҳо нишон медиҳад, ки хонаводаи шахси зимомдор ҳам меҳвари чархи ҳукумати шоҳаншоҳӣ буд ва ҳам омӯзишгоҳе барои мудирони мавриди ниёзи идораи ин мошин ба шумор мерафт. Дастгоҳи идории ҳирфаии Ҳахоманишиҳо чун даврони ибтидоӣ, яъне замони ҳукмронии Куруш ва Дорои 1 боқӣ монд. Бояд қайд намуд, ки муҳимтарин намояндагони ин ниҳод дабирони шоҳ маҳсуб меёфтанд, ки дар назди сатрапҳои шоҳӣ зиндагӣ намуда, вале тобеи сатрапҳо набуданд ва ба таври мустақим ба ҳукумати марказӣ гузориш ва ҳисобот медоданд. Ақидаҳои муҳаққиқони тоҷикро дар бобати чунин низоми хоссаи давлатдорӣ асари муаррихи барҷастаи атиқа Ксенофон “Курушнома” қувват мебахшад, ки мувофиқи маълумоти ӯ, суханони Куруши Кабир намунаи идораи умури мамлакат барои ҳамаи аҳли ин сулола маҳсуб меёфт. Дар ҷумлаҳои ӯ зиракӣ, дурандешӣ, салобату ғамхории Куруш зоҳир шуда, ҳамвора даъвати ӯ ба ёрону ҳамсафонаш барои ҳифзу ободии давлат баён шудааст.

Ҳамчунин, шоҳаншоҳ на танҳо дар хусуси масъалаҳои мубрами давлатӣ, балки вобаста ба масъалаҳои дигар низ метавонист ҳукм барорад, чун ҳокимияти ӯ мутлақ ва номаҳдуд буд. Аз аҳди ҳукмронии Дорои 1 сар карда нуфузи шаш хонадон, ки дар ба даст овардани ҳокимият ба ӯ ёрӣ расонида буданд, баланд гардида, дар низоми идорӣ мақоми баландро ишғол менамуданд. Давлати Ҳахоманишиҳо шакли классикии шоҳаншоҳии ориёиҳоро таҷассум менамуд, ки бо хусусиятҳои хосси идориаш аз давлатҳои пеш фарқият дошт. Вале наметавон низоми бавуҷудовардаи онҳоро билкул нав номид. Чун беҳтарин рукнҳои низоми давлатҳои Мод, Бобул, Митан, Элом, Акад аз ҷониби шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ, махсусан асосогузори империя Куруши Кабир синтез шуда, дар амал татбиқ гардидааст.

Масъалаи дигар, ки аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик мавриди баррасӣ ва таҳқиқ карор гирифтааст ин дараҷабандии мансабҳо дар низоми идории шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо аст. Мувофиқи маълумоти академик Б. Ғафуров баъд аз шоҳ мақоми аз ҳама баландтарро ҳазорпат ишғол менамуд. Рисолати ӯ сардории ҳокимияти иҷроия буда, аз болои ҳамаи мансабдорони шоҳаншоҳӣ назорат менамуд. Ба таври имрӯз ҳазорпат вазифаи вазириро иҷро менамуд. Ҳамчунин, ӯ дар як вақт сардории навкарони махсус, яъне яккачини шоҳ буд ва дар вақти ҷанг рисолати сарлашкариро иҷро менамуд [1, с. 88-89]. Муҳаққиқони тоҷик ба маълумотҳои муаррихи аҳди атиқа Ҳеродот такя намуда, қайд намудаанд, ки ҳуҷҷатгузорӣ дар аҳди Ҳахоманишиҳо дар сатҳи баланд ба роҳ монда шуда буд. Ҳамаи воридоту содирот, мукотиба ва дигар санадҳои муҳимми давлатӣ дар китобҳои махсус сабт мешуданд. Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва санадҳои муҳимми давлатӣ ҳатман муҳри шоҳаншоҳ гузошта мешуд. Дар ин радиф дар такя ба маводҳои аз Тахти Ҷамшед бадастовардаи муҳаққиқон бояд қайд намуд, ки тамоми ҳуҷҷатҳои давлатӣ ба забони оромӣ навишта мешуданд. Мувофиқи ақидаи Эмомалӣ Раҳмон ин забон дар сарзаминҳои Шарқи Наздик ба сифати забони тиҷорат ва ҳуҷҷатнигорӣ истифода мешуд. Дар идораи давлатӣ низ забони форсии қадим дар муошират буда, тамоми машваратҳои давлатӣ бо ин забон сурат мегирифтанд. Дар ин радиф, бо сабаби оне, ки дигар халқиятҳо низ дар системаи давлатӣ фаъолият менамуданд, забонҳои онҳо низ амал мекард ва шоҳони ҳахоманишӣ дар ин самт сиёсати ҳамгироиро пеша намуда, манфиатҳои давлатиро аз ҳама боло мегузоштанд.

Масъалаи дигари марбут ба низоми идории давлати Ҳаҳоманишиҳо, ки мавриди омӯзиш ва таҳқиқи муҳаққиқони тоҷик қарор гирифтааст, ин сохтори маъмурии он мебошад. Аксарият муҳаққиқон аз тақсимшавии давлат ба сатрапҳо ва марзҳои бузурги ҳарбӣ ёдовар шудаанд. Теъдоди сатрапҳо мувофиқи катибаи Беҳсутун, ки аз замони ҳукумати Дорои 1 боқӣ мондааст, ба зиёда аз 20-то мерасид. Сардори ин воҳидҳои маъмуриро сатрап ва хшатрап меномиданд, ки маънои "нигоҳбони ҳокимият"-ро дошт. Дар назди Хшатрапанҳо дабири шоҳӣ амал мекард, ки тамоми мукотибаҳо ба марказ тавассути ӯ расонида мешуданд. Сатрапҳо низ дар назди худ девон доштанд ва он дар шакли нисбатан хурд аз девонҳои олии давлатӣ нусхабардорӣ шуда буд. Онҳо ба соҳаҳои махсус тақсим шуда буданд, ки дар он дабирон, хазинадор, муҳосибон ва додварону дигар маъмурон амал менамуданд. Ҳар сатрап дастаи ҷангварони худро дошт. Ҳамчунин, дар давлат марзҳои бузурги ҳарбӣ ташкил шуда буданд, ки дар ҳудуди худ якчанд сатрапро фаро мегирифтанд. Теъдоди марзҳоро муҳаққиқон 4 то муайян намудаанд. Сардори марз марзбон номида шуда, танҳо ба шоҳ итоат менамуд. Дар ҳолатҳои ҷангӣ сатрапгариҳо ба ӯ итоат менамуданд. Низоми мукаммали ташкилнамудаи шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ дар соҳаи ҳарбӣ буд, ки дар аксарият муҳорибаҳо ғолиб баромада, ҳудуди хешро дар се қитъаи олам паҳн намуданд. Ҳахоманишиҳо лашкари доимоамалкунада доштанд. Маълум аст, ки ҷомеаи Ҳахоманишиҳо аз чор табақа иборат буд, ки яке аз бонуфузтарини онҳо табақаи ҷанговарон ба ҳисоб мерафт. Лашкари доимоамалкунанда аз 10 ҳазор аскарони яккачини форс иборат буд. Аз даврони ҳукмронии Дорои I сар карда ҳокимияти ҳарбӣ аз маъмурӣ ҷудо гардид. Чи хеле дар боло қайд намудем, қаламрави империя аз чор минтақаи бузурги ҳарбӣ иборат буд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан Суғд, Бохтар, Хоразм ва сарзамини сакоиҳо, яке аз чунин минтақаҳои ҳарбиро ташкил медоданд. Рисолати хшатрапанҳо танҳо аз идораи корҳои маъмурӣ ва амлокӣ, яъне ҷамъоварии андозҳо ва ба хазина ворид намудани он иборат буд. Артиш дар замони Куруш ва Дорои I дар сатҳи хеле хуб ба роҳ монда шуда буд. Он аз воҳидҳои 10, 100, 1000, 10000 нафар аскар таркиб ёфта буд. Дар вақти ҷангҳои калон махсусан бо давлатҳои ҳамсоя он ба садҳо ҳазор нафар рафта мерасид.

Муҳаққиқи тоҷик М. Ҳазратқулов маълумотҳои муаррихони аҳди атиқаро таҳлил намуда, қайд намудааст, ки гули сари сабади қӯшуни шоҳ Горди салтанатӣ буд, ки аз 2 ҳазор савора ва 2 ҳазор пиёдааскар иборат буд. Ҳамаи онҳо аз ҳисоби ашрофону бузургони сулолаи ҳукмрон ва он қавм буданд. Қӯшуни асосӣ ва фаъолтар аксар вақт аз ҳисоби қавми форсу мод ташкил мешуданд ва ба сурати дастаҳои собит дар марказҳои муҳимми ҳарбӣ ҷойгир буданд. Дар хусуси намудҳои қӯшунҳо, тарзи таъминоти онҳо ба аслиҳаҳои мухталифи замон, усули ҳаракат ва ҳуҷуми қанотҳои қӯшун, вазифаҳои пиёданизом ва саворанизом дар муҳориба ва вазифаи гурӯҳҳои ҷангӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба артиши Ҳахоманишиён академик Б. Ғафуров дар асари "Искандари Мақдунӣ ва Шарқ" маълумоти муфассал додааст. Мувофиқи маълумоти ин муаррих, Ҳахоманишиён ба таъминоти лашкар диққати хосса дода, ба ҷанговарон маоши пулӣ (бо нуқра) ва озуқа медоданд. Ҳамчунин, ба ҷанговарони пойгоҳҳои ҳарбии сарҳадӣ ба ғайр аз маош барои беҳтар гардидани сатҳи иқтисодиашон қитъаҳои замин низ ҷудо менамуданд.

Эмомалӣ Раҳмон хусусиятҳои хосси низоми ташаккулдодаи ҳарбии Ҳахоманишиҳоро таҳлил намуда, қайд намудааст, ки ҷиҳатҳои манфӣ ва заифи артиши Ҳахоманишиён надоштани ҷанговарони вазниняроқи пиёданизом буд. Ин ақидаи худро ӯ дар такя ба маълумотҳои муаррихони аҳди атиқа, махсусан Ҳеродот ва Диодор асоснок намудааст. Хатогии дигари Ҳахоманишиҳо истифодаи зиёди аскарони зархарид дар соҳаи низомӣ маҳсуб меёбад [6, с. 132]. Таҷрибаи таърихӣ нишон додааст, ки яке аз омилҳои заифшавии аксар давлатҳои аҷдодии тоҷикон дар тӯли таърих ана ҳамин навъи артиш буд, ки дар ҳалатҳои ҳалкунанда ба тарафи душман мегузашт. Чунон ки аввалин давлати миллии тоҷикон – Сомониён низ чунин як иштибоҳро такрор намуданд, ки ба хиёнати сарлашкарони аҷнабитабор оварда расонид.

Масъалаи дигар, ки вобаста ба низоми идории шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст, ин низоми қонунӣ ва ҳуқуқии ташаккулдодаи Куруши Кабир ва ворисонаш мебошад. Мутаассифона, қонунҳои давраи мазкур то ба имрӯз боқӣ намондаанд, вале дар сарчашмаҳои таърихӣ ду ибора "мувофиқи доди шоҳӣ" ва "додварони шоҳӣ" мебошад. Мувофиқи маълумоти мавҷуда сохти додварӣ дар давлати Ҳахоманишиҳо чунин муайян гардида буд: додвари олӣ, шоҳаншоҳ ба ҳисоб мерафт. Махсусан ӯ вобаста ба ҷиноятҳои вазнин хиёнат ба давлат ва шоҳ ҳукм мебаровард. Ҳукми ӯ тағйирнопазир буд. Вале пеш аз ҳукм тафтишот гузаронида мешуду шоҳ баъд аз машварат ҳукм мебаровард. Дар назди шоҳ шӯрои додварӣ дар ҳайати 5-7 нафар

амал менамуд. Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо шуъбаҳои шӯрои доварон амал мекард. Дар давраи Дорои I мураттабсозию сабти қонунҳои додварӣ гузаронида шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар навиштани "қонунҳои шоҳӣ" аҷдодони халқи тоҷик анъанаҳои қадимаи ориёиҳоро, ки дар Вандидоди Авесто инъикос ёфтаанд ва таҷрибаи халқҳои манотиқи Шарқи Наздикро истифода намудаанд. Дар ин хусус ҳақ бар ҷониби Эмомалӣ Раҳмон аст, ки тамоми он ақидаҳоеро, ки бобати ориёиҳо ҳар гуна бухтонҳо офаридаанд, аз ҷумла форсҳо қонунҳои одӣ ва номукаммал доштанд, рад намудааст. Афкори ҳуқуқии аҷдодони халқи тоҷик дар Авесто инъикос гардидааст. Аз тарафи дигар, мафҳумҳои асосии ҳуқуқии аҳди Ҳахоманишиён ҳама ориёӣ буданд, ба мисли қонун, додвар. Мурофиаи додварӣ "вара" ном дошт.

Ҳамин тавр, дар хусуси паҳлуҳои мухталифи низоми идории Ҳахоманишиён, ки дорои як қатор вижагиҳои хосса буд, муҳаққиқони тоҷик тӯли солҳои охир дар асарҳои таҳқиқотиашон маълумотҳои муфассале додаанд, ки дар равшан намудани таърихи давлатдорию низоми хоссаи аҳди бостони тоҷикон мусоидат хоҳад намуд.

## АДАБИЁТ


1. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав/Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
2. Неъматов Н. Таърихи халқи тоҷик/ Н. Неъматов, Ф. Носирова, С. Бобомуллоев, Д. Довутов, М. Исоматов. Китоби якум. -Душанбе: Сарпараст, 2003. - 368 с.
3. Расулиён Қ. Инъикоси ваҳдати ориёиҳои қадим дар осори таърихии Эмомалӣ Раҳмон. Осори мунтахаб. -Ҷ.2. -С. 399-403.
4. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён/ Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 1999. -534 с.
5. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дувум. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 2002. -557 с.
6. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни Ориёӣ/ Э. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 2006. -374 с.
7. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 2006.-367 с.
8. Раҳмонов Э. Забони миллат-ҳастии миллат / Э. Раҳмонов. Китоби 1.-Душанбе: Андалеб-Р, 2015. -490 с.
9. Раҳмонов Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмонов. -Душанбе: Эр-граф, 2016.-361 с.
10. Умарзод И. Таърихи тамаддуни ориёӣ / И. Умарзод .-Душанбе, 2006.-558 с.
11. Ҳазратқулов М. Таърихи тамаддуни Ориён / М. Ҳазратқулов. –Душанбе, 2006. -577 с.


## ИНЪИКОСИ ВИЖАГИҲОИ НИЗОМИ ИДОРИИ ИМПЕРИЯИ ҲАХОМАНИШИҲО ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК


Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшидааст, дар такя ба осори муҳаққиқони барҷастаи тоҷик, ки дар инъикоси таърихи қадими халқи хеш саҳми бузург доранд, вижагиҳои низоми идории аввалин империяи ташкилнамудаи аҷдодони тоҷиконро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳад. Албатта, эъмори чунин як империяи бузург ва тӯли 220 сол нигоҳ доштани он кори саҳл набуда, як низоми мукаммали давлаториро металабад. Шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ аз Куруш сар карда то Ҳишёршоҳ низоми хоссаи давлатдориро ба вуҷуд оварданд, ки минбаъд чи аз ҷониби юнониёну мақдуниҳо ва чи аз ҷониби римиҳо ҳамчун намуна қабул гардида буд. Махсусан сохтори маъмурии ташкилнамудаи онҳо тӯли асрҳо ҳамчун намунаи ибрат нигоҳ дошта шуд. Онҳо империяро ба сатрапҳо, гипархияҳо ва марзҳои бузурги ҳарбӣ тақсим намуда, дар таърих нахустин маротиба сохтори хоссаи давлати федеративиро ба вуҷуд оварданд, ки дар он зиёда аз 70 халқияту қавмҳо бо теъдоди 13 млн нафар ба сар мебурду масоҳаташ баробар ба масоҳати имрӯзаи ИМА буд. Дар роҳи мукаммал гардидани давлатдорӣ ислоҳотҳои Дориюши Кабир барҷаста аст. Ташкили сохтори муназзами маъмурӣ, баланд бардоштани мақоми шоҳ, ташкили шӯрои назди шоҳ, ки аз шаш хонадони элитарии ҷомеа таркиб ёфта буд, қӯшуни доимоамалкунанда, низоми ягонаи ҳуқуқӣ, пеш гирифтани сиёсати ҳамгирой дар бобати дину оинҳои мавҷуда, ба роҳ мондани низоми хоссаи андозу хироҷ, сохтмони босуръати роҳҳои тиҷоратӣ ва корвонсаройҳо, аз ҷумлаи вижагиҳои низоми идории империяи Ҳахоманишиён маҳсуб меёфтанд.



**Калидвожаҳо***:* вижагӣ, низоми давлатдорӣ, сохтори маъмурӣ, шоҳаншоҳ, муҳаққиқон, аҷдодони тоҷикон, ҳамгирой, Ҳахоманишиён.


## ОСВЕЩЕНИЕ ОСНОВНЫХ ПРИНЦИПОВ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ АХАМЕНИДСКОЙ ИМПЕРИЕЙ В РАБОТАХ ТАДЖИКСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ


В этой статье автор пытается исследовать особенности первой имперской системы управления, созданной таджикскими предками, в результате изучения работ выдающихся таджикских исследователей, которые внесли значительный вклад в исследование древней историю и своего народа. Конечно, создание такой великой империи и поддержание ее в течение 220 лет - это не случайный акт, а комплексная государственная система. Ахеменидская империя, начиная от Кира до Ксерокса, разработала особую систему государственности, которую затем приняли греки и македоняне, а также римляне.В частности, созданная ими административная структура была сохранена в качестве примера на протяжении веков. Они разделили империю на страны, иерархии и большие военные границы и впервые в истории создали особую федеративную структуру с более чем 70 нациями и народами, равную современной территории США в 13 миллионов человек. Реформа Дария Великого проводилась по пути совершенствования государственности. Создание систематической административной структуры, повышение королевского статуса, создание совета в соответствии с королевской конституцией шести элитных семей, постоянным представительством, единой правовой системой и специальной системой налогов и сборов для строительства коммерческих дорог и конвойных участков были одними из важнейших показателей имперской системы Ахеменидской империи.

**Ключевые слова:** специфика, государственное устройство, административная структура, царь, исследователи, таджикские предки, интеграция, империя Ахеменидов.

**HIGHLIGHTS OF MANAGEMENT SYSTEM OF ACHAEMENID EMPIRE IN TAJIK RESEARCHERS WORK**

In this article the author attempts to examine and examine the peculiarities of the first imperial governing system created by Tajik ancestors, based on the legacy of prominent Tajik researchers, who have made a significant contribution to the ancient history of their people. Of course, building such a great empire and maintaining it for 220 years is not a humorous act, it requires a comprehensive state system. The Achaemenid kingdom starts from Cyrus to Xerox, developed a special system of statehood, which was then adopted by the Greeks and by the Macedonians as well as by the Romans.

Particularly the administrative structure created by them has been preserved for centuries as an example. They divided the empire into strings, hierarchies, and large military borders and for the first time in history set up a distinctive federal structure, with more than 70 nations and peoples, equal to the present-day US territory of 13 million. The reform of the Darius the Great is on the way to perfecting the statehood. The establishment of a systematic administrative structure, the rise of royal status, the creation of a council under the royal constitution of six elite families, a permanent arm, a unified legal system, and a special tax and fee system the construction of commercial roads and convoy sites was one of the most important indicators of the imperial system of the Achaemenid empire.

**Keywords:** specificity, state system, administrative structure, king, researchers, Tajik ancestors, integration, Achaemenid empire.

**Сведения об авторе:** ***Муродов Назирмат Сафарович*** **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: **H.hnt.r@mail.ru**. Телефон. **901660003**
**Information about the author:** Murodov Nazirmat Safarovich - Tajik National University, Assistant of the Department of the history of the Tajik people. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.
E-mail: **N.hnt.r@mail.ru.** Phone. **901660003**

**УДК:94(3) (575)**

# ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ СИЁСИИ ХУРОСОН ВА МОВАРОУННАҲР ДАР ЗАМОНИ АШТАРХОНИЁН ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ МАНОБЕИ ТАЪРИХӢ

***Абдулов З.Н.***

**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ**

Дар вопасин солҳои ҳукумати Ҳусайн Бойқаро (солҳои 1486-1506) дар Хуросон қудрати Темурӣ рӯ ба таназзул ниҳод. Дар ин миён шоҳ Исмоили дувуми Сафавӣ дар Эрон ва кӯчманчиёни Дашти Қипчоқ бо сарварии Муҳаммад Шайбонихон дар Мовароуннаҳр сар баровараданд ва ҳар як ба фикри вусъат додани қаламрави хеш буданд. Бад-ин тартиб Мовароуннаҳр ва Хуросон, ки пас аз юриши амир Темури Курагонӣ дар оромишу неъмат рӯзгорро сипарӣ мекарданд, ин бор бо марги султон Ҳусайни Бойқаро дар соли 1506, ба арсаи тохтутози Сафавиён ва Шайбониён табдил ёфтанд. Ин вазъи айём дар манбаъҳои таърихӣ чун "Таърихи Муқимхонӣ"-и Муҳаммад Юсуф Муншӣ, "Таърихи оламорои Аббосӣ"-и Муҳаммад Козими Марвӣ, "Тоҷ-ут-таворих"-и Муҳаммадшариф ибни Муҳаммаднақӣ, "Туҳфаи шоҳӣ"-и Мирзоабдулазим Сомии Бӯстонӣ ва ғ.то андозае инъикос ва таҷассум гардидааст.

Марги Шайбонихон дар ҷанги маъруфи Марв соли 1510 нақшаи тасарруфи сартосари Эронро ба дасти ӯзбекҳо нақш бар об кард ва Хуросон то дарёи Ому ба ҷуз Балх ба тасарруфи шоҳ Исмоили Сафавӣ даромад, вале талоши ӯ низ барои тасарруфи Мовароуннаҳр раҳ ба ҷое набурд.

Вақте Убайдуллоҳи Шайбонӣ (1533-1539) бар тахт нишаст, ӯзбекон бори дигар дар Мовароуннаҳр қудрат ёфтанд ва тавонистанд то муддатҳо тасаллути худро бар ин манотиқ ҳифз намоянд. Убайдуллоҳхони Шайбонӣ (ҳарчанд ки лашкари Эрон ба Осиёи Миёна дигар ҳаракат накардааст) ором наистод. Ӯ бо қувваи ҳарбии муттаҳидшудаи худ, бо баҳонаи талаби хуни Муҳаммадхони Шайбонӣ, шаш маротиба пай дар пай ба Хуросон лашкар кашид. Умуман, мубоҳизаи Шайбониён ба муқобили лашкари сафавия дар тамоми салтанати ин хонадон (то соли 1598) давом кардааст. Дар тамоми ин муддат Хуросон ва як қатор шаҳрҳои Осиёи Миёна майдони тохтутози Шайбониҳо ва Сафавиҳо гардида, ин сарзаминҳо хароб ва мардумаш хонавайрон мешаванд. Муҳаммад Юсуфи Муншӣ, ҷараёни воқеаро чунин тафсил медиҳад, ки пас аз он дигар ҳокимони шайбонӣ яке пас аз дигаре рӯйи кор омаданд ва ҷангу низоъ байни Сафавиён ва Шайбоиён бар сари тасарруфи Хуросон ва

Мовароуннаҳр ҳамчунон идома дошт, то ин ки бо кушта шудани Абдулмуъминхони Шайбонӣ соли 1598 иқтидори Шайбониён, ки камтар аз як қарн бар Мовароуннаҳр фармонфармоӣ мекарданд, ба поён расид. Ин масъала ба шоҳ Аббоси аввали Сафавӣ фурсат дод, то тайи набарде бо онон Хуросонро дар соли соли 1599 бозпас гирад. Дар ҳамин набард Динмуҳаммадхон -фарзанди Ҷонибекхон, ки номзади мақоми фармонравои Бухоро буд, ба қатл расид. Баъд аз марги ӯ бародараш Боқӣ Муҳаммадхон соли 1599 ба фармонравои Бухоро мансуб шуд [5, с.73-75]. Боқӣ Муҳаммадхон аз ҷониби модар насаб ба Шайбониён мерасонд, бинобар ин муаррихон аз вай ба унвони "поягузори дудмони Аштархониён ёд мекунанд." Боқӣ Муҳаммадхон ва наводагонаш дар тайи қаруни XYII-XYIII дар Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Бадахшон ва гоҳ Балх ҳукумат карданд [13, с.480]. Боқӣ Муҳаммадхон пас аз расидан ба қудрат тамоми қувваи худро сарфи ҷилавгирӣ аз нуфузи рақиби қудратмандаш, яъне шоҳ Аббос ба Мовароуннаҳр кард ва саранҷом пас аз шикастагӣ, ки дар наздикии Балх, соли 1602 ба шоҳи Сафавӣ рух дод, тавонист Қундузу Балху Бадахшонро мутасарриф шавад [6, с.77-78]. Сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ки баъд аз марги Боқӣ Муҳаммадхон соли 1605 бародараш Валӣ Муҳаммадхон (1605-1611), ки марде хушгузарон ва роҳатталаб буд, бар сарири салтанат ҷулус кард ва ду писари Боқӣ Муҳаммадхон -Имомқулихон ва Нодирмуҳаммадхонро аз пойтахт берун кард. Аммо дере напоид, ки Имомқулихон ба иддаои тоҷу тахт алайҳи амуи худ алами туғён афрошт ва соли 1611 бар тахти салтанат ҷулус кард [4, с.434; 6, с.137]. Валӣ Муҳаммадхон ночор бо писарони худ ба Эрон фирор кард ва пас аз муддате иқомат дар Эрон бо дастгирии шоҳи Эрон, ки қушуне иборат аз 80 ҳазор сарбозро ба ихтиёраш гузошт [5,с.77-78], барои бозпас гирифтани тоҷу тахт равонаи Мовароуннаҳр шуд, аммо тайи набарде бо Имомқулихон, бародарзодаи худ дастгир гардид ва саранҷом ба фатвои уламо ба қатл расид [7,81а-82а]. Бад-ин тартиб, ҳукумати Имомқулихон давом ёфт ва бо дафъи рақиб қудраташ рӯ ба фузунӣ гузошт ва ӯ бар он шуд, то қаламрави хешро густариш диҳад. Аз ин рӯ бо қароқалпоқҳо ва қалмоқҳо, ки батадриҷ ба сарҳади ҳукумати Ҷониён наздик мешуданд, ба ҳарбу муқотила пардохт. Сипас, соли 1613 бар қазоқҳо лашкар кашид ва Тошкандро гирифт. Муаррихони он давр аҳди ҳукмронии Имомқулихонро бо ҳамаи хунрезиҳо ва ситамгариҳояш ба каври муболиғаомези даврони манғит ва осоиш тавсиф карданд. То он ҷо, ки ба гуфтаи Муҳаммад Салими Бухороӣ, "Дунё худро ду бор ба арусӣ оростааст. Як бор дар вақти Султон Ҳусайн Мирзо ба Ҳирот, як бор дар замони Имомқулихон дар Бухоро " [8, с.246]. Муаллифи "Тоҷ-ут-таворих" нигоштааст, ки чун ИмомҚулихон дар охири умр дучори заъфи қувваи босира гардид, ҳукуматро ба Нодир Муҳаммадхон (1642-1645) бародари худ вогузор кард ва соли 1642 худ озими сафари ҳаҷ шуд. Вай муддате дар Эрон назди шоҳ Сафавӣ монд ва сипас ба ҳаҷ рафт, аммо дар роҳи бозгашт дар Мадина муддати умраш ба сар омад. Баъд аз ӯ Нодир Муҳаммадхон дар соли 1642 бар тахти салтанат нишаст ва то соли 1645 ба ҳукмронӣ пардохт [7, с.84а, 84б]. Аз маълумоти асарҳои таърихӣ бармеояд, ки Нодир Муҳаммадхон марде худсару худписанд буд ва ҳамин амр сабаби даргириҳои байни ӯ ва писараш Абдулазиз гардид, ки саранҷом Нодир Муҳаммадхон ба сӯйи Эрон гурехта, соли 1645 ва ба шоҳ Аббоси дувуми Сафавӣ паноҳанда шуд [12, с.465-466]. Гарчи дубора, соли 1646 дар Балху Бадахшон салтанат кард, вале ба далели ошубҳои дохилӣ ва мухолифати писаронаш ногузир даст аз салтанат шуст, сипас азми Мадина кард, то бақияи умрро дар он ҷо бигузаронад, аммо дар миёнаи роҳ даргузашт. Ва шоҳи Аббосӣ, бино ба васияти ӯ, ҷасадашро ба Мадина интиқол дод, то канори қабри бародараш Имомқулихон ба хок супорида шавад.

Ҳангоме ки Абдулазизхон дар соли 1645 дар Бухоро бар арикаи салтанат такя зад, ошӯбҳои дохилӣ дар Мовароуннаҳр рӯ ба фузунӣ гузоштанд. Аз он ҷумла метавон аз шӯриши бузурге, ки дар Даҳбеди Самарқанд рух дод, ёд кард. Шиддати ин шӯриш то бад-он ҳад буд, ки Абдулазизхон худ ба он ҷо лашкар кашид ва исёнро фурӯ нишонд ва Даҳбедро ба хок яксон кард. Тибқи шаҳодати "Тазкираи Муқимхонӣ", дар ҳамин даврон Абулғозихони Урганҷӣ, волии Урганҷ ба Бухоро ҳамла кард ва мутаоқибн он равобити Хева ва Бухоро ба хомат гароид [6, с.157-162,172-184]. Абдулазизхон тохтутозҳое низ ба Хуросон кард.

Саранҷом дар соли 1680 ба нафъи бародари худ Субҳонқулихон аз ҳукумат канора гирифт ва Мовароуннаҳрро ба азми зиёрати хонаи Худо тарк кард. Ибтидо ба Эрон омад. Шоҳ Аббоси Сафавӣ низ бо эҳтиром аз ӯ истиқбол ва пазироӣ кард. Абдулазизхон сипас ба Макка рафт ва дар роҳи бозгашт дар гӯристони Бақеъ ба хок супорида шуд.

Дар даврони фармонравоии Субҳонқулихон (1680-1702) низ, ҷангҳо ва кашмакашиҳои Бухоро ва Хева идома ёфтанд. Анушахон писари Абулғози Урганҷӣ юришҳои худро ба Самарқанд оғоз кард. Пас аз марги Анушахон, писараш Ирноқ роҳи падарро пеш гирифта, чандин бор ба Бухоро тохт, аммо саранҷом ба дасти Маҳмудбийи атолиқ (аз умарои Субҳонқулихон) ва гурӯҳе аз бузургони Хоразм ба қатл расид. Субҳонқулихон барои таъмини ҳазинаҳои ҷанг ва дарбори худ дастур дод, то молиёти ҳафтсоларо пешопеш дарёфт кунанд. Ин иқдомоти Субҳонқулихон ва даргириҳо ва низоъҳо сирфан заъфи бунияи иқтисодӣ ва коҳиши неруи инсониро дар Бухоро ва Самарқанд дар пай дошт [14, с.868- 870].

Сайидои Насафӣ (ваф. байни солҳои 1707–1711) бузургтарин шоири ин давра, ки дар замони ҳукмронии Абдулазизхон, Субҳонқулихон ва Убайдуллохон ҳаёт ба сар бурдааст, рӯзҳои тира ва мудҳишеро, ки истибдоди феодалӣ ба сари оммаи заҳматкаш оварда буд, бо чашми худ дидааст.Ӯ дар бораи қаҳту гуруснагие, ки дар Бухоро ва Самарқанд шуда буд, чунин нигоштааст:

*Ба ёди лаби нони гандум гадо,*
*Задӣ санг бар сина чу осиё.*
*Муяссар нашуд дидан руйи нон*
*Басе халқ нон гуфта, доданд ҷон.*
*Лаболаб шуд аз мурда бозору кӯй*
*Ҷаҳон пок гардид аз мурдашӯй [3, с.18].*

Дар тасвифи даврони ҳукмронии Субҳонқулихон муаллифи “Таърихи Муқимхонӣ” менависад: “Вай (Субҳонқулихон-З.А.) аз соли 1689 фармонравои Балх будааст. Ӯ равобити дӯстонае бо Аврангзеб, подшоҳи муғулии Ҳинд ва султон Аҳмади сонӣ-подшоҳи Усмонӣ дошт. Субҳонқулӣ аҳли шеър буд. Иттилооте дар илми тиб дошт. Мадрасаи дорушшифои Бухороро бино кард, ки дар он табибон ба кори мудаво мепардохтанд. Вай дар соли 1710 даргузашт” [5, с.144-153].

Тибқи маълумоти Мирзо Абдулазими Сомӣ, дар он вақт Муҳаммад Муқимхон ибни Искандархон ибни Субҳонқулихон ба вилояти Балх ҳоким буд. Искандархон, падари Муҳаммад Муқимхон, писари бузурги Субҳонқулихон буда, аз ҷониби падар ба хитоб валиаҳдӣ мухотаб ва [ба] лақаб қолғойи хонӣ мулаққаб буд. Искандархон дар айёми ҳаёти падар фавтида, Субҳонқулихон баъд аз сӯгвории Муҳаммад Муқимхон, писари ӯро ба ҷойи падараш дар вилояти Балх ҳоким сохта, ҳар қадар меҳру шафқате, ки ба падараш дошт, аз он ҳам зиёдатар дар бораи ӯ ба зуҳур расонид. Аз рӯйи қонуни муғул ва ясоқи чингизӣ, хитоби вилояти аҳд низ ба Муҳаммад Муқимхон мерасида, бинобар риояти қонуни мазкур, аз ҷониби Субҳонқулихон низ ба вилояти аҳд мавсум буд [2, 6б].

Баъд аз фавти Субҳонқулихон умарои пойтахт аз ҷиҳати дурии роҳ ва хавфи фитнаву фасод писари бузурги Субҳонқулихон Убайдуллоҳхонро (1702-1711) бар тахти салтанат нишонданд. Ин хабарро Муҳаммад Муқимхон шунида, аз рӯй инод ва саркашӣ ба салтанати ӯ розӣ нагардид. Аммо баъд бо дахолати Маҳмудбийи атолиқ байни онҳо сулҳ барқарор гашт. Вале баъд аз чанд сол тақдир чунон буд, ки Убайдуллоҳхон аз салтанат барканор шуд. Зеро дар идораи умури подшоҳӣ ба умаро иҷозати дахолат намедод. Вале, ҳангоме, ки Убайдулоҳхон ҳукумати Балхро ба Одилбийи атолиқ дод, умаро аз ин иқдом ранҷидахотир шуда, аз ин рӯ Сайид Абулфайзхонро, ки писари хурдсоли Субҳонқулихон буд, ба ҳукумат бардоштанд ва Убайдуллоҳхон ба дасти умарои ғодири худ ба қатл расид [2, с. 8-9].

Дар даврони ҳукумати Убайдуллоҳхон таваҷҷуҳи русҳо ба Мовароуннаҳр фузунӣ ёфт, зеро онҳо қасд доштанд дарёи Омуро бар тибқи гузоришҳои ҷуғрофинависони қадим ба оброҳи гузаштааш бозгардонанд, то роҳи обӣ миёни Ҳинд ва дарёи Хазар дубора ҷараён ёбад ва онон ба маодани тилло, ки дар он масир қарор дошт, дастрасӣ ёбанд. Ба ҳамин манзур сипоҳе ба фармондеҳии Александр Бекович Черкаский ба сӯйи Хева фиристоданд, 29

августи соли 1717, ки ҳамагии онон ба дастури хони Хева ба қатл расиданд [15, с.22]. Дар маҷмӯъ, метавон ин тавр қаламдод кард, ки дар даврони Субҳонқулихон ва Убайдуллоҳхон қудрати Аштархониён дар Бухоро ру ба таназзул ниҳод ва шоҳзодагони маҳаллӣ маъруф ба "бий" қудрат ёфтанд ва Қӯқанд ва Фарғона дар соли 1700-1702 мустақил шуданд.

Дар нимаи дуюми асри XYIII ва нимаи аввали асри XIX вазъи сиёсию иҷтимоии Осиёи Миёна, хусусан Аморати Бухоро бениҳоят бад шуда буд. Баъди Убайдуллоҳхон ба тахти хонӣ бародараш Абулфайзхон (1711 -1747) нишаст, ки вазъияти сиёсии мамлакатро дигар карда натавонист. Дар давоми хукмронии ӯ давлат ба қисмҳои мустақили ҷудогона тақсим шуд. Корҳои пеш бурдани давлат ба дасти яке аз пешвоёни манғитҳо - Муҳаммадҳакимбий гузашт. Тибқи шаҳодати Мирзо Абдулазими Сомӣ, «Абулфайзхон подшоҳе буд, ки ба ҳамнишинии парирӯён ва таҷарруи бодаи арғувон парвои мулк надошт" [2, с.12]. Бинобар ин, Абулфайзхон бе рухсати Муҳаммадҳакимбий масъалаҳои муҳимми давлатиро ҳал карда наметавонист. Аштархониён ду пойтахт- Бухоро ва Балхро соҳиб буданд. Дар Бухоро хон ва дар Балх валиаҳди ӯ ҳукмронӣ мекарданд. Махз ҳамин усули роҳбарӣ ба пурра мутамарказонида нашудани давлати Аштархониён сабаб шуд. Дигар он ки султонҳои Аштархонӣ асосан бозичаи дасти аъёну ашрофи қабилавӣ гардида буданд ва бисёр вақтҳо ихтиёри ҳукумат ба дасти онҳо буд. Аштархониён ҳуқуқи атоликҳоро васеъ намуда буданд, ки онҳо тақдири хонигариро ҳал менамуданд. Ин, пеш аз ҳама, аз он сабаб ба вуҷуд омада буд, ки Абулфайзхон ба айшу нӯш ва оростани базмҳои духтарони моҳпайкару ҷавонони сарвқад машғул гардида, дар натиҷаи он нуфузи худро аз даст дода, бозичаи аъёну ашрофи дарбор гардид. Ин ҳолат сабаб гардид бар он, ки гумоштагони ҳукумати марказӣ ва феодалони маҳаллӣ ғоратгариро ба дараҷаи баланди худ расонанд. Яке аз муаррихони давраи мазкур Ҳоҷӣ Ҳакимхон дар асари худ «Мунтахаб-ут-таворих» сабабҳои бад шудани вазъияти сиёсию иҷтимоии замони Абулфайзхонро чунин қаламдод мекунад: «Чун Абулфайзхон бар сарири салтанат нишаст, … дасти татовул ба раъият кашид ва ҷавонони моҳрӯй ва канизони сарвқадро ҷамъ намуда, ба айшу ишрат машғул гашт. Дар мамолики Мовароуннаҳр бар сари ҳар кас ҳавои ҳукумат буд, сар бардошт» [16, в.105б]. Ҳамин маъниро муаррихи дигар Мирзо Абдулазими Сомӣ чунин шарҳ додааст: «Абулфайзхон бошад, ба лиҳози тиҳияти фаросату заковату қобилият аз паси айшу тараб поён намешуд, аз сухбати писарону духтарони маҳлиқо берун намеомад ва ба ҷуз ошомидани шароби нобу баҳра бардоштан аз зебописарону лаззат гирифтан аз ҳофизону машшоқон дигар ба ҳеҷ кор машғул намеварзид. Ин буд, ки кори давлатӣ рӯ ба инқироз ниҳод ва аҳкоми шариат аз доираи риоят махрум гардид. Ҳар кас тамаи сардорӣ дошту ҳар фард ғарази раҳбарӣ» [14, с.86].

Натиҷаи ҳамаи ин айшу тараб ва белаёқатии Абулфайзхон буд, ки дар ин давр аз ҳукумати марказӣ сар тофтани ҳокимон авҷ гирифта, дар байни онҳо ҷангу ҷидолҳо ба вуқӯъ мепайвандад. Дар натиҷа Фарғона, Балх, Бадахшон, Ҳисор ва Шаҳрисабз худро мустақил эълон менамоянд. Кор ба ҷое мерасад, ки дар замони салтанати Абулфайзхон Раҷабхон ном шахс қазоқҳои аз фишори қалмоқ ба сарзамини Аморати Бухоро омадаро бо худ гирифта, Самарқанду Бухоро ва қисме аз туманҳои Бухороро ишғол мекунад. Гарчанде ин воҳаҳои ҳосилхез аз тарафи қазоқҳои бодиянишин ба чарогоҳ табдил дода шуда бошанд ҳам, аммо ҳукумати хонӣ ба муқобили онҳо чорае дида натавонист. Аз тарафи қазоқҳои бодиянишин мардуми бечора тамоман ғорат карда шуда, ба асорат гирифтор гардиданд, ҷабру тааддӣ аз ҳад гузаронида шуд, қаҳтӣ ва геронӣ ба авҷи аълои худ расид. Дар ин бора Муҳаммади Яъқуб дар «Гулшан-ул-мулук»-и худ менависад: «Он ҷамоа (яъне қазоқон) муддати ҳафт сол пай дар пай айни расидани ҳосилоти зироат мобайни Самарқанду Бухороро талаф карданд. Ба Мовароуннаҳр қаҳтӣ шуд. Гӯшти одам ғизои мардум буд. Мурдаро ба гӯр намебурданд, мехӯрданд. Ҳар кас ба ҳар ҷониб ватани худро гузошта рафтанд. Дар Бухоро ду гузар мардум монд ва дар Самарқанд аҳаде намонд» [11, 154б].

Сомӣ ин манзараро чунин тасвир кардааст, ки ҷамоати қарақалпоқ, хитоӣ, қипчоқ ҳарсола ба Бухоро ва Самарқанд ҳамла карда, зироатҳо ва шумори зиёди мардуми ин ду шаҳрро аз байн бурда бармегаштанд. Аз ин рӯ қаҳтие дар Бухоро ва Самақанд рух дод, ки мардум аз ниҳояти гуруснагӣ ба хӯрдани майит афтода, мурдаҳоро дафн кардан намонда, мехӯрданд. Осори қаҳту ғило ба Самарқанд аз Бухоро бештар зуҳур ёфт. Харобии вилоятҳо ба ҳадде расид, ки дар даруни Бухорои шариф ду маҳалла ва гузар одам монд ва дар Самарқанд мутанаффасе намонда, ҳар кас ба ҳар тараф кӯчида рафтанд [2, с.12].

Чунон ки мебинем, ҳама қаҳтӣ, вазъи буҳронӣ, таназзули неруҳои тавлидотӣ натоиҷи бенизомӣ ва худсариҳои хону амирони тамаъкору фосиқ буд. Аз ин вазъияти ногувори Аштархониён истифода карда, аъёну ашрофи қабоили манғитӣ нуфузи худро дар доираҳои ҳукмрон пурзӯр карданд. Дар ҳамин вазъият кишвар ба таҳдиди шоҳи Эрон Нодиршоҳи Афшор гирифтор гашт.

Нодиршоҳи Афшор баъди пурқувват кардани вазъи иқтисодии давлати худ, ба лашкаркашии ҳамсояҳои худ шурӯъ кард. Ӯ писараш Ризоқулихонро барои забти Балх равон карда, худаш ба ҷануби Афғонистон ва Ҳиндустон ҳуҷум намуд. Ризоқулихон Балху Ғузорро гирифта, сӯи Қаршӣ лашкар кашид. Ба ёрии мардуми Қаршӣ аз Тошканду Хуҷанд ёрӣ омад. Дар ихтиёри хони Бухоро Абулфайзхон сад ҳазор размандагон ҷамъ омада, ба сӯйи Қаршӣ ҳаракат намуданд, вале ба зарбаи тӯпҳои Ризоқулихон тоб наоварда, шикаст хӯрданд. Эрониён ғаниматҳои зиёди ҳарбӣ ба даст оварданд. Аз лашкари Абулфайзхон ҳамагӣ 30 ҳазор кас боқӣ монд, дигарон ба ҳалокат расиданд. Нодиршоҳ бо шунидани ин хабар бисёр шодмон шуд ва ба подоши ин пирӯзӣ ба писараш 12 ҳазор сиккаи зар бо сесад даст ҷомаи гаронбаҳо дод. Ризоқули Мирзо он гоҳ ба Қаршӣ рафт ва фармуд, ки лашкар ба Балх баргардад. Амир Дониёлбий, ки ҳокими он диёр буд, аз Абулфайзхон ёрӣ хост ва вай низ ба мадади ӯ рафт ва дар Қаршӣ набарде миёни ӯзбакону эрониён даргирифт, ки саранҷом ба нафъи эрониён поён ёфт. Муҳаммад Козими Марвӣ дар ин бора чунин гузориш медиҳад:

"Алқисса, баъди шикаст хӯрдани Абулфайзхон сардору саркардаи бисёр аз он гирифтор гардида ва ба қатл расид. Аз соири асокири ӯзбакия чандон ба қатл омада буданд, ки ҳадду ҳаср надошт ва аз мавошӣ ва давоб он миқдор ғанимат ба яди тасарруфи ғозиён омада буд, ки ҳамагӣ молдор ва муҳташам гардида буданд ва асокири фирӯзмосар дар он рӯз фараҳандӯз ба қадри чаҳор панҷ мил роҳ таъоф намуда, ашёи он тоифаро гирифтанд" [10, с.596].

Ризоқули Мирзо сипас мутаваҷҷеҳи Даршулук шуд ва онҷоро низ пас аз як моҳи муҳосира кушуд ва бори дигар ба сӯйи Қаршӣ бозгашт, то нахуст қалъаи Қарширо тасхир карда, сипас аз он ҷо ба ҷиҳати тасхири Бухоро азимат кунад [10.с.783]. Нодиршоҳ, ки дар ин ҳангом дар Қандаҳор буд, чун аз ҳамлаи писараш ба Мовароуннаҳр огоҳӣ ёфт, нома бад-ин мазмун ба вай навишт: "Ин ҳаракат ки аз ту ба вуқӯъ омада, писанди табъи ҳумоюни мо наяфтод. Бояд бидуни тааммул ва такоҳул бо асокири мансура вориди қуббатул исломи Балх гардида таваққуф намоӣ, ки ба ҳар навъ, ки раъйи ҷаҳонкушой қарор гирад, аз он қарор муқаррар хоҳем фармуд, ки маъмул дорӣ" [10, с.603].

Ҳамчунин, номаи итобомез ба Таҳмосбхони вакилуддавла навишт ва ӯро низ мавриди сарзаниш ва таҳдид қарор дод ва Аҳмадхони Марвиро бо номаҳо равонаи хидмати Ризоқули Мирзо кард; зеро Нодир ба худ андешида буд, ки минтақаи Туркистон васеъ ва дорои иёлоти бузург ва сипоҳиёни бисёр аст ва агар онҳо муттафиқан ба сипоҳиёни Эрон ҳамла кунанд, Эронро шикаст хоҳанд дод. Ва дигар аҳаде наметавонад зинда аз дарёи Ому убур кунад ва аз ҳама муҳимтар, фарзанди аршади худро низ аз даст хоҳад дод. Ба ҳамин сабаб ба Ризоқули Мирзо дастур дод, то ба сӯйи Балх ақибнишинӣ ва бо Абулфайзхон сулҳ кунад. Аз сӯйи дигар, худ низ номае ба Абулфайзхон навишт ва ҳокимияти вайро ба расмият шинохт ва набарди писараш Ризоқули Мирзоро худсарона қаламдод кард.

Ҳуҷуми соли 1737-1738 ба Бухоро ба таъхир гузошта шуд. Зеро Нодиршоҳ ният дошт, ки аввал Ҳиндустонро гирифта, сипас Мовароуннаҳрро ғасб кунад. Нодиршоҳ Қафқоз, Афғонистон ва Ҳиндустонро ба даст оварда, соли 1740 тавассути Чорҷӯй ба Мовароуннаҳр дохил шуд. Дар ин асно қосиди Абулфайзхон писари атолиқи манғит Муҳаммадҳаким Муҳаммадраҳим ба истиқболи Нодиршоҳ омада, ба манфиати шоҳи Эрон амал кард. Баъди

бозгашт бо амри Нодиршоҳ Муҳаммадҳаким ҳукмрони Бухоро ва бародари ӯ Муҳаммаддониёлбий ҳокими Кармина таъйин шуданд. Бухоро қаламрави Нодиршоҳ гардид.

Муҳаммад Козими Марвӣ менависад, ки Нодир қабл аз лашкаркашӣ ба Мовароуннаҳр чанд нафар элчӣ, аз ҷумла Алибеги Афшорро ба дарбори Абулфайзхон фиристод. Чун онон аз маъмурияти худ бозгаштанд ва Нодир истифсори аҳволоти худ намуд, вай гуфт "хидмат ва итоат намудани Абулфайзхон аз ҷумлаи муҳолот аст." Нодир ҳам дар ҷавоб гуфт:"Ба наҳве ба хидматгузори даргоҳи фалакфарсо муқаррар фармоям, ки чун камтарин мулозимон хидмат намояд" [10, с.783].

Агарчи Нодир, вазири Бухороро аз ҳусни нияти худ ба Абулфайзхон мутмаин сохт, вале вай бо Нодир аз дари ҷанг даромад ва ба насоеҳи ҳаким атолиқ гӯш наниҳод ва саранҷом шикаст хӯрд, бисёре аз лашкариёни ӯзбек низ ба қатл расиданд ва ғаноими бисёре аз асбони роҳвор, аҷноси нафиса, овони зару нуқра, яроқу либоси сипоҳӣ ба дасти Нодир афтод. Аз ин рӯ Абулфайзхон аз кирдори худ нодим шуда ва аризае ба вай навишт ва изҳори шармандагӣ ва надомат ва дархости авфу бахшиш кард ва онро ба дасти Ҳакимбий атолиқ барои Нодир фиристод. Оқибат чун аз ҳусну нияти шоҳи Эрон бохабар шуд, худ бо туҳфа ва пешкаши фаровон ба ҳузури Нодир расид. Саранҷом Ҷайҳунро сарҳад қарор доданд ва бо ин ки фармофармоии Абулфайзхон дар ҷониби шарқии рӯди Ҷайҳун ба расмият шинохта шуда, вале Нодир вайро маҷбур кард, ки 20 000 нафар аз туркман ва ӯзбекро мулозими рикоби Нодирӣ намояд. Бад-ин тартиб сарзаминҳои каронаи ғарбии Амударё замимаи давлати нодирӣ шуд ва Абулфайзхон сари итоат дар баробари ӯ фуруд овард. Нодир ҳам барои дилгармии вай ва ба иқтизои сиёсати мулкдорӣ ӯро ба хитоб шоҳӣ ва унвони султонӣ муфтахар сохт ва барои эъломи тафаввуқи худ тоҷ ба сари вай ниҳод [10, с.796] ва Ҳакимбий атолиқ аз таваҷҷуҳи хосси подшоҳи Эрон бархӯрдор шуд ва худро "амири кабир" хонд.

Нодиршоҳ ҳамчунин барои таҳкими равобити дӯстона духтари Абулфайзхонро барои Алиқулимирзо ба занӣ гирифт ва духтари дигарашро ба ақди худ даровард. Муҳаммад Козими Марвӣ бар ин ақида аст, ки духтарони Абулфайзхон ба ақди писару бародарзодаи Нодир даромадаанд. Бо марги Муҳаммад Ҳакимбий атолиқ (соли 1745) Абулфайзхон дар идораи мамлакат дучори мушкил шуд ва ошуфтагиҳое дар Бухоро чун туғёни Ибодуллоҳбийи хитоӣ ва иёлоти Миёнколот падид омад. Аз ин рӯ Нодиршоҳ, Муҳаммадраҳимхон писари Муҳаммад Ҳакимбий атолиқро дар раъси сипоҳе маъмури саркӯби онон кард. Абулфайзхон бо Муҳаммадраҳимхон низ равобити чандон хубе надошт. Нодиршоҳ оқибат ба пешниҳоди Муҳаммадраҳимбий атолиқ Абулфайзхонро аз салтанат халъ кард ва Абдулмуъмин писари нуҳсола ва ба ривояте 12-солаи ӯро ба фармонравоӣ баргузид ва зимоми ӯро ба дасти Муҳаммадраҳимбий атолиқ, ки аз мулозимони рикобаш буд, вогузорид.

Ба навиштаи муаллифи "Оламорои Нодирӣ," Абулфайзхон пас аз азл, дар самти хориҷи қалъаи Бухоро дар боғи қаландархонаи Раҳимхон маҳбус шуд". Ба гуфтаи Бӯстони Бухороӣ, ӯ дар боғи Чаҳорхосса буд, ки ба роҳнамоии Муҳаммадраҳимбийи атолиқ аз он ҷо гурехт ва дар мадрасаи Мири Араб пинҳон шуд. Ӯ низ дар ҳамон ҷо ба қатл расид ва Муҳаммадбийи атолиқ писари нуҳсолаи ӯ, яъне Абдулмуъминхонро бар тахт нишонд, аммо баъд аз муддате ӯро низ кушт ва Убайдуллоҳхонро бар тахти салтанат нишонд, сипас дере напоид, ки ӯро низ бардошт ва худ соли 1756 бар тахти салтанат нишаст.

Муҳаммадраҳибий солҳои 1756-1757 ба Ҳисор ҳуҷумҳо карда, амакаш Дониёлбийро ҳокими Ҳисор ва вилоятҳои кӯҳистон таъйин кард. Ҳокимони Самарқанд, Тошканду Шаҳрисабз наздикони ӯ буданд. Ҳокими Ӯротеппа Фозилбой соли 1758 мулкҳои Ҷиззах, Хатирчӣ, Каттақӯрғон, Хуҷанд, Самарқанд ва қалъаҳои Замину Ёмро гирифт. Алайҳи Бухоро Хива ва Афгонистон низ мубориза мебурданд. Хонигарии Бухоро гирифтори буҳрони амиқи сиёсӣ гардид. Водиҳои зархезу обод вайрону валангор шуданд

Пас аз марги Абулфайзхон силсилаи дигаре аз дудмон Чингиз таҳти унвони хонадони Манғития рӯйи кор омаданд, зеро ҳукумати хонҳои рақиби Ҷониён дар Фарғона аз соли 1700

таъсис шуда ва ҳукумати Ҷониён аз соли 1752 сарошеб суқуту заволро тай карда буд.Саранҷом дар соли 1785 руасои қабоили манғит тавонистанд Ҷониёнро аз қаламрави худ тард карда ва Абулғозихон -охирин фарди ин дудмонро аз салтанат дур намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Мирзо Муҳаммад Тоҳири Қазвинӣ. Таърихи ҷаҳонорои Аббосӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таъликоти Сайид Саъид Мирмуҳаммад Содиқ. - Теҳрон,1383 (1964).
2. Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонӣ. Туҳфаи шоҳӣ. Дастхати Маркази мероси хаттии АИ Тоҷикистон, №.786/II.
3. Мирзоев А. М. Сайидо Насафи и его место в истории таджикской литературы / А. М. Мирзоев. - Сталинабад: Таджик-госиздат, 1954.
4. Мулло Ҷололіддин Мунаҷҷими Яздӣ.Таърихи Аббосӣ ё рӯзномаи Мулло Ҷалол. Ба кӯшиши Сайфуллоҳ Ваҳидниё. -Теҳрон,1366 (1947).
5. Муҳаммад Юсуф Мунши. Муким-ханская история. Перевод с таджикского, примечания и указатели А.А.Семенова. -Ташкент, 1956.
6. Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ..Тасҳеҳи Фариштa Саррофон. -Теҳрон, 1384 (1965).
7. Муҳаммадшариф ибни Муҳаммаднақӣ.Тоҷ-ӯт-таворих.Захираи дастхатҳои мероси хаттии АУ Тоҷикистон. №.2282.
8. Муҳаммад Салим.Кушкули Салимӣ. -Тошканд,1363 (1944).
9. Муҳаммад Вафои Карминагӣ.Туҳфаи хонӣ. / Пер. с персидского Н. К. Норкулова. // Материалы по истории Средней и Центральной Азии X-X1X вв. -Ташкент, 1988. –С.270-276.
10. Муҳаммад Козими Марвӣ. Оламорои Нодирӣ. -Теҳрон, 1364 (1945).
11. Муҳаммади Яъқуб. Гулшан-ул-мулук. Нусхаи захираи дастнависҳои АУ Ҷумхурии Тоҷикистон, рақ. 2663, вар.154б.
12. Ризоқулихони Ҳидоят. Равзат-ус-сафои Носирӣ. -Теҳрон,1339 (1920).
13. Таърихи давлатҳои исломӣ ва хонадони ҳукуматгар. Тарҷумаи Содиқ Саҷодӣ.Нашри Таърихи Эрон, 1370 (1951).
14. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон (Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав). -Душанбе, 2008.
15. Шепелева А.Материалы для истории Хивинского похода 1873 г./Очерк военных и дипломатических сношений России с Средней Азии.Ташкент,1870.Типография-военно народного управления.-56 с.
16. Ҳоҷӣ Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих. Нусхаи музей-китобхонаи профессор А.А.Семенов, №63, В.105б.


## ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ СИЁСИИ ХУРОСОН ВА МОВАРОУННАҲР ДАР ЗАМОНИ АШТАРХОНИЁН ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ МАНОБЕИ ТАЪРИХӢ


Ба таърихи сиёсии Мовароуннаҳр ва Хуросон таназзул ва барҳам хӯрдани давлати бузурги Темуриён дар солҳои вопасини ҳукумати Ҳусайн Бойқаро (солҳои 1486-1506) мансуб аст. Задухӯрдҳои доимии дохилӣ боиси заифи нуфуз ва қудрати сиёсии мулкҳои он гардида, барои тохтутози қабоили кӯчии турку муғули Дашти Қипчоқ замина фароҳам овард. Баъд аз марги Ҳусейн Мирзо дар соли 1506, Мовароуннаҳр ва Хуросон ба арсаи муборизаҳои сиёсии Сафавиҳо ва Шайбониҳо табдил меёбад. Ҷараёни ин ҳодисот дар як қатор манбаъҳои таърихӣ, чун “Таърихи Муқимхонӣ”-и Муҳаммад Юсуфи муншӣ, ”Таърихи оламоройи Аббосӣ”-и Муҳаммад Козими Марвӣ, “Тоҷ-ӯт-таворих”-и Муҳаммадшариф ибни Муҳаммаднақӣ, “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонӣ инъикос гардидаанд. Дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ, рафти муборизаи Шайбонихон бо Исмоили Сафавӣ барои ба даст даровардани Хуросон, шикасти Шайбонихон дар назди Марв (соли 1510) ва солҳои ҳукумати бародарзодаи Шайбонихон Убайдуллоҳхон (1533-1539) мушоҳида карда мешавад. Муаррихон Убайдуллоҳхонро ҳамчун ҷанговари сахтгиру ҷасур тасвир кардаанд. Убайдуллоҳхон шаш маротиба ба Хуросон тохтутозҳои харобиовар намуда, дар даврони ҳукумати ӯ султонҳои тобеъ ҷуръат надоштанд, кӯшишҳои марказгурезонаи худро пайрезӣ кунанд. Баъди марги Абдуллоҳи II Шайбонӣ соли 1598 вазъият муташанниҷ гардида, муборизаи дохилӣ баҳри соҳиб шудан ба тахту тоҷ байни рақибони сиёсӣ басо шиддат гирифт. Дар ин ҳолати басо фавқулода ва шигифтангез, дар хонигарии Бухоро хонадони Ҷониҳо, ки чун сулолаи Аштархонӣ маълум аст, рӯйи кор омад. Дар мақола рафти ҳаводиси сиёсӣ, рақобати ҳокимони марказгурез бо ҳукумати марказӣ, юриши Нодиршоҳи Афшор ба Бухоро ва оғози ҳукмронии сулолаи ҷадид - Манғитиҳо дар асоси манобеи таърихӣ инъикос гардидааст.



**Калидвожаҳо:** Шайбониён, Аштархониён, сохти сиёсӣ, манбаи таърихӣ, тасарруф, манотиқ, ҳифз намудан, лашкар, баҳона, ҳуҷум, харобӣ, тохтутоз, Имомқулихон, Субҳонқулихон, Сафавиён, Самарқанд, Бухоро, Хуросон Мовароуннаҳр, Дашти Қипчоқ, манғит.


## ОТРАЖЕНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОГО ПОЛОЖЕНИЯ ХОРАСАНА И МАВЕРАННАХРА В ГОДЫ ПРАВЛЕНИЯ АШТАРХАНИДОВ В ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ.


В последние годы правления султана Хусейна Мирзы (Байкары) (1486-1506 гг.) история Мавераннахра и Хорасана характеризуется распадом огромной империи Тамерлана. Постоянные войны между тимуридами ослабляли политическую мощь их владений, постепенно создавались предпосылки для вторжения со стороны соседних тюрко-монгольских кочевников, главным образом обитателей Дашт-и Кипчака. После смерти Хусейна Мирзы 1506 г. Мавераннахр и Хорасан превратились в арену политической борьбы со стороны Сефевидов и Шейбанидов. Ход событий этого периода отражен в таких исторических источниках, как: “Тарих-и Муким хан-и” Мухаммада Юсуфа мунши, “Тарих-и оламоро-и Аббос-и” Мухаммада Казим Марви, “Тажд ат-таварих” Мухаммадшарифа ибн Мухаммаднаки, “Тухфа-и шах-и” Мирза Абдалазима Сами Бустани и др. На основе исторических источников прослеживается борьба Шейбани хана и Исмаила Сефеви за Хорасан, поражение Шейбани хана под Мервом (1510 г.) и годы правления племяника Шейбани- хана Убайдулла-хана (1533-1539). Историки рисуют Убайдулла-хана суровым воином, не уступавшим в энергии своему жестокому дяде. Он шесть раз водил свои войска в опустошительные набеги

в Хорасан. При нем вассальные султаны не могли проявлять свои сепаратистские стремления. После смерти Шейбанидского правителя Абдаллаха II в 1598 г. в стране крайне обострилась междоусобица и усилилась борьба между многочисленными претендентами за власть. В чрезвычайно напряженной обстановке в Бухарском ханстве пришла к власти династия Джанидов, известная в литературе как Аштарханиды. В статье рассматривается ход политических событий, противоборство местных правителей с центральной ханской властью, совершение похода Надир-шаха в Бухару и начало правления новой династии мангытов.

**Ключевые слова**: Шейбаниды, Аштарханиды, политическое усторойство, исторический источник, владение, регион, защишать, войска, повод, наступление, разрушение, нашествие, Имам Кули-хан, Субханкули–хан, Сефевиды, Самарканд, Дашт-и Кипчак, Бухара,Хорасан, Мавераннахр,мангиты.

**REFLECTION OF THE FLIGHT POSITION OF KHORASAN AND MAVERANNAHR DURING THE RULE OF ASHTARKHANIDS IN HISTORICAL SOURCES.**

In the last years of the reign of Sultan Hussein Mirza (Baykara) (1486-1506), the history of Maverannahr and Khorasan was characterized by the collapse of the vast Tamerlane empire. The constant wars between the Timurids weakened the political power of their possessions, gradually created the prerequisites for an invasion from the neighboring Turkic-Mongol nomads, mainly the inhabitants of Dasht-Kipchak. After the death of Husen Mirza in 1506, Maverannahr and Khorasan turned into an arena of political struggle on the part of the Safavids and Sheybanids. The course of events of this period is reflected in such historical sources as: “Tarih-i Mukim khan-i” of Muhammad Yusuf Munshi, “Tarih-i olamoro-i Abbos-i” of Muhammad Kazim Marvi, “Tadzh at-tavarih” of Muhammadsharifa ibn Muhammadnaki, “Tukhfa-i shah-i” Mirza Abdalazim Sami Bustani and others. Based on historical sources, the struggle of Sheybani Khan and Ismail Safavi for Khorasan, the defeat of Sheybani Khan near Merv (1510) and the years of the reign of Sheibanikhan Ubaidullah Khan (1533-1539) are traced. Historians portray Ubaidullah Khan as a stern warrior, not inferior in energy to his cruel uncle. He led his troops six times in devastating raids in Khorasan. Under him, vassal sultans could not show self-separatist aspirations. After the death of the Sheybanid ruler Abdallah II in 1598, civil strife intensified in the country and the struggle between the numerous applicants for power intensified. In an extremely tense situation in the Bukhara Khanate, the Dzhanid dynasty came to power, known in the literature as Ashtarkhanids. The article discusses the course of political events, the confrontation of local rulers with the central khanate, the campaign of Nadir Shah in Bukhara and the beginning of the reign of the new Mangyt dynasty.

**Keywords**: Sheybanids, Ashtarkhanids, political structure, historical source, possession, region, defend, troops, reason, offensive, destruction, invasion, Imam Kuli Khan, Subkhankuli-khan, Safavids, Samarkand, Dasht-i Kipchak, Bukhara, Khorasan , Maverannahr, mangits.

**Сведения об авторе:** ***Абдулов Зиёдулло Назарович*** **-** Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН РТ, соискатель.
***Information about the author: Abdulov Ziyodullo Nazarovich*** **-** Institute of History, Archeology and Ethnography. A. Donisha AN RT, Applicant.

**УДК:94(100) ”05/…”**

# ВАЗЪИ СИЁСИЮ ИҶТИМОИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX- ИБТИДОИ АСРИ XX

***Нуруллозода Меҳрон***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Таърихи сиёсӣ-иҷтимоии Аморати Бухоро аз ҷониби олимону таҳқиқотчиёни забардаст, ба монанди А. Дониш, Ш. Шоҳин, С. Айнӣ, Р. Ҷалил, Б. Ғафуров В.В. Бартолд, А.А. Семенов, М.А. Абдураҳимов, Н.А. Халфин ва ғайра баррасӣ шудааст. Дар асарҳои онҳо оиди паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию фарҳангии Аморати Бухоро, шаклу навъҳои заминдорӣ, вазъи хоҷагии кишоварзӣ, ҳунармандӣ маълумот оварда шудааст. Аз ҷумла, В.В. Бартолд дар таҳқиқоти худ равандҳои иқтисодӣ ва сиёсии хонигарии Бухороро тасвир кардааст [3,с.163-433].

А.А. Семенов бошад, сарчашмаҳои гуногуни маҳаллиро аз ҷиҳати илмӣ таҳлил намуда, низоми идораи маъмурӣ ва муносибатҳои Бухоро ва Русияро таҳлил намудааст [8,с.54].

Дар омӯзиши таърихи Аморати Бухоро таҳқиқоти М.А. Абдураҳимов нақши назаррас доранд. Муаллиф масъалаҳои мухтассоти рушди иқтисодию иҷтимоии Бухороро дар асоси номаҳои амир Ҳайдар таҳлил намудааст, ки дар омӯзиши баъзе воқеаҳои сиёсии Аморати Бухоро мусоидат мекунанд.[1,1961.]

Г.А. Михайлева дар корҳои илмии худ таърихи рушди муносибатҳои тиҷоратию сафоратии Русияро бо хонигариҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла сохтмони роҳи оҳани Оренбург ва Тошкандро бо мақсадҳои сиёсӣ таҳлил намудааст [7, с.92].

О.А. Соловева дар корҳои худ масъалаҳои фарҳанги сиёсии Аморати Бухороро аз ҷиҳати этнография, паҳлуҳои гуногуни давлатдории анъанивиро дар асри XIX ва ибтидои асри XX, усулҳои идоракунии сиёсии Аморати Бухороро таҳлил намудааст [9,с.111-121].

Аморати Бухоро солҳои 1755 – 1920 арзи ҳастӣ дошт. Асосгузори ин давлат Муҳаммад Раҳимбой аз қабилаи манғит ба ҳисоб меравад. Ҳудуди Аморати Бухоро қисмаме аз ҳудуди ҳозираи Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва як қисмати Туркманистонро дар бар мегирифт. Дар Осиёи Миёна ғайр аз аморати Бухоро хонигарии Хева ва Қӯқанд арзи ҳастӣ доштанд. Бояд қайд кард, ки дар Осиёи Миёна ғайр аз ин хонигариҳо боз марказҳои ниммустақил низ вуҷуд доштанд, ба монанди: Шаҳрисабз, Китоб, Фалғар, Мастчоҳ, Киштут, Моғиён, Фороб, Кӯлоб, Ҳисор, Дарвоз, Қаротегин, Рушон, Шуғнон, ва Вахон. Аморати Бухоро нимаи дуюми асри XIX ба тобеияти Россия ворид карда мешавад. Дар он замон амири Аморати Бухоро Музаффар (1860-1885) ба ҳисоб мерафт [6,с.356].

Аморати Бухоро аз ҷиҳати маъмурӣ дар нимаи дуюми асри XIX ба 10 туман ва 26 вилоят тақсим мешуд. Дар ҳудуди аморат нуқтаҳои аҳолинишин вуҷуд доштанд. Ҳар як вилоят, дар навбати худ, ба амлокдорӣ тақсим мешуд. Вилоят аз тарафи ҳоким ё бекҳо идора карда мешуд, ки онҳо ба рутбаҳои гуногун қадр мешуданд: девонбегӣ, додхоҳ, иноқ, ишикоқбошӣ, тӯқсабо, бий ва ғайра.

Тамоми таърихи нимаи дуюми асри XIX Аморати Бухоро ба Россия алоқаманд буд. Баъд аз шикасти Россия дар ҷанги Қрим ва фаъолияти геополитикии Британиёи Кабир дар Ҳинду Афғонистон Русияро водор мекунад, ки таъсири худро дар Осиёи Миёна дучанд созад ва давлатҳои минтақаро тобеи худ гардонад. Хуҷуми Русия ба Осиёи Миёна соли 1847 сар мешавад, ки артиши онҳо ба соҳилҳои баҳри Арал наздик шуда, он ҷо қалъаи Раимро месозанд. Баъд аз ин артиши русҳо Ҳафтрӯд ва қалъаи Оқмаҷитро соли 1853 дар Сирдарё забт мекунанд. Соли 1864 Русия ба қаламрави хони Қӯқанд сар медарорад. Ва соли 1864 шаҳри Чимкент ва соли 1865 Тошканд забт карда шуданд. Бо сабабҳои задухӯрдҳои байниҳамдигарии хонигариҳои Осиёи Миёна артиши Рус ба мақсади худ ноил мегардад. Дар ин вақт амири Бухоро Музаффар бо роҳи зӯрӣ хонигарии Ӯротеппа ва Хуҷандро забт намуда, ҳама аз ин рӯҳбаланд гардида, ба назди русҳо сафир равон карда, талаб мекунад, ки аз шаҳри Тошканд баромада раванд. Аммо 8 майи соли 1866 дар набарди Эрҷар артиши амир шикаст хӯрда, рӯ ба гурез мениҳад. Ҳамин тавр, артиш баҳори соли 1866 ба ҳудуди аморати Бухоро ворид мешавад. Моҳи июни соли 1868 русҳо лашкари амирро торумор карда, шаҳрҳои Самарқанд, Каттақӯрғон, Хуҷанд, Ӯротеппа ва Ҷиззах ба ҳайати Русия дохил карда мешаванд. Амири Бухоро маҷбур мешавад, ки ба Русия 500 ҳазор рубл ба сифати товони ҷанг супорад ва ба як қатор дигар шартҳо розӣ шавад. Ҳамин тавр, дар солҳои оянда артиши русҳо дигар шаҳрҳои Бухороро ба тасарруфи худ медарорад. Аз ҷумла соли 1868 Панҷакент, соли 1870 - Моғиён, Киштут, Фалғар, Мастчоҳ, Фон, Яғноб ва ғ. Бояд гуфт, ки баъди зери тасарруфи худ даровардани хонигариҳои Осиёи Миёна Русия дар Осиёи Миёна намояндаи худ генерал-губернаторро таъйин мекунад, ки тамоми масъалаҳои сиёсию иҷтимоии ин минтақаро худаш ҳал мекард [5, с.200-296].

Аз ҷиҳати сиёсиву иқтисодӣ ва вазъи иҷтимоӣ давлатҳои Осиёи Миёна дар ин айём қафомонда ба ҳисоб мерафтанд. Зулму ситами амиру хонҳо ба он расонд, ки дар гӯшаҳои гуногуни ин давлатҳо шӯришҳои зиёд ба амал омаданд. Аз маъхазҳои таърихӣ маълум аст, ки дар нимаи дуюми асри XIX дар Осиёи Миёна, пайдарпай шӯришҳо сар мезаданд. Соли 1870 дар Балҷувон, солҳои 1872 - 1875 Хуҷанд, Ӯротеппа, солҳои 1888 – 1886 дар Шӯробод, Кӯлоб, Ҳисор ва Деҳнав шӯришҳо ба вуқӯъ омаданд. Ҳамаи ин шӯришу ошӯбҳо барои ҳаракати азиме, ки соли 1885 тамоми бекиҳои Балҷувону Кӯлобро фаро гирифт, гӯё замина тайёр карданд ва ин шӯриш дар адабиёти таърихӣ бо номи пешвои он чун шӯриши Восеъ маълум аст.

Дар натиҷаи омӯзишу таҳлили маълумотҳои гуногуни илмиву таърихӣ оид ин масъала ба хулосае омадан мумкин аст, ки вазъи сиёсиву иқтисодии Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, андозҳои гарон, аҳаммият надодан ба рушди иқтисодии

давлат, беаҳаммиятӣ ба ҳифзи иҷтимоии мардум, қафомонии илму фарҳанг, бесаводии худи амирону бекҳо дар вилоятҳо, зулму ситами беохир ба аҳолӣ, набудани истеҳсолоти саноати вазнин, набудани беморхонаву марказҳои тиббӣ, набудани мактабу донишкадаҳои дунявии муосири он замон, бесаводии аксари аҳолӣ, вуҷуд надоштани артиши замонавӣ набудани шоҳроҳои бузург ва садҳо дигар камбудиву норасоиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба он оварда расонд, ки аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёна давлатҳои қафомонда ба ҳисоб мерафтанд.

## АДАБИЁТ


1. Абдураимов М. Вопросы феодального землевладения и феодальной ренты в письмах эмира Хайдара. Опыт краткого исследования источника / М.Абдураимов. – Ташкент, 1961.
2. Азизкулова Г.С. Цикл лекций по истории государства и права Республики Таджикистан / Г.С. Азизкулова. - Душанбе, 1995. -С.11-12.
3. Бартольд В.В. История культурной жизни Туркестана / В.В. Бартолд//Соч. – М.: Восточная литература, 1963. – Т. 2. - Ч. 1. – С. 163-433.
4. Бокиев О. Завоевание и присоединение СеверногоТаджикистана, Памира и Горного Бадахшана к России / О. Бокиев. -Душанбе,1994. -С.76.
5. Исмаилова Б. Бухарский эмират при эмире Хайдаре. –Худжанд, 2000. –200 с.; Она же. История Бухарского эмирата (вторая половина XVIII-середина XIX вв.). – Худжанд, 2005. – 296 с.; Якубов Б.С. Шахрисабзское и Китабское бекства во второй половине XVIII-60-х гг. XIX в.: автореф. канд. ист. Наук / Б.С. Якубов. –Ташкент, 1997. -25 с. История Бухары с древнейших времен до наших дней. – Ташкент: Фан, 1976. - 381 с.; История Бухары. С древнейших времен до наших дней. – Ташкент, 1976. – 383 с. Он же. Владения Восточной Бухары во второй половине XVIII-середине XIX вв. // Вестник Педагогического университета. Сер. гуманитарных наук. – 2008. – №2 (30) –С.34-39;
6. История таджикского народа. Т. 2. Кн. 2. – М., 1964. – 356 с.; История таджикского народа. Т.4. Позднее средневековье и Новое время (XVI в. – 1917 г.) / Под общ. ред. академика АН РТ Р.М. Масова. – Душанбе, 2010. – 1124 с.
7. Михалева Г.А. Торговые и посольские связи России со среднеазиатскими ханствами через Оренбург. – Ташкент, 1962.- 92 с.; Торговые и посольские связи России со среднеазиатскими ханствами через Оренбург. – Ташкент, 1962.; Она же, Узбекистан XVIII – первой половине XIX веков: Ремесло, торговля и пошлины. - Ташкент, 1991. – 112 с.
8. Семенов А.А. Очерк поземельно-податного и налогового устройства Бухарского ханства / А.А. Семенов // Тр. САГУ. – Ташкент, 1929. – Сер. 2. – Вып. 1. – 54 с.; Он же. Очерк устройства центрального административного управления Бухарского ханства позднейшего времени. – Сталинабад: АН Тадж. ССР, 1954. – 76 с.
9. Соловьева О.А. Лики власти благородной Бухары. –СПб., 2002. – 192 с.; Она же. Должностные символы в Бухарском эмирате в XIX в. // Этнографическое обозрение. – 2002. – № 4. – С.111-121; Она же. Историко-этнографические аспекты традиционной должностной власти и управления в Бухарском эмирате XIX - начала XX веков: Автореф дисс. канд. ист. наук. – М., 2000, - 24 с.; Она же. Поведенческий символ власти и политическая социализация: (Бухарский эмират XIX- нач. XX вв. ). // Журнал социологии и социальной антропологии. – 2001. – Т.4. – № 4. – С.103-114.
10. Холиков А. История государства и права Таджикистана / А. Холиков. Душанбе, 2002. -С.8.


## ВАЗЪИ СИЁСИЮ ИҶТИМОИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX- ИБТИДОИ АСРИ XX


Мақолаи мазкур ба баррасии вазъи сиёсию иҷтимоии Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX-ибтидои асри XX бахшида шудааст. Таърихи сиёсӣ-иҷтимоии Аморати Бухоро аз ҷониби олимону таҳқиқотчиёни забардаст, ба монанди А. Дониш, Ш. Шоҳин, С. Айнӣ, Р. Ҷалил, Б. Ғафуров В.В. Бартолд, А.А. Семенов, М.А. Абдураҳимов, Н.А. Халфин ва ғайра баррасӣ шудааст. Дар асарҳои онҳо оиди паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию фарҳангии Аморати Бухоро, шаклу навъҳои заминдорӣ, вазъи хоҷагии кишоварзӣ, ҳунармандӣ маълумот оварда шудааст.Дар натиҷаи омӯзишу таҳлили маълумотҳои гуногуни илмиву таърихӣ оид ин масъала ба хулосае омадан мумкин аст, ки вазъи сиёсиву иқтисодии Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, андозҳои гарон, аҳаммият надодан ба рушди иқтисодии давлат, беаҳаммиятӣ ба ҳифзи иҷтимоии мардум, қафомонии илму фарҳанг, бесаводии худи амирону бекҳо дар вилоятҳо, зулму ситами беохир ба аҳолӣ, набудани истеҳсолоти саноати вазнин, набудани беморхонаву марказҳои тиббӣ, набудани мактабу донишкадаҳои дунявии муосири он замон, бесаводии аксари аҳолӣ, вуҷуд надоштани артиши замонавӣ набудани шоҳроҳои бузург ва садҳо дигар камбудиву норасоиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба он оварда расонд, ки аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёна давлатҳои қафомонда ба ҳисоб мерафтанд.



**Калидвожаҳо:** Аморати Бухоро, вазъи сиёсию иҷтимоӣ, шаклу навъҳои заминдорӣ, вазъи хоҷагии кишоварзӣ, ҳунармандӣ, беаҳаммиятӣ ба ҳифзи иҷтимоии мардум, қафомонии илму фарҳанг, давлати қафомонда.


## ПОЛИТИКО-СОЦИАЛЬНОЕ ПОЛОЖЕНИЕ БУХАРСКОГО ЭМИРАТА ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XIX- И НАЧАЛЕ XX ВЕКОВ


В данной статье автором рассмотренополитико-социальное положение Бухарского Эмирата во второй половине XIX- и начале XX веков. Политико-социальная история Бухарского Эмирата подвергнута изучению со стороны таких выдающихся ученых как А. Дониш, Ш. Шохин, С. Айни, Р. Джалил, Б. Гафуров, В.В. Бартольд, А.А. Семёнов, М.А.

Абдурахимов, Н.А. Халфин и др. В их трудах приведены сведения о различных сторонах социально-экономической, политической и культурной жизни Бухарского Эмирата, формах и типах земледелия, состоянии сельскохозяйственной отрасли и ремесленничества. В результате изучения и анализа различных научных и исторических сведений можно придти к выводу о том, что политическое и экономическое состояние Бухарского Эмирата во второй половине XIX- и начале XX веков, непосильные налоги, халатное отношение к экономическому развитию сгосударства, социальной защите населения, отставание в научном и культурном развитии, неграмотность эмиров и беков в волостях, нескончаемое угнетение и притеснение населения, неразвитость тяжелой промышленности, острая нехватка медицинского обслуживания, медицинских центров, школ и высших учебных заведений, современной армии, неграмотность населения и других социально-экономических недостатков привели к тому, что Бухарский Эмират и другие ханства Средней Азии считались отсталыми государствами.

**Ключевые слова:** Бухарский Эмират, политико-социальное положение, формы и типы землевладения, состояние сельского хозяйства, ремесленничество, невнимательность к социальной защите населения, отставание в научном и культурном развитии, отсталое государство..

## POLITICAL AND SOCIAL SITUATION OF THE BUKHARA EMIRATE IN THE SECOND HALF OF THE XIX- AND BEGINNING OF THE XX CENTURIES

In this article, the author considers the political and social situation of the Bukhara Emirate in the second half of the 19th and early 20th centuries. The political and social history of the Bukhara Emirate has been studied by such prominent scholars as A. Donish, Sh. Shokhin, S. Aini, R. Jalil, B. Gafurov, V.V. Bartold, A.A. Semenov, M.A. Abdurahimov, N.A. Khalfin et al. In their writings, information is given on various aspects of the socio-economic, political and cultural life of the Bukhara Emirate, the forms and types of agriculture, the state of the agricultural industry and handicraft. As a result of studying and analyzing various scientific and historical information, it can be concluded that the political and economic condition of the Bukhara Emirate in the second half of the 19th and early 20th centuries, excessive taxes, neglect of the economic development of the state, social protection of the population, lagging behind scientific and cultural development, illiteracy of emirs and beks in volosts, endless oppression and oppression of the population, underdevelopment of heavy industry, acute lack of medical services, medical centers, schools and higher educational institutions, the modern army, illiteracy of the population and other socio-economic shortcomings led to the fact that the Bukhara Emirate and other khanates of Central Asia were considered backward states.

**Keywords:** Bukhara Emirate, political and social situation, forms and types of land tenure, state of agriculture, handicraft, inattention to the social protection of the population, lag in scientific and cultural development, backward state ..

**Сведения об авторе:** ***Нуруллозода Мехрон*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, докторант Ph.D кафедры отечественной истории. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 121.Телефон: **985-1084-34**

**Information about the author:** ***Nurullozoda Mehron*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, doctoral candidate Ph.D. of the Department of Russian History. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki street, 121 Phone: **985-1084-34**

**УДК:94(100) ”05/…”**

# ИНЪИКОСИ ТАЪРИХИ СОЛҲОИ ОХИРИ ҲУКМРОНИИ ШАЙБОНИҲО ДАР АСАРИ МАҲМУД ИБНИ ВАЛӢ «БАҲР АЛ-АСРОР»

***Саидов Ф. А.***

**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ**

Дар асари муаллифи ибтидои асри XVII Маҳмуд ибни Валӣ «Баҳр ал-асрор» дар бораи таърихи ҳукмронии сулолаҳои мухталифе, ки дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳукмронӣ намудаанд, маводи зиёде ҷой дода шудааст. Ҳаёт ва фаъолияти муаллифи «Баҳр ал-асрор» ба давраи солҳои охири ҳукмронии Шайбониён ва ба сари қудрат омадани Аштархониён рост меояд, аз ин хотир маълумоти ӯ дар бораи ин давраи таърихӣ беназир аст.

Дар ибтидои солҳои 80-уми асри XVI ба ҳокими Шайбонӣ Абдуллоҳхон муяссар гардид, ки пас аз муборизаҳои шадиди хунин ва ғоратгарона бо ҷудоихоҳони султонҳои алоҳидаи Шайбонӣ онҳоро мағлуб сохта, Мовароуннаҳр ва ҳудудҳои соҳили рости дарёҳои Ому ва Сирро ба зери тобеияти худ дарорад.

Маҳмуд ибни Валӣ менависад, ки Абдуллоҳхон соли 996/1588 писари худ Абдулмуъминро вориси тахт намуд [6, 409а-409б]. Тибқи ахбори муаллифи «Абдуллоҳнома» Ҳофизи Таниш, Абдулмуъмин дар рӯзи ҷумъаи 16 моҳи раҷаби соли 975 / 16 январи соли 1568 таввалуд шуда, соли 990/1582 падараш Абдуллоҳхон ӯро дар сини 15-солагӣ вориси тахт эълон намуда, ҳокими Балх таъйин намуд. Азбаски Абдулмуъмин хурдсол буд, Абдуллоҳхон яке аз амирони худ Ҷонкелдибийро бо ҳуқуқҳои зиёди роҳбарӣ бо ӯ ҳамроҳӣ намуд [10, с.56].

Муаллифи «Тазкираи Муқимхонӣ» Муҳаммадфюсуфи Муншӣ менависад, ки пас аз марги Пирмуҳаммадхон I Абдуллоҳхон писари худ Абдулмуъминро вориси тахт эълон намуда, ба Балх фиристод [7,с. 101-102].

Аз таҳлил ва муқосиаи маълумоти маъхазҳои хаттӣ оид ба ворисӣ тахт эълон гардидани Абдулмуъминхон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ахбори Ҳофизи Таниш дар ин бора саҳеҳ аст ва ба воқеоти таърихӣ мувофиқат менамояд. Маҳмуд ибни Валӣ дар ин ҷо ба иштибоҳ роҳ додааст.

Дар ин давра байни Абдуллоҳхон ва писараш Абдулмуъминхон низоъҳо барои ҳокимият тезутунд гардиданд, зеро Абдулмуъмин гумон дошт, ки падараш пас аз тасхири Ҳирот онро ба ихтиёри ӯ месупорад, вале Абдуллоҳхон Мирбобо кукалтошро ҳокими Ҳирот таъйин намуд ва ноҳияҳои гирду атрофи онро низ ба ӯ супорид. Абдуллоҳхон аз ҳудудҳои дар Хуросон забтгардида низ ба Абдулмуъмин чизе надод. Ин ҳама боиси пайдо шудани душманӣ байни падару писар гардид [9, с.234-235].

Абдуллоҳхон бо мақсади васеъ намудани ҳудудҳои худ амалиёти ҳарбиро дар ҳудудҳои чапи рӯди Ому бар зидди Сулаймоншоҳ, авлодони ӯ ва шоҳони Бадахшон оғоз кард. Тибқи ахбори Маҳмуд ибни Валӣ 6 муҳаррами соли 992 (20 январи соли 1584) Абдуллоҳхон ба сӯйи Балх ҳаракат намуд ва рӯзи 5 феврал ба маҳалли Одинамасҷид, ки дар масофаи се фарсах аз шимолу ғарбии Балх воқеъ буд, расид [5, 242а]. Дар ин ҷо ӯро Абдулмуъмин ва ашхоси дигари маъруф бо эҳтироми зиёд пешвоз гирифтанд. Лашкари Абдуллоҳхон моҳи феврали соли 1584 аз Балх ба сӯйи Тахористон ва Бадахшон раҳсипор гардид. Ба онҳо муяссар гардид, ки дар Тахористон мавзеъҳои Толиқон, Бағлон, Норин, Ғур, Кошиндеҳ, Хинҷон, Андароб ва дар Бадахшон Рустак, Кишм ва қалъаи Зафарро соҳиб гарданд. Ҳамин тариқ, соли 1584 Абдуллоҳхон тавонист, ки як қисме аз Тахористон ва Бадахшонро ба даст дарорад. Ӯ дар муддати зиёда аз дуюним моҳ (аз охири апрели соли 1584 то ибтидои июли ҳамон сол) барои тасхири Хутталон мубориза бурд, ки барои ӯ хеле сангин буд [9, с.230].

Барои фатҳи Қундуз муборизаи шадид сар зад, ки дар он писари калонии Ҷонимуҳаммад – Динмуҳаммад саҳми зиёд гузошт. Яке аз муқаррибони ӯ Қулбобо кукалтош бо заҳамату талошҳои зиёде тавонист, ки мудофеини шаҳр бо сарварии Қурчибек ва Муҳаммад Замонбекро маҷбур созад, ки калиди шаҳрро ба ӯ диҳанд. Барои иштироки фаъолона дар ин муборизаҳо Қундуз ва Толиқон ба Динмуҳаммад инъом гардиданд [6, 43а-43б].

Маҳмуд ибни Валӣ менависад, ки дар моҳи ҷумодиюлаввали соли 995 (апрели соли 1587) ҳангоми дар Бухоро будани Абдуллоҳхон, Абдулмуъмин дар мавзеи Ҷӯли Зардак ба шикор машғул буд. Аз набудани ӯ дар Балх истифода бурда, Сулаймоншоҳ ва Хусрав Мирзо ба ҳудуди Балх ҳуҷум намуда, Хутталон ва Толиқонро ба осонӣ забт карда, навоҳии гирду атрофи Қундузро ғорат намуданд. Мулло Бобо ва Ҳасанбек Шайх Умарӣ ном ашхос, ки аз ҷонибдорони Сулаймоншоҳ буданд, шаҳри Кешро забт карданд [5, 43б-44а]. Ин гуфтаҳоро Ҳофизи Таниш низ эътироф менамояд [10, с.30]. Пас аз ин Мулло Бобо ва Ҳасанбек Шайх Умарӣ бо лашкари худ ба сӯйи Қундуз равона шуданд.

Маҳмуд ибни Валӣ қайд менамояд, ки Абдуллоҳхон бар зидди лашкари Сулаймоншоҳ Динмуҳаммад султонро мефиристад. Динмуҳаммад дар мавзеи Гуликони назди Қундуз дастаи пешоҳанги душманро, ки аз сесад нафар саворагон иборат буданд, мағлуб сохт, вале дере нагузашта лашкари асосии онҳо, ки аз сӣ ҳазор нафар ҷангиён иборат буд, расида омад [5, 44а]. Қундузро хатари ҷиддӣ таҳдид мекард. Ба ёрии Динмуҳаммад Абдулмуъмин аз Балх бо лашкари худ расида омад ва лашкари Абдуллоҳхон низ аз Мовароуннаҳр ба он сӯ шитофт. То расида омадани Абдуллоҳхон ба Динмуҳаммад муяссар гардид, ки бо дастгирии Абдулмуъмин лашкари Сулаймоншоҳ ва муттаҳидонашро мағлуб созад. Лашкари Сулаймоншоҳ ба сӯйи Кобул фирор намуд [5, 43а]. Чунин маълумот дар маъхазҳои дигар вуҷуд надорад.

Пас аз ин воқеа Сулаймоншоҳ барои аз нав барқарор намудани ҳокимият дар Бадахшон дигар саъй нанамуд, вале ҷонибдорони Темуриҳои дар Бадахшон ва Хутталон буда бо роҳи фиреб номи абераи ӯ Муҳаммадзамон мирзоро, ки он вақт ҳамагӣ 7 ё 8-сол дошт, истифода бурда, соли 1589 бар зидди Шайбониҳо шӯриш бардошта, Кӯлобро ишғол намуданд. Тибқи гуфтаи Маҳмуд ибни Валӣ ин охирин намояндаи Темуриҳо буд, ки ба муқобили Шайбониҳо муқовимати мусаллаҳона нишон дод, вале ба шикаст рӯ ба рӯ гашт. Вай бо ҳамроҳии ҳаммаслакони худ ба Бадахшон фирор намуда, дар тангноҳои кӯҳӣ макон мегирад [6, 407б-409а].

Тобистони соли 1587 лашкари Шайбонӣ бо сардории Абдуллоҳхон ба сӯйи пойтахти Хуросон шаҳри Ҳирот ҳаракат намуда, 1 моҳи раҷаби соли 995 ( 7 июни соли 1587 ) онро муҳосира мекунад. Лашкари Абдуллоҳхонро ҳокими Балх Абдулмуъминхон ва Муҳаммадбоқӣ атолиқ фармондеҳӣ мекарданд [9, с. 194-195].

Маҳмуд ибни Валӣ таъкид менамояд, ки Динмуҳаммад султон бо бародарони худ соли 996 ( 1587-1588) дар мубориза бар зидди Сафавиҳо дар Хуросон фаъолона иштирок намуд ва барои ин корнамоиҳояшон ба онҳо вилоятҳои Харгард ва Хоф инъом гардид [5, 44а]. Дар асари Муҳаммадюсуфи Муншӣ «Тазкираи Муқимхонӣ» ин маълумот вуҷуд надорад. Аммо

дар асари Искандарбеки Туркмон «Таърихи оламорои Аббосӣ» иштироки Динмуҳаммад султон дар дастгирии Абдулмуъминхон дар тасвири муҳорибаҳои ӯ дар соли 998 (1589) дар Хуросон оварда шудааст [4, с.411].

Шайбониҳо бо сардории Абдулмуъминхон мубоизаи худро барои тасхири шаҳрҳои дигари Хуросон давом дода, Ҷам, Ғуриён, Бохарз, Пушанг ва мавзеъҳои дигарро зери тасарруфи худ дароварда, онҳоро низ ба Динмуҳаммад султон инъом намуданд [5, 45а]. Ин маълумотро муаллифи «Таърихи оламорои Аббосӣ» низ таъкид мекунад [4,с. 444-445].

Шоҳ Аббос бар зидди Абдулмуъминхон лашкари худро зери фармондеҳии Фарҳодхон ирсол намуд, ки ӯ бо лашкари хони Хоразм Хоҷа Муҳаммадхон ҳамроҳ гардид. Хоразмиҳо шуниданд, ки Абдулмуъминхон лашкари худро тақвият додааст ва низ Абдуллоҳхон бо лашкари зиёде ба ёрии ӯ меояд. Хоразмиён ба хотири бехатарии худ Фарҳодхонро танҳо гузошта, ба қафо баргашт. Фарҳодхон бошад, амирони худро ба мулкҳои худашон фиристода, худаш ба Қазвин рафт [8, 135; 4, 444-445].

Маҳмуд ибни Валӣ менависад, ки Динмуҳаммад барои васеъ намудани қаламрави худ дар Хуросон бо бародари хурдиаш Боқимуҳаммад кӯшиши фатҳи қалъаи Коинро намуд, ки он дар ихтиёри Сулаймонхони туркман буд. Дар наздикии шаҳри Турбат байни Сулаймонхони туркман ва лашкари чорҳазорнафараи Шайбонӣ задухӯрди шадид сар зад. Сулаймонхон бар зидди Шайбониҳо бо лашкари сеҳазорнафара муқобилият нишон дод, ки ҳазор нафари онҳоро тирандозони моҳир ташкил мекарданд. Натиҷаи ин задухӯрд ба фоидаи Шайбониён анҷом ёфт ва онҳо шаҳри Турбатро соҳиб шуда, мавқеи худро боз ҳам мустаҳкамтар намуданд. Пас онҳо ба Харгард баргаштанд ва Динмуҳаммад қароргоҳи худро ба ин ҷо кӯчонид [5, 47а-47б]. Дар бораи ин воқеаҳо дар маъхазҳои дигар маълумот вуҷуд надорад.

Маҳмуд ибни Валӣ таъкид менамояд, ки Динмуҳаммад пас аз ин воқеа бо ҳамроҳии Боқимуҳаммад ба сӯйи Узганд ҳаракат намуда, дар он ҷо ба лашкари Сулаймонхони туркман зарбаи ҳалокатовар расонд ва баъд аз ин лашкари ҳамсафи Сулаймони туркман – Мустафобеки туркманро шикаст дода, шаҳри Тунро, ки Сафавиҳо онро ишғол намуда буданд, дубора зери фармон овард [5, 47б].

Абдуллоҳхон яке аз амирони худ Қулбобо кукалтошро ҳокими Ҳирот таъйин намуд, аммо ин ба Абдулмуъмин маъқул нашуд, зеро ӯ Хуросонро мулки худ мешуморид. Ин боиси афзоиши кина миёни писару падар гардид. Дар чунин вазъияти мураккаб 8 феврали соли 1598 Абдуллоҳхон оламро тарк намуд. Абдулмуъмин аз фурсат истифода бурда, бемамониат Бухороро забт карда, душманони худро ҷазо дод. Аммо Абдулмуъмин пас аз ҳукмрони шашмоҳа 27 июни соли 1598 дар натиҷаи суиқасди ҷонибдорони падараш кушта шуд.

Тибқи ахбори Маҳмуд ибни Валӣ, ҳангоми қатли Абдулмуъмин бародарон Динмуҳаммад ва Боқимуҳаммад дар Хуросон ва Систон ба тохтутоз машғул буданд. Онҳо ин хабарро шунида, дарҳол ба Ҳирот баргаштанд ва Ёрмуҳаммадхони куҳансолро ҳокими Хуросону Зобулистон таъйин карданд [5, 53а]. Аз ин бесарусомонӣ истифода намуда, ҳамсафи дигари Абдуллоҳхон - Абдулвосеъбий бо дастгирии амир Дустимбий Самарқандро ишғол кард [5, 160б-161а].Пас аз марги Абдулмуъмин ашрофи бодиянишини Шайбонӣ ва намояндагони суннимазҳаби Мовароуннаҳр ба ду гурӯҳи ба ҳам зид ҷудо шуданд, ки дар Бухорову Балх фаъолият карда, ҳар кадоме аз ин гурӯҳҳо номзади худро ба тахт пешниҳод менамуданд [10, с.232-233].

Як гурӯҳро Худойназарбий ва Дустимбий роҳбарӣ мекарданд, ки баъдтар Муҳаммад Боқибий низ ба онҳо ҳамроҳ гардид. Ин гурӯҳ ба тахти Бухоро Пирмуҳаммадхони II-ро, ки писари амаки Абдуллоҳхон - Сулаймон султон буд, ба тахт шинонданд. Гурӯҳи дигар, ки ба он Оллоҳбердӣ кукалтош, Қосимхоҷа, Аваз эшик оғосӣ, Валибекхоҷа, Мансурхоҷаи тархон ва ғайраҳо шомил буданд, ба Балх рафта, кӯшиш ба харҷ доданд, ки ин мулкро аз Бухоро ҷудо кунанд. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф ба онҳо хони «сохта» лозим буд, ки ин амали онҳоро қонунӣ гардонад. Ҳокими нави Балх Абдуламин султон таъйин гардид, ки худро писари марҳум Ибодуллоҳ султон - бародари Абдуллоҳи Шайбонӣ эълон намуда, худро ба ин восита шомили хонадони Шайбонӣ кард. Дар таърихи ин минтақа ӯ бо номи Исфанд султон маъруф гардида буд [5, 51а; 1, 96]. Ба тахт нишастани ӯро сиккаҳои зарбшуда ба номаш низ таъйид менамоянд [3, с.86-87].

Маҳмуд ибни Валӣ менависад, ки ҷонибдорони Абдуллоҳхон Пирмуҳаммахони II-ро, ки пас аз қатли омми соли 1598 дар Миёнкол пинҳон шуда буд, ба тахти Бухоро шинонданд [5, 51а]. Дар натиҷа, тамоми қаламрави Шайбониҳоро ҷангҳои дохиливу байниқабилавӣ фаро гирифт ва дар вилоятҳо хонҳои мухталиф пайдо гардиданд. Бухоро ба ихтиёри Пирмуҳаммахони II гузашт, дар Самарқанд Абдулвосеъбий, дар Балх Абдуламин ва дар Хуросон Динмуҳаммад султон, ки хоҳарзодаи Абдуллоҳхон буд, ҳоким гардиданд.

Вазъи сиёсии Мовароуннаҳр муташаннич гардид ва чунин вазъият ба пуриқтидортар шудани рақибони Шайбониҳо мусоидат менамуд. Яке аз душманони деринаи онҳо шоҳ Аббоси I мехост Сабзавор, Машҳад ва Ҳиротро, ки аз ҷониби Шайбониҳо забт гардида буданд, аз сари нав ба тобеияти худ дарорад. Бо ин мақсад шоҳ Аббоси I баҳори соли 1598 ба инҷониб бо лашкари сершумор ҳаракат намуд. Динмуҳаммад ва Боқимуҳаммад низ бо қувваи сершумор бар зидди онҳо равона шуданд [5, 53б]. Тибқи маълумоти Искандарбеки Туркмон дар ин муҳориба шумораи ҷангиёни Сафавӣ 15 ҳазор нафар ва лашкариёни Динмуҳаммад 10 ҳазор нафарро ташкил мекард [4, с.570-571].

Тибқи маълумоти Искандарбеки Туркмон муҳориба байни Динмуҳаммад бо Сафавиён дар назди мавзеи Работи Париён (тақрибан дар масофаи 30 км дуртар аз Ҳирот) сар зад, ки дар ин набард нахуст ба Динмуҳаммад пирӯзӣ насиб шуд, вале баъдтар лашкари шоҳ Аббос онҳоро иҳота намуда, ҷангиёни Динмуҳаммадро мағлуб сохтанд [4, с.570-571].

Мувофиқи хабари Маҳмуд ибни Валӣ Динмуҳаммад соли 1598 дар муҳорибаи зидди Сафавиҳо дар синни 34-солагӣ вафот кард [5, 54б]. Искандарбеки Туркмон менависад, ки Динмуҳаммад дар муҳорибаи зидди Сафавиён ҷароҳати марговар гирифт ва дар роҳи Ҳирот ҳалок шуд [4, с.570-573]. Муҳаммадюсуфи Муншӣ дар ин бора хабар медиҳад, ки ҳангоми таъқиби лашкари мағлубгаштаи Шайбониён аз ҷониби Сафавиҳо дастаи онҳо ба ҳар тараф пароканда шуданд. Динмуҳаммад фирор намуда, то вилояти Қундуз расид, ки дар он ҷо қабилаи аймоқҳои Хуросон зиндагӣ мекарданд. Онҳо шахси танҳоро дар либоси шоҳӣ савори аспи зебу зинатдодашуда дида, ӯро ба қатл расонида, аз ҷайби ӯ муҳрро пайдо намуда, фаҳмиданд, ки ин шахси қатлгардида Динмуҳаммад будааст [7, с.122-123].

Қазоқҳо аз вазъи ногувори сиёсии Мовароуннаҳр огоҳ шуда, бо сарварии Таваккалхон Тошкандро забт намуда, ба сӯйи Самарқанд ҳаракат карданд. Ҳокими Самарқанд Абдулвосеъбий ба қароргоҳи қазоқҳо намояндагони худро бо ҳадяҳои геронбаҳо ирсол намуда, бе муҳориба дарвозаи шаҳрро ба онҳо кушод [2, с. 164]. Таваккал 20 ҳазор ҷангиёни худро бо сарварии бародараш Ишим султон дар Самарқанд гузошта, худ бо лашкари 70 ё 80 ҳазор нафара ба сӯйи Бухоро ҳаракат намуд [4,с. 591].

Маҳмуд ибни Валӣ таъкид менамояд, ки муҳорибаи шадиди байни қазоқҳо ва лашкари Пирмуҳаммад ёздаҳ рӯз давом кард ва дар рӯзи дувоздаҳум бухороиён қазоқҳоро мағлуб сохтанд. Пас аз чанде қазоқҳо бо сардории Таваккалхон ва Ишим султон боз ба Бухоро ҳуҷум намуданд. Аҳолии гирду атрофи Бухоро, ки аз тохтутози бодиянишинҳо ба дод омада буданд, барои халосӣ аз ғорати қазоқҳо ба лашкари Пирмуҳаммадхон ҳамроҳ гардиданд, ки ин қудрати ҳарбии лашкари ӯро боз ҳам афзун намуд. Қазоқҳо маҷбур шуданд, ки ақибнишинӣ намуда, ба Тошканд баргарданд [5, 56а-57б]. Искандарбеки Туркмон низ ин маълумотро тасдиқ менамояд [4, с. 591-595]. Маҳмуд ибни Валӣ дар асари худ «Баҳр ал-асрор» дар бораи низоми ҳарбии бухороиҳо ва муттаҳидони онҳо, ки бар зидди қазоқҳо муқовимат намуда буданд, маълумоти муфассал медиҳад. Тибқи маълумоти ӯ, дар майсара, ки ҷойи нисбатан боифтихортар ба шумор мерафт, Боқимуҳаммад ва Валимуҳаммад қарор гирифта буданд. Пирмуҳаммад бо амирон Шоҳкучакбий атолиқ ва Муҳаммадқулибой атолиқ дар марказ ҷой гирифтанд. Дар маймана Раҳмонқулӣ султон, Саидмуҳаммад султон ва Муҳаммад Боқибийи дурман ҷойгир шуда буданд.

Ишимхон, ки майсараи қазоқҳоро идора мекард, дар ибтидо ба майманаи лашкари бухороиҳо зарбаи сахт расонид ва онҳо фирор намуданд. Ин муҳориба метавонист, ки бо шикасти лашкари бухороиҳо анҷом ёбад, вале вазъро Боқимуҳаммад наҷот дод. Ӯ ба тарафи маймана гузашта, ҳуҷуми Ишимхонро зада гардонид. Пас аз мағлубияти Ишимхон тамоми лашкари ӯ рӯ ба гурез овард. Ба ҳарду ҷониб талафоти ҷонии зиёд расонда шуд. Дар ин муҳориба аз ҷониби бухороиҳо як қатор сарлашкарони номдор, ба мисли Саид Муҳаммад султон, Муҳаммадбоқибий ва қариб ҳамаи сардорони майманаи лашкари бухороиҳо, ба ҷуз аз Раҳмоқулӣ султон кушта шуданд [5, 57а-57б].

Маҳмуд ибни Валӣ мегӯяд, ки пас аз ин воқеа Пирмуҳаммадхон бо тарафдоронаш ба сӯйи Самарқанд раҳсипор мешавад ва Муҳаммадсаид ҷалоир, ки аз ҷониби Таваккалхон ҳокими шаҳр таъйин шуда буд, бе муқобилият шаҳрро ба ихтиёри ӯ месупорад. Пирмуҳаммадхон Самарқандро ба Боқимуҳаммад инъом менамояд [5, 157б].

Боқимуҳаммад бо ҷонибдорони худ пас аз тасарруфи пурраи Самарқанд ва атрофии он ба Миёнкол лашкар кашида, қалъаи Дабусияро ба даст меорад. Ҷонимуҳаммад, ки дар Балх буд, ӯ низ ба Бухоро баргашт [5, 59а]. Чунин ахборро Искандарбеки Туркмон низ меорад ва қайд менамояд, ки ин воқеаҳо дар охири соли 1007 (тобистони соли 1599) сар зада буданд [5, 591-595]. Аз сурат гирифтани чунин вазъ Пирмуҳаммадхон норозӣ буд. Ӯ талаб мекард, ки тамоми қаламрави мамлакат ба ихтиёри волиёни ӯ дода шавад, вале Аштархониҳо ба ӯ ҷавоби рад доданд. Пирмуҳаммадхон медонист, ки бе ёрии беруна ӯ бо Аштархониҳо муқовимат карда наметавонад, аз ин хотир барои дастгирӣ ба ҳокими Балх Абдуламин

султон мурочиат намуд [5, 160а]. Ин хабарро Искандарибеки Туркмон низ тасдиқ мекунад ва илова менамояд, ки аъёну ашрофи Балх ба сари қудрат омадани Боқимуҳаммадро намехостанд, аз ин хотир барои дастгирии Пирмуҳаммадхон бо сардории Шоҳхоҷа лашкари 10 ҳазорнафара фиристоданд [4, с. 593-595].

Маҳмуд ибни Валӣ дар идомаи ин мавзӯъ менависад, ки Боқимуҳаммадхон низ барои ёрӣ ба наздикони худ мурочиат менамояд ва амаки ӯ Аббос султон ва Раҳмонқулӣ султон аввалин шуда ба назди ӯ ҳозир мешаванд. Дар мавзеи Боғи Шамоли Самарқанд ҳарду лашкар бо ҳам дар набард мешаванд, ки дар натиҷа лашкари Боқимуҳаммад ғолиб меояд. Дар ин муҳориба Пирмуҳаммадхон ҷароҳат гирифта, ба асирӣ меафтад ва пас аз чанде бо амри Боқимуҳаммад ба қатл расонда мешавад [5, 60а-60б]. Искандарбеки Туркмон низ инро тасдиқ менамояд [4, с.594]. Бо ҳамин ҳукмронии Шайбониҳо ба охир расида, ҳукумат ба дасти Аштархониҳо мегузарад.

Хулоса, ахбори Маҳмуд ибни Валӣ дар бораи солҳои охири ҳукмронии Шайбониён хело муҳим буда, онҳо ба бисёр масъалаҳои норавшан ва баҳсталаби он замон равшанӣ меандозанд. Ҷолиби диққат аст, ки аксари маводи ба ин давраи таърихӣ бахшидашудаи «Баҳр ал-асрор» дар маъхазҳои таърихии дигар вуҷуд надоранд, ки ин арзиши ин асарро боз ҳам боло мебарад.

## АДАБИЁТ


1. Алексеев А.К. Политическая история Тукай-Тимуридов / А.К. Алексеев. – СПб: Изд-во СПб университета, 2006. -229 с.
2. Ахмедов Б.А. О времени и обстоятельствах смены на рубеже XVI-XVIII вв. династии Шейбанидов Аштарханидами / Б.А. Ахмедов // Восточное историческое источниковедение и специальные исторические дисциплины. - М., 1994. -Вып. 2. -С. 161-171.
3. Давидович Е.А. Серебряные монеты удельных правителей как источник по истории Средней Азии XVI в. / Е.А. Давидович // Памятники письменности Востока. Ежегодник. - М., 1973. –С. 55-100.
4. Искандарбеки Туркмон. Таърихи оламорои Аббосӣ.–Теҳрон, 1387. -Ҷ. II. -635 с.
5. Маҳмуд ибни Валӣ. Бахр ал-асрар // Фотонусхаи дастхати рақами 575, китобхонаи Индиа Оффиси Лондон. -420 варақ.
6. Маҳмуд ибни Валӣ. Бахр _ал-асрор // Фотонусхаи дастхати рақами 7418, китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон. -419 варақ.
7. Муҳаммадюсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. Пешгуфтор ва тавзеҳоти Фариштаи Саррофон. –Теҳрон: Мероси мактуб, 1370. -358 с.
8. Туманович Н.Н. Герат в XVI-XVIII веках. –М.: Наука, 1989. -287 с.
9. Хамза Камол. История вторжения кочевых племен Дашт-и Кипчака в Мавераннахр и Хорасан (XVI в.).- Душанбе: Дониш, 2012. -408 с.
10. Хафиз-и Таныш ибн Мир Мухаммад Бухари. Шараф-наме-йи шахи. Перевод с персидского, введение, примечания и указатели М.А. Салахетдиновой. -Москва: Наука, 1989. -Ч. II. -560 с.


## ИНЪИКОСИ ТАЪРИХИ СОЛҲОИ ОХИРИ ҲУКМРОНИИ ШАЙБОНИҲО ДАР АСАРИ МАҲМУД ИБНИ ВАЛӢ «БАҲР АЛ-АСРОР»


Дар мақола дар бораи ахбори муаллифи ибтидои асри XVII Маҳмуд ибни Валӣ, ки дар асари худ «Баҳр ал-асрор» оид ба таърихи солҳои охири ҳукмронии сулолаи Шайбониҳо овардааст, сухан меравад. Ҳаёт ва фаъолияти муаллифи «Баҳр ал-асрор» ба давраи солҳои охири ҳукмронии Шайбониён ва ба сари қудрат омадани Аштархониён рост меояд, аз ин хотир маълумоти ӯ дар бораи ин давраи таърихӣ беназир аст. Дар охирҳои асри XVI ҳокими Шайбонӣ Абдуллоҳхон пас аз муборизаҳои шадиди хунин ва ғоратгарона бо ҷудоихоҳони алоҳидаи Шайбонӣ онҳоро мағлуб сохта, Моварооуннаҳр ва ҳудудҳои соҳили рости дарёҳои Ому ва Сирро ба зери тобеияти худ даровард. Ӯ писари худ Абдулмуъминро вориси тахт эълон карда, ҳокими Балх таъйин менамояд. Баъдтар байни Абдуллоҳхон ва писараш Абдулмуъминхон барои ҳокимият низоъ сар зад, ки ин боиси пайдо шудани хусумат байни падару писар гардид. Дар лашкаркашиҳои Шайбониён, ки барои васеъ намудани қаламрави худ амалӣ месохтанд, писарони Ҷонибек султон – Динмуҳаммад ва Боқимуҳаммад фаъолона ширкат намуданд, ки барои ин амалашон соҳиби баъзе вилоятҳои бузург гардиданд. Пас аз марги Абдулмуъмин ашрофи бодиянишини Шайбонӣ ва намояндагони суннимазҳаби Мовароуннаҳр ба ду гурӯҳи ба ҳам мухолиф ҷудо шуда, дар Бухорову Балх фаъолият менамуданд ва ҳар кадоме аз ин гурӯҳ номзади худро ба тахт пешниҳод мекарданд. Ниҳоят, дар мавзеи Боғи Шамоли Самарқанд байни намояндаи Аштархониҳо Боқимуҳаммад ва Пирмуҳаммади Шайбонӣ задухӯрди шадид ба амал омад, ки дар он Аштархониҳо ғолиб омаданд ва бо ҳамин ҳукумат ба дасти онҳо гузашт.



**Калидвожаҳо:** Мовароуннаҳр, Хуросон, Маҳмуд ибни Валӣ, Абдуллоҳхон, Шайбониҳо, Абдумуъмин, Пирмуҳаммад, муҳориба, лашкаркашӣ, ғалаба, ҳокимият, низоъ.


## О ПОСЛЕДНИХ ГОДАХ ПРАВЛЕНИЯ ДИНАСТИИ ШЕЙБАНИДОВ В ТРУДЕ МАХМУДА ИБН ВАЛИ «БАХР АЛ-АСРАР»


В статье приводится сведения автора начала XVII в. Махмуда ибн Вали о последних годах истории правления Шейбанидов, которые описываются в его сочинении «Бахр ал-асрар». Следует отметить, что жизнь и творчество автора «Бахр ал-асрар» совпадает со временем истории последних годов правления династии Шейбанидов и прихода к власти Аштарханидов, поэтому сведения автора об этом периоде являются уникальными. В конце XVI в. Шейбанидский правитель Абдуллахан после ожесточённых и кровопролитных сражений с отдельными сепаратистскими эмирами смог одержать победу над ними и подчинил себе Мавераннахр с правобережными территориями Амударьи и Сырдарьи. Он объявил своего сына Абдулмуъмина наследником престола и назначил его

правителем Балха. Спустя некоторое время между Абдуллаханом и его сыном Абдулмуъмином началась борьба за власть, что являлось причиной вражды между ними. В походах Шейбанидов за расширение территорий активное участие приняли сыновья Джанибека – Динмухаммад и Бакимухаммад, за что они стали обладателяи некоторых больших областей. После смерти Абдулмуъмина шейбанидская кочевая знать и сунниты Мавераннахра разделились на две противоположные группы и в Бухаре и Балхе продолжали свои действия. Каждая из этих групп выдвигала на трон своего представителя. В итоге в местности Боги Шамол близ Самарканда между представителем Аштарханидов Бакимухаммадхана и шейбанидом Пирмухаммадханом произошло ожесточённое сражение, где Аштарханиды одержали победу и власть перешла в их руки.

**Ключевые слова:** Мавераннахр, Хорасан, Махмуд ибн Вали, Абдуллахан, Шейбаниды, Абдумуъмин, Пирмухаммад, битва, поход, победа, власть, противоборство.

**CONCERNING THE LAST YEARS OF THE SHEIBANIDS' REIGN IN MAHMUD IBN VALI WORK "BAHR AL-ASRAR"**

The article talks about the information of the author of the early 17th century Mahmud ibn Wali about the last years of the history of the Sheibanids, which are described in his work "Bahr al-asrar". It should be noted that the life and work of the author Bahr al-Asrar coincides with the time of the history of the last years of the Sheibanid dynasty and the coming to power of the Ashtarkhanids, therefore the author's information about this period is unique. At the end of the XVI century, Sheibanid ruler Abdullakhan, after fierce and bloody battles with individual separatist emirs, was able to defeat them and subjugate Maverannahr with the right-bank territories of the Amu Darya and Syrdarya. He declared his young son Abdulmunmin heir to the throne and appointed him ruler of Balkh. After sometime between Abdullahan and his son Abdulmumin because of power, confrontations began, which was the cause of enmity between them. In the Sheibanids' campaigns for the expansion of the territories, the sons of Dzhanibek - Dinmukhammad and Bakimuhammad - took an active part, for which they became owners of some large areas. After the death of Abdulmumin, the Shebanan nomadic nobility and the Sunni of Maverannahr were divided into two opposite groups, and in Bukhara and Balkh continued their actions. Each of these groups expelled its representative to the throne. As a result, a fierce battle took place between the representative of Ashtarkhanids Bakimuhammadkhan and Shaybanid Pirmukhammadkhan in the area of the God Shamol near Samarkand, where Ashtarkhanids gained victory and power passed into their hands.

**Key words:** Maverannahr, Khorasan, Mahmud ibn Wali, Abdullahan, Sheibanid, Abdumu'min, Pirmuhammad, battle, campaign, victory, power, con

**Сведения об авторе: Саидов Фаридун Абдукаххорович** – Институт истории, археологии и этнографии АН РТ, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе , пр. Рудак, 33. Телефон: **915 451000**

**Information about the author:** ***Saidov Faridun Abdukahhorovich*** - Institute of History, Archaeology and Ethnography named after A. Donish of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, competitor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 33. Phone: **915 451000**

**УДК: 930.85:61 (575.3)**

## ТАЪСИСЁБИИ ХОҶАГИҲОИ НАХУСТИНИ СИТРУСПАРВАРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН (солҳои 1945-1960)

***Шарипова Лола, Алимов Д. Х.***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Боғдорӣ аз қадимулайём шуғли асосии тоҷикон аст. Ба парвариши дарахтони мевадиҳанда ҳанӯз аҷдодони гузаштаи тоҷикон – суғдиён, бохтариҳо, сакоиҳо ва ғайра машғул буданд. Мувофиқи маълумоти Куртсий Руф (ҳамзамони Искандари Мақдунӣ) табиати Бохтар гуногун ва бахри боғдорӣ хеле мувофиқ будааст. Бохтариҳо анвои мухталифи дарахтони мевадиҳандаро мепарвариданд ва дар замони худ шуҳрати оламушумул доштанд. Ба ақидаи олими набототшинос М.Г. Попов (1893-1955), ки дар таҳқиқи анвои меваҷоти водии Зарафшон нақши назаррас дорад, дар мавзеъҳое, ки тоҷикон дар он ҷойҳо зиндагонӣ мекарданд (мавзеъҳои тоҷикнишини Осиё), 2000 сол қабл навъҳои гуногуни дарахтони мевадиҳанда мерӯидаанд [2, с. 5].

Барои парвариш ва ҷамъоварии меваю ғуҷуммева яке аз соҳаҳои асосии кишоварзӣ – боғдорӣ машғул мебошад. Мева бахри саломатии инсон аҳаммияти зиёд дорад. Дар таркиби меваҷот моводи барои организм ниҳоят зарур ва манфиатбахш, аз қабили қанд (глюкоза, фруктоза), оҳар (крахмал), равған ҳамчунин пайвастагиҳои фаъоли биологӣ – витаминҳо, ферментҳо, намакҳои маъданӣ, равғани эфир ва ғайра вуҷуд доранд. Хусусан меваҳои ситрусӣ барои организми инсон бисёр хусусиятҳои шифобахшӣ доранд. Онҳо ба фаъолияти узву бофтаҳои инсон таъсири муфид мерасонанд.Дар замони подшоҳии Бохтар (асрҳои III-II то мелод) дар Истаравшан боғдорӣ хеле пеш меравад. Дар аҳди Кӯшониён (асри I то мелод –

асри I-и мелодӣ), бино ба маълумоти маъхазҳо ва ҳафриётҳо, кишоварзон баробари ғаллакорӣ ба боғу токпарварӣ шуғл доштанд. Кишоварзию боғдорӣ ба онҳо аз авлод ба авлод мегузашт. Дар асрҳои IX-X дар воҳаҳои зироатии Осиёи Марказӣ боғдорӣ нисбат ба давраҳои гузашта бештар тараққӣ кард. Дар асрҳои XIV-XV низ боғдорӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии мардуми Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт. Он хосса дар водии дарёҳои Аму ва Сир маъмул буд. Бино ба маълумоти муаррихи асри XIV Ҳофизи Абрӯ, воҳаи Бухоро дар ин давр яке аз марказҳои боғдорӣ будааст [2, с. 5].Инкишофи соҳаи боғдорӣ, бахусус парвариши дарахтони меваи гармидӯст, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба меваҳои хуштаъму гуворо, афшурдаҳои гуногун, таъмин намудани корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бо ашёи таҳҷоӣ, ҳамчунин ба хориҷи кишвар фиристодани меваҳои тару тоза ва серғизо мебошад [1, с. 97-126].

Зарурати ин тарзи корро инкишофи муносибатҳои бозаргонӣ, соҳибистиқлол гаштани ҷумҳурӣ ба худмаблағгузорӣ ва худтаъминкунӣ гузаштани иқтисодиёт низ тақозо мекунад. Алҳол дар ҷумҳурӣ барои беҳтар намудани нигоҳубин ва тарзи парвариши ниҳолҳо ва бунёди боғот, ба истифодаи навъҳои беҳтарини дарахтони мевадиҳанда диққати зиёд медиҳанд. Иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таҳти № 683 аз 27-уми августи соли 2009 “Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014” далолат ба он мекунад, ки ба ин самт эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

Тоҷикистон аз ҷиҳати шароити иқлиму хоки худ яке аз минтақаҳои беҳтарини дунё оид ба парвариши дарахтони мевадиҳанда ба ҳисоб меравад. Ҳудуди Тоҷикистон вобаста ба иқлиму хок ва омилҳои дигари барои истеҳсоли мева зарур ба шаш минтақаи боғдорӣ ҷудо карда шудааст. Гуногунии шароити иқлим ва таркиби хоки ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки анвои гуногуни меваҷот, яъне аз меваҳои сармобадор то субтропикӣ ва аз меваҳои намидӯст то ба хушкӣ тобовар парвариш карда шаванд. Водии Вахш бо иқлими гарми худ ба минтақаи субтропикаи хушк дохил мешавад. Дар водӣ меваҷоти барвақтӣ – себ, олу, зардолу, шафтолу, олуболу, тути заминӣ ва растаниҳои субтропикӣ – лимӯ, афлесун, норанҷ, хурмо, анор, анҷир, бодом парвариш карда мешаванд. Мақсад аз ривоҷи боғдорӣ таъмини аҳолӣ бо меваҳои тару тозаи барвақтӣ ва содирот ба хориҷи кишвар мебошад. Шароити ин минтақа хусусан барои парвариши меваҳои субтропикӣ хос аст [1, с.10-12].

Ба меваҳои субтропикӣ дохил мешаванд: лимӯ, афлесун, норанҷ, грейпфрут, зайтун, бодом, пекан, писта, анор, анҷир, хурмо, кивӣ ва ғайра. Рустаниҳои ситрусӣ гурӯҳи калони дарахтони мевадори ҳамешасабзро ташкил медиҳанд ва ба ҷинси ситрус (Citrus) мансубанд, ки ба зероилаи норанҷиҳо (Aurntioidae) ва оилаи судобиҳо (Rutaceae) дохил мешаванд.

Рустаниҳои ситрусӣ намудҳои хеле бисёр доранд, вале дар ҷумҳурии мо танҳо лимӯ, каму беш афлесун, норанҷ ва грейпфрут парвариш карда мешаванд. Растаниҳои ситрусӣ асосан гармидӯст мебошанд ва барои инкишофу рушди онҳо гармӣ лозим аст. Аз ҳамин сабаб ватани растаниҳои ситрусиро Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, вилоятҳои Ҳиндустон ва Чин меҳисобанд. Дар Асама ва Бирма низ баъзе анвои гуногуни ситрусиҳои худрӯй низ парвариш карда мешуданд [5, с.25].Дар кишварҳои субтропикии Баҳри Миёназамин, ИМА, Мексика, Аргентина ва дигар мамлакатҳо парвариш мекунанд. Дар айни замон зиёда аз 200 навъи он мавҷуд аст. Лимӯро дар ноҳияҳои Гурҷистони Ғарбӣ, соҳилҳои баҳри Сиёҳ ва қисман кишвари Краснодар дар заминҳои кушод мепарвариданд [5, с.25].

Оиди пайдоиши лимӯ дар байни олимон фикру ақидаҳои гуногун мавҷуданд, зеро то ҳол олимон дар табиат саравлоди бевоситаи онро муайян накардаанд, вале солиёни зиёд бар он ақидаанд, ки ватании аслии лимӯ Ҳиндустон аст. Декандол қайд мекунад: “Лимӯро арабҳо аз Ҳиндустон ба сарзаминашон бурда ва баъд аз он ҷо ин растанӣ ба тамоми мамолики Баҳри Миёназамин паҳн шудааст”. Ба ақидаи Бонавия (1888), ки қисми зиёди тадқиқоти хешро ба омӯзиши лимӯ ва афлесунҳои Ҳиндустон бахшидааст, лимӯҳои Аврупо маҳсули интихоби дурудароз ва ҷиддӣ мебошанд. Бинобар ин, наметавон гуфт, ки он (лимӯ) авлоди бевоситаи

ягон рустании ситрусии худрӯй аст. Чунин рустанӣ ба лимӯ наздик ҷамбирӣ (Citrus Jambhiri) ба шумор меравад, вале то имрӯз ягон олим онро авлоди бевоситаи лимӯи дастпарвар наҳисобидааст [1, с. 106-107]. Бино ба ақидаи олими рус В.П Алексеев (1955), оиди дар Ҳиндустон аз замонҳои қадим вуҷуд доштани лимӯпарварӣ ягон маълумоти боэтимод мавҷуд нест. Навъҳои ҳозираи лимӯро бошад, дар ин ҷо аз Аврупо ё Амрико овардаанд. Олими дигар – Танака (1988) бар он фикр аст, ки хелҳои аввалини (ибтдоии) лимӯ аз ситрон пайдо шуда, бӯй ва сохтори гулашонро гум накардаанд.

Оиди лимӯҳои дастпарвар маъумотҳое ҳастанд, ки ба миёнаҳои асри XII рост меоянд, ки дар музофоти Синди қаламрави имрӯзаи Покистони Ғарбӣ парвариш карда мешуданд. Дар қаламрави Аврупо аввалин маротиба ба парвариши лимӯ дар Италия ва Испания (асри XII) оғоз намудаанд. Дар Чин парвариши ин рустанӣ ба охири асри XIII рост меояд.

Ақидаи дар қаламрави Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон парвариш кардани рустаниҳои ситрусӣ баъди таъсис ёфтани Пажӯҳишгоҳи умумииттифоқии тадқиқоти илмии субтропикаҳои хушкии Вахш дар қатори дигар зироатҳо ситрусипарварӣ низ ба роҳ монда шуд. Сарзамини Тоҷикистон гарчанде дорои табиати бой, кандaниҳои фоиданоки гуногун ва халқи меҳнатдӯст бошад ҳам, то Инқлоби бузурги Октябр яке аз кишварҳои хело қафомонда буд. Дар солҳои мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ (с. 1922-1991) бо роҳбарии хирадмандонаи ҳизби Коммунистӣ, ёрии беғаразонаи халқҳои Тоҷикистон ба ҷумҳури (республикаи мутараққӣ)-и индустриалӣ-аграрӣ табдил ёфт [1, с. 106-107].

Муқаррар гашт, ки роҳи беҳтарини парвариши лимӯ ва афлесун кофтани хандақ ва бунёд кардани гармхонаҳост. Соли 1949 бо қарори ҳукумати ҷумҳурӣ аз Гурҷистони Ғарбӣ 33 ҳазор адад ниҳоли лимӯи новогрузинӣ оварда шуд. Вале ин навъи лимӯ дар шароити иқлими Тоҷикистон натиҷаи дилхоҳ надод. Бинобар ин, кормандони стансия ба хулосе омаданд, ки дар ҷумҳурӣ лимӯи навъи “Майер” парвариш карда шавад [1, с. 106-107].

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷиистон рустаниҳои ситрусиро дар хандақҳо ва лимӯхонаҳо парвариш мекунанд. Барои парвариши меваҳои ситрусӣ шароити иқлими вилоятҳои Хатлону Суғд ва навоҳии тобеи марказ мувофиқ аст. Бино ба ақидаи Н.В. Смолский ситрусипарвариро метавон дар шаш минтақаи ҷумҳурӣ ба роҳ мод: Тоҷикистони Шимолӣ, водии Ҳисор, водии Кофарниҳони Поён, водии дарёи Панҷ, водии дарёҳои Сурхоб ва Яхсу. Ба ин ин гурӯҳ метавон води Ёвонро низ ҳамроҳ намуд. Бо вуҷуди ин, барои парвариши меваҳои ситрусӣ мавзеъҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ – водиҳои Вахшу Кофарниҳони Поён ва води дарёи Панҷ мусоид аст [1, с. 99].

Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, лимӯпарварӣ баъди солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ривоҷ ёфт. Ҳоло дар Тоҷикистон зиёда аз 160 ҳаз.га лимӯзор вуҷуд дорад, ки 1200-1300 т ҳосил медиҳад. Соли 1963 қароре дар бораи “Инкишофи лимӯпарварӣ дар Тоҷикистон” ќабул шуда буд, ки ба равнақи ин соҳа асос гузошт. Солҳои аввал асосан дар водии Вахш лимӯ мепарвариданд. Ҳоло бошад, дар бисёр хоҷагиҳои водии Вахш ва Тоҷикистони Шимолӣ парвариши лимӯ ба роҳ монда шудааст [2, с. 121].

Шароитҳои табиӣ ва иқтисодии Вахш барои парвариши зироатҳои субтропикӣ ва махсусан лимӯ мувофиқанд. Дар хоҷагиҳои водии Вахш лимӯ дар хандақҳои пӯшида хуб парвариш ёфта, ҳосили фаровон медиҳад. Лимӯзорҳои ноҳияи водии Вахш аз ҳар ҷиҳат қобили қайд буда, ҳар дарахти он ба ҳисоби миёна 100 дона ҳосил медиҳад. Майдони умумии растаниҳои субтропикии ин ҷо дар соли 1969 қариб ба 69 гектар рост омада буд, ки аз ин бештар 0,7 гектараш боғи ҳосилдиҳанда буд. Дар ин ноҳия назар ба дигар қисмҳои водии Вахш ҷамъоварии ҳосил, умуман зиёд буда, 3971 сентнерро ташкил медод [4, с. 177].

Растаниҳои субтропикии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ (Куйбышев), ки дар қисми шимолии водии Вахш аст, 13 гектарро ташкил карда, ҳосили он назар ба ноҳияи Вахш хело кам буда, ба 2 сентнер намерасид. Ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ (Колхозобод), Ҷайҳун (Қумсангир) ва Панҷ ба ноҳияҳои нисбатан тараққикардаи растаниҳои субтропикӣ табдил ёфта буданд. Дар ин минтақаҳо майдони умумии растаниҳои субтропикӣ муттасил меафзуд. Дар ин ҷо хоҷагиҳои «40-солагии Октябр», ба номи В. И. Ленин, Жданов, К. Маркс хандақҳои калони

лимӯзор доштанд. Дар аксари хоҷагиҳое, ки дорои растаниҳои субтропикӣ буданд, ин соҳа торафт сердаромад мешуд, иқтисодиёти онҳоро мустаҳкам менамуд [4, с. 177]. Боғдорӣ, токдорӣ ва ситрусипарварӣ соҳаҳои муҳимми хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб рафта, омӯхтани самаранокии ин соҳа, маҳсули меҳнат, даромаднокии он аҳаммияти калони иқтисодӣ доранд. Дар ин солҳои 1956-1965 дар водии Вахш дар колхози «40-солагии Октябр» 21,5 га майдони боғ мавҷуд буд, ки аз ин 1,4 гектарашро лимӯзор ташкил медод. Ва дар хоҷагии колхози Ленин бошад, майдони боғот 184 гектарро ташкил мекард ва аз ин ҳамагӣ 2 гектарашро лимӯзор ташкил медод [4, с. 186-187].

Дар анҷумани XVI Ҳизби коммунистии Тоҷикистон таъкид карда шуда буд, ки ситруспарварӣ соҳаи муҳимми хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ мебошад. Меҳнаткашони Тоҷикистон барои ривоҷ додани ин соҳа уҳдадориҳои калон гирифтанд. Аксари хоҷагиҳои водии Вахш аллакай садҳо ҳазор дона лимӯ истеҳсол менамуданд. Барои тез тараққӣ додани ин соҳа бунёд намудани хоҷагиҳои нави ситруспарварӣ ба мақсад мувофиқ буд. Омӯхтани таҷрибаи пешқадамони ин соҳа яке аз вазифаҳои муҳим ҳисоб мешуд. Маълум аст, ки хоҷагии ба номи “40-солагии Октябр” хоҷагии серсоҳаи калон буда, дар баробари истеҳсоли пахта, токпарварӣ, чорводорӣ яке аз хоҷагии пешқадамтарини ситруспарварӣ ба ҳисоб мерафт. Ба парвариши меваҳои ситрусӣ, махсусан лимӯ, ҳанӯз аз соли 1953 шурӯъ намуда буд. Хоҷагӣ 1520 бех дарахтони ситрусӣ, асосан навъи лимӯи “Мейер” дошт, ки дар 32 хандақи дуруст таҷҳизонида ҷойгир карда шуда буд. Барои васеъ намудани майдонҳои лимӯ бештар кӯшиш мекард. Дар хоҷагии мазкур дар соли 1958, 130 бех ва соли 1964 бошад, миқдори он ба 400 бех дарахти лимӯ расид. Дарахтони ситрусӣ, чуноне ки дар боло қайд карда шуд, дар хандақҳо нигоҳубин карда мешуданд [4, с. 186-187].

Парвариши лимӯ дар хандақҳо кори басо меҳнатталабу нозук мебошад. Навдаҳои онро ҳар сол кӯтоҳ кардан лозим меояд, чунки ҳосили навдаҳои кӯтоҳ зиёдтар аст. Таҳлили иқтисодии лимӯпарварӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои иқтисодии ин зироат гуногунанд. Масалан, дар ин соҳа меҳнат агарчанде кам сарф шавад ҳам, даромаднокии ҳосил зиёдтар ба назар мерасад. Мисоли инро аз ҷадвали 1 дар хоҷагии “40- солагии Октябр” водии Вахш дар солҳои 1956-1965 дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиёти хоҷагии қишлоқ дар истеҳсоли зироатҳои ситрусӣ (солҳои 1956-1965)**

| Солҳо | Шумораи ниҳолҳо | Ҳосил ба ҳисоби ҳазор дона | Даромади пулӣ, ба ҳисоби ҳазор сӯм | Сарфи маблағ ба ҳисоби ҳазор сӯм | Даромади соф, ба ҳисоби ҳазор сӯм | Меъёри даромаднокӣ, ба ҳисоби фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1956** | 990 | 15,2 | 4,2 | 2,9 | 1,3 | 4,5 |
| **1957** | 990 | 27,6 | 7,6 | 2,7 | 4,9 | 181 |
| **1958** | 1120 | 168,9 | 31,2 | 3,9 | 27,3 | 700 |
| **1959** | 1120 | 98,6 | 20,0 | 6,8 | 13,2 | 194 |
| **1960** | 1120 | 140,0 | 28,6 | 4,0 | 24,6 | 6,5 |
| **1961** | 1120 | 125,0 | 20,0 | 2,7 | 17,3 | 610 |
| **1962** | 1120 | 180,0 | 36,2 | 5,3 | 30, | 583 |
| **1963** | 1120 | 154,0 | 22,3 | 7,0 | 15,3 | 219 |
| **1964** | 1520 | 64,0 | 20,3 | 9,9 | 10,4 | 105 |
| **1965** | 1520 | 152,3 | 23,3 | 9,3 | 14,0 | 151 |
| **Ҳамаги дар даҳ сол** | 11740 | 1125,6 | 213,7 | 54,5 | 159,2 | |
| **Ба ҳисоби миёна дар даҳ сол** | 1174 | 112,6 | 21,4 | 5,5 | 15,9 | 290 |
| **Ба ҳисоби миёна дар як сол** | — | 76,2 | 14,5 | 3,5 | 11,0 | — |

Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, ки ҳосилнокии меваҳои ситрусӣ танҳо дар зарфи шаш соли аввал кам ба назар мерасад ва дар мудати даҳ сол ҳосилнокии он 1,5 баробар меафзояд. Чуноне ки аз ҷадвал дида мешавад, шумораи дарахтони лимӯ дар зарфи 10 сол 1,5 маротиба зиёд шуда бошад, ҳам хароҷоти истеҳсолӣ зиёда аз се маротиба афзудааст ва ҳосили онҳо дар ҳамин муддат даҳ маротиба зиёд шудааст. Даромади пулии он ба ҳисоби нархи фурӯши маҳсулот 6 маротиба зиёд

шудааст [4, с. 186-187]. Дар соҳаи ситруспарварӣ харҷи иловагии меҳнат ба зудӣ ба тарзи ҳосили баланд, даромади зиёди соф бармегардад ва ин нишондиҳанда шаҳодат аз он медиҳад, ки ситруспарварӣ яке аз соҳаи сердаромади хоҷагии қишлоқ ба шумор меравад [4, с. 186-187].

Маълумотҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки водии Вахш яке аз мавзеъҳои пешқадами ситруспарварӣ буда, таҷрибаи он ҷолиби диққат аст. Аз ҳамин сабаб ҷорӣ намудани ин таҷрибаи пешқадам дар дигар минтақаҳои ситруспарварӣ имконият медиҳад, ки дар ин минтақа истеҳсоли лимӯро зиёд карда, эҳтиёҷоти аҳолиро ба ин маҳсулоти гаронбаҳо пурратар таъмин намоянд. Чунки лимӯпарварӣ яке аз соҳаҳои сердаромадноки хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад. Гарчанд хандаққои ситруспарварӣ соҳаи меҳнатталаб буда, харҷи бисёри истеҳсолиро барои сохтани гармхонаҳо талаб кунад ҳам, он яке аз соҳаҳои сердаромад мебошад [4, с. 193].

Хулоса, барои боз ҳам баланд бардоштани дараҷаи даромаднокии соҳаи ситруспарварӣ бояд тадбирҳои агротехникӣ (технологияи кишоварзӣ) ва ташкилӣ такмил дода шаванд. Дар корҳои башаклдарории беххои лимӯ таҷрибаи пешқадами кишоварзӣ ҷорӣ карда шуда, ташкили ғунучини ҳосил, нигоҳ доштан ва фурӯхтани онро беҳтар кардан лозим аст. Ҳавасманд намудани хоҷагидорон яке аз тадбирҳои баланд бардоштани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат мебошад. Ба хоҷагиҳои лимӯпарвар тавсия карда мешавад, ки мувофиқи миқдор ва сифати ҳосил, сарфа кардани меҳнат, маблағҳои пулӣ ташкил карда, системаи додани музди меҳнати иловагӣ ба кор бурда шавад. Ин тадбирҳо барои бечунучаро минбаъд боз ҳам инкишоф додани соҳаи ситруспарварӣ дар Тоҷикистон ёрӣ мерасонад.

## АДАБИЁТ


1. Гулов С.М. Меваҳои гармидӯсти Тоҷикистон / С. М. Гулов. – Душанбе, 2008. – 152 с.
2. Гулов С.М. Мевапарварӣ / С.М. Гулов, В.С. Мадаминов, В.Г. Силвандер. – Душанбе, 2007. – 160 с.
3. Гулов С.М. Бунёд ва нигоҳубини боғҳо дар Тоҷикистон (тавсиянома) / С.М. Гулов, Ф.У. Урунов, Ҳ.Н. Назиров, Ҳ.М. Мамадқулов, Қ.Ҳ. Қаҳоров, Ҷ.М. Солиҳов. – Душанбе, 2010. – 64 с.
4. Ҷӯраев Қ. Очеркҳои табиат ва иқтисодиёти хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон / Қ. Ҷӯраев, Ю. Қаюмов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 194 с.
5. Энсиклопедияи советии тоҷик.– Душанбе, 1983. -Ҷ. 4. – 640 с.


## ТАЪСИСЁБИИ ХОҶАГИҲОИ НАХУСТИНИ СИТРУСПАРВАРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН (СОЛҲОИ 1940-1965)


Дар мақолаи мазкур дар бораи таърихи таъсиси хоҷагиҳои ситрусипарварӣ дар вилояти Хатлон (дар солҳои 1945-1960) маълумот дода шудааст. Дар асоси маълумоти сарчашмаҳои дақиқ оварда шудааст, ки боғу токпарварӣ дар сарзамини Осиёи Миёна, аз ҷумла сарзамини таърихии тоҷикон низ, собиқаи тӯлонӣ дошта, ҳанӯз аз замонҳои қадим аҳолии ин манотиқ ба парвариши боғу токзор шуғл доштанд. Мувофиқи маълумоти маъхазҳои хаттӣ, гузаштагони халқи тоҷик, бо мақсади беҳтар намудани шароити зиндагии худ ба замин рӯ меоварданд ва шуғли асосии онҳо деҳқонӣ ба ҳисоб мерафт. Дар истеҳсоли ҷаҳонӣ меваҳои ситрусӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунанд. Қайд кардан зарур аст, ки ба парвариши меваҳои гармидӯст ва меваҳои ситрусӣ ҳанӯз дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ диққати махсус дода мешуд. Аввалин корҳои таҷрибавӣ оид ба парвариши меваҳои ситрусӣ, аз ҷумла лимӯ, дар Тоҷикистон аз соли 1935 сар шуда буд. Аз соли 1949 сар карда дар ноҳияҳои водии Вахш усули дар хандаққо парвариш намудани лимӯро васеъ татбиқ намуданд. Муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки истеҳсоли меваҳои ситрусӣ – лимӯ, мандарин ва афлесун дар шароити вилояти Хатлон вазъи иқтисодии минтақаро беҳбуд бахшид.



**Калидвожа:** меваҳои ситрусӣ, лимӯ, афлесун, мандарин, хандақ, кишоварзӣ, боғдорӣ.


## ОБРАЗОВАНИЕ ПЕРВЫХ ЦИТРУСОВЕДЧЕСКИХ ХОЗЯЙСТВ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ (1940-1965 гг.)


В настоящей статье авторы пытаются исследовать образование первых цитрусоведческих хозяйств в Хатлонской области в 1945-1960 гг. На основе источников приводится, что в Средней Азии, именно в исторических таджикских краях садоводство и виноградарство развивалось с древних времен. Согласно письменных источников предки таджикского народа для улучшения своего условия жизни обратились к земледелию, к дехканстве. В мировом производстве цитрусовые фрукты занимают особое место, где причиной распространения является его приятный вкус и диетические свойства. Отмечается, что еще во времена СССР особое внимание было обращена на выращивание цитрусовых фруктов. В 1935 г. в Таджикистане были начаты первые опытные работы по выращиванию цитрусовых особенно лимона. Начиная с 1949 г. в районах Вахшской долины в траншеях было широко развернуто выращивание лимона. Авторы приходит к такому выводу, что производительность цитрусовых – лимонов, мандаринов и апельсинов в Хатлонской области повысил экономическое положение региона.



**Ключевые слова:** цитрусовые фрукты, лимон, апельсин, мандарин, траншея, сельское хозяйство, садоводство.

**FORMATION OF THE FIRST CITRUS FARMS IN KHATLON REGION (1940-1965)**

In this article, the author tries to investigate the formation of the first citrus farms in the Khatlon region in 1945-1960. on the basis of sources, it is shown that in Central Asia, it is in the historical Tajik territories of horticulture and viticulture developed since ancient times. According to written sources the ancestors of the Tajik people to improve their living conditions turned to the ground, to decante. In the world production of citrus fruits occupy a special place, where the reason for the spread is its pleasant taste and diet. It is noted that during the Soviet era, special attention was paid to the cultivation of citrus fruits. In 1935, Tajikistan began the first experimental work on the cultivation of citrus fruits, especially lemon. Since 1949, lemon cultivation has been widely deployed in the trenches of the Vakhsh valley. The author comes to the conclusion that the productivity of citrus fruits – lemon, Mandarin and orange in the Khatlon region increased the economic situation of the region.

**Keywords:** citrus fruit, lemon, orange, tangerine, trench, agriculture, gardening.

**Сведения об авторах:** ***Шарипова Лола Рахмонкуловна*** – Бохтарский государственый университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры всеобщей истории. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Тел.: **900-08-00-42.**

***Алимов Давлатали Халилович*** – Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой всеобщей истории. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67. E-mail: **adavlatali@mail.ru**. Телефон: **919-36-35-44.**

**Information about the authors:** ***Sharipova Lola Rakhmonkulovna*** - Bokhtar state University named after Nosir Khusrav, candidate of the Department of General history. **Address**: 67 Aini street, Bokhtar, Khatlon region, Republic of Tajikistan, 735140. Phone: **900-08-00-42.**

***Alimov Davlatali Khalilovich*** - Bokhtar state University. Nasir state University, candidate of historical Sciences, associate Professor, head of chair of General history. **Address:** 67 Aini street, Bokhtar, 735140, Republic of Tajikistan. E-mail: **adavlatali@mail.ru**. Phone: **919-36-35-44.**

**УДК 314.72**

# САБАБҲОИ МУҲОҶИРШАВИИ АҲОЛИИ ВОДИИ ЗАРАФШОН (ДАР МИСОЛИ КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XX)

***Раҳимов А.И., Аминов М.Ҳ., Олимов А.О.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номиБ. Ғафуров**

Се ҷанбаи муҳоҷиршавии одамон вуҷуд дорад: худудӣ, соҳавӣ ва касбӣ. Олимон ба муҳоҷиршавии ҳудудӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Бояд зикр намуд, ки ҷойивазкунии худудӣ ба таври ихтиёрӣ, маҷбурӣ (зӯран) ва аз ноилоҷӣ сурат мегирад.

Дар илми демография муҳоҷирати аҳолӣ барои афзоиши табиӣ аҳаммияти калон дорад, ки ин омил сабаб мешавад, ки аҳолии кишвар ё шаҳр тағйирот ворид шавад [7, с.265]. Муҳоҷират ба ҳамаи ҷамъиятҳои одамон хос аст. Аммо кӯчиши халқҳо аз лиҳози самт ва ҳайати муҳоҷирон, оқибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва демографии он дар давраҳои мухталифи таърихӣ, аз ҷиҳати сатҳи иқтисодӣ, шароитҳои иқлимиву географӣ ва сохтори аҳолии давлатҳо аз ҳамдигар фарқ мекунад. Вазифаи нахустини муҳоҷират вобаста ба ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолӣ,тақсими иқтидори истеҳсолот дар ҳудудҳои алоҳидаи мамлакат, аз ҷумла минтақаҳои табиӣ, ноҳияҳо, шаҳру деҳот, азнавтақсимкунии аҳолӣ ба шумор меравад. Дар натиҷаи муҳоҷират теъдоди аҳолӣ дар минтақаҳо ё кам ва ё зиёд мегардад. Дар натиҷаи муҳоҷират муттаҳидшавии қувваҳои корӣ бо воситаҳои истеҳсолот сурат мегирад. Дар натиҷаи муҳоҷират одамон кӯшиш мекунанд, ки сатҳи зиндагии худро беҳтар намоянд. Ин ҳолат ба муҳоҷирони ихтиёрӣ дахл дорад. Муҳоҷирати маҷбурӣ қонунҳои худро дорад, ба ғайр аз омилҳои иқтисодӣ ба он омилҳои иҷтимоӣ, равонӣ (психологӣ) ва сиёсӣ низ таъсир мерасонанд. Умуман, муҳоҷират яке аз омилҳои рушди аҳолӣ маҳсуб меёбад.

Солҳои 50-уми асри XX, дар натиҷаи азхудкунии заминҳои нави корам дар қаламрави Тоҷикистон, муҳоҷирати аҳолӣ аз минтақаҳои кӯҳӣ ба водиҳо сурат гирифт. Аз ҷумла аҳолии Мастчоҳи кӯҳӣ ба дашти Дилварзин кӯчонида шуданд. Азхудкунии заминҳои бекорхобида ва ба он ҷо кӯчонидаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 50-ум дар рушди истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва хосатан соҳаи асосии он -пахтакорӣ нақши муҳим бозидааст. Дар ин давр ташкили колхозҳои калон, болоравии дараҷаи истеҳсолот водор намуданд, ки муҳоҷиркунии аҳолӣ аз минтақаҳои кӯҳӣ ба водиҳо ба роҳ монда шавад. Ба таври оммавӣ кӯчонидани аҳолии болооби Зарафшон ва хусусан мардуми Мастчоҳи кӯҳӣ ба даштҳои Дилварзин аксаран бо роҳи маҷбуркунӣ сурат гирифтааст. Тамомии аҳолии ноҳия, ки наздик 18 ҳазор нафарро ташкил медод, аз ҷойи зисти азалиашон кӯчонида шуданд. Албатта, аз лиҳози иқтисодӣ ин амал баҳри азхудкунии заминҳои асрҳои аср бекорхобида аҳаммияти муҳим дошт. Дар натиҷаи кӯчонидани аҳолӣ симои дашти Дилварзин куллан тағйир ёфт: хоҷагиҳои калонҳаҷм таъсис ёфтанд, базаи моддиву техникии хоҷагиҳо

мустаҳкам гашт, некуаҳволии мардум боло рафт. Бояд зикр намуд,ки Мастчоҳи кӯҳӣ дар болооби Зарафшон ҷойгир аст. Муҳаққиқи таърихи Мастчоҳ Карим Абдулов дар ҷилди дувоздаҳуми силсилакитоби "**Дар ин дунё**"-и худ дувоздаҳ мақому мавзеи Мастчоҳро, ки дар онҳо 52 деҳаи хурду бузург мавҷуд аст, вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ, анъанаҳои аҷдодӣ, расму оинҳо ба дувоздаҳ қисмат, қитъаи шартӣ ва рамзӣ тақсимбандӣ кардааст. Инак, тақсимбандии нисбии дувоздаҳ бурҷи Мастчоҳ чунин мебошад:

**Бурҷи аввал**-Оббурдон, дашти Оббурдон, Имбеф, Рунҷ, Ғувинд, Андарвашт.

**Бурҷи дуюм**-Камодон, Падрохин, Виткун.

**Бурҷи сеюм**-Пастиғав, Ҳадишаҳр, Узвор.

**Бурҷи чаҳорум**-Ғуфкат, Арнохун, Сурхкат.

**Бурҷи панҷум**-Ғузни шариф, деҳотҳои тагобаҳои Ғузни шариф (Резгиф, Арсовит, Равнич, Устунг, Даштак, Ҷағандиф), Роба, Пит, Ғаз, Рувоск.

**Бурҷи шашум**-Рогиф, Риёмутк, Худгифи Офтоб, Худгифи Соя, Эсизи Поён, Эсизи Боло, Муждиф.

**Бурҷи ҳафтум** –Мадрушкат, Лангар, Падаск, Хайробод.

**Бурҷи ҳаштум**-Сабағ, Табушн, Валғунд, Истошун.

**Бурҷи нуҳум**-Деҳманора, Пакшиф, Дашти Миёна.

**Бурҷи даҳум**-Палдорак, Роғ.

**Бурҷи ёздаҳум**-Ярм, Самҷун, Худгифи Боло.

**Бурҷи дувоздаҳум**-Водиф, Ланглиф, Тро, Деҳисор, Деҳавз.

Мардуми Кӯҳистони Мастчоҳ аз асрҳои гузашта бо сабаби тангии кӯҳсор ва носозиҳои замона борҳо роҳи муҳоҷиратро пеш гирифт. Аҳолии Мастчоҳ ба Истаравшан, Хуҷанд, Тошкент Қазоқистон, ноҳияи Деваштич, Исфара, дашти Дилварзин, ноҳияи Ҷаббор Расулов муҳоҷиршуда буданд. Бо чунин мисол гуфтаҳои худро исбот карда метавонем, ки масалан, дар маҳаллаи Себзори шаҳри Хуҷанд оилаҳое ҳастанд, ки аз деҳаи Мадрушкат 250-300 сол пеш омадаанд ва то ҳоло бо хешовандони худ омадурафт доранд.

Соли 1870 аз сабаби ноороми маҳал оилаи мастчоҳиён бо ағбаи Камодон гузашта, дар деҳаи Угук ва Метки ноҳияи Деваштич (Ғончӣ) зиндагӣ ихтиёр мекунанд. Ва дар деҳаи Қушдевор ва Хуҷааълои Исфара Ланглифиён, Деҳавзиён, Водифиён, Деҳсориён ва Сабағиёни кӯҳистони Мастчоҳ зиндагӣ мекунанд. Солҳои сиюми асри XX Ҳукумати Шӯравӣ мардуми куҳистони кишварро ба водии Вахш муҳоҷир кард, ки заминҳои бекорхобидаро обод кунанду зиндагии худро беҳтар созанд. Дар давраи сарвари кишвар будани аллома Бобоҷон Ғафуров аз кӯҳсор ба дашт кӯчидани аҳолӣ давом ёфт. Ин хизматҳои Бобоҷон Ғафуров буд, ки барои беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардуми кӯҳистон, таъмини онҳо бо қитъаи замин амалӣ гардид, зеро дар кӯҳсор замини киштбоб хело кам аст.

Дар асоси қарори Шӯрои вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 25 январи соли 1956 «Доир ба нақшаи муҳоҷират ва муташаккилона сарҷамъ намудани коргарон дар соли 1956», мебоист аз ноҳияи Мастчоҳ ба Дилварзин 1200 хоҷагиҳои колхозчиён кӯчонида мешуданд. Ба ғайр аз ин, пешбинӣ шуда буд, ки аз минтақаи ба зери обмондаи НБО Қайроққум 1000 хоҷагӣ ба Дилварзин кӯчонида мешуданд. Бо кӯчонидани аҳолии кӯҳистони Мастчоҳ ба Дилварзин ҳаёти онҳо куллан дигаргун гашт. Дар ноҳия ҳамагӣ 9 колхоз, бо 4700 гектар замини корам, асосан бо кишти лалмӣ вуҷуд дошт. Дар он ҷо ягон сохтмон ба роҳ монда нашуда буд, техникаи кишоварзӣ набуд. Колхозчиён асосан бо ғаллакорӣ ва чорводорӣ машғул буданд. Онҳо музди меҳнати хеле ночиз мегирифтанд. Арзиши рӯзи меҳнати колхозчиён ҳамагӣ 1 сӯму 80 тинро ташкил медод. Аз ин бармеояд, ки он солҳо муҳоҷир намудани аҳолии Кӯҳистони Мастчоҳ ба дашти Дилварзин ба ду омил вобастагӣ дошт: 1) дар қаламрави дашти Дилварзин набудани қувваи корӣ ва 2) заиф будани даромади иқтисодӣ. Аввалин шуда Ланглифиён тирамоҳи соли 1955 роҳи муҳоҷиратро пеш гирифтанд. Онҳо дар деҳаҳои Ғулакандоз, Гулхона, Узбекқишлоқи ноҳияи Ҷаббор Расулов (собиқ Пролетар) ҷойгир шуданд. Бо маслиҳати равшанфикрон даштеро интихоб карда, тарҳи деҳро кашида, ба он Тоҷикобод ном монданд. Соли 1956 муҳоҷирати оммавӣ оғоз ёфта, соли 1957 охирон оилаҳо аз Ланглиф кӯчида омаданд. Ду дафтарчаи муҳоҷирӣ ёфт шудааст, ки яке аз онҳо аз Умаров

Эрка, дигаре аз они Комилов Шариф дарёфт шудааст. Дар аввалин мебошад, ки ба муҳоҷир ёрии яквақта 900 сӯм дода шудааст, ба дуюмӣ 600 сӯм ёрӣ кардаанд.

Мардуми деҳаҳои Ярм, Самҷун ва Худгифи Эшон низ ба ноҳияи Ҷаббор Расулов кӯч бастанд. Ба муҳҷирон 15 сотихи замин ва сарпаноҳи чӯбине дода буданд. Мардум рӯзона дар пахтазор кор карда, шабона барои зиндагии худ хона бунёд мекардаанд. Ҳавои хеле гарм ва пахтакорӣ ба мардуми муҳоҷир хело азоб меовард. Дар деҳаи Славянка, ҳоло деҳкадаи ба номи Фирдавсии Ҷумҳурии Қазоқистон беш аз 3700 мастчоҳӣ умр ба сар мебаранд. Асосан, муҳоҷирони ба Қазоқистон рафта аз тагобаи Ғузни Шарифи Кӯҳистони Мастчоҳ мебошанд. Дар деҳаи мазкур мактаби замонавӣ мавҷуд аст, ки таҳсилоташон бо забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст. Хешу ақрабои худро фаромӯш накардаанд.

Соли 1955 муҳоҷиркунонии умумии аҳолии Кӯҳистони Мастчоҳ оғоз ёфта, соли 1956 ташкил ёфтани Мастчоҳи нав оғоз гардид, ки 26-уми декабри соли 1956 дар шаҳраки Қуруқсой конференсияи нахустини ташкилоти ҳизби коммунистии ноҳия шуда мегузарад, ки дар харитаи ҷумҳурӣ пайдо шудани боз як ноҳияи нави пахтакор эълон мегардад. Дар фосилаи солҳои 1956-1959 бо дастгирии ҳукумати ҷумҳуриву вилоятӣ аз ҷониби меҳнатдӯстони ноҳияи Мастчоҳ дашти Дилварзин ободу зебо гардида, дар ҳудуди он майдонҳои пахтакорӣ, боғу токпарварӣ ва ғаллакорӣ доман афрохта ва барои обёрии дашти Дилварзин канали Тоҷикистони Советӣ сохта мешавад, ки сохтмони он соли 1954 оғоз ёфта, соли 1956 ба охир расида буд. Барои сохтмон дар дашти Дилварзин бештар аз 40 шаҳрҳои собиқ ИҶШС, аз ҷумла аз шаҳрҳои Харков, Санкт-Петербург, Тбилиси, Тошкент, Челябинск, Москва ва ғайраҳо маҳсулот фиристода шудааст. Аз тарафи дигар, дар корҳои бунёдкориву созандагии дашти Дилварзин ҷавонони диёр ҳиссаи арзанда гузоштаанд.

Соли 1956-1959 аҳолӣ қариб пурра бо манзил таъмин карда мешавад. Бо фармони Президиуми Совети Олии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 1956 ба ноҳияи нав номи Мастчоҳ дода шуда, маркази ноҳия шаҳраки Бӯстон эълон кард мешавад. Соли 1956 аз 450 хоҷагии ноҳияи Мастчоҳи Кӯҳӣ бо хоҳиши худ 350 оила ба манзили нав кӯчида омаданд.

Умуман, аз соли 1955 то соли 1960 дар вилояти Суғд (ҳамон вақт вилояти Ленинобод) 4100 хоҷагӣ (бо 10 ҳазор қувваи корӣ) муҳоҷир карда шуданд, ки аз онҳо 3400 хоҷагӣ ба дашти Дилварзин (Мастчоҳи нав) кӯчонида шуданд. Ҳамон солҳо аз Кӯҳистони Мастчоҳ ба ноҳияи Пролетар 450 хоҷагии колхозчиён кӯчонида шуданд.

Раванди муҳоҷиркунии мардуми Кӯҳистони Мастчоҳ ба Дилварзин нисбат ба муҳоҷиркунӣ ба водии Вахш ба таври муташаккилона гузаронида шуд. Аммо дар ин ҷо низ баъзе камбудиҳо дар масъалаи ҷобаҷокунии муҳоҷирон мушоҳида гаштанд. Муҳоҷиронро аз рӯйи ҷойгиршавиашон ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст. Тибқи маълумоти шуъбаи Ленинободии муҳоҷират ва ҷамъ намудани коргарон то санаи 15 июни соли 1959 аз 1516 оилаи муҳоҷирон 967 оила дар хонаҳои истиқоматии тайёр ҷойгир шуданд, 579 хоҷагӣ чунин хонаҳо надоштанд ва 220 оила дар хонаҳое ҷойгир шуданд, ки ҳанӯз дар асоси санад ба ихтиёри колхозҳои навтаъсис нагузашта буданд [6]. Новобаста из ин душвориҳо ҳамаи аъзоёни оилаҳои муҳоҷир бо ҷойи корӣ таъмин гаштанд. Сабаби нарасидани хонаҳои истиқоматӣ ба оилаҳои алоҳида дар он буд, ки ташкилотҳои сохтмонӣ нақшаи бунёди манзилҳоро сари вақт иҷро накарда буданд.

Бояд қайд намуд, ки кӯчонидани аҳолӣ ба Дилварзин тавассути автомобилҳои боркашон пурра аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ сурат гирифтааст. Хоҷагиҳои муҳоҷиршуда дар маҳалли зисти нав пурра аз андозҳои даромад ва хоҷагии қишлоқ озод гаштанд. Ин имтиёзҳо ба муҳлати панҷ сол пешбинӣ гашта буданд. Пайваста шароити хоҷагиҳо беҳтар мегашт.

Бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминҳои бекорхобидаи дигари дашти Дилварзин, ки дар роҳи Бӯстон-Чаноқ ҷойгиранд барои замини наздиҳавлигӣ тақсим карданд. Сиёсати муҳоҷиркунии Ҳукумати Тоҷикистон дар давраи омӯзиш мақсади ҳалли масъалаҳои аграриро дошт. Маҳз дар натиҷаи кӯчонидани аҳолии минтақаҳои кӯҳистон ба водиҳо (заминҳои бекорхобида) боис гардид, ки хоҷагии қишлоқ рушд кунад, масоҳати заминҳои кишт васеъ гардад, захираҳои меҳнатӣ баробар тақсим гарданд, иншоотҳои обёрӣ сохта шаванд, некуаҳволии мардум боло равад.

## АДАБИЁТ


1. Статистика миграции населения / Под ред А.Г. Волкова. -М.: Статистика, 1973.-С.138
2. Абулхаев Р. А. Развитие ирригации и освоение новых земель в Таджикистане / Р. А. Абулхаев. - Душанбе, - 2005, С. 174.
3. Карим Абдулов. Дар ин дунё. ҷилди 12 "Мастчоҳ", китоби аввал / К. Абдулов. –Душанбе: Адиб, 2006. -С. 8-9-10.
4. Статистика миграции населения / Под ред А.Г. Волкова. -М.: Статистика, 1973.-С.138.
5. ЦГА РТ, ф 1566, оп. 2, д. 22, л
6. Абдурашитов Ф.М. Исторический опыт внутреннего сельскохозяйственного переселения. -С.186.
7. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон. -Ҷилди 1. –С. 100.
8. Назирҷон Турсунов: "Истаравшан" (шарҳи мухтасари таърих ва маданияти халқ). –Душанбе: Ирфон, 1992. -С. 126-128- 130.
9. Болтумуҳаммади Устопир: "мардони муҳоҷири Ланглифӣ", Ҷаббор Р. 2016. 104 саҳ. Оҷонсии полиграфии "Зиё" –С.10-11-68.
10. 50-соли Дилварзин. -2006. -С.3-7.
11. Муҳаббатов Х.М. Географияи Тоҷикистон / Х.М.Муҳаббатов, М.Р.Раҳимов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. –С. 265.
12. Ҳисоботҳои оморки ноҳияи Мастчоҳ: 2017-2018 с.
13. Статистика миграции населения Под ред А.Г. Волкова. М.: Статистика, 1973.-С.138
14. Абулхаев Р. А. Развитие ирригации и освоение новых земель в Таджикистане / Р. А. Абулхаев. -Душанбе, 2005. -С. 174.
15. Абдурашитов Ф.М. Исторический опыт внутреннего сельскохозяйственного переселения в Таджикистане (1924-1990гг.): дисс. докт. ист. наук / Ф.М. Абдурашитов. –Душанбе, 2014. -С.90.


## САБАБҲОИ МУҲОҶИРШАВИИ АҲОЛИИ ВОДИИ ЗАРАФШОН (ДАР МИСОЛИ КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XX)


Дар мақола оиди рафти муҳоҷиршавии халқҳои водии Зарафшон дар мисоли Кӯҳистони Мастчоҳ маълумот дода шудааст. Сиёсати муҳоҷиркунии Ҳукумати Тоҷикистон дар давраи омӯзиш мақсади ҳалли масъалаҳои аграриро дошт. Маҳз дар натиҷаи кӯчонидани аҳолии минтақаҳои кӯҳистон ба водиҳо (заминҳои бекорхобида) боис гардид, ки хоҷагии қишлоқ рушд кунад, масоҳати заминҳои кишт васеъ гардад, захираҳои меҳнатӣ баробар тақсим гарданд, иншоотҳои обёрӣ сохта шаванд, некуаҳволии мардум боло равад. Таърих гувоҳ аст ки, инсоният барои зиндагии беҳтар роҳи муҳоҷиратро пеш мегирад.



**Калидвожаҳо:** муҳоҷирати аҳолӣ, афзоиши аҳолӣ, бӯҳрони иқтисодӣ, сабабҳои муҳоҷирати аҳолӣ, Мастчоҳ, Зарафшон.


## ПРИЧИНЫ МИГРАЦИИ НАСЕЛЕНИЯ ДОЛИНЫ ЗЕРАВШАН НА ПРИМЕРЕ ГОРНОГО МАТЧИ В НАЧАЛЕ XX ВЕКА


В статье приводится пример о ходе миграции народов Зеравшанской долины Горно- Матчинского района. История свидетельствует, что в разные исторические периоды человечество для благополучия условия жизни мигрировал. В случае миграции населения Горной Матчи, где условия для жизни становились затруднёнными, был своевременным. Для получения равнинных земель для народов этой местности ввел свой большой вклад национальный герой Таджикистана академик Б.Гафуров.



**Ключевые слова**: миграция населения, естественный прирост, экономический кризис, причины ухода населения, Матча, Зеравшан.


## REASONS FOR MIGRATION OF THE POPULATION OF THE ZERAVSHAN VALLEY ON THE EXAMPLE OF MOUNTAIN MATCH AT THE BEGINNING OF THE XX CENTURY


The article provides an example of the migration of the peoples of the Zeravshan valley of the Gorno-Matchinsky district. History testifies that in different historical periods humanity has migrated for the well-being of living conditions. In the case of population migration, the Mountain Match, where living conditions became difficult, was timely. To obtain flat lands for the peoples of this area, the national hero of Tajikistan, Academician B. Gafurov, made his great contribution.



**Key words:** population migration, natural growth, economic crisis, reasons for the population to leave, Match, Zeravshan.



**Сведения об авторах:** ***Рахимов Абдулфаттох Иброхимович*** **–** Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, доктор географических наук, профессор, проректор по учебной работе

***Аминов Муминджон Хаётуллоевич*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, кандидат географических наук, доцент, декан факультета геоэкологии

***Олимов Абдурахмон Олимбойевич*** -Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, докторант (Ph.d) кафедры методики обучения географии. **Olimiahgu@gmail.com** Телефон: **93.555-90-98**

**Informarion about the authors:** ***Rahimov A. I.*** - Khujand state university named after B. Gafurov, doctor and professor the science of geography and vice rector.

***Aminov M. Kh.***- Khujand state university named after B. Gafurov, candidate science of geography assistant professor the dean of faculty of geoecology

***Olimov A. O:*** - Khujand state university named after B. Gafurov, Second year doctor of the faculty of geoecology gathedraof "methods of geography"E-mail: Olimiahgu@gmail.com Pone: **93.555-90-98**

УДК:128/129 (091)

# УСЛОВНЫЕ СИЛЛОГИЗМЫ НАСИРУДДИНА ТУСИ

*Рахимов Мухсин Хусейнович*
**Таджикский технический университет им. М.С Осими**

Известно, что Аристотелю, как основателю формальной логики, удалось выяснить общие условия того, когда из двух категорических суждений, имеющих вполне определенную логическую структуру, с необходимостью следует определенное заключение, а когда не следует. По-видимому, этот философ сознавал, что разработанных им схем категорического силлогизма недостаточно для описания всех видов рассуждений. Неудовлетворенность, узость аристотелевской логики сподвигли мегариков и стоиков к исследованиям в области пропозициональной логики. В отличие от Аристотеля, они сформулировали правила вывода, относящиеся вообще к суждениям неопределенной структуры. Заслуга стоиков состоит в том, что они предвосхитили ряд исходных положений современной логики высказываний, дав четкие определения таким логическим союзам, как конъюнкции, дизъюнкции и импликации, фактически употребляя при этом функции истинности. Они придали своей системе формальных правил вывода вид своеобразного прообраза, аксиоматически построенного исчисления - известного прообраза современного исчисления секвенций, т.е. последовательность формул, представляющих собой формальное выражение вывода.

Основная часть логики стоиков - это учение об умозаключении или о силлогизме, который состоит из совокупности посылок и заключения, где одна посылка является условным суждением, а другая посылка и заключение – категорическими суждениями. Как, например: «Если день, то светло. День. Следовательно, светло». Согласно стоикам, рассуждение, в котором из отрицания антецедента следует отрицание консеквента или из утверждения консеквента следует утверждение антецедента, является неправильным. В двух остальных случаях рассуждение является правильным.

Разработанная стоиками логика высказываний во многом способствовала выяснению логических оснований аристотелевской силлогистики. В связи с этим, один из известных исследователей традиционной формальной логики А.Л.Субботин пишет: «Логика высказываний является более фундаментальной системой, нежели силлогистика, во-первых, потому, что при своем строго формализованном и систематическом изложении (чего, вообще говоря, еще не было у Аристотеля) сама силлогистика должна опираться на понятия и законы, устанавливаемые в пропозициональной логике, в то время как последняя не предполагает законов силлогистики; во-вторых, потому, что логика высказываний вообще лежит в основе всей современной математической логики в качестве её исходной, простейшей, но неотъемлемой составной части, в то время как силлогистика занимает в ней сравнительно незначительное место» [3, с.14].

Далее этот ученый с большим сожалением отмечает, что идеи логики высказываний в дальнейшем «получили гораздо меньшее распространение, чем силлогистика. Многими они были вообще не поняты, а в традиционной логике нашли свое неполное и эклектическое отражение в виде теории условных и разделительных силлогизмов. Своим вторым рождением уже на гораздо более солидной основе логика высказываний обязана 19 в.» [3, с.14].

Мы не можем согласиться с автором этого утверждения, потому что арабофарсиязычные мыслители эпохи средневековья уделяли огромное внимание разработке логики высказываний, о чем свидетельствуют работы американских исследователей Н.Решера [5,с.121], Н.Шехаби [6, с.214], таджикского исследователя Н.М.Сайфуллаева [2,с.129] и др. Например, Н.Решер пишет: «Насколько мне удалось установить, Авиценна – первый автор в истории логики, который дал анализ условных и разделительных суждений, четко проведенный в отношении качества и количества» [5, с.83]. В другом месте он заявляет, что процесс сочетания логики Аристотеля и стоиков, который был начат учениками и последователями Стагирита, окончательно завершился в логической системе Авиценны.

Конечно, Ибн Сина имел представление о стоической логике через труды учеников и комментаторов Аристотеля: Теофраста, Евдема, Александра Афродизийского, Галена и др., на которых он часто ссылается, а с некоторыми из них даже вступает в полемику, чтобы защитить концепции Первого учителя.

Как подчеркивает Н.М.Сайфуллаев, «Ибн Сина, обдуманно и трезво сочетая две логики (т.е. логику высказывания и логику терминов), совершенствует и развивает их, что привело к созданию

единой логической системы, которая нашла свое завершение в его силлогистике. Логика высказывания и логика предикатов в его логической теории пропорциональны, т.е. Ибн Сина не отдает предпочтение той или иной логике, а исследует обе, подчеркивая значение каждой из них» [2,с.144].

По мнению другого таджикского исследователя Худойдодов Ф.Б., «логики до Авицены, включая Аристотеля и аль-Фараби, а возможно и стоиков условно-соединительные силлогизмы обстоятельно не исследовали. Обстоятельное исследование условано-соединительных силлогизмов, без сомнения, является великим вкладом Авицены в развитие логики» [4, с.112].

Следует отметить, что идеи пропозициональной логики Ибн Сины получили свое дальнейшее развитие в логическом наследии его учеников и последователей перипатетической логики. Как уже говорилось, одним из заметных последователей Авиценны был Насируддин Туси. Он, как его предшественник, импликативные и разделительные суждения называет условными. Исходя из этого Туси, условный силлогизм делит на три вида: 1) условные силлогизмы, состоящие из чисто импликативных (условных) суждений; 2) условные силлогизмы, состоящие только из дизъюнктивных (разделительных) суждений; 3) условные силлогизмы, состоящие из смешанных суждений, т.е. из импликативных и категорических суждений, из импликативных и дизъюнктивных суждений. Отсюда становится очевидным, что Туси рассматривает такие виды силлогизма, как чисто условные, условно-категорические, чисто разделительные, разделительно-категорические и условно-разделительные.

Продолжая начатую Ибн Синой традицию, Туси проводит четкую классификацию условно-соединительных и условно-разделительных суждений. Так, все условные суждения, подобно категорическим суждениям, он делит на четыре группы: общеутвердительные; общеотрицательные; частноутвердительные; частноотрицательные. Во всех них роль субъекта выполняет антецедент, а роль предиката – консеквент условного суждения. Для каждой из указанных групп Туси вводит специальные кванторные слова: «двиман» («всегда») и «куллу ввхид» («всякий раз»), «лан» («никогда»), «ласа двиман» («не всегда»), «ахёнвн» («иногда») и т.п. Согласно мыслителю, кванторные слова должны указывать, во-первых, на время, в течение которого данное условное суждение истинно; во-вторых, на то, является ли данное суждение абсолютно истинным или оно истинно только в определенных условиях.

Исходя из этого, Насируддин Туси из сочетаний двух импликативных суждений строит силлогизм и выявляет фигуры и модусы такого силлогизма. Заметим, что этот вид силлогизма внешне напоминает категорический силлогизм, в котором место субъекта занимает антецедент, а место предиката - консеквент условного суждения. Вместо терминов категорического силлогизма выступают простые суждения. Условия следования заключения те же, что в категорическом силлогизме.

Тут же мыслитель замечает, что все модусы первой фигуры чисто условного силлогизма не требуют доказательства, ибо следование заключения из посылок носит необходимый характер. Что касается модусов трех остальных фигур, то они нуждаются в доказательстве, а для этого, говорит Туси, необходимо их привести к первой фигуре, которая является совершенной фигурой. В доказательстве он использует такие приемы, как обращение, перестановки посылок, допущения и рассуждения от противного, т.е. те же приемы, что имели место в отношении простых категорических силлогизмов. Например, первый модус первой фигуры выглядит следующим образом: «Всякий раз, когда А есть В, то С есть Д, и всякий раз, когда С есть Д, то Е есть F, следовательно, всякий раз, когда А есть В, то Е есть F», чему соответствует следующее правило: $((p\to q)) \wedge (q\to r)) \to (p\to r)$.

Один из модусов силлогизма второй фигуры выглядит так: «Всякий раз, когда А есть В, то С есть Д, и никогда не может быть так, что если Е есть F, то С есть Д, следовательно, никогда не может быть так, что если А есть В, то Е есть F». Этому модусу соответствует такое правило: $((p\to q) \wedge \neg(r\to q))\to \neg(p\to r)$. Модус силлогизма третьей фигуры: «Всякий раз, когда А есть В, то С есть Д, и всякий раз, когда А есть В, то Е есть F, следовательно, иногда, когда С есть Д, то Е есть F». Его правило: $((p\to q) \wedge (p\to r))\to(q\to r)$. Модус силлогизма четвертой фигуры:

«Всякий раз, когда А есть В, то С есть Д.
Всякий раз, когда Е есть F, то А есть В.
Иногда, когда С есть Д, то Е есть F».
Его правило: $((p\to q) \wedge (r\to p))\to(q\to r)$.

Далее Туси рассуждает: чтобы определить состояние суждения «Иногда, когда А есть В, то С есть Д», используем метод допущения, т.е. гипотезы. Для этого, предполагая «существованием состояние А есть В», определим состояние следуемого из него С есть Д. Пусть это будет «К есть L». Тогда мы получим, что «Всякий раз, когда К есть L, то С есть Д», которое выражает общее

суждение. Его обращением будет частное суждение. Кроме того, суждение типа «Всякий раз, когда К есть L, то А есть В», также общее и, обращая его, тоже получим частное суждение.

Из полученных таким образом четырех суждений два оставим, а два других сочетаем с большей посылкой того силлогизма, который хотим доказать методом допущения. Тогда, говорит мыслитель, мы получим два силлогизма, дающих необходимое заключение.

Таҳаммулпазирӣ ва таҳаммулнамоӣ ҳаммаънои калимаи «толерантность» ва «терпимость»-и русӣ буда, ба маънои таҳаммул, созиш, муросо, бардошт, тобоварӣ, босабрӣ, пуртоқатӣ, таҳаммулпешагӣ ва муносибати накухоҳона омадааст. Ба ибораи дигар, таҳаммулпазирӣ (толерантность) маънои созиш, муросо ва гузашт намудан ба андеша ва эътиқоди дигарон, омода будан ба гуфтушунид ва ҳамкориҳои муфиду боэҳтиромона, эҳтирому эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, муносибатҳои гуманистона доштан ба намояндагони дин, миллат ва фарҳанги ғайрро дорад. Таҳаммулпазирӣ ҳеҷ гоҳ ба маънои созиш, гузашт ва тоқат намудан ба ҳама гуна низоми иртиҷоии идеологӣ, беадолатиҳои шахсони алоҳидаи мансабдор ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, зӯроварии иҷтимоӣ, психологӣ, ҳуқуқӣ ва вандализм истеъмол намешавад. Таҳаммулпазирӣ калимаи муқобилмаънои экстремизм ва ҳама гуна ҷудоихоҳӣ буда, мақсад аз тарғиби он эъмин нигоҳ доштани якпорчагии кишвар ва сохтори конститутсионии давлат аз ғасби зӯроваронаи неруҳои марказгурез, бетартибиҳои иҷтимоӣ, пуштибонӣ аз сиёсати пешгирифтаи президент ва ҳукумати ҷумҳурӣ, таъмини ҳамзистии осоиштаи шаҳрвандон, эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳсуб мешавад. Аз ин ҷост, ки 16 ноябри соли 1995 давлатҳои аъзои ЮНЕСКО Декларатсияи принсипҳои таҳаммулпазириро қабул намуданд ва эълон гардид, ки ҳамаи одамон вобаста ба табиаташон мухталифанд, аммо шаъну шараф ва ҳуқуқҳои хеш баробар мебошанд. Дар «Декларатсияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ» зери мафҳуми «таҳаммулпазирӣ» қабулнамоӣ ва фаҳмиши дурусти маданиятҳои бою мухталифи ҷаҳон, шакли худифоданамоӣ ва воситаҳои нишон додани қобилияти фардияти ҳар як шахс фаҳмида мешавад [3,с.56].

Таҳаммулпазирӣ барои дастрасии дониш, фикри равшану фаҳмо, ошкоро будани муоширот, озодии андешаронӣ, эътиқод ва виҷдон мусоидат менамояд. Таҳаммулпазирӣ мутобиқшавӣ ба гуногунрангӣ аст. Таҳаммулпазирӣ на танҳо рафтори ҳатмии ахлоқӣ, балки талаботи сиёсӣ ва ҳуқуқист. Таҳаммулпазирӣ барои ноил гаштан ба сулҳу ваҳдат ва тағйир додани маданияти ҷанг ба маданияти сулҳ мусоидат менамояд. Таҳаммулпазириро набояд ба маънои гузаштнамоӣ, илтифот, тамаллуккорӣ ва чашмпӯшӣ ба кирдори ношоям фаҳмид. Таҳаммулпазирӣ, пеш аз ҳама, муносибати фаъол аст, ки дар асоси эътирофи ҳуқуқҳои универсалӣ ва озодиҳои асосии инсон ташаккул меёбад. Ба ҳеҷ ваҷҳ таҳаммулпазирӣ барои асоснок намудан ва ҳақ бароварданн суиқасд ба ин арзишҳои асосӣ хизмат наменамояд.

Мухтасаран моҳияти таҳаммулпазириро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

- таҳаммулпазирӣ **ин маҳорати қабул намудани зуҳуроти муқаррарӣ ва муътадил;**
- таҳаммулпазирӣ ин қобилияти муносибати боэҳтиромона бо дигар одамоне, ки бо ту монанд нестанд;
- таҳаммулпазирӣ ин тоқат намуда тавонистан ба андеша, анъанаҳо, ранги пӯст, дин ва тарзи зиндагии ғайр;
- таҳаммулпазирӣ **ҷузъи таркибии ягон идеология ё унсури ягон маданияти мушаххас нест;**

- ба он ҳамаи халқу маданиятҳо қодир ҳастанд, ҳатто агар роҳи расидан ба сӯйи он хело мураккабу мушкил бошад;

- таҳаммулпазирӣ ин даст кашидан аз ҳуқуқҳо ва имкониятҳои ҳифзи ин ҳуқуқҳо нест;

- таҳаммулпазирӣ даст кашидан аз эҳтироми худ ва маданияти худ нест; таҳаммулпазирӣ нишонаҳо ва хусусиятҳои худэҳтиромнамоӣ ва нерумандии инсон аст. Ҳеҷ мумкин нест, ки таҳаммулпазирии амалҳои зиддиҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошад. Ҷомеаи таҳаммулпазир ин ҷомеаи эҳтироми тарафайн, ин ҷомеаи аз **хурофоту таассуб** озод, ҷомеаи аз нобоварию хусумати пинҳонӣ ва таҷовузу зӯроварии номулоҳизакорона озод мебошад;

- таҳаммулпазирӣ нишонаи сатҳ ва дараҷаи интелектуалии инсон, хусусияти фардӣ ва психологии шахс, майли табиии фард ба ризоият ва ҳамкории муштарак мебошад, ки дар озодии инсон муносибатҳои эҳтиромона доштан ба интихоби дигарон, конформизми ҳуқуқӣ ва релятивизми фарҳангӣ инъикоси худро меёбад;

- ба шарофати таҳаммулпазирӣ шахс ба шароити тағйирёбандаи муҳити зист мутобиқ гашта, мавқеи иҷтимоии хешро пайдо менамояд. «Таҳаммулпазирӣ моҳияту сифати ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳама гуна ҷомеа, табақаҳои иҷтимоӣ ва ҳар як шаҳрванд аст» [10,с.45]. Илова ба ин, сатҳ ва дараҷаи таҳаммулпазирии сотсиум меъёри асосии инкишофи ахлоқӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷамъият аст [6,с.90].

Дар ҷаҳони муосир истилоҳи таҳаммулпазирӣ на танҳо серистеъмол гаштааст, балки истифодабарии он ифодагари муҳимми мушкилоти байнифардӣ, байнигурӯҳӣ ва байниэтникӣ гардидааст, инчунин он барои ҳамкорӣ намудани аъзоёни ҷомеа низ мусоидат мекунад. Дар тамоми ҷаҳон қудрати низоъ дар ҷомеа рӯ ба афзоиш ниҳодааст ва ҳамзамон болоравии оштинопазирӣ низ авҷ мегирад, ки танҳо ба ҷиноятҳои табиати зӯроваридошта маҳдуд нашуда, ба агрессия ва таъқиби қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир, гурӯҳҳо, шахсиятҳо оварда мерасонад. Барои Россия даҳсолаи охири асри XX, ки дар сохтори иҷтимоиаш тағйиротҳои куллӣ рух додаанд, принсипҳои ҳамкории аъзоёни ҷамъият, нақши ВАО ва менталитети халқ бисёр муассир буданд. Гуногунии арзишҳо ва сарфи назар шудани қоидаҳои маданӣ боиси роҳандозӣ шудани истилоҳи таҳаммулпазирӣ гардидаанд.

Таҳаммулпазирӣ истилоҳи иҷтимоӣ - фарҳангӣ буда, дар забонҳои гуногун тобишҳои маъноии нав пайдо мекунад ва ҳар забон махсусияти таърихӣ ва фарҳангии худро дорад. Бо вуҷуди ин, таҳаммулпазирӣ категорияи коммуникативӣ аст, чунки барои муошırати байнифардӣ ва иҷтимоӣ хизмат мекунад.

Аз ҷиҳати этимологӣ таҳаммулпазирӣ аз калимаи лотинии tolerantia – гирифта шуда, маънои сабру таҳаммулро дорад. Дар забони англисӣ низ, маънои тоқат кардан, пурбардошт буданро дорад. Вале дар забони русӣ дар фарҳангҳо (луғатномаҳо) қайд нашудааст, бавижа дар «Толковай словарь живого великорусского языка»-и В. И. Дал ва ягон луғати асри XVIII - XIX. Дар луғатномаҳои муосир калимаи таҳаммулпазирӣ ба маънои «босабрӣ» «тобоварӣ» дар «Луғати муосири забонҳои хориҷӣ» (1992) ва дар 17- ҷилдаи академии «Забони адабии ҳозираи рус» вомехӯрад ва бо ишораи калимаи куҳнашуда. Маъхазҳои матнӣ дар бораи серистеъмол будани калимаи мазкур дар эҷодиёти нависандагони асри XIX маълумот медиҳанд, вале дар нимаи асри XX ин вожа қариб ки вонамехӯрад. Мавҷуд набудани калимаи таҳаммулпазирӣ дар луғатномаҳои русӣ, бешубҳа мавҷудияти ин мафҳумро инкор намекунад, гузашта аз ин, таҳаммулпазирӣ аз тарафи файласуфони рус чун як мафҳуми хос барои хештаншиносии миллӣ шинохта шудааст. Тафсири калимаи таҳаммулпазирӣ ба воситаи калимаи русии терпимость (сабр, тоқат) таъбиру маънидод карда мешавад, ки ин вожаҳо маънои гуногун доранд. Вақте ки истифодабарии калимаи таҳаммулпазириро дар забони русӣ таҳлил мекунем, бо чунинибораҳо вомехӯрем: принсипи таҳаммулпазирӣ, омили таҳаммулпазирӣ, максимаи таҳаммулпазирӣ. Се ибораи аввал (принсип, омил, максима) ифодагари муҳимми нуқтаи назари таҳаммулпазирӣ ба ҳисоб мераванд [7,с.139].

Таҳаммулпазирӣ омили асосии коммуникатсия аст. Ба ибораи дигар, таҳаммулпазириро дар дигар сатҳ қарор медиҳанд ва ба фазои маънавие, ки ин мафҳум онро пур мекунад, диққат дода мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки ин калима дар фарҳангҳо кам ба назар мерасад, вале ин калима дар забони русӣ нав дохил шудааст ва сермаъно аст ва фаҳмиши он дар доираи забони русӣ мазмуни иҷтимоӣ – фарҳангӣ ба худ касб кардааст. Мо фикри онҳоеро тарафдорӣ мекунем, ки ақида доранд, ки дар забони русӣ майдони консептуалии таҳаммулпазирӣ шакл гирифта истодааст. Бар замми ин ин калимаи иқтибосӣ дар системаи лексикии забони русӣ бо айният ва монандӣ мавқеи худро мустаҳкам мекунад.

Таҳаммулпазирӣ чист? Муносибати накукорона, ё ин ки хусусияти модарзодӣ. Оё ҳурмат карданро мефаҳмонад? Эътироф кардан? Бепарвоӣ? Таҳаммулпазирӣ аз куҷо сар мешавад ва ҳудудҳои он чӣ гуна аст? Ин масъаларо на танҳо олимон, балки сиёсатмадорон, фарҳангшиносон, педагогҳо ва аъзоёни ҳаракатҳои ҷамъиятӣ низ мавриди муҳокима қарор

медиҳанд. Ин калима ба забони русӣ аз забони англисии (tolerance, феъл tolerate – яъне сабр, тоқат) омадааст.

Бинобар ин, дар чаҳорчӯбаи ин алтернативаҳо, зӯроварӣ, муқовимат, бешубҳа, бартарӣ пайдо мекунанд ва афрод ҷавобгарии худро барои ҳифзи ҳадафу мақсадҳо ҳифз мекарданд. Аз рӯйи ақидаи олимони рус хомӯш истодан дар муқобили хушунат ва зӯроварӣ ин на танҳо рад кардани мубориза ва воситаҳои он, балки рад кардани адолати иҷтимоӣ низ ҳаст ва чунин шакли рафтор худкушии иҷтимоӣ, ё ин ки тарсуӣ ва мағлубият қабул карда мешавад. Мувофиқи ин ақидаҳо, сифат ва ҷанбаи маънавии зиндагӣ болотар аз худи зиндагӣ маҳсуб меёбад. Ғояҳои адолатнокии ҷамъиятӣ одамонро ба он далолат мекунад, ки барои ҳифзи ин ғояҳо одамон ба мубориза бархезанд.

Дар баробари чунин стратегия (нақшаҳо) итоаткорӣ ва ҷавоб ба зӯроварӣ дар ҳолати низоъ бо таҳаммулпазирӣ имконпазир аст. Рафтори таҳаммулпазирона дар асоси ақидае арзи ҳастӣ намудааст, ки бо калимаҳои аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ таҳаммулпазирӣ ҳамчун мафҳум маънои бисёр дорад. Мафҳуми таҳаммулпазирӣ дар натиҷаи раванди устувори ҳуқуқҳои гуманитарӣ пайдо шуд ва дар шуури одамон бо калимаи «сабр» ё «тобоварӣ» ва калимаи нозӯроварӣ шабоҳат дорад. Дар мактабҳои фалсафӣ - динии қадимаи ҳиндуӣ ин калима ё ибора маънои зарар нарасонидан ба мавҷудоти зиндаро дошт.

Дар фарҳангу маданияти ҳозира мафҳуми нозӯроварӣ қисман маънои худро нигоҳ доштааст, лекин дар муқобили зӯроварӣ дар муносибати байни одамон дар ҷамъият ба кор бурда мешавад. Нозӯроварӣ дар муқобили зӯроварӣ ҳамчун усули ҳалли низоъҳои ҷамъиятӣ ва пойдор кардани адолати иҷтимоӣ ба кор бурда мешавад. Аз таҷрибаи таърихӣ маълум аст, ки дар бисёр ҳолатҳо дар мавридҳои ноадалатиҳои иҷтимоӣ ду стратегияи маънавӣ-сиёсӣ роҳандозӣ мешуд, стратегияи итоаткорӣ ва стратегияи муқовимати ҳарбӣ [2,с.78]. Дар масъалаи некӣ ва бадӣ ҳеҷ кас чун судя буда наметавонад. Бинобар ин, масъалаҳои низои байни одамонро чунин тақсимбандӣ кардан номумкин аст. Барои он ки инсон дар ҳолати низоъ аз доираи ақлу маънавиёт берун наравад, вай бояд аз ақидае, ки гуё аз тарафи некӣ баромад мекунад, даст кашад ва тарафи муқобилро на ҳамчун бадӣ эътироф намояд.

Таҳаммулпазирӣ ва нозӯроварӣ биноан мафҳуми он қадар монанд ҳам нестанд. Фарқи таҳаммулпазирӣ аз нозӯроварӣ дар он аст, ки фаъолият ва ҷавобгариро барои расидан ба ҳадафҳо дар худ дорад, лекин таҳаммулпазирӣ аз инсон қатъият ва оромиши рӯҳиро талаб дорад. Дар забони русӣ калимаи таҳаммулпазирӣ чӣ тавре, ки дар боло зикр гардида буд, ба калимаи «сабр» ё «тобоварӣ» наздик аст. Дар луғатномаҳои фарҳанги русӣ сабр ва тобоварӣ аввалан, ҳамчун қобилияти оштӣ карданро дорад, дуюм муносибати таҳаммулпазиронаро дорад. Сабру тоқат ин қобилияти баланди психологию рӯҳии фард аст. Дар фазои маънавии ин категория мафҳуми бахшандагӣ, меҳрубонӣ, олиҳимматӣ ва кумак кардан ба дигарон арзи ҳастӣ дорад, ё ин ки таҳаммулпазирӣ имконпазир аст.

Мутаассифона, дар давраи Шӯравӣ босабрӣ таҳқир мешуд, рад карда мешуд. Дар хубтарин маврид он ҳамчун суиистифода ва хиёнат маънидод карда мешуд. Ҳариф ҳамчун душмане шинохта мешуд, ки ӯ ошкор карда мешуд ва маҳв мегашт. Мумкин аз ҳамин сабаб рози нуҳуфтае дар баёни калимаи таҳаммулпазирӣ дар луғатномаҳои замони Шӯравӣ вуҷуд дошт, чунки луғатномаҳо роҳбаладии забонии сиёсати давлат буданд ва босабрию таҳаммулпазирӣ, ҷаҳонбинии ғайр, дини ғайр, андешаи ғайр маҳсуб мешуданд, аз ин рӯ ин калима серталаб набуд ва танҳо дар ҳолати ғайрифаъол ҳамчун калимаи куҳнашуда мавҷуд буд [1,с.6]. Маънои дигари калимаи босабрӣ ё тобоварӣ чуноне ки гуфта гузаштем, на сифати ботинии шахсият, балки муносибатро ифода мекунад. Эҳтиёҷоти пайдо намудани унсурҳои мусоидаткунанда ҳалли низоъҳо ва ихтилофҳо дар зиндагии воқеӣ ба пайдо шудани истилоҳи босабрӣ, пуртоқатӣ оварда расонд.

Дар тадқиқоти В. М. Золотухин, ки ба таърихи пайдоиши истилоҳи «босабрӣ» «тобоварӣ» бахшида шудааст, мо метавонем таърихи пайдоишу инкишофи истилоҳи таҳаммулпазириро мушоҳида кунем. Аз вақти асосноккунии андешаи Протогор дар бораи он ки «инсон ченаки ҳама чизҳо мебошад», муносибат ба инсон тағийр меёбад, яъне худташаккулдиҳии инсон муайянкунандаи фаъолияти ҳаётӣ ва малакаҳои рафтор ғояи ҳукмфармо мешавад [5,с.11]. Протогор инчунин қайд менамояд, ки ба одамон «малакаи зиндагӣ дар ҷамъият намерасад, ин дар сурате ки дар байни одамон «шарм» «ҳаё» ва «муносибати дӯстона» омили муттаҳидшавии онҳо мегардад. Сабру тоқат ва тобоварӣ ба тағйироти иҷтимоӣ аз арзишҳои маънавӣ ва фарҳангии халқи рус маҳсуб меёбанд ва шакли барномарезишудаи одамон мебошад

Фаҳмиши дуюми калимаи сабру тоқат, чи хеле ки дар боло зикр гардид, на ҳамчун хусусияти ботинии фард, балки ҳамчун муносибат муаррифӣ мегардад. Талаботи ҷустуҷӯи унсурҳои мусоидаткунанда барои ҳаллу фасли муқобилиятҳо ва низоъҳои зиндагӣ мусоидат

намудааст. Муқаррар намудани ченакҳо дар рафтору муносибати одамон ва лаззатҳои зиндагӣ дар фалсафаи юнониён яке аз муқаррароти меъёрии этикаи атиқа маҳсуб меёбад, ки ба ғояи баробарии одамон такя мекунад.

Демокрит диққати махсус ба он медиҳад, ки «ҳаё» ва уҳдадорӣ ҳамчун маҳдудкунандаи ботинии фаъолияти инсонӣ ҳуқуқро аз маънавиёт ҷудо мекунад. Афлотун бошад, дар муколамаи худ «Георгий» ғояҳои Сукротро азнавсозӣ карда, мафҳуми сабру таҳаммулро омили муттаҳидии иҷтимоию равонӣ меҳисобад. Асоси этикаи Арастуро накукории «миёна» ташкил медиҳад. Донишманд А. Золотухин таҳкимёбии таҳаммулпазириро ҳамчун имконияти мавҷудияти баробарарзиш мешуморад, махсусан дар ҷодаи маънавиёт, ки муайянкунандаи рафтори одамон мебошад [6,с.44].

Сабр бо худнигоҳдорӣ монанд шуда, барои расидан ба мақсадҳои олӣ мусоидат намуда, ҳамчун асоси маънавиёт арзёбӣ мегардад. Сенека сабру тобовариро асоси мардонагӣ меҳисобад, чунки дар он ақлгароӣ асту истодагарӣ, ки ба хоҳишҳо ва неъматҳое нисбат дорад, ки иҷроиш ва тантанаи онҳоро на «анбӯҳи табриккунандагон», балки зонуқаткунандагон амалӣ месозанд. П. Тертулман дар рисолаи худ «Дар бораи сабр» сабру тоқатро дар мақоми аввал мегузорад. Арзиши амалӣ ва эътирофи сабру тоқат аз тарафи ҷамъият барои ӯ арзиши хоссаро касб мекунад. Ӯ мавҷудияти худро дар шакли илоҳият, муайянкунандаи итоат ва зоҳидӣ (канораҷӯӣ) аз олами моддӣ нишон медиҳад. Нуқтаи назари насронӣ оиди «сабру тоқат» дар натиҷаи талаботи инсон ба инсондӯстӣ ва баробарҳуқуқии байни одамон ба вуҷуд омадааст. Сабру тоқат, ки дар асоси «ишқ», «итоат» ва «бахшиш» пайдо гардидааст, дар зери ҳимояи пурзӯрӣ ва шарму ҳаё, ки ба тарбияи насрониён дар рӯҳияи накукорӣ ва итоаткорӣ нисбат ба онҳое, ки Худо дар болои онҳо гузаштааст, мусоидат мекунад [9,с.29-30].

Дар замони маорифпарварӣ муҳиммияти сабру тоқат ба вуқӯъ мепайвандад. Ҷ. Локк «сабру тоқатро» ба пайдоиши зӯроварӣ нисбат медиҳад, барои он ки зарурияти муайян намудани ҳадду ҳудуди мавҷудият ба миён меояд. Сабру тоқат ба таъминсозӣ ва нигоҳдории адолат алоқамандӣ дорад ва дар ҳолати халалдор кардан ва ё вайрон кардани он давлат ҳақ дорад, ки ин қонунвайронкуниҳоро дар чаҳорчубаи қонун ва принсипҳои сабру тоқат ҳал намояд. А. Шопенгауэр ва А. Гален сабру тоқатро ҳамчун муносибати «Ман» нисбат ба худ ва «Ту», «Вай», «Мо» нисбат ба дигарон муайян сохта буданд. Барои И. Кант бошад, сабр дар муқобили бадбинӣ гузошта шудааст, ки нангу номус дар инсон ҳамчун уҳдадорӣ дар тартибу интизом тарбия карда мешавад[8,с.76]. И. В. Гёте баъдан Шеллинг ва Гегел, накукориро ҳамчун нуқтаи ниҳоии танқидии ҷамъият нишон додаанд, ки маънавиёти инсонро аз нестшавӣ нигоҳ медорад ва сабру таҳаммул дар бисёр маврид ба ин мусоидат менамояд. Ба даст овардани сабр аз мураккаб шудани инфросохтори ҷомеа мумкин мегардад. Дар асоси гуфтаҳои боло гуфтан мумкин аст, ки мафҳуми «сабр» ва баъдан мафҳуми «таҳаммулпазирӣ», пеш аз ҳама, вобаста аст аз кӯшиши инсон ба худташаккулдиҳӣ, худинкишофдиҳӣ ва хоҳиши зиндагӣ кардан дар ҷамъияти инсондӯст бо ғояҳои баробарҳуқуқӣ. Имрӯз таҳаммулпазирӣ ин қоил будан ба арҷгузорӣ ва эҳтиром ба муқаддасоти ҳар як халқ, ҳар як одам ва бовар доштан ба он аст, ки як халқият ё як инсон аз дигаре бартарият надорад. Таҳаммулпазирӣ маънои бепарвоӣ ба ҳама фикру ақидаҳоро надорад. Эҳтимол ин ҷиноят аст, вақте ки мо нисбат ба миллатчигӣ ва даъват ба зӯроварӣ хомуш мешинем.

Эътироф намудани ҳуқуқҳои гуногун асоси таҳаммулпазирӣ аст, махсусан вақте ки дар бораи ҳуқуқҳои ақаллият сухан меравад. Соли 1995 16 - ноябр давлатҳои аъзои ЮНЕСКО Декларатсияи принсипҳои таҳаммулпазириро қабул намуданд

Таҳаммулпазирӣ барои ноил гаштан ба сулҳу ваҳдат ва тағийр додани маданияти ҷанг ба маданияти сулҳ мусоидат менамояд. Таҳаммулпазириро набояд ба маънои гузаштнамоӣ, илтифот ва чашмпӯшӣ ба кирдори ношоям фаҳмид. Таҳаммулпазирӣ, пеш аз ҳама, муносибати фаъол аст, ки дар асоси эътирофи ҳуқуқҳои универсалӣ ва озодиҳои асосии инсон ташаккул меёбад.

## АДАБИЁТ


1. Асмолов А. Г. Толерантность как культура в XXI в. / А. Г. Асмолов // Век толерантности: научно-публицистический вестник. -М., 2004. -№ 7. -С.4-8.
2. Гусейнов А. А. Этика ненасилия / А. А. Гусейнов // Вопросы философии. -1992. -№3.-С.72-81.
3. Декларация принципов толерантности. Утверждена резолюцией 5.61. Генеральной конференции ЮНЕСКО от 16 ноября 1995 года // Век толерантности: Научно-публицистический вестник. - М.: МГУ, 2001.
4. Золотухин В.М. Толерантность как проблема философской антропологии: автореф.дис.д-ра филос. наук / В.М. Золотухин. – Кемерово, 2005.
5. Риэрдон Бетти. Толерантность – дорога к миру / Р. Бетти. – М.: Бонфи, 2001.-303 с.
6. Толерантность / Общ.ред. М.П.Мчедлова. - М.: Республика, 2004.- 416 с.

7. Толерантность и сознание. - М., 1997.
8. Толерантность: сб.науч.статей / под. ред. М. Б. Хомякова. -Екатеринбург, 2000.
9. Уолцер М. О терпимости / М.Уолцер; Перевод с анг. яз. И. Мюрнберг. - М.: Идея-Пресс, Дом интеллектуальной книги, 2000. – 160 с.
10. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале приемственности и смены поколений / Ш.Шоисматуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2008.-320 с.

**ФАҲМИШИ ФАЛСАФӢ ВА ИҶТИМОИВУ ФАРҲАНГИИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ**

Мақолаи мазкур ба шарҳу тафсири фалсафии падидаи таҳаммулпазирӣ бахшида шудааст.Муаллиф кӯшиш намудааст, ки усулҳои асосии фаҳмиши таҳаммулпазириро таҳлил намояд. Муҳиммияти таҳаммулпазирӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, имконпазирии фарҳанги фарогир дар раванди бартараф кардани мушкилоти глобалии ҷомеаи муосир баррасӣ карда шудааст. Тибқи маълумоти муаллиф, ҷомеаи имрӯза бо зарурати таъмини оромии ҷаҳони муосир рӯ ба рӯ шудааст. Тахмин меравад, ки таҳаммулгароӣ яке аз кафолатҳои суботи иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир мебошад. Аз таҳлили ин масъала, муаллиф ба хулосае омадааст, ки консепсияи таҳаммулпазирӣ аҳаммияти умумиинсонӣ ва ҳамагонӣ дорад ва имрӯз таҷрибаи байналхалқӣ онро ҳамчун як ҳолати зарурӣ барои муошират байни одамони фарҳангҳои мухталиф, гурӯҳҳои этникӣ ва гурӯҳҳои динӣ муайян намудааст.

**Калидвожаҳо:** фарҳангӣ, таърихӣ, таҳаммулпазирӣ, фарҳанг, инсон, тамаддун, декларатсияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ, фарҳанги демокративу сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, байналхалқӣ, инсонгароӣ, дин, таълимот, рӯҳоният, таҳаммулнопазирӣ, ҷаҳонбинӣ, сабру тоқат, мақсад, ахлоқ, одоб, адолат.

**ФИЛОСОФСКОЕ И СОЦИОКУЛЬТУРНОЕ ПОНИМАНИЕ ТОЛЕРАНТНОСТИ**

В статье представлены основные философские подходы к интерпретации феномена толерантность. Автор пытается представить основные подходы к пониманию толерантности, приводится определение понятия «толерантность». Рассматривается значение толерантности в условиях глобализации, возможности мультикультурализма в процессе преодоления глобальных проблем современного общества. По мнению автора, в настоящее время общество сталкивается с необходимостью обеспечения толерантного мироустройства. Делается заключение о том, что толерантность является одним из гарантов общественной стабильности в современном обществе. Из анализа данной проблемы автор приходит к выводу, что понятие толерантности все больше приобретает общечеловеческую, универсальную значимость и сегодня международная практика ее определяет как необходимое условие общения людей разных культур, этнических и межконфессиональных групп.

**Ключевые слова:** культурный, исторический, толерантность, культура, человек, цивилизация, декларация, принцип толерантности, демократической политической культуры, гражданское общество, международный, гуманизм, религия, любовь, воззрение, духовность, ненасилие, мировоззрение, сдержанность и терпение, мотив, этика, мораль, справедливость.

**PHILOSOPHICAL AND SOCIOCULTURAL UNDERSTANDING OF TOLERANCE**

The article presents the main philosophical approaches to the interpretation of the phenomenon of tolerance. The author feeds on the main approaches to the understanding of tolerance, provides a definition of the concept of "tolerance".The importance of tolerance in the context of globalization, the possibility of multiculturalism in the process of overcoming the global problems of modern society are considered. According to the author, society is currently faced with the need to ensure a tolerant world order. It is concluded that tolerance is one of the guarantors of social stability in modern society. From the analysis of this problem, the author comes to the conclusion that the concept of tolerance is becoming increasingly universal, universal significance and today international practice defines it as a necessary condition for communication between people of different cultures, ethnic and interfaith groups.

**Keywords:** cultural, historical, tolerance, culture, person, civilization, declaration of the principle of tolerance, democratic political culture, civil society, international, humanism, religion, love, outlook, spirituality, non-violence, worldview, restraint and patience, motive, ethics, morality, justice.

**Сведения об авторе:** ***Умедов Мастон Хамдамович*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры истории философии и социальной философии философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки,17.Телефон:**+992 93 3013100**

**Information about the author:** ***UmedovMastonHamdamovich*** - Tajik National University, doctoral candidate of the Department of History of Philosophy and Social Philosophy of the Faculty of Philosophy. ***Address:*** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Telephone: **+992 93 3013100**

**УДК 177.1**

# АҚИДАҲОИ ФАЛСАФИИ ҶОМӢ

***Ашурзода Наврӯза***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои пайдо намудани тасаввуроти комилтар дар бораи таълимоти Ҷомӣ дар бораи инсон зарур аст, ки мо ҳадди ақал бо масоилии умумии инсон шинос шуда, баъдан ба робитаи ӯ бо тасаввуф ва осори бевосита сӯфиёнаи ӯ аз наздик ошноӣ дошта бошем. Илова бар ин, номи Ҷомӣ танҳо бо шоирӣ машҳур набуда, ҳамчун пайрави тариқаи нақшбандия

машҳур буда, асарҳои зиёде оид ба тасаввуф таълиф намудааст, ки муҳаққиқон ин самти фаъолияти ӯро нодида наметавонанд.

Маълум аст, ки масоили офариниши олам ва инсон яке аз масоили мубрами фалсафаи асрҳои миёнаи Шарқ ба ҳисоб меравад, ки ҳар мутафаккир саъй намудааст, ки абъоди гуногуни онро дар асарҳояш шарҳу баён намояд ва Ҷомӣ ҳам ҳамчун яке аз донишмандони бузурги асри хеш аз ин истисно намебошад. Масъалаи зуҳури олами моддиро Ҷомӣ амали мураккаб ва мушкил меҳисобад, аз ин рӯ, ӯ ба кушодани асрори олам тавассути ошкор сохтани диалектикаи шаклу мазмун наздик мешавад. Ҷомӣ собит мекунад, ки саъю талоши одамӣ барои шинохти мушкилоти офариниши оламу одам беҳуда аст. Ба андешаи ӯ, барои ҳаллу фасл намудани мушкилоти ҳастӣ бояд ба масъалаи таносуби рӯҳ ва модда, ки аз ҷониби файласуфони қадиму асрҳои миёна мавриди баҳсу мунозира қарор дошт, бояд таваҷҷуҳ дод. Дар тасаввуф, ки Ҷомӣ яке аз идомадиҳандагони мактаби ваҳдати вуҷуд ба ҳисоб меравад, масъалаи ҳастӣ аз мавқеъҳои гуногун ҳаллу фасл меёбад: агар аз ҷонибе ҳастии ҳақиқӣ бо Худо як чиз дониста шавад, аз ҷониби дигар, олами моддӣ низ новобаста аз тағйирёбандагӣ, муваққатӣ, ҳамчун ҳастӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ба андешаи сӯфиёне ҳамчун Саноӣ, Аттор, Мавлоно Румӣ ва дигарон Худо нахустиллат ва мабдаи тамоми ашё буда, ҳама чиз боз ба Ӯ бозгашт менамояд. Тибқи таълимоти сӯфиён, Худо ҳастии мутлақест, ки берун аз доираи эҳсосот ва ақли одамӣ қарор дорад. Зоти ӯро наметавон тавассути аъзоҳои ҳисс ва ақли одамӣ ва тавассути далоили ақлӣ-мантиқӣ шинохт. Ҳастии мутлақро сӯфиён дар аксари ҳолатҳо ба нуре шабоҳат медиҳанд, ки асоси нафси кулро ташкил медиҳад. Касрати табиат бо тамоми зуҳуроти гуногунаш зуҳурот ва таҷаллии ин нур мебошад [8,с.38]. Румӣ Худоро бо табиат айният дода, табиатро ҳамчун таҷаллии Худо мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз назари Ҷомӣ, дар марҳалаи аввал ҳастӣ ва зуҳуроти он ҳанӯз фарқ намекунанд, зеро ҳастии мутлақ ҳанӯз худро накушода, дар ҳамон ҳолати аввалаи худ, ваҳдати комил қарор дорад. Ҳастии мутлақ дар ин марҳала дар худи худаш пӯшида аст, барои ҳамин дар бораи Ӯ бо категорияҳо сухан гуфтан, ки зуҳуроти оламро ошкор месозанд, хилофи мантиқи ҳастии мутлақ мебошад. Ҳастии мутлақ тавассути **таайюн** ба тадриҷ ошкор мегардад, ки назди сӯфиён ҳар сатҳи он дорои номи махсуси худ мебошад. Барои мутахассисон маълум аст, ки ин **назарияи таайюн** аз назарияи судур (эманатсия)-и навафлотуния маншаъ мегирад. Масалан, Плотин тамоми мавҷудоти дар худ, дорои чизи асосӣ, яъне воҳид медонад. Бидуни ин ваҳдоният (ягонагӣ) таайюн вучуд надорад ва бе таайюн ҳастӣ ҳам вучуд надорад. Ба андешаи муҳаққиқи рус, «Вазифаи аввалиндараҷаи Плотин – ба тадриҷ аз ваҳдати илоҳӣ берун овардан – ҳамчун аз заминаи охирини ҳама навъи ҳастӣ – берун овардани ҳамоҳангии ашёи боқимонда, ки дар олам вуҷуд дорад ва нишон додани роҳи бозгашт аст, ки бори дигар ин бозгашт ба ваҳдати мабдаӣ анҷом мегирад» [6,с.510].Тасаввуроти фалсафии зуҳури олами моддиро аз Воҳиди Мутлақ шарҳ дода, Ҷомӣ онро аз мавқеи таълимоти ваҳдати вуҷуд ҳаллу фасл мекунад ва тамоми оламро зуҳур ё таҷаллии Худо меҳисобид. Аз назари ӯ ҳама мавҷудоти мастур ва зоҳиргаштаи олами моддӣ шаҳодати таҷаллии Худо мебошанд.

Сабаби худ ба худ зоҳиршавии ҳастии мутлақро Ҷомӣ ҳамчун хоҳишу иродаи лаззат бурдан аз ҷамоли худ шарҳ медиҳад, ки шаклҳо ва сифатҳои гуногун гирифтааст. Барангезандаи таҷаллии ҳастии мутлақ -Худо – аниқтараш ишқ мебошад. Зуҳуроти олами моддиро Ҷомӣ ҳамчун натиҷаи таҳаққуқи моҳияти Худо, яъне раванди таназзули Худо медонад. Ба андешаи Ҷомӣ мабдаъ ва маншаи тамоми вуҷуд таҷаллии ҳастии ягона, яъне Худо аст, ки аксари шоирони сӯфимазҳаб -Саноӣ, Аттор, Мавлоно Румӣ, Шабистарӣ ва дигарон аз ин андеша тарафдорӣ намудаанд. Қабл аз зуҳур ҳастии воҷиб дар худаш мастур будааст ва ҳамин тариқ, олам натиҷаи хоҳиши зоҳир гардонидани Худо, ҳолати гузариш ё интиқоли Ӯ аз **ваҳдат ба касрат** мебошад. Таҳлили ашъор ва махсусан рубоиёти Ҷомӣ нишон медиҳад, ки ӯ дар радифи салафони ғоявии худ – Саноӣ, Аттор, Бедил, Ибни Арабӣ ва дигарон, тарафдори чунин андеша аст, ки то лаҳзаи аз ваҳдат пайдошавии касрат Худо дар ҳолати **лотаайюнӣ**, яъне номушаххасӣ, бешаклу симо вуҷуд дошт. Худо дар шабоҳат бо офтоб шуои анвори худро аз худ чудо карда, худаш бе тағйир боқӣ мемонад.Акнун фурсати муносиб фаро расидааст, ки дар партави андешаҳои ваҳдати вуҷудӣ андешаҳои Ҷомиро дар бораи шинохташавандагии Ҳақиқати мутлақ мавриди назар баррасӣ диҳем. Тасаввуроти ӯ дар бораи маърифати Ҳақиқати мутлақ чӣ гуна аст ва роҳҳои маърифати олами моддӣ ва зуҳуроти он дар чист?

Назарияи маърифати Ҷомӣ низ аз зиддиятҳо холӣ нест. Агар ӯ аз ҷонибе тарафдори ғояи шинохтанашавандагии Худоро ҷонибдорӣ намояд, аз ҷониби дигар, нақш ва мақоми ақлро дар шинохти олами моддӣ баланд арҷгузорӣ мекунад. Дар осори Ҷомӣ таъсири андешаҳои салафони ғоявии ӯ назаррас мебошад, зеро ӯ ҳарчанд инсонро аз офаридаҳои илоҳӣ эътироф намояд ҳам, Худо тавассути офаридаи худ, яъне инсон ба объекти маърифат табдил меёбад.

Омӯзиши бадеӣ-зебоишиносии осори Ҷомӣ дорои решаҳои амиқи фалсафӣ мебошад. Фалсафаи ӯ моломоли ғояҳои инсондӯстона, хайрхоҳона, зебо ва хеле ҷаззобу дилкаш мебошад. Дар фалсафаи ӯ инсон мавҷуди ягонаест, ки дар рӯ ба рӯйи Худо қарор дорад, яъне ӯ олами сағирест, ки тамоми олами кабирро дар худ таҷассум намудааст. Дар фалсафаи Ҷомӣ маҳз инсон шоистаи мақоми «хилофати илоҳӣ дар замин» эътироф шудааст. Масоили пайдоиш ва таини инсон яке аз проблемаҳои асосии фалсафаи асрҳои миёна ба ҳисоб меравад. Моҳияти омӯзиши антропологии инсон новобаста аз шаклҳои таърихии он аз он иборат аст, ки заминаҳои ҳастии инсон ва табиати ӯро муайян менамояд. Дар таърихи фалсафаи тоҷик, махсусан дар тасаввуф, масоили бо инсон алоқаманд новобаста аз он ки сӯфиён маҳз мутаваҷҷеҳи масоили метафизикӣ буданд, инсон бо тамоми орзую омол, таассуроту андешаҳои худ, дар маркази таваҷҷуҳи сӯфиён қарор дошта, яке аз ҷойҳои асосӣ ва марказиро ишғол мекунад.

Дар «Эътиқоднома»-и «Силсилат-уз-заҳаб» Ҷомӣ таълимоти исломро дар бораи Офаридгор, хилқати оламу одам, ҳаққонияти китобҳои илоҳӣ, фариштаҳо, сури Исрофил, пули сирот, ҳавзи Кавсар, дидори Ҳақ ва ғ. шарҳу баён намуда, таъкиди он маъно дорад, ки такомули инсон бидуни дин ва роҳнамоии шариати инсонӣ амри маҳол аст. Дар «Қиссаи зоҳид ва ориф» (дар «Силсилат-уз-заҳаб») аз шариат ва диёнат берун шудани шахси фосиқро бадтарин гуноҳ меҳисобад:

**Зоҳиде мегузашт дар роҳе,**
*Фосиқеро бидид ногоҳе.*
*Дар гуноҳи азим афтода,*
*Раҳ ба сӯи ҷаҳим бикшода.*
*Гуфт: «Ё раб, бигир сахт ӯро,*
*Деҳ ба селоби фитна рахт ӯро,*
*Киштияшро фиган ба мавҷи хатар,*
*То напечад зи хатти ҳукми ту сар».*
*Орифе он дуо шунид аз дур,*
*Бо дуогӯй гуфт, к-эй мағрур,*
***Чӣ гирифториаш аз ин афзун,***
***Ки ниҳад по зи шаръу дин берун?***
***Чӣ бало з-ин батар тавонад буд,***
***Ки бувад з-ӯ Худой нохушнуд?***

Дар масъалаи ҳукми қазо ва қадар Ҷомӣ андешаашро баён намуда, онро тағйирнопазир донистааст:

*Ҷомӣ макун андеша, ки тағйир наёбад,*
*Дар ҳукми азал ҳар чӣ муқаррар шуда бошад.*

Ҷомӣ дар ашъори худ молу сарвати зиёдро, сабаби ноамнӣ ва нороҳатӣ ҳисобида, вазъу ҳолати тиҳидастонро аз молдорон хубтару беҳтар медонад.

Ҳамин нуктаро бояд хотиррасон кунем, ки дар замони зиндагӣ ва эҷодиёти Ҷомӣ интишорёбии тасаввуф дар Осиёи Марказӣ бо мутафаккирони Мовароуннаҳр, аз қабили Ҳаким Тирмизӣ, Абӯхолиқ Ғиждувонӣ ва Аҳмади Ясавӣ алоқаманд дониста мешавад. Тасаввуф ва тариқатҳои гуногуни он дар Туркистон ва Мовароуннаҳр - ясавия, кубравия ва нақшбандия мебошанд. Асоси тасаввуфро саъю талош барои ба камол расонидани робитаи байни Худо ва солики тариқат ташкил медод. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф солик бояд ҳар нафас ва ҳар қадами худ зикри Худо кунад.Дар асри XII кубравия дар Хоразм охири асри XII ва нақшбандия дар асри XIV дар Бухоро интишор ёфтаанд. Ясавӣ шариати исломиро тарғиб намуда, таълимоти сӯфиёнаро оид ба камолот ва адолат аз роҳи интишор додани илму маориф ва риояи адолат ба роҳ монда буд. Ӯ чунин меҳисобид, ки бидуни риояи комили шариат, камолот ва бидуни камолот маориф ва бидуни маориф адолат ба даст намеояд, зеро ҳар яке дигареро пурра ва такмил медиҳад.

Намояндаи дигари ин ҷараён Наҷмиддин Кубро (1145-1221) буда, дар Хоразм мактаби худро бо номи **кубравия** таъсис додааст. Асоси таълимоташро даҳ қоида аз қабили зуҳд, таваккул, муроқаба, ризо ва ғ. ташкил медиҳанд. Тафовуташ аз кубравия инкор кардани зоҳидӣ мебошад. Кубро ғояеро пешниҳод намуда буд, ки пайравонаш ҳангоми саъю талош дар роҳи камол, аз неъматҳои моддӣ рӯй намегардониданд. Кубро соли 1221 дар ҷанг бо муғулон ба қатл расидааст. Баҳоуддини Нақшбанд дар назди падараш илмҳои ибтидоиро омӯхта, баъди ба синни балоғат расидан дар назди устодоне, аз қабили Ҳоҷи Муҳаммад Бобо Самосӣ ва Амир Сайид Кулол дарс хондааст. Ӯ дар асарҳояш «Ҳаётнома» ва «Далел-ул-ошиқин» асосҳои таълимоти худро баён намудааст, ки дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм пайравони зиёде пайдо кардааст. Асоси таълимоташро ғояи ноил омадан ба камолот тавассути меҳнат ва ибодати Худо («Даст ба кору дил ба Ёр») ташкил медиҳад. Пайравонаш

одамонро ба покӣ, меҳнатдӯстӣ, ёрӣ додан ба муҳтоҷон, ихлосу самимият ва фурӯтанӣ даъват менамуданд. Нақшбандия низ гӯшанишинӣ ва зоҳидиро инкор намуда, меҳнатдӯстӣ, маориф ва адолатро тарғиб менамуд. Дар тавсеаёбии нақшбандия Хоҷа Аҳрор, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ ва дигарон саҳми бузург гузоштаанд.

Таъсири тасаввуф дар осори Ҷомӣ ва махсусан таълимоти иҷтимоии ӯ, ки ғояи факр ва баробарӣ ва бародарии сӯфиёнаро тарғиб менамуд, зиёд ба назар мерасад. Зери таъсири тасаввуф ӯ ҷомеаи хаёлии адолатпешаро бо сохти ҷамъиятие бунёд намуда буд, ки дар он на ҳокимият ва на қонунгузорӣ, на молу сарват ва на низоъҳои иҷтимоӣ вуҷуд надошта, баробарии одамон ҳукмрон буд.

Ҳамчунин, таъсири маънавии бузурги тасаввуф дар таълимоти сӯфиёнаи инсон низ назаррас мебошад. Зери таъсири бевоситаи ин мутафаккир ғояҳо ва афкореро ташаккул медод, ки дар онҳо арзишу қимат ва мақоми инсон дар ҷомеа ниҳоят баланд буда, камолоти маънавӣ ва ахлоқии шахсро тақозо мекунад. Ҷомӣ ба ҳифз ва ҳимояти манфиатҳои одамони одӣ – бенавоён, камбизоатон, аҳли косибон, ҳунармандон озод намудани ғуломон баромад мекард. Ӯ ба имкониятҳои беохир ва беҳудуди инсон ва нақши муҳимми нерӯҳои халлоқу эҷодкори инсон дар ҷомеа итминон дошт, ки метавонист манфиатҳо ва ҳуқуқҳои одамон, ҳокимият ва ҷомеа мусоидат намояд. Мутафаккир симои шоҳи ормонӣ ва оқилу хирадманд ва аз ҷиҳати ахлоқӣ ва маънавӣ комилеро эҷод намуд, ки манфиати мардум ва ҳукмрон шудани озодиҳои онҳоро ҳимоят мекард. Ҷомӣ бо ин восита қобилият ва истеъдодҳои пинҳони фавқулодаи инсонро ошкор мегардонад, ки метавонад дар ҷомеа адолат ва озодиҳои ӯро таъмин гардонад.Заминаи ҷаҳонбинии таълимоти Ҷомиро аслиёти дар он замон ҳукмрони муносибатҳои байни ҷомеа ташкил медоданд. Ҷомӣ нуктаҳои марказии исломро барои асоснок кардани ғояҳои пешқадами худ истифода бурда, масалан, онҳоеро, ки неруи халлоқонаи ақлу хирадро дар ҷомеа таъкид намуда, зарурати инкишоф ва тавсеа додани онро дар ҷомеа нишон медоданд, ҳурмату эҳтироми уламо, аҳли ҳунар ва донишмандон ва истифода накардани зулму ситам ва адолатро тақозо мекард.

Ҷомӣ он донишу маорифи фалсафиеро ба роҳбарӣ мегирифт, ки дар он замон ҳукмрон буданд. Ҷомӣ зери таассуроти ҳикмати юнонӣ, андешаҳои худро бо гуфтаҳои донишмандони юнонӣ асоснок карда, ному гуфторҳои Пифагор, Суқрот, Арасту ва дигаронро ҳамчун далел ва меъёри ҳақиқат истифода мебурд. Аз ин рӯ, инсон ва манфиатҳои ӯ, зиндагӣ ва шарафи инсон дар маркази таваҷҷуҳи Ҷомӣ қарор доштанд. Ӯ таълимоти инсондӯстонаи худро, ки ҳадафи он боло бурдани инсон дар ҷомеа, ҳимоя ва пуштибонии ҳуқуқу манфиатҳои одамон, шаъну шарафи одамон буд, тарҳрезӣ намуд. Ӯ бо ҳар роҳу восита табақаи меҳнаткашон, бенавоёну мазлумонро ҳимоя намуда, меҳнату заҳматҳоро баҳри ободонии ҷомеа тавсифу таҳсин мекард. Дар баробари таърифу таҳсини мақоми илму дониш, маърифат он табақаи аҳолиро, ки аз ҳисоби мардуми одӣ ва зери зулму ситам қарордошта зиндагӣ мекарданд, зери тозиёнаи танқиди беамон қарор медод. Ҷомӣ ба имкониятҳои номаҳдуди созандаи инсон итминони комил дошта, инсонро ҳамчун неруи асосии эҷодкору созандаи ҷомеа баррасӣ мекард. Ӯ ғояи баробарии умумии одамонро пешниҳод намуда, зарурати аз ғуломӣ озод намудани одамон ва дастгирии камбизоатону бенавоёнро асоснок менамуд.Нақшбандия ҷавобгӯи таълимоти ислом буда, асли асосии он пайравии қатъӣ аз васиятҳои Пайғамбар (с) ва саҳобаҳои ӯ мебошад. Дар тафовут аз дигар ҷараёнҳои собиқи тасаввуф нақшбандия, гӯшанишинӣ ва тарзи ҳаёти зоҳидонаро ихтиёр накарда, «даст ба кор ва зикри Ёр» буданро тарғиб менамуд. Вазифаи аввалиндараҷаи инсон, қабл аз ҳама, ба наздикон хидмат кардан ва беғаразона кумак расонидан ба мардум мебошад, на ихтиёр кардани гӯшанишинӣ ва дурӣ аз дарду ғами мардум. Ҷомӣ ҳамчун намояндаи ин ҷараён, тарбия, шахсият ва хислати ӯ барояш имкон надоданд, ки ӯ мустақиман ба амалияи сӯфиён машғул шавад. Барои ҳамин ӯ асосан бо назарияи асосҳои амалии тасаввуф ва махсус ҷараёни нақшбандия машғул гардид. Зиндагии ӯ зери сарварии шайхи худ Саъдуддини Қошғарӣ дар фаъолияти илмию эҷодӣ ва суҳбат бо ҳамфикронаш сипарӣ мешуд. Ӯ дар «Сабҳат-ул-аброр» ба масоили таълимоти тасаввуф ва таҳлили аҳволи солики тариқат дахл намуда, сӯфинамоёнро зери танқиди беамон қарор додааст, ки онҳо бо роҳи найрангу фиреби мардум сарвату амвол ҷамъ меоварданд. Ҷомӣ ба муқобили онҳое баромада буд, ки дарвешию сӯфигиро ҳамчун манбаи даромад ва айшу нӯш медонистанд. Шоир таъкид бар он мекард, ки сӯфиёни ҳақиқӣ онҳое ҳастанд, ки худро аз манфиатҳои шахсӣ маҳрум гардонидаанд, сӯфии ҳақиқӣ он аст, ки худ «дарди сари дигарон нашуда», бо ҳар роҳу восита кумакрасони бечорагону бенавоён бошад.

## АДАБИЁТ


1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. -Душанбе: Адиб, 1987.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. Иборат аз 8 чилд. Ҷилди 3. -Душанбе: Адиб, 1985.
3. Абдураҳмони Ҷомӣ. Фотиҳат-уш-шубоб. Девони 1. Қисми аввал. -Теҳрон, 1479.
4. Абдураҳмони Ҷомӣ. Замони зиндагӣ, ҳаёт ва эҷодиёт. -Душанбе: Ирфон, 1965.

5. Алишер Навоӣ. Хамсат-ул-мутаҳайирин. – Душанбе: Адиб, 1989. -96 с.
6. Асмус В.С. Античная философия / В.С. Асмус. – М., 1976.
7. Аълохон Афсаҳзод. Ҷомӣ адиб ва мутафаккир. -Душанбе: Ирфон, 1989.
8. Муҳаммадходжаев А. Мировоззрение Фаридидина Аттара / А. Муҳаммадходжаев. - Душанбе, 1974.
9. Расул Ҳодизода. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик. -Душанбе: Адиб, 1999.
10. Ҳазратқулов М. Тасаввуф / М. Ҳазратқулов. - Душанбе: Маориф, 1988.

**АҚИДАҲОИ ФАЛСАФИИ ҶОМӢ**

Дар мақолаи мазкур муаллиф ҷанбаҳои фалсафии таълимоти Абдураҳмони Ҷомиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар мақола ҷанбаҳои тасаввуфии таълимоти Ҷомӣ зикр гардидаанд, ки он ба дигар сӯфиёни асри баъдӣ, ба монанди – Саноӣ, Аттор, Навоӣ, Бобо Самосӣ таъсири беандоза гузоштаанд. Ҳамчунин, асарҳои тасаввуфии Ҷомӣ дар мақола зикр гардидаанд. Ӯ дар асарҳояш «Ҳаётнома» ва «Далел-ул-ошиқин» асосҳои таълимоти худро баён намудааст, ки дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм пайравони зиёде пайдо кардааст. Асоси таълимоташро ғояи ноил шудан ба камолот тавассути меҳнат ва ибодати Худо («Даст ба кору дил ба Ёр») ташкил медиҳад. Пайравонаш одамонро ба покӣ, меҳнатдӯстӣ, ёрӣ додан ба муҳтоҷон, ихлосу самимият ва фурӯтанӣ даъват менамуданд. Нақшбандия низ гӯшанишинӣ ва зоҳидиро инкор намуда, меҳнатдӯстӣ, маориф ва адолатро тарғиб менамуд. Дар тавсеаёбии нақшбандия Хоҷа Аҳрор, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ ва дигарон саҳми гузоштаанд.

**Калидвожаҳо:** Абдураҳмони Ҷомӣ, тасаввуф, Худо, назарияи судур, антропология, лотаайюнӣ, ваҳдати вуҷуд, ҳастӣ.

**ФИЛОСОФСКИЕ ИДЕИ ДЖАМИ**

Джами излагает свои философские взгляды в своих мистических произведениях «Хаётнома» и «Далелу-л-ошикин», и унего были поклонники и последователи в Мавераннахре, Хорасане и Хорезме. Основы его учения заключаются в достижении вершин с помощью труда и поклонения Богу («Даст ба кору дил ба Ёр»). Его последователи призывали людей к чистоте, трудолюбию, образованию и справедливости. Накшбандия тоже пропагандирует среди людей трудолюбие, образование и справедливость. Ходжа Ахрор, Абдурахман Джами, Алишер Наваи и другие внесли огромный вклад в развитие накшбандия. Следует отметить, что данная статья имеет большую научную значимость и в формировании и изучении философских произведений Абдурахмана Джами и для любителей его философских учений служит в качестве источника.

**Ключевые слова:** Абдурахман Джами, мистика, Бог, антропология, единство существования, бытие.

**PHILOSOPHICAL IDEAS OF JAMI**

Jami expounds his philosophical views in his mystical works “Hayotnoma” and “Dalelu-l-oshikin”, that there were his admirers and supporters in Movarounnakhr, Khorasan and Khorasme. The basis of his teaching is to reach the top through labor and the worship of God (“Dast ba koru dil ba yor”). His followers invited people to purity, hard work, education and justice. Naqshbandia also promotes people for diligence, education and justice. Khoja Akhror, Abdurahman Jami, Alisher Nawai and others have made a huge contribution to the development of the Naqshbandia. It should be noted that this article has great scientific importance and in the formation and study of the philosophical works of Abdurahman Jami and for fans of his philosophical teachings serves as a source.

**Key words:** Abdurahman Jami, mystic, God, theory and sudur, anthropology, unity of existence, being.

**Сведение об авторе:** ***Ашурзода Навруза*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры онтологии и теории познания философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: **935-87-91-11**

**Information about the author**: ***Ashurzoda Navruza*** – Tajik National University, graduate student of the department of ontology and knowledge theory of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel.: **935-87-91-11**

**УДК: 122/129 (091)**

## АФКОРИ МАОРИФПАРВАРОНАИ АБДУРРАҲМОН АЛ-КАВОКИБӢ

***Амондуллоев Б.С., Ғоибова Ф.М., Қодиров М.З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маорифпарварӣ ҳамчун ҷараёни фарҳангӣ ва сиёсӣ-иҷтимоӣ дар асрҳои XVII-XVIII дар Аврупо ба вуҷуд омада, пайравони он бо афкор ва андешаҳои пешқадами худ таҳаввулоти азиме дар тафаккури иҷтимоии ин минтақа ба вуҷуд оварданд. Мутафаккирони ин сарзамин, ба мисли Ҷ. Локк, Ф. Волтер, Ш. Монтескё, Г.Лесинг, И. Гёте, Ж. Ж. Руссо, Д. Дидро ва дигарон аз шахсиятҳои барҷастаи ҳаракати маорифпарварӣ дар Аврупо ба ҳисоб меравaнд, ки ба ҳайси андешамандони саршиноси замони худ баҳри инкишофи илму маориф, барҳам додани монеа ва иллатҳои мавҷудаи ҷамъият, ба низом даровардани қонунгузорӣ ва ғайра кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода, ба ин васила, ба пайдоиш ва инкишофи ҷараёни маорифпарварӣ асос гузоштаанд. Ҳамин тавр, ҷараёни маорифпарварӣ чун ҷунбиши сиёсиву

фарҳангӣ ва идеологии замон дар Аврупо мавқеъ пайдо кард.

Таъсири афкори маорифпарварони аврупоӣ дар асри XIX дар ҷаҳонбинии равшанфикрони кишварҳои дигар, аз ҷумла манотиқи Шарқ, нуфуз пайдо мекунад, ки намояндагонаш таълимоти маорифпарвариро барои бедории шуури миллӣ, истиқлолияти миллӣ ва худшиносии халқҳои дар зери нуфузи аҷнабиён қарор гиифта ва ба муқобили мустамликадорони барои озодӣ аз зери истибдод истифода бурда, ба комёбиҳои назаррас ноил гардиданд. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои фарқкунандаи афкори маорифпарварон ва пайравони онҳо аз мутафаккирони қаблӣ, ки ба маориф таваҷҷуҳ намудаанд, дар он аст, ки онҳо мехостанд, ҳокимияти сиёсиро бо рушди маориф бипайванданд ва тавассути маърифати умум ба низоми сиёсӣ таъсири мусбӣ расонида, ба ин васила камбудиҳои иҷтимоиро рафъ намоянд.

Маорифпарварӣ яке аз нишонаҳои асосии ба худшиносиву худогоҳӣ расидани миллатҳои мутамаддин ба ҳисоб меравад. Таърихи тамаддун гувоҳ аст, ки инкишофи маориф зербинои аслии пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангии давлатҳои пуриқтидор гардида, кӯчактарин манфиати рушди маориф ташаккули маърифату ҷаҳонбинии илмии афроди ҷомеа мебошад, ки ба муҳимтарин василаи тараққиву пешрафти ҷанбаҳои гуногуни ҳаётӣ табдил мешавад. Барои расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, ташкили давлати миллӣ ва рушди худшиносии миллӣ маориф самти бениҳоят муҳим ба ҳисоб меравад.

Маорифпарварӣ дар ташаккули тафаккури иҷтимоӣ, дар бедории шууру дарки озодӣ, талош барои истиқлолият ва азму кӯшиш баҳри бунёди ҷомеаи навин дар рӯҳияи мардуми Шарқ нақши муассир дошта, ҳамзамон, таҳрикдиҳандаи ташаккули маънавиёти мардум, таълиму тарбия, пайгирии низоми нави омӯзиш ва нашри китобу рӯзномаҳои ҷадид гардидааст.

Яке аз чеҳраҳои шинохтаи маорифпарварӣ ва муслиҳони иҷтимоии Шарқ Абдурраҳмон ал-Кавокибӣ ба шумор меравад, ки ҳамчун нависандаву фақеҳ ва рӯзноманигор шуҳратёр гардидааст. Ӯ аз ашрофзодагони Ҳалаб буда [1, с. 224], дар оилаи зиёӣ ба камол расидааст. Насабаш ба Шайх Сафиюддини Ардабилии Сафавӣ мерасад. Дар сарчашмаҳо падарашро Аҳмад Баҳоӣ ибни Муҳаммад ибни Масъуд ал-Кавокибӣ ва модарашро Афифа бинти Масъуд-духтари муфтии Антокия ном мебаранд [2]. Дар мадрасаи «Кавокибия», ки аз ҷониби бобояш таъсис ёфта, ба ифтихори ӯ ба ин ном хонда мешуд, дар Ҳалаб таҳсили илм кардааст. Ин мадраса дар он айём бо равиши таълими донишгоҳи Азҳар фаъолият дошт ва фанҳои табииёту риёзиёт таълим дода намешуд. Аммо Кавокибӣ ба барномаи ин донишгоҳ маҳдуд намешавад ва бо кӯшишу эҳтимоми падараш аз омӯзиши улуми дақиқ низ бебаҳра намемонад.

Ӯ бо андешаҳои иҷтимоии ислоҳотхоҳоне ба мисли Саид Ҷамолиддини Афғонӣ, Муҳаммад Абдуҳ, Саид Аҳмадхон аз наздик ошно буд ва ҳамчун яке аз саромадони ислоҳотхоҳии шарқӣ шинохта шудааст [3, с. 12]. Забонҳои форсиву туркиро низ медонист. Аз тарғибкунандагониислоҳи куллии ҷомеа бо истифода аз либерализми сиёсӣ буд ва мардумро ба ватандӯстӣ ва худшиносӣ даъват мекард. Консепсияи Кавокибӣ ин яке аз аввалин кӯшишҳои омехтани парламентаризм ва конститутсионализм бо таълимоти исломӣ ба ҳисоб меравад [3, с. 14].

Кавокибӣ бештари умрашро дар зодгоҳаш гузаронида бошад ҳам, аз мулкҳои гуногуне дидан намудааст. Ин сафарҳо ба ҷаҳонбиниаш таъсири амиқе гузоштаанд [1, с. 226]. Дар Миср низ чанд вақте умр ба сар бурдааст. Ҳарчанд дар мансабҳои бонуфузи давлатӣ ифои вазифа намудааст, ба хилофи аксари ҳуккоми замонаш, зидди истибдод ва зулми зимомдорони вақт, алалхусус ҳукумати золимонаи туркони Усмонии Сурия, сахт истодагарӣ мекард.

Ӯ бештари ҳаёташро ба масоили мушкилоти иҷтимоии мардуми Шарқи исломӣ бахшида, сабабҳои ақибафтодагии ҷомеаи мусулмонон ва роҳҳои ба ислоҳ овардани онро зиёд ҷустуҷӯ кардааст. Таърихи гузаштаву ҳамонрӯзаи онҳоро омӯхта, вазъи мусулмонони давлати Усмониро мавриди таҳқиқ қарор додааст [1, с. 226].

Кавокибӣ фаъолияти ислоҳхоҳиашро аз рӯзноманигорӣ оғоз намудааст. Ӯ соли 1877 рӯзномаи «аш-Шаҳбо»(хокистарӣ - лақаби ш.Ҳалаб)-ро дар зодгоҳаш нашр намуд, ки аввалин рӯзнома дар ҷаҳони араб ба ҳисоб меравад. Муассиси ин рӯзнома ҳарчанд Кавокибӣ бошад ҳам, чун ҳукумати Усмонӣ ва волии Ҳалаб нисбати ӯ хушбин набуданд ва ба ӯ иҷозати таъсиси рӯзномаи шахсиро намедоданд, аз ин рӯ, вазифаи сармуҳаррирӣ расман ба номи яке аз дӯстонаш қайд гардида буд. Фаъолияти ин рӯзнома дер давом накард ва таҳти фишори ҳавохоҳони ҳукумати туркони Усмонӣ аз фаъолият бозмонд. Бо баста шудани рӯзномаи мазкур Кавокибӣ фаъолияти рӯзноманигорӣ ва танқиди низоми истибдодиро бас накард ва дар соли 1879 рӯзномаи дигареро бо унвони «ал-Эътидол»(ростӣ, баробарӣ, тавозун) таъсис дод. Ҳарчанд ин рӯзнома низ фаъолияти тӯлоние надошта бошад ҳам, дар рӯҳияи озодихоҳӣ ва истибдоднописандии мардуми минтақа нақши муассир гузоштааст. Кавокибӣ дар ин рӯзномаҳо мақолоте нашр менамуд, ки муҳтавои он талаби ислоҳотхоҳӣ дар низоми ҳукумати давраaш буд.

Ба мисли Муҳаммад Абдуҳ, ки дар Миср вазифаи сармуҳарририи «Ал-виқоят-ул-мисрия»(ҳимояти Миср)-ро ба уҳда дошт [4, с. 286], Кавокибӣ дар Ҳалаб муҳаррири рӯзномаи «Фурот» (оби гуворову ширин, номи дарё) буд. Ҳар ду бо мақолоти гуногунҷабҳаашон, ки бештар аз ҳуқуқу озодиҳои мардуми одӣ ҳимоя менамуданд ва камбудиҳои ҳокимону мансабдорони замонашонро фош мекарданд, ҳамзамон, дар қалби мардум тухми муҳаббат ба истиқлолхоҳӣ мекоштанд, дар як муддати кӯтоҳ маъруфият пайдо мекунанд.

Пас аз баста шудани рӯзномаҳои «Шаҳбо» ва «ал-Эътидол» Кавокибӣ ба омӯхтани илми ҳуқуқ ҷиддан машғул мегардад. Баъди чанде узви кумитаи молия ва маорифи умумии Ҳалаб, баъдтар узви фахрии имтиҳонии муфаттишҳо мегардад. Баъдан, бо туҳмати хиёнат ба султон ба суд кашида мешавад ва соли 1900 ба Миср рафта, дар он ҷо силсиламақолоти худро нашр мекунад [7, с. 127].

Аз Кавокибӣ осори зиёд боқӣ намондааст. Он чи то имрӯз дастраси алоқамандон аст, бо номҳои «Табоеъ-ул-истибдод»(Табиати зулм), «Умму-л-қуро» (Модари деҳот), «ал-Азамату лиллоҳ» (бузургӣ хосси Худост), «Саҳоиф-ул-қурайш» (варақаҳои Қурайш) маъруф аст, ки андешаҳои ислоҳотхоҳии ӯро фаро гирифтаанд [1, с. 226]. Асари «Табоеъ-ул-истибдод»-и ӯ маҷмӯи мақолоташ аст, ки аввалан дар рӯзномаҳои мисрӣ пайи ҳам ба чоп расида, баъдан, ба шакли рисола бо номи мазкур ба табъ расидаанд. Дар асари «Умму-л-қуро»-аш Кавокибӣ ҳолати иҷтимоии мусулмононро мавриди танқид қарор додааст.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки Кавокибӣ дар ислоҳотхоҳӣ ва маорифпарварӣ аз чаҳорчӯбаи ҷаҳонбинии динӣ фаротар қадам гузоштааст, яъне вай накӯаҳволии мусулмононро аз манфиатҳои умумибашарӣ бартар надонистааст. Ба назари ин маорифпарвар, пешрафти фарҳанги миллӣ дар пайвастагӣ бо такомули тамаддуни башарӣ анҷом меёбад [5, с. 281-282]. Маҳз ҳамин гуна андешаҳои маорифпарваронаи ӯ дар шароити ҷаҳони муосир аҳаммияти бештар касб намудааст ва ба омӯзиши вижа ниёз дорад.

Ӯ ба илму технологияи Ғарб таваҷҷуҳи зиёд дошта, аз мардуми Шарқ дархост мекард, ки аз онҳо истифода кунанд ва дар амал татбиқ шудани ин кор, ба назари ӯ, бояд дар доираи меъёрҳо ва талаботи исломи муосир сурат бигирад. Ӯ омӯзиши илмҳои муосирро роҳи асосии аз буҳрони иҷтимоиву сиёсӣ берун шудани эшон медонист. Саид Ҷамолиддини Афғонӣ низ монанди Кавокибӣ ба ақлу хирад ва зеҳни тавонои мардуми Шарқ бовар дошт ва мегуфт, ки ин мардум бо ақлу заковат, илм ва маориф аз ҷабри ифротгароӣ ва истибдод озод хоҳанд шуд [11, с.255].

Сарфи назар аз ин андешаҳои ҷолиби Кавокибӣ, аз осораш маълум мегардад, ки ӯ дар баъзе ҳолот калавиши фикрӣ низ дошт. Зеро дар интихоби навъи ҳукумат ба қарори қатъие наомадааст. Ӯ пайравии довталабонаи давлатро аз ҳукуматҳои додгар, агар ин ҳукуматҳо исломӣ набошанд ҳам, қабул дошт. Аммо вай пайравӣ аз шакли идоракунии мутлақро, ҳарчанд он ҳатто мисли ҳукумати Умар ибни Хаттоб бошад ҳам, ки идеали ҳукуматҳои исломӣ мебошад, намепазируфт [5, с. 129-131].

Аз андешаҳои сиёсӣ-иҷтимоии Кавокибӣ бармеояд, ки ӯ яке аз идеологҳову рӯшанфикрони араб дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX ба ҳисоб меравад. Аз осори ӯ,

хусусан силсиламақолоти дар рисолаи «Табоеъ-ул-истибдод»-аш ба нашр расида, ба хубӣ метавон мушоҳида намуд, ки ӯ тарғибгари омӯзиши дастовардҳои тамаддуни аврупоӣ, душмани ашаддии истеъмор ва тарафдори ҳукумати конститутсионӣ мебошад.

Ба мисли дигар маорифпарварон Кавокибӣ низ ба ҷанбаҳои иқтисодии инкишофи ҷамъият камтар таваҷҷуҳ намудааст. Дигар аз ҷиддитарин камбудиҳои Кавокибӣ чун муслиҳи иҷтимоӣ метавон афкори миллатгароёнаи ӯро ёд кард. Ӯро падари назарияпардозони натсионализми араб ҳисобидаанд [7, с. 131]. Ин ислоҳотхоҳ аз авалин касонест, ки миёни арзишҳои хосси миллати араб ва дигар миллатҳои мусулмон фарқ қоил шуд ва дар ин роҳ баёнгари ормони арабҳо барои дастёбӣ ба пешрафти мустақил ва раҳоӣ аз ситами туркони Усмонӣ буд. Ӯро чун аввалин ташаккулдиҳандагони андешаҳои миллатгароии арабӣ донистаанд [8, с. 143-144].

**Калидвожаҳо:** мактаби олӣ, фанҳои таълимӣ, салоҳиятнокӣ, дараҷаи ташаккули салоҳиятнокӣ, фанҳои бахши педагогӣ, донишҷӯ, омӯзгор, баҳогузорӣ, амсиласозӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, маҳорат, малакаҳо.

**РАЗРАБОТКА И ОЦЕНКА СТЕПЕНИ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ**

В статье исследуется опыт разработки, изучения и оценки компетентного образования в системе профессиональной подготовки будущих учителей начальных классов. Анализируются концептуальные и методологические подходы к моделированию и оценке, а также обсуждаются основы компетентностного обучения по предмету «Этика и педагогические навыки». Изучены и обобщены вопросы исследования теоретических основ формирования профессиональной компетентности будущих учителей начальных классов и их оценка, разработка и определение компетентностной модели педагогических дисциплин по учебной программе бакалавриата «Начальное образование», исследования оценки педагогической компетентности процесса преподавания дисциплин педагогической области. На основании проведенного исследования уровни профессиональной компетентности учителей классифицированны в пять этапов. Авторы также классифицировали содержание профессиональной компетентности будущих учителей с точки зрения организации учебной деятельности и выполнения функциональных задач, и в результате были определены четыре группы. В конце даны методические рекомендации по изучению компетенции в данной области.

**Ключевые слова:** высшее учебное заведение, учебные предметы, компетенция, уровень формирования компетенции, дисциплины педагогической области, студент, преподаватель, оценивание, моделирование, начальное образование, умение, навыки.

**DEVELOPING AND ASSESMENT OF PROFESSIONAL COMPETENCE LEVEL FORMATION OF FUTURE PRIMARY SCHOOL TEACHERS**

The article deals with the learning of developing and assessment of professional competence level formation of future primary school teachers. Here is analyzed the conceptual and methodical relation of modeling and assessment, also the skimming of conceptual learning in sample of subject “Ethic and pedagogical abilities”. The problem of basic-theoretical investigation of developing and assessment of professional competence level formation of future primary school teachers, developing and defining the model of competence of pedagogical disciplines according academic curriculum of bachelor degree students majoring “Primary education”, learning of the experience of making competence assessment in pedagogical sphere, developing of the methods of doing assessment and noting the results of analytical procedures in the process of leaning pedagogical subjects are analyzed in the article. Based on the given investigation five stages of developing and assesment of professional competence level formation of future primary school teachers are suggested. As well, based on the experiences of high qualified teachers here is made a model of competence of professional primary school teachers. Authors of the article formed the classification of the content of professional competence future teachers on the point of organization of pedagogical activity and their functions. Several methodical recommendations on competence learning of the mentioned discipline are given at the end of the article.

**Keywords:** high school, academic disciplines, competence, level of competence formation, pedagogical subjects, student, teacher, assessment, realization, primary education, skill, ability.

**Сведения об авторах:** ***Сабуров Хайрулло Мирзоевич***, доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, тел.:928477607, E-mail: saburov.67@mail.ru, г. Худжанд, улица Мавлонбекова-1

***Ахлиллоев Турдимурод***, кандидат педагогических наук,доцент кафедры педагогики и естественно-математических наук Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, тел.:926184732, E-mail: tmurod53@mail.ru@mail.ru, г. Худжанд, улица Мавлонбекова-1

**Information about the authors:** ***Saburov Khairullo Mirzoevich,*** Dr. of Pedagogy, Professor of the department of social and professional pedagogy under Khujand State University named after academician B. Gafurov,tel.928477607,E-mail:saburov.67@mail.ru, Khujand Mavlonbekova 1.

***Ahlilloev Turdimurod,*** candidate of pedagogical sciences, docent of pedagogical and mathematic sciences of department of Khujand State University named after academician B. Gafurov, tel.:926184732, E-mail: tmurod53@mail.ru@mail.ru, Khujand Mavlonbekova 1.

**УДК:372.3/.4 (575.3)**

# ХУДБАҲОДИҲӢ ВА ХУДТАНЗИМКУНӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ХУДТАРБИЯКУНӢ ДАР НАВРАСОН

***Раҳмонова Д.З., Норматов А.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров**

Дар системаи таълими касбии донишҷӯён дар донишгоҳу донишкада ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ маълумоти психологӣ мавқеи бузургро ишғол мекунад. Ин аст, ки солҳои охир шавқу ҳавас ба омӯзиши илми психология дар байни донишҷӯёни мактабҳои олӣ ниҳоят баланд шуда истодааст.

Омодагии касбии муаллимони мактабҳои муосир душвор ва серсоҳа аст. Дар баробари додани донишҳои лозимӣ муаллим вазифадор аст, ки насли наврасро дар рӯҳияи адолатхоҳиву ватанпарастӣ, некиву накукорӣ, шуҷоатмандиву мардонагӣ ва дигар сифатҳои неки инсонӣ тарбия намуда, аз донишҳои педагогиву психологӣ волидону толибилмон ва дигар наслҳои ҷавонро сари вақт бархӯрдор намояд.

Таҳлили раванди ҷорӣ кардани донишҳои психологӣ дар мактабҳо ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки ба роҳ мондани тавсияҳои психологӣ дар таҷрибаи кори муаллимон натиҷаи дилхоҳ намебахшад ва аз худи муаллим дараҷаи баланди тайёрӣ ва донишҳои чуқури психологиро талаб мекунад.

Ихтисоси равоншиноси мактаб маҳз тавассути ин замина тавлид ёфтааст.

Дар давраи ҳозира ду ҷиҳати фаъолияти хизматрасонии психологи мактаб - ҷиҳати муҳим ва ояндадор вуҷуд дорад. Ҷиҳати муҳим масъалаҳои ҳалталабу муҳимми ҳаррӯзаро, ки бо ин ё он муаммои таълиму тарбияи хонандагон алоқаманд аст, ҳаллу фасл менамояд.

Ҷиҳати ояндадор (перспективӣ) ба инкишофи психикии ҳар як хонанда ба шакли муайян гирифтани тарзи зисту зиндагонии вай нигаронида шудааст.

Равоншиноси мактаб шароити номусоиди барои инкишофи психикӣ ва шахсии хонандагон ба миён меомадаро мушоҳида намуда, корҳои пешгирии психологиро истифода мебарад. Ӯ вазифадор аст, ки барои муҳайё намудани шароитҳои зарурии таълим ва тарбияи хонандагон дар давраҳои гуногуни синнусолӣ назорат барад.

Мазмуни кори равоншиноси мактабро пешгирии вазъиятҳои мураккабе, ки бо давраҳои гузариши синнусолии хонандагон алоқаманд аст, ташкил медиҳад, чунки ҳар як давраи гузариш бо фаъолиятҳо (фаъолияти бозӣ, таълим, меҳнат) алоқаманд буда, аз синфи ибтидоӣ ба давраи наврасӣ ва калони мактабӣ гузаштан тағйироти куллии биологӣ, душвориҳо ва дигаргуниҳои ҷисмонию равониро дар бар мегирад, ки он аз омӯзгорон, волидон ва калонсолон муносибати махсуси психологиро талаб мекунад. Ин гузаришҳо бо меъёрҳои омодагии педагогию психологии кӯдакон ба мактаб, давраи мутобиқшавии онҳо ба шароитҳои нави мактаб, аз фаъолияти бозӣ ба фаъолияти таълимӣ гузаштани хонандагони синфи якум, инкишофи равандҳои маърифатии онҳо вобастагӣ дорад.

Солҳои охир ба масъалаи худтанзимкунии инсон, бахусус, наврасон аз ҷониби равоншиносон диққати ҷиддӣ дода мешавад. Худтанзимкунӣ мафҳуми психологист. Он бо мафҳумҳои мувозинат, меъёр, мутобиқшавӣ алоқаманд мебошад. Ҳанӯз Виготский Л.В. қайд карда буд, ки «Психикаи инсон дар танзими рафторе иштирок менамояд, ки бо шакли олии мутобиқшавии фаъол ба табиат ва қонеъ намудани талабот фарқ менамояд» [2, с.500].

**Худтанзимкунӣ** дар баъзе мавридҳо ҳамчун раванди беихтиёри психикӣ фаҳмида мешавад. Мафҳуми худтанзимкунӣ дар илми психофизиологияи тафриқавӣ бештар истифода мешавад.

Худтанзимкунӣ ва фаъолнокӣ омилҳои мустақилу умумие мебошанд, ки онҳоро ба хусусиятҳои расмӣ – динамикии шахс дохил кардан мумкин аст.

Зери мафҳуми худтанзимкунии фикрӣ қобилияти фард ба сохтани барномаи фаъолият ва дар асоси он идора намудани амал ва ҳолати худ фаҳмида мешавад.

Фаҳмиши танзимкунии фаъолият аз тарафи худи фард бояд дарк карда шуда, дар ин замина мафҳуми «танзимкунии ҷамъиятӣ» ҷудо карда мешавад, ки бо худтанзимкунӣ зич алоқаманд мебошад.

Худтанзимкунии шуурона аз тарафи мо ҳамчун раванди системавӣ-ташкилии фаъолнокии дохилии психикии инсон, ки раванди ба мақсад ноилшавиро амалӣ месозад, фаҳмида мешавад.

Ҷой ва нақши худтанзимкунии психикӣ дар ҳаёти инсон назаррас мебошад, зеро тамоми ҳаёт, намудҳои гуногуни фаъолияти инсон, рафтору кирдор ва амалҳои вай, доираи муошират ва дигар намудҳои фаъолияти мақсаднок маҳз бо худтанзимкунӣ алоқаманд мебошад. Маҳз фаъолияти мақсадноки инсон, ки бештари амалу муносибатҳоро бо олами ҳақиқии инсоният ва омилҳои иҷтимоӣ амалӣ мегардонад, модули асосии ҳастии субъективии инсонро ташкил менамояд.

Аз дараҷаи такмилёбии равандҳои худтанзимкунӣ самаранокӣ, пешравӣ, муваффақияти фаъолияти мақсаднок вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин хусусиятҳои фардии рафтор ва фаъолият бо ташаккулёбии функсионалӣ, хусусиятҳои мундариҷавиву динамикии ҳамон равандҳои худтанзимкунӣ, ки аз ҷониби субъекти фаъолнокӣ амалӣ гардонида мешаванд, муайян карда мешаванд.

Мувофиқи нишондоди Гроховский В.В. агар дар синфҳои ибтидоӣ 5-8% мавридҳои ба мактаб мувофиқнашавӣ дида шавад, номувофиқатии мактаб дар наврасон 18-20% -ро ташкил мекунад. Дар синфҳои болоӣ ин адад боз ба меъёр меояд, зеро бисёр бачагони душвор баъди синфи 9 мактабро тарк мекунанд [5,с.236].

Дар бисёр мавридҳо душвориҳои синни наврасиро бо балоғати ҷинсӣ алоқаманд мешуморанд. Дар рафти азнавсозии физиологии организм наврасонро ҳаяҷону изтироб пахш мекунад. Ҳолатҳои худтанзимкунӣ дар баъзе наврасон бо изтиробу ҳаяҷони зиёд алоқаманданд, аз ин ҷост, ки дар ин синну сол эҳтимоли ба бемории маҷзубӣ (шизофрения) гирифтор шудан 3-4 маротиба меафзояд. Дар даҳсолаи охир вайроншавии рӯҳӣ чунон

муаммои баҳснок гардидааст, ки зарурияти дар соҳаи тиб ҷорӣ намудани ихтисоси нав - психиатрияи наврасон ба вуҷуд омад.

Ҳангоми банақшадарорӣ ва корбарӣ бо хонандагони синну соли гуногун равоншинос бояд аён тасвир созад, ки корашро аввалан ба чӣ равона мекунад. Душворӣ ва норасогӣ дар худтанзимкунии рафтори наврасон дар дағалии онҳо зуҳур меёбад. Бисёр муаллимон ва волидон ин ҳодисаро дар синни наврасӣ муқаррарӣ меҳисобанд. Албатта, чунин андеша нодуруст аст, зеро дағалии наврасон натиҷаи тарбияи нодурусти худи онҳост. Агар ин сабабро пароканда созем, рафтори наврасон тағйир меёбад. Сабаҳои асосии дағаливу тундфеълии наврасон инҳоанд:

1. Аз тарафи калонсолон риоя нашудани такти муомила ва поймол сохтани ҳаракати мустақилнокии наврас (Назорати дунболагир, ҳимояи ночиз, ғамхориву меҳрубонии аз ҳад зиёд);
2. Муносибати ғайриадолатонаи калонсолон нисбати наврас (Дурӯғгӯӣ, ноинсофӣ);
3. Монандшавӣ ва тақлид ба калонсолон. Бисёр наврасон дағалӣ ва бадфеълиро сабаби мардонагӣ ва инкишофи руҳӣ медонанд. Бинобар ин, онҳо ин сифатҳоро дар худ тарбия мекунанд ва аз раҳмдилӣ кардану ғамхорӣ зоҳир кардан шарм дошта, бахшиш пурсиданро тарсончакӣ меҳисобанд;
4. Инкишофи нопурраи ирода низ сабаби рафтори дағалонаи наврас шуда метавонад.

Дар овони наврасӣ характер (хулқу атвор, хислат) инкишоф меёбад, ки он ба ташаккули шахсияти вай вобастагии калон дорад. Албатта, хулқу табиат дар тамоми умри инсон ташаккул меёбад, вале мустақилиятнокӣ ва худшиносӣ хусусияти асосии наврасон - ҳисоб меёбад. Наврас мехоҳад, ки калонсолон фикрашро қабул намуда бо онҳо ҳуқуқи баробар дошта бошад. Наврас мебинад, ки қадаш баланд шуда, қуввааш меафзояд, худро калоншуда меҳисобад. Ба қобилиятҳои худ баҳо дода, ба мустақилнокӣ кӯшиш менамояд. Онҳо аллакай шахсияти худро ҳамчун калонсол ҳифз менамоянд. Бояд қайд кард, ки дар наврасон серҳаракатӣ ва ивазшавии табиати хулқу атворашон мушоҳида мешавад. Баъзан наврас хурсанд, серҳаракат ва ҳамсуҳбати хуб буда, баъзан камгапу парешонхотир менамояд. Наврас метавонад фаъолияти ояндаашро худаш мақсаднок сохта, ба нақша дарорад.

Ғайр аз ин, дар наврасон шавқи маърифатҷӯӣ нисбатан васеътар мегардад. Бо баробари ба чизе шавқ пайдо кардан онҳо аз паси ба даст овардани он ҳаракат мекунанд.

Дар зери таъсири ҳақиқати гирду атроф ва ҳаёти ҷамъиятӣ раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ, оила, хониши китобҳои дарсиву бадеӣ ва шахсияти наврас ташаккул меёбад.

Дар инкишофи дарк намудани ҳақиқати гирду атроф дар ҳаёти хонандагон лаҳзае фаро мерасад, ки объекти фаҳмиши вайро инсон ва олами ботинии ӯ ташкил медиҳад.

Дар баробари бедор шудани шавқи фаҳмиши дигарон дар наврас худогоҳиву худшиносӣ ташаккул меёбад.

Ташаккули худогоҳӣ яке аз лаҳзаҳои муҳимтарин дар ҳаёти наврас аст. Он ба инкишофи психикаи ҳаётии наврасон мусоидат менамояд. Ба наврас онро омӯзонидан муҳим аст, ки вай на танҳо камбудиҳояшро фаҳмида гирад, балки ба қадру қимат ва манзалаташ такя намояд.

Омили шиддатноки худинкишофи наврасон он аст, ки чӣ гунагии шахсияташон дар пайдо мешавад. Синни наврасӣ ва навҷавонӣ давраи муҳимми барқароребии системаи мақсадҳои ҳаёти инсон ба шумор меравад.

Дар ҳаёти шахсии худ ҳар як наврас ба маслиҳату ёрии шахси калонсол муҳтоҷ аст ва равоншинос бояд дӯст ва маслиҳатчии наврас гардад.

Муошират бо ҳамсолон дар худбаҳодиҳии наврасон аҳамияти махсус дорад. Муомила бо рафиқон маркази ҳаёти наврасро ташкил дода, дигар тарафҳои рафтор ва фаъолияти наврасро муайян месозад.

Божович Л.И. менависад: «Агар ба муттаҳидшавии хонандагони синни хурди мактабӣ фаъолияти якҷоя мусоидат намояд, дар синни наврасӣ бачагонро муошırати васеъ бо ҳамсолон муттаҳид месозад» [1,с.98].

Барои наврасон на танҳо дар байни ҳамсолон будан, балки обрӯю эҳтироми муайянеро соҳиб шудан муҳим аст. Наврас ҳамеша мекӯшад, ки дар коллективи ҳамсолонаш мавқеи муҳим бозад, ки ин ба ғамгиниҳои зиёди онҳо оварда мерасонад.

Волидон бошад, ин рафтори фарзандашонро муқаррарӣ ҳисобида, рафиқони ӯро ба ин айбдор месозанд. Баъди синфи 6 сар карда, дар наврас рефлексияи шахсӣ ва байнишахсӣ ташаккул меёбад, ки дар натиҷа онҳо сабаби баҳсу мунозираи худро мефаҳмидагӣ мешаванд.

Волидон ва муаллимон дар мундариҷаи муошırати наврасон тағйиротеро мушоҳида намекунанд. Вале тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки агар хонандагони синни миёнаи мактабӣ, асосан, дар бораи дониш сухан ронанд, мавзӯи гуфтугӯи наврасон муносибати шахсӣ ва инкишофи фардият мебошад. Дар ин ҳол дар бисёр маврид наврасон ба волидон муроҷиат мекунанд, ки он натиҷа намебахшад, зеро волидон худро ба ҷои наврас гузошта

наметавонанд. Нақши равоншинос дар ин маврид басо калон аст, зеро вай бояд на танҳо аз болои душвории муошироти наврасон кор барад, балки волидон ва муаллимонро ба ин кор ҷалб намояд.

Ба равоншиноси мактаб наврасон дар шакли гурӯҳӣ муроҷиат менамоянд. Гарчанде ки муносибати фардӣ барои равоншинос осонтар аст, вале наврасон муаммои худро мехоҳанд, якҷоя ҳаллу фасл намоянд. Дар бисёр маврид волидон ва муаллимон ба равоншинос муроҷиат намуда, аз болои наврасе шикоят мекунанд. Равоншинос бояд кору фаъолияташро тавре ба роҳ монад, ки ҳам ба гурӯҳи муроҷиаткунандагон ёрӣ дода тавонаду ҳам ба ҳар як наврас ба таври фардӣ таъсир расонад.

**Худтарбиякунӣ** ҳамчун омили инкишофи қобилиятҳои эҷодии наврасону ҷавонон дар овони наврасиву ҷавонӣ фаъолона сипарӣ мегардад. Нақши асосиро дар ташкили раванди худтарбиякунии наврасон тарбияи педагогӣ дар мактаб мебозад.

Мафҳумҳои тарбия ва худтарбиякунӣ мафҳумҳои ҷудонашаванда буда, ду тарафи як раванд мебошад ва мақсади ягона дорад. Яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Сохти худтарбиякунӣ хусусиятҳои зеринро дорост: наврас мақсади худро дар зиндагӣ муайян месозад, барои васеъ намудани доираи ҷаҳонбинии худ кӯшиш менамояд, худро ба ҳаёти ҷамъиятӣ омода месозад ва дар коллективи синф мақоми худро пайдо мекунад.

Худтарбиякуниро ҳамчун омили инкишофи қобилияти эҷодӣ дида баромада, бояд қайд намоем, ки шахсиятҳои машҳури соҳаи илм, сиёсат, санъат чунин назар доранд, ки ба муваффақият ба воситаи суботкориву саъю кӯшиш барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин ноил гардидаанд.

**Худбаҳодиҳӣ** ин тасаввуроти наврас дар бораи қадру қимати худ, ҷой ва мавқеи худ дар ҷамъият, баҳогузорӣ ба хусусиятҳои мусбиву манфии худ мебошад. Худбаҳодиҳии наврас аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза волидон сифатҳои беҳтарини фарзандро қадр менамоянд. Худбаҳодиҳӣ аз ҳисоби муваффақиятҳои шахсӣ ва дастовардҳои ҳаётӣ ташаккул меёбад.

Наврасоне, ки худбаҳодиҳии паст доранд, бениҳоят шармгин ҳастанд. Худбаҳодиҳӣ бо пешрафти таълимӣ зич алоқаманд мебошад, бинобар ин, наврасоне, ки худбаҳодиҳии паст доранд, дар бисёр маврид аз таълим қафо мемонанд. Модели ишоратии худбаҳодиҳии наврасонро тариқи нақша нишон медиҳем: Дар баробари ин, омодагии психологии хонанда барои қадам гузоштан ба ҳаёти мустақилона ва дар он ишғол намудани ҷои арзанда аз таркибҳои баохирнорасидаи психологӣ ва дараҷаи инкишофи механизмҳои психикие, ки омодагии хонандаро ба ҳаёти минбаъда таъмин менамоянд, вобастагӣ дорад. Равоншиноси мактаб маҳз ҳамин имкониятҳоро фароҳам оварда, аз болои мундариҷа ва натиҷаҳои фаъолияти худ ҷавобгар мебошад. Барои ба ин мақсад расидан равоншиносро зарур аст, ки ҳамчун мутахассиси соҳаи равоншиносӣ донишҳои мукаммали амаливу назариявӣ дошта бошад ва пайваста аз болои худ худомӯзӣ намояд.

## АДАБИЁТ


1. Божович Л.И. Отношение школьников к учению как психологическая проблема / Л.И. Божович. - М.: АГП-IРСФСР, 1995.- С.98
2. Выготский Л.С. Развитие высших психических функций / Л.С. Выготский. - М.: Просвещение, 2008. - 500 с.
3. Кон И.С. Психология ранней юности / И.С. Кон. – М.: Просвеҳение, 1989.
4. Раҳмонова Д.З. Практикуми психологияи умумӣ / Д.З. Раҳмонова. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2015.- 365с.
5. Рабочая книга школьного психолога / Под. ред. И.В. Дубровиной. М.: Просвещение, 1991.- С.236
6. Раҳмонова Д.З. Асосҳои педагогии фаъолияти равоншинос дар мактаб / Д.З. Раҳмонова, М. Мухторова. - Хуҷанд: Меъроҷ, 2018. – С.217-218.
7. Райс Ф. Психология подросткового и юношеского возраста / Ф. Райс. - СПб.: Питер, 2011. – С.98.


## ХУДБАҲОДИҲӢ, ХУДТАНЗИМКУНӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ХУДТАРБИЯКУНӢ ДАР НАВРАСОН


Дар системаи таълими касбии донишҷӯён дар донишгоҳу донишкада ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ маълумоти психологӣ мавқеи бузургро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, ки солҳои охир шавқу ҳавас ба омӯзиши илми психология дар байни донишҷӯёни мактабҳои олӣ ниҳоят баланд шуда истодааст. Дар мақолаи мазкур муаллифон кӯшиш намудаанд, ки худбаҳодиҳӣ ва худтанзимкуниро ҳамчун механизми худтарбиякунӣ дар наврасон нишон дода, дар доири ин масъала бархе аз сарчашмаҳои илмиро таҳлил намоянд. Дар мақола мафҳумҳои “худбаҳодиҳӣ”, “худтанзимкунӣ”, “худтарбиякунӣ” шарҳ дода шуда, нақши равоншинос дар мавриди бартараф сохтани душвориҳо дар худтанзимкунии рафтори наврасон нишон дода шудааст. Сабаҳои асосии дағаливу тундфеълии наврасон нишон дода шуда, худтарбиякунӣ ҳамчун омили инкишофи қобилияти эҷодӣ дида баромада шудааст.



**Калидвожаҳо:** худтанзимкунӣ, худтарбиякунӣ, худбаҳодиҳӣ, шавқу ҳавас, равандҳои маърифатӣ, мувозинат, меъёр, мутобиқшавӣ, субъекти фаъолнокӣ, тарбияи нодуруст, ташаккули шахсият, худогоҳӣ, муттаҳидшавӣ.


## САМООЦЕНКА, САМОКОНТРОЛЬ КАК МЕХАНИЗМ САМОВОСПИТАНИЯ ПОДРОСТКОВ


В системе профессионального образования студентов университетов и колледжей психологическое образование играет важную роль. В результате среди учащихся старших классов общеобразовательных школ в последние годы всё

больше возрастает интерес к предмету психологии. В данной статье самооценка и саморегуляция представлена авторами как механизм самосовершенствования подростков, проанализированы некоторые научные источники по данной проблеме. В статье объясняются понятия «саморегуляция», «самооценка», «самодисциплина» и роль психолога в решении проблем саморегуляции подростков. Показаны основные причины трудностей подросткового возраста, а самооценка рассматривается как фактор развития творческих способностей.

**Ключевые слова:** саморегуляция, самооценка, самодисциплина, мотивация, познавательные процессы, равновесие, норма, адаптация, субъективная деятельность, неправильное воспитание, формирование личности, самосознание, единство.

**SELF-ASSESSMENT, SELF-CONTROL AS A MECHANISM OF SELF-TEACHING OF TEENAGERS**

Psychological education plays an important role in the system of professional education of university and college students. As a result, interest in the subject of psychology has been growing in recent years among senior students of secondary schools. In this article, self-esteem and self-regulation is presented by the authors as a mechanism for self-improvement of adolescents, some scientific sources on this problem are analyzed. The article explains the concepts of “self-regulation”, “self-esteem”, “self-discipline” and the role of a psychologist in solving the problems of adolescent self-regulation. The main causes of adolescent difficulties are shown, and self-esteem is considered as a factor in the development of creative abilities.

**Key words:** self-regulation, self-esteem, self-discipline, motivation, cognitive processes, balance, norm, adaptation, subjective activity, improper upbringing, personality formation, self-awareness, unity.

**Сведения об авторах:** ***Рахмонова Дилбар Зикриёевна*** - Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры социальной и профессиональной педагогики факультета начального образования и специальной педагогики. Телефон: **(+992) 92 762 01 23** E-mail: **dilbar_sns@mail.ru**
***Норматов Азимджон -Х***уджандский государственный университет имени Б. Гафурова, магистрант второго курса специальности психология, факультета психологии и дошкольного образования

**Information about the authors:** ***Rakhmonova Dilbar Zikriyevna*** - Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Social and Professional Pedagogy of the Faculty of Primary Education and Special Pedagogy. Tel: **(+992) 92 762 01 23** Email: **dilbar_sns@mail.ru**
***Normatov Azimdzhon*** - is a second-year undergraduate major in psychology, faculty of psychology and preschool education of the state educational institution “Khujand State University named after Academician Babajan Gafurov”.

**УДК:378.2:351.746(575.3)**

# ТАЪМИНОТИ РУҲӢ-РАВОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ХИЗМАТӢ-ҶАНГӢ ДАР НИЗОМИ ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲОИ САРҲАДӢ
## (дар мисоли Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ ҶТ)

***Раҷабов Ҷ.Х., Турсунов Т.Х.***
**Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ ҶТ,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тоҷикистон дар айни замон дар шароити модернизатсия ва тағйироти амиқ қарор дорад, ки он фарогири тамоми фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ мебошад. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ин таъмини амнияти сарҳади давлатӣ дар сатҳи наву муосир мебошад. Дигаргунии назаррас дар Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон, ҳамчунин ба тадбирҳо оид ба такмили дарку фаҳмиши сарҳадбонон, баланд бардоштани сатҳи муқовимат ба муқобили таъсири манфии беруна ва таҳкими сифати фаъолияти хизматӣ-ҷангӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми касбӣ, дар навбати худ, татбиқи босамари вазифаҳои он барои муҳофизат ва ҳимояи сарҳади давлатӣ равона шудааст.

Низоми тайёр кардани афсарон дар мактабҳои олии ҳарбӣ мушкилоти муайяни худро дорад. Заминаи моддӣ-таълимии мактабҳо ба сармоягузории ҷиддӣ ва сатҳи таълиму тарбияи ҷавонон ба талаботи зиёд ниёз дорад. Тайёр кардани афсарон яке аз вазифаҳои муҳимтарини таҳкими имконоти мудофиаи ҷумҳурӣ мебошад. Он дар бунёди қувваҳои мусаллаҳ, таълиму тарбияи кадрҳо, ҳифз ва ҳимояи сарҳади давлатӣ мақоми махсус дорад.

Дар баробари ин, афсар уҳдадор аст, ки омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тарбиявиро омӯзад, ба одамон муомила карда тавонад, дар иҷрои вазифаи хизматӣ содиқ ва намунаи ибрат бошад. Муҳим он аст, ки хатмкунадагони ДОС КДАМ ҶТ дорои хислатҳои зикршуда бошанд, зеро ҳимояи сарҳади давлатӣ яке аз рукнҳои ҷудонашавандаи стратегияи бехатарии сарҳад буда, низоми расмии қабулшудаи андешаҳои мақсаднок, вазифа, принсипҳо, низоми

донишҳои илмӣ, самтҳои асосӣ ва механизми татбиқи сиёсати сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи давлатӣ ва расмӣ дар худ таҷассум мекунад.

Таъминоти рӯҳӣ-равонии фаъолияти хизматӣ-ҷангии қӯшунҳои сарҳадӣ дар ин самт аҳамияти муҳим дорад. Дар низоми тайёр кардани кадрҳои сарҳадӣ чунин тарзи таъминот нақши муҳим ва ҷойгаҳи махсус дошта, ҷавобгӯи манфиатҳои бехатарии миллӣ мебошад.

Мубрамияти вазифа дар самти тайёр кардани афсарон, бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи сарҳад дар мубориза ба мушкилоти муосир ва таҳдидҳо дар самти сарҳад, омили мақсадноки бартараф кардани вазъияти мураккаб дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ ҶТ таъминоти руҳӣ-равонӣ аз як тараф элементи таъминоти ҳамаҷонибаи низоми қӯшун бошад, аз дигар тараф низоми мақсадноки дорои хусусиятҳои таснифӣ ва хос мебошад. Низоми таъминоти руҳӣ-равонӣ дорои қисматҳои моддӣ (субъект, объект, воситаҳои техник ва ғ.) ва идеалӣ (мақсад, вазифа, принсипҳои ташкилӣ) мебошад.

Он аз ҷониби қувваҳои муттаҳид ва воситаҳои мақомоти давлатӣ, низомӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон, ки дар доираи салоҳияти худ дар ташаккули сатҳи психологию ахлоқии кадрии таъминкунандаи вазифаҳои пешгузошта саҳм доранд, ташкил карда мешавад.

Моҳияти таъминоти руҳӣ-равонӣ ба таври ҷиддӣ дар аксиомаи низомии қадим чунин дарҷ шудааст: «Баланд бардоштани ҳолати рӯҳии сарбозони худ ва ҳадди ақал коҳиш додани рӯҳияи душман вазъияти зарурӣ барои расидан ба ғалаба дар ҷанг аст» [5].

Таъминоти руҳӣ-равонӣ оид ба фаъолияти ҷангӣ дар ҷангҳои маҳаллӣ ва моҷароҳои ҳарбӣ низоми тадбирҳое, ки ба ташкил ва дастгирии ҳолати оптималии рӯҳӣ-равонии хизматчиёни ҳарбӣ равона карда шудааст, ба онҳо имкон медиҳад, ки вазифаҳои ҷангиро муваффақона анҷом диҳанд.

Мувофиқ ба ҳуҷҷатҳои идоракунӣ, таъминоти руҳӣ-равонӣ маҷмӯи чорабиниҳои ҳамоҳангшуда бо мақсад, вазифаҳо, ҷой ва вақт барои маълумот ва ташвиқот, корҳои психологӣ, низомӣ, фарҳангӣ, таъмини қӯшунҳо бо воситаҳои техникӣ мебошад.

Мақсади таъминоти руҳӣ-равонӣ ташаккули ҳолати ахлоқӣ ва психологии ҳайати кадрӣ ва қисмҳои ҳарбӣ, таъмини муваффақонаи иҷрои вазифаҳои ҷангӣ мутобиқи нишонаҳои стандартӣ мебошад.

Ноил шудан ба ҳадафҳо барои ҳалли вазифаҳои асосии зерин мусоидат мекунад: -маълумот додан ба кормандон ва шарҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ ва тартиботи низомӣ дар зергурӯҳҳо ва қисмҳои ҳарбӣ;

-ташаккули омодагии ахлоқӣ ва қобилияти психологии ҳайати кормандон барои иҷрои вазифаҳои дар шароити муҳити зудтағйирёбанда, маълумоти манфӣ ва психологӣ;

-фароҳам овардани шароити мусоиди маънавӣ ва психологӣ дар самти амалиётҳои ҷангӣ ва иҷрои дигар вазифаҳои мубориза барои ҳифзу ҳимояи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-тадбирҳо оид ба паст кардани талафоти равонӣ, барқарорсозии психологӣ ва ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ, аъзоёни оилаҳои онҳо ва кормандони ҚС КДАМ ҶТ;

-амалигардонии омодагии психологӣ ва таъмини устувории психологии кадрҳо;

-нигоҳдорӣ ва барқарорсозии саривақтии қувваи рӯҳонӣ ва ҷисмонии кадрҳо;

-муҳофизат аз таъсири иттилоотию психологии душман;

-таъминоти фарҳангӣ-бадеии ҷузъу томҳо ва қисмҳои ҳарбӣ;

- таъмини таҷҳизоти техникӣ.

Шаклҳо ва усулҳои гузаронидани чорабиниҳои таъминоти рӯҳӣ-равонӣ мақсад ва вазифаҳоро бо назардошти намудҳои фаъолияти хизматӣ-ҷангӣ муайян менамояд. Таъминоти руҳӣ-равонӣ дар худ фаъолияти иттилоотию таълимӣ, корҳои психологӣ, корҳои

иҷтимоӣ-ҳарбӣ, корҳои фарҳангӣ ва истироҳатӣ, таъмини неруҳои низомӣ бо воситаҳои техникиро таҷассум мекунад [2].

Ҳар як намуди таъминоти руҳӣ-равонӣ дорои сохтори худ, мундариҷа, шакл ва усулҳои ташкилӣ мебошад. Ҳамзамон, он ба таври мантиқӣ ва ташкилӣ (бо назардошти ҷой, вақт, қувва ва воситаҳо) алоқаманд буда, маҷмӯи ягонаи чорабиниҳоро, ки аз ҷониби мақомоти назорати сарҳадӣ тибқи нақшаи ягона амалӣ мегарданд, ташкил медиҳад.

Корҳои иттилоотӣ-тарбиявӣ низоми фаъолияти мақсаднок ва ҳамоҳангшуда, ки аз тарафи фармондеҳон, дастгоҳи марказӣ, кормандони кадрӣ ва воситаҳои ахбори оморӣ оид ба самти низомӣ-сиёсии ҳайати кадрҳо, гузоришҳо оид ба масъалаҳои низомӣ-сиёсӣ, вазъияти стратегӣ (фаврӣ) ва психологӣ муқаррар ва вазифаҳои гирифташуда, қарорҳо, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда ба ҚС КДАМ ҶТ ба манфиати эҷоди сифатҳои баланди ахлоқӣ ва психологии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандон дар асоси эътиқоди ҷомеа, ватандӯстӣ ва эҳтиёҷоти баланди маънавӣ, инчунин, ҳифзи қӯшун аз таъсири иттилоотию психологии душман мебошад [9].

Дар чаҳорчӯбаи фаъолияти иттилоотӣ-тарбиявӣ маълумот доштани хизматчиёни ҳарбӣ дар бораи вазъияти ҳарбӣ ва сиёсӣ дар ҷаҳон, кишвар, минтақа, ҳам дар ҳудуди худ ва ҳам кишварҳои ҳамсоя, ба онҳо расонидани фармонҳои роҳбарият, намунаҳои далерӣ ва қаҳрамонӣ дар ҷангҳо аҳамияти муҳим дорад.

Кайҳо боз равшан шудааст, ки нафаре метавонад ватани худро, халқи худро дӯст дошта, то қатраи охирини хун ватанашро ҳимоя кунад, ки гузаштаи ватани худ ва бо кадом арзиш ба озодӣ ва истиқлолият расидани давлати худро медонад.

Шаклҳои асосии корҳои иттилоотӣ-тарбиявӣ инҳоянд: тайёрии ҷамъиятӣ-давлатӣ, маълумотдиҳӣ (низомӣ, ҳарбӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, техникӣ, тиббӣ), гӯш кардан ва тамошо кардани маводҳои иттилоотӣ: ҷаласаи ҳайати кормандон; муроҷиатҳои бевоситаи фармондеҳ; вохӯриҳои ҳайати шахсӣ бо фармондеҳ, ветеранҳо ва иштирокчиёни амалиётҳои ҳарбӣ, мубодилаи таҷрибаи нафароне, ки қаблан дар муқовиматҳо (хизмати аскарӣ) иштирок доштанд; кори инфиродии шахсони мансабдор барои кор бо ҳайати шахсӣ дар низоми ҷангӣ; дарки ҳукми додгоҳҳои низомӣ оид ба маҳкум кардани хизматчиёни ҳарбӣ барои ҷиноятҳои ҳарбӣ.

Вазифаҳои психологӣ - фаъолияти мақсадноки фармондеҳон, ситодҳо, мақомоти кор бо ҳайати шахсӣ, дигар шахсони мансабдор дар омӯзонидан, ташаккул додан, барқарор кардани сифатҳои гурӯҳии психологии ҳайати шахсӣ ва хусусиятҳои психологии гурӯҳҳое, ки ба иҷрои вазифаҳои мақсаднокашон мусоидат мекунанд, мебошад.

Вазифаҳои асосии кори психологӣ ташаккули суботи психологӣ ва қобилияти ҳайати кормандон барои иҷрои вазифаҳои таъйиншуда, дастгирии психологии сарбозон, барқарорсозии мақоми равонӣ ва шахсии ҳайати кадрӣ, андешидани тадбирҳо барои паст кардани талафоти равонӣ мебошанд [10].

Корҳои равоншиносӣ марҳилаҳои асосии зеринро дар бар мегиранд: омӯзиши психологии кадрҳои низомӣ, дастгирии психологӣ барои амалҳои неруҳои низомӣ, кумаки психологӣ ва барқарорсозии ҳайати кормандон.

Дар рафти омодагӣ барои гузаронидани амалиёти ҷангӣ, аҳамияти муҳим барои рушди суботи психологӣ ва омодагии иҷрои вазифаҳои ба хизматчиёни ҳарбӣ гузошташуда омодасозии психологӣ мебошад. Вазифаҳои асосии омодагии психологӣ ташаккул додани маҳорату малака ва қобилияти рафтор дар ҷанг, хусусиятҳои психологие, ки ба иҷрои вазифаҳо мусоидат мекунанд, мебошад.

Моҳияти омодагии психологӣ дар татбиқи амалҳои хизматчиёни ҳарбӣ дар шароити ҷанг ва ниҳоят фароҳам овардан ба хизматчиёни ҳарбӣ ва қисмҳои ҳарбӣ, чунин манбаи равонӣ, ки он имконият диҳад, ки дар ҷангҳо, ҳамчун муҳити шинос, ба зудӣ рӯйдодҳоро дар майдони ҷанг муайян кунад, ба тамоюлҳои таҳдидомез саривақт ва боэътимод ба онҳо

ҷавобгӯ бошанд, сатҳи зарурии омодагии ҷанг ва фаъолият дар вазъияти ҷангиро нигоҳ доранд.

Сарлашкари бузурги Руссия А.В. Суворов барои ташаккули омодагии психологӣ барои ҷанг аҳамияти махсус медод. Масалан, дар давоми хизмат дар Суздал А.В. Суворов, ҳамчун фармондеҳи низомӣ, ҳангоми бозгашт аз машғулиятҳои саҳрой дар роҳ як дайрро дид ва ногаҳонӣ фармон дод, ки ба ҳамла гузаранд. Сарбозон ба деворҳо бо нидоҳои “Ура” хазида баромаданд ва дар охири “набард" бо “гирфитани” қалъа ҷанг ба анҷом расид. А.В. Суворов ба осебдидагони бритониёиаш монеъ гашта, фаҳмонд, ки ӯ сарбозонро таълим медод [12].

Зери тайёрии равонии ҳайати низомӣ комплекси чорабиниҳои махсус, ки ба амсиласозии ҳайати шахсӣ дар шароити ҷанг, малакаву маҳорати ташаккулёфта дар шароити ҷанг, бо мақсади ташаккули сифатҳои психологӣ дар ҳайати шахсӣ ва кормандон, ки ба иҷрои вазифаҳои таъйиншуда мусоидат мекунанд, фаҳмида мешавад.

Роҳнамоии психологии амалиёти ҷангии ҷузъу томҳо (қувваҳои мусаллаҳ) ин низоми фаъолияти махсуси корҳои психологӣ, ки дар рафти амалиётҳои ҷангӣ бо ҳайати шахсӣ ва ҷузъу томҳо бо омодагии ҷангӣ барои нигоҳ доштани устувории психологӣ дар ҳолати вазнинии ҷисмонӣ ва асабӣ-психикӣ, пешгирии бемориҳои физиологии инфиродӣ ва гурӯҳӣ, инчунин пешгирии осебҳои ҷангии психикӣ мебошад.

Кумаки равонӣ ва офиятбахшӣ ҳамчун низоми технологияҳои психологӣ, тарз ва усулҳое, ки бо ҳарбиён ва шаҳрвандони ҷабрдида, таъмини бартарафсозии оқибатҳои психологии ҳолати ҷанг ва барқарорсозии омодагии психологӣ барои иҷрои минбаъдаи вазифаҳои ҷангӣ фаҳмида мешавад [8]. Он барои нигоҳдорӣ ва барқарор кардани ҳолати функсионалӣ ва психологии хизматчиён дар натиҷаи муқобилият ва таъсири равонии душман истифода мешавад.

Дар Донишкадаи олии сарҳадӣ омодагии психологӣ мунтазам ва дар рафти машғулиятҳои таълимӣ-саҳрой тибқи барномаи нави таълимӣ барои афсарон-сарҳадбонон гузаронида мешавад ва он ба ташаккул додани суботи психологӣ, ба таъсири омилҳои психологию физикӣ, инчунин омодагии психологии хизматчиёни ҳарбӣ, на танҳо дар фаъолияти хизматӣ-ҷангии минбаъда дар шароити душвори вазъ, балки дар шароити ҷангии муосир бар зидди душмани эҳтимолӣ имкон фароҳам меорад.

Омодасозии умумӣ психологӣ ба инкишоф додани психикаи устувори курсантон, пеш аз ҳама, иродаи мустаҳкам ба монанди ҷасурӣ, далерӣ, сабр, истодагарӣ нигаронида шудааст.

Дар оянда, омодасозии курсантон дар шаклҳои ташвиқоти эҳсосии эҳтимолӣ, бартараф намудани ҳолатҳои ногувори равонӣ, кумаки аввалиндараҷа ба худ ва ҳамяроқон ва ёрии аввалияи психикӣ, усулҳои наҷот дар шароитҳои шадид (дар асирӣ), қобилияти гумроҳ кардан ва тарсидани душман ва ғайраҳо ба нақша гирифта шудааст. Мутобиқшавии курсантон ба душвориҳо дар давраи ҷустуҷӯи сарҳадӣ, ба зарурати муттасил иҷро кардани талаботҳои интизомӣ, бе чуну чаро итоат кардан ба командирҳо ва сардорон муҳим аст.

Яке аз вазифаҳои марказии омодасозии психологии хатмкунандагони донишкада ба фаъолияти хизматӣ-ҳарбӣ ин танзими фаъолияти психикӣ, ки ба хизмати минбаъдаи онҳо дар дидбонгоҳи сарҳадӣ хусусиятнок мебошад, иборат аст. Бинобар ин, кулли фаъолияти хизматӣ, реҷаи рӯз, сатҳи фаъолияти машғулиятҳои омӯзишӣ дар давоми дарсҳои саҳроии курсантон ҳамчун хидмати воқеии сарҳадбон дар сарҳад дониста мешавад [7].

Курсантон ба хизмати саҳроӣ, худидоракунии пурра (батартибории манзили зист, пухтупаз ва машғулиятҳои алоҳидаи зиндагӣ), ба ҳолати пурэҳсоси зиндагӣ (дар ҳолати бонги хатар, марҳалаҳои функсионалии фаъолият дар давраҳои гуногуни рӯз, коҳиш додани вақти хоб ва истироҳат, пайдо шудани душвориҳо, монеаҳои иловагӣ ва ғайра) омода мешаванд.

Ҳангоми машғулиятҳо ҳолатҳое офарида мешаванд, ки дар амалиётҳои махсус боиси ихтилоф, воҳима, асабоният (кандашавии алоқа, ташкили вазъияти номуайян, шароити боду ҳаво, фаъолияти барзиёд) мегардад. Ҳар як курсант, ки дар доираи барномаи мазкур омода карда мешавад, ба ҳолатҳои ғайриоддӣ вобаста ба ҳиссиёти худ, дар аксуламал ва рафтори

ҳамяроқони худ, ӯ метавонад дар вазъияти ҷангӣ рӯ ба рӯ шавад.	Мо кӯшиш менамоем, ки хатмкунандаи донишкада ба зудӣ заифии психикии худро бартараф кунад, ба ҳамяроқон ва зертобеошан кумаки аввалини психологиро расонида тавонад.

Дар рафти машғулиятҳои тактикаи қушунҳои сарҳадӣ ва курсҳои махсус машқҳои махсуси равонӣ гузаронида мешаванд, ки барои расидан ба ҳадафҳои мақсаднок ва пурмуҳтавои сифатҳои курсантон имконият медиҳанд. Масалан, дар афсарони ояндаи сарҳадӣ дақиқияти дарки унсурҳои вазъият, қобилияти дарки вазъияти душвор, назардид, матонат, мушоҳидакорӣ, хирадмандӣ ва ғайра инкишоф дода мешавад.

Хатмкунандаҳои донишкада дар натиҷаи омодагии писхологӣ ба шароити табиӣ-ҷуғрофӣ, ҳавоӣ ва иқлимӣ (ҳарорати баланд ва пасти ҳаво ва ғ.), техникӣ-технологӣ ва фаъолияти хизмати ҷангӣ мутобиқ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар раванди гузаронидани чорабиниҳои тайёрии психологӣ курсант мефаҳмад ва вобаста ба имконияти дарккуниаш хусусияти психикии ҳолати ҷангӣ ва чӣ гуна муносибат кардан ба он, инчунин, фаъолона амал карданро меомӯзад.

Вазъияти пешгузошташудаи фаъолияти хизмати ҷангӣ бояд боэътимод, дар ҳалли вазифаҳои мушаххаси ҷангӣ самарабахш бошад ва дар дурустии амалҳои худ аз нуқтаи назари ахлоқӣ шубҳа эҷод накунад.

Шакли дигари таъминоти руҳӣ-равонӣ ин корҳои ҳарбӣ-иҷтимоӣ мебошад. Корҳои иҷтимоӣ-ҳарбӣ чорабиниҳои тарбиявии ҳамоҳангӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва таълимӣ, ки ба татбиқи кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, ки аз ҷониби қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд, иборат мебошад [3].

Корҳои ҳарбӣ-иҷтимоӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити иҷтимоии иҷрои вазифаҳои хизматиашон аз ҷониби кормандони мақомоти иҷроия, таъмини нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ ва низомӣ дар қисмҳои ҳарбӣ ва таъмини кафолати иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо анҷом дода мешаванд.

Шаклҳои асосии фаъолияти ҳарбӣ-иҷтимоӣ инҳоянд: таҳлили риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқҳо, кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҷубронпулии хизматчиён ва назорат аз болои огоҳиномаи пурраи меъёри талабот; машваратҳои инфиродӣ ва коллективӣ оид ба масоили иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ; гузаронидани суҳбатҳо ва дарсҳо доир ба низоми ҷамъиятӣ-давлатӣ ва касбӣ-техникӣ оид ба масоили иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ; ташкили саволҳо ва посуххо; вохӯриҳо бо роҳбарияти ҳукуматҳои маҳаллӣ барои ҳалли масъалаҳои риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои хизматчиёни ҳарбӣ; кор бо мактубҳо, шикоятҳо ва изҳоротҳои кадрҳои низомӣ дар масъалаҳои иҷтимоӣ.

Шакли нисбатан муҳимми таъминоти руҳӣ-равонӣ корҳои фарҳангӣ-фароғатӣ мебошад. Корҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ин низоми чорабиниҳо дар ҳама намудҳои фаъолияти ҳарбиву рӯзмарраи Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ ҶТ барои ташкили истироҳат ва тарбияи кадрҳо тавассути воситаҳои фарҳанг ва воситаҳои ахбори омма мебошад [6].

Он фарогири вазифаҳои фармондеҳон, кормандон ва ситодҳо ва шуъбаҳои кор бо ҳайати шахсӣ, ки ба нигоҳ доштани мақоми баланди ахлоқӣ ва психологии қисмҳои низомӣ ва бахшҳо, ташкили таҳсилоти ҳарбӣ ва истироҳати ҳайати кормандон, бартараф кардани стрессҳои психологӣ ва эҳтиёҷоти фаровони фарҳангӣ мебошад.

Корҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар вазъияти ҳарбӣ фарогири вазифаҳои зерин мебошад: таъмини баланди маънавӣ-психологии ҳайати шахсӣ, ташкили шароит барои фароғат ва истироҳати дурусти кормандон, бо дарназардошти вазъияти ҷангӣ, таҳкими садоқати ҳарбӣ ба вазифаи низомӣ ва анъанаҳои миллии далерӣ, эътимод ба боварии худ, бартараф кардани стресс ва офиятбахшии маънавӣ ва психологии ҳайати кормандон, хизматрасонии фарҳангӣ-бадеӣ ба сарбозон; нигоҳ доштани муҳити солим ва ахлоқӣ-психологӣ дар гурӯҳҳои ҳарбӣ.

Корҳои фарҳангӣ-фароғатӣ бо навъҳои гуногуни шаклҳо ва усулҳои анҷом додани вазифаҳои таъминоти руҳӣ-равонӣ дар амалиёти ҷангӣ муайян карда мешаванд [1]. Шаклҳои

асосии он: телевизион, радио, филмҳо, видео, аксҳо, таъмин намудан бо адабиёт ва рӯзномаҳо, ташкили баромадҳои коллективҳои ҳарбии касбӣ ва худфаъолият, намояндагони фарҳанг ва санъат ва дигар гурӯҳҳои эҷодӣ, бозиҳои варзишӣ ва чорабиниҳои дигари фарҳангӣ, варзишӣ ва истироҳатӣ, корҳои методӣ, кор бо фаъолон, рассомон ва нависандагон дар ташкили кор адабиёт ва санъат, ҷамъоварии мавод барои музейҳои ҳарбӣ, намоишгоҳҳо ва ғ. мебошад.

Усулҳои аз ҳама самараноки корҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар ҳолати ҳарбӣ ин усулҳои педагогии таълим ва тарбия, усулҳои таъсиррасонӣ ба ҷаҳонбинӣ (иттилоот, боваркунонӣ, талқинкунӣ), усулҳои водоркунӣ ба фаъолият (маърифатӣ, тарғиботӣ, ташвиқотӣ ва даструдиҳӣ), усулҳои эҷодии коллективӣ ва ғайра мебошанд.

Дар доираи муҳофизат аз таъсири иттилоотиву психологӣ, мо ба нақшаи таълимӣ фанни «Асосҳои фарҳанги иттилоотии афсари сарҳадбон» -ро ба барномаи таълимӣ ворид намудем. Вазифаи асосии ин фан аз он иборат аст, ки курсантонро ба таври кофӣ тарзи моҳиронаи кор бо иттилоот ва таҳлили танқидии иттилотро омӯзонад.

Мавҷудияти тафаккури танқидии курсантон асосан барои муваффақияти тағйирёбии ҷомеа асос ёфтааст, бинобар ин, ташаккул ва инкишофи он дар ҷараёни таълими донишгоҳ яке аз вазифаҳои асосии системаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Имрӯз, шахсе, ки фикру назари танқидӣ дорад, метавонад ба саволҳо ва қарорҳои муқарраршуда муколама гузарад, моҳияти мушкилот ва роҳҳои алтернативиро барои ҳалли он пешниҳод кунад.

Ҳамин тариқ, таъминоти руҳӣ-равонӣ дар қувваҳои мусаллаҳ маҷмӯи чорабиниҳо дар қисмҳои низомӣ, шуъбаҳо ва зерсохторҳо бо мақсади ташаккули ҷаҳонбинӣ, эҷод ва паҳн кардани арзишҳои фарҳангӣ, эҳтиёҷоти фарҳангӣ, қобилияти эҷодӣ ва бартараф кардани ҳолати ҳаяҷони рӯҳӣ дар ҳайати низомӣ мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Культурно-досуговая работа в Вооруженных Силах Российской Федерации. Учебник. Под общей редакцией к.и.н., профессора Б. В. Воробьева. –Москва, 2015. -С. 21.
2. Никитин В. Система морально-психологического обеспечения в вооруженных силах Российской Федерации: цели, задачи, методы и формы, содержание. особенности организации в различных условиях боевой деятельности [электронный ресурс]. http://voenn.info/docs/ogp/ogp-kl/2016/2016-06-1.shtml. (дата обращения: 2.03.2019).
3. Определение и основные задачи военно-социальной работы [электронный ресурс]. https://studme.org/15341220/sotsiologiya/opredelenie_osnovnye_zadachi_voenno-sotsialnoy_raboty . (дата обращения: 21.02.2019).
4. Основные направления в интересах морально-психологического обеспечения боевых действий войск (сил) [электронный ресурс]. http://www.work5.ru/gotovye-raboty/130541. /(дата обращения: 6.03.2019г).
5. Основные направления морально-психологического обеспечения боевых действий войск (сил) [электронный ресурс]. http://www.work5.ru/gotovye-raboty/130541. /(дата обращения: 6.03.2019г).
6. Особенности социальной работы в культурно-досуговой сфере [электронный ресурс]. http://7universum.com/ru/social/archive/item/4242 (дата обращения: 21.02.2019).
7. Психического состояния, характерных для дальнейшей службы [электронный ресурс]. // https://megalektsii.ru/s25409t3.html(дата обращения: 28.02.2019).
8. Психологическая реабилитация — психология [электронный ресурс]. //https://obu4ayka.ru/stati/__trashed-752.html. (дата обращения: 1.03.2019).
9. Пути противодействия информационно-психологическому воздействию противника [электронный ресурс]. //https://studfiles.net/preview/615482. (дата обращения: 6.03.2019).
10. Современное состояние психологической службы и концептуальные основы ее функционирования [электронный ресурс]. //https://helpiks.org/1-24946.html . (дата обращения: 1.03.2019).
11. Суворов А.В. Письма. -М., 1986.-С. 386.
12. Утлик Э.П. Влияние идей А. В. Суворова на современную военную психологию [электронный ресурс]. //https://cyberleninka.ru/article/n/vliyanie-idey-a-v-suvorova-na-sovremennuyu-voennuyu-psihologiyu (дата обращения: 1.03.2019).


## ТАЪМИНОТИ РУҲӢ-РАВОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ХИЗМАТӢ-ҶАНГӢ ДАР НИЗОМИ ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲОИ САРҲАДӢ

**(дар мисоли Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ ҶТ)**


Дар мақолаи мазкур таъминоти рӯҳӣ-равонии фаъолияти хизматӣ-ҳарбӣ дар низоми тайёр кардани кадрҳои сарҳадӣ дар мисоли Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Омода кардани афсарони сарҳадбон барои қобилияти мудофиавӣ ва бехатарии ҷумҳурӣ аҳамияти умда дошта, дар ташаккули қувваҳои мусаллаҳ, тарбия ва омӯзонидани ҳайати шахсӣ, муҳофизат ва ҳимояи сарҳади давлатӣ мақоми муҳимро ишғол мекунад. Мақсади таъминоти рӯҳӣ-равонӣ дар ҳайати шахсии

ҷузъу томҳо ва қисмҳои низомӣ ташаккул додани ҳолати ахлоқӣ-психологии фарогири таъминоти бомароми вазифаи ҳарбӣ мебошад. Дар Донишкадаи олии сарҳадӣ омодагии психологӣ доимо гузаронида шуда, дар рафти машғулиятҳои таълимӣ-саҳроӣ ҷоннок карда мешавад. Мавҷудияти тафаккури танқидии курсантон асосан барои муваффақияти тағйирёбии ҷомеа асос ёфтааст, бинобар ин, ташаккул ва инкишофи он дар ҷараёни таълими донишгоҳ яке аз вазифаҳои асосии системаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Имрӯз, шахсе, ки фикру назари танқидӣ дорад, метавонад ба саволҳо ва қарорҳои муқарраршуда муколама гузарад, моҳияти мушкилот ва роҳҳои алтернативиро барои ҳалли он пешниҳод кунад. Ҳамин тариқ, таъминоти рӯҳӣ-равонӣ маҷмӯи чорабиниҳое мебошад, ки бо мақсади ташаккули ҷаҳонбинӣ ва рушди қобилияти эҷодӣ роҳандозӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** тайёрии ахлоқӣ-психологӣ, курсант, сарҳадбон, корҳои фарҳангӣ-фарогатӣ, Донишкадаи олии сарҳадӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## МОРАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ СЛУЖЕБНО-БОЕВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СИСТЕМЕ ПОДГОТОВКИ ПОГРАНИЧНЫХ КАДРОВ (НА ПРИМЕРЕ ВПИ ГКНБ РТ)

В статье рассматривается морально-психологическое обеспечение служебно- боевой деятельности в системе подготовки пограничных кадров на примере Высшего погрничного института Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан. Подготовка офицеров пограничников для укреплении обороноспособности и безопасности республики имеет огромное значение и занимает особое место в строительстве вооруженных сил, воспитании и обучении личного состава, охране и защите государственной границы. Целью морально-психологического обеспечения является формирование у личного состава подразделений и воинских частей морально-психологического состояния, обеспечивающего успешное выполнение боевых задач. В высшем пограничном институте психологическая подготовка проводится постоянно и усиливается во время учебно-полевых занятий.Критическое мышление для слушателей является основой осуществляемых преобразований в обществе, поэтому развитие и формирование в образовательном процессе вуза принимается как одна из ведущих задач системы высшего профессионального образования. Личность, обладающая критическим мышлением, умеющая подвергнуть сомнению устоявшиеся мнения и суждения, вести диалог, искать и определять суть проблемы и найти правильные пути ее решения, умение отличать факт от предположения и личного мнения – на сегодняшний день конкурентоспособна и востребована на рынке труда.

Таким образом, морально-психологическое обеспечение представляет собой комплекс мероприятий, организуемых в целях формирования мировоззрения и развития творческих способностей.

**Ключевые слова:** морально-психологическая подготовка, пограничник, культурно-досуговая работа, Высший пограничный институт, Республика Таджикистан.

## MORAL-PSYCHOLOGICAL SUPPORT OF COMBAT SERVICE ACTIVITY IN THE SYSTEM OF TRAINING FRONTLINE PERSONNEL (ON THE EXAMPLE OF VPI GKNB RT)

The article discusses the moral and psychological support of service and combat activities in the system of training border personnel on the example of the VPI GKNB of the Republic of Tajikistan. The training of border officers for strengthening the defense and security of the republic is of paramount importance and occupies a special place in the construction of the armed forces, in the education and training of personnel, in the protection and defense of the state border. The purpose of moral and psychological support is the formation of the moral and psychological state of the personnel of subunits and military units, ensuring the successful execution of combat missions. At the Higher Border Institute, psychological training is carried out constantly and is intensified during field training. The presence of critical thinking among students is the basis for the success of the ongoing changes in society, therefore, its formation and development in the educational process of the university is positioned as one of the leading tasks of the system of higher professional education. Today, a person with critical thinking, able to question established opinions and judgments, is able to conduct a dialogue, determine the essence of the problem and alternative ways to solve it, distinguish fact from assumption and personal opinion - competitive and in demand in the labor market. Thus, moral and psychological support is a complex of events organized in order to form a world view and develop creative abilities.

**Keywords:** moral and psychological training, border guard, cultural and leisure work, the Higher Border Institute, the Republic of Tajikistan.

**Сведения об авторах:** ***Раджабов Джумахон Ходжаевич*** -Высший пограничний институт Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан, кандидат педагогических наук, полковник-начальник факультета подготовки руководящих кадров, переподготовки и повышения квалификации. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Турдиева 47. Телефон: **(+992) 93 553 67 06.**

***Турсунов Турсунмурод Худоймуродович*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры новая и новейшая история зарубежных стран исторического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **tursunov-murod@mail.ru**. Телефон: (**+992) 934-66-55-81**

**Information about the authors:** ***Radzhabov Dzhumakhon Khodzhaevich*** - Higher Border Institute of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, candidate of pedagogical sciences, colonel - head of the faculty of leadership training, retraining and advanced training. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Turdiev street 47. Phone: (+992) 93 553 67 06.

***Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of New and Recent History of Foreign Countries of the Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **tursunov-murod@mail.ru.** Phone: **(+992) 934-66-55-81**

УДК:371:372.831(575,3)

# ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАСЪАЛАИ ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ ҲАМЧУН ЯК ВАЗИФАИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТӢ

*Ҳомидов Ҷ.У.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар шароити нави инкишофи муносибатҳо талабот ба омӯзиш ва асоснокнамоии илмии масъалаҳои аҳаммиятноки ҷомеа афзун мегардад. Масъалаи баррасишаванда, ки ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун як вазифаи илмию тадқиқотӣ мебошад, ба ислоҳоти системаи маориф дар шароити муосири инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, эътибор пайдо кардани қонун ва меъёрҳои санадии нав дар бораи маориф ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, ки ин соҳаи амалияи ҷамъиятиро танзим мекунанд, вобаста аст. Зарурияти фаҳмиши илмии равандҳои ҷорӣ, асосноксозии назариявӣ ва методологии онҳо ва муайян кардани шароит барои татбиқи самарабахши усулҳои пешрафтаи назариявӣ ба вуҷуд омадааст.

Ҳуқуқи шахс ба таҳсил мавзӯи бисёре аз таҳқиқоти илмӣ гардидааст. Онро шохаҳои илми гуманитарӣ ба таври гуногун баҳо медиҳанд. Масъалаи асосии педагогикаи ҳуқуқ эътироф карда мешавад. Таҳлили адабиётҳо ба мо имконият медиҳанд, ки ҳуқуқ ба таҳсил, чун қоида, дар заминаи ҳуқуқҳои иҷтимоии шахс ва шаҳрванд баррасӣ карда шавад.

Рушди таърихии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро Р. Ш. Мешеров, Н. И. Никитин, С. А. Расчетинтина ва дигарон омӯхтаанд [2].

Масъалаҳои вазъи ҳуқуқии шахсро С. А. Авакян, С. С. Алексеев, В. М. Баглай, Н. В. Витрук, Л. Д. Воеводин, И. В. Гончаров, А. Ю. Кабалкин, С. Ф. Качекян, Е. А. Кричек, Е. А. Лукашева Г. В. Малсев, М. Н. Марченко, В. А. Масленников, Н. И. Матузов, В. С. Нерсесянс, Ю. А. Тихомиров, В. Е. Чиркин ва дигарон мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додаанд.

Асосҳои конститутсионии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро дар асарҳои Л. А. Долникова, Г. А. Дорохова, Т. С. Румянсева, М. В. Смирнова, О. А. Теплякова, И. В. Тяпкинов ба таври умумӣ вохӯрдан мумкин аст.

Танзими ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқи инсон ба таҳсилро дар пажӯҳишҳои В. В. Богданов, Д. А. Голованов, Д.В. Гусева, А.Н. Козирин, И.Ф. Никитина, В. В. Рибакова, Е. В. Слесарева, О. Н. Столбушинский, Ю. А. Тихомиров ва дигарон вохӯрдан мумкин аст.

Равишҳои арзишӣ ва принсипалӣ дар идоракунии маориф ва афзалиятҳои аксиологии стратегияи рушди он аз тарафи Б. М. Бим-Бад, В. М. Богуславский, В. А. Караковский, Г. Б. Корнетов, Н. Д. Никандров ва дигарон омӯхта шудааст [5].

Сарфи назар аз он, ки ин масъала диққати шумораи зиёди муҳаққиқонро ҷалб кардааст, бисёр масъалаҳои марбут ба омӯзиши ҳуқуқи таҳсил ба қадри кофӣ ошкор карда нашудаанд. Аз ҷумла, шароит ва механизмҳои татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил, инчунин мундариҷаи он, консепсияи низоми таҳсилот дар шароити муосир ва сохтори он ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд.

Низоми қонунгузории аксар кишварҳо, таҳсилро ҳамчун як роҳи ягонаи мутамаркази таълим ва мутахассисгардонӣ ва маърифатикунонӣ муайян менамоянд, ки талаботи иҷтимоӣ буда, ба манфиати шахс, оила, ҷомеа ва давлат, инчунин ҷомеа татбиқ карда мешавад. Дониш, малака, арзишҳо, таҷриба ва салоҳиятнокии муайяни ҳаҷм ва мушкилиро ба мақсади рушди зеҳнӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, эҷодӣ, ҷисмонӣ ва ё касбии шахс ба даст меоранд. Чунин бамақсадрасӣ аз иҷрои ниёзҳо ва манфиатҳои таълимии шахс вобастагӣ дорад.

Маориф ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми ҷомеа аз тарафи давлат танзим карда мешавад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи маориф, сохтори системаи маорифи давлат дар асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ тасдиқ карда шудаанд.

Дар шароити муосир, ҳуқуқ ба таҳсил яке аз ҳуқуқҳои асосӣ мебошад. Чунин ҳадафгирии давлатҳо ва ташкилотҳои олами муосир ба зарурати таъмин кардани коргарон дар раванди истеҳсолот муқаррар карда шудааст [4].

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки характери умумиинсониро доро мебошад, дар шароити муосири инкишофи ҷомеа чунин эълон карда шудаанд:

- ҳуқуқи дастрасӣ ба таҳсилоти томактабии ройгон;

- гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ;

- таҳсилот бо истифода аз хизматрасониҳои иҷтимоии давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар асоси пардохти иловагӣ;

- таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ барои гирифтани касб ва дар корхнаҳо ё марказҳои илмӣ – пажӯҳишӣ тариқи таҷрибаомӯзӣ ба хотири такмили ихтисос;

- фароҳам овардани шароит барои комёб шудан ба тарзи ройгони таълим тариқи озмун;

-имконият додан барои гирифтани маълумоти дигари касбӣ дар заминаи маълумоти аввали касбӣ.

Механизми конститутсионии татбиқи иҷтимоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумлаи унсурҳои зерин мебошанд:

- меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоиро муайян мекунанд;

- кафолатҳои ҳуқуқӣ ба шахс ва шаҳрванд ҳангоми ба амал баровардани талаботу манфиатҳои иҷтимоии таҳсилгирӣ;

- далелҳои ҳуқуқӣ, манъи амалигардонии ҳуқуқ ба таҳсил;

- механизми татбиқнамоӣ ва маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрванд;

- муайяннамоии институтсионалӣ барои таъминоти иҷтимоии таҳсилгирӣ;

- тарҳрезӣ намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- механизми таъмини ҳифзи фаъолияти маълумотгирӣ: нақши суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар назорати иҷрои меъёрҳои ҳуқуқии вобаста ба амалӣ гардидани ҳуқуқ ба таҳсил.

Қоида, тартиб ва низоми таҳсил аз раванди инкишофи ҷомеа ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои сатҳи нав вобастагӣ дорад. Назарияҳо ва мактабҳои идеологӣ дар шаклгирии низоми таҳсилот нақши муассир доранд. Ташаккули он аз омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вобаста аст. Иваз гардидани режими сиёсӣ ва сохтори давлатдорӣ ба омили сиёсӣ тааллуқ дорад, ки ё баҳри ташаккул ва самаранок гардидани низоми таҳсилот таъсири манфӣ мерасонад, ё он рӯ ба таназзул ниҳода, тартиби навро ҷорӣ мекунад.

Аксаран барои дигаргунгардидани низоми маориф ҳаракатҳои иҷтимоӣ – маданӣ ва ҷамъиятӣ кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд ва дар мазмуни нав гирифтани он нақш доранд. Масалан, ҳаракати иҷтимоӣ – маънавии маорифпарварӣ, ки дар асрҳои XVIII – XX пайдо шуда буд, боиси дигаргун ва мазмуни нав гирифтани соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, махсусан маориф гардида буд. Аммо, амалигардии низоми маориф бе ба эътибор гирифтани қоидаву меъёрҳои принсипалии санадӣ ва ҳуқуқӣ пурра таъмин шуда наметавонад. Татбиқнамоии санадӣ бо роҳи ҳуқуқӣ, нақши муҳим дорад [3].

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз муайяннамоии сатҳи салоҳияти ҳуқуқии субъектҳо, муносибатҳои ҳуқуқии онҳо, танзимнамоии давлатӣ иборат аст.

Сиёсати давлатии аксар давлатҳо ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи маориф, ба принсипҳои зерин асос меёбанд [7]:

- эътирофи афзалияти таҳсилот таъмин карда шавад;

- ҳуқуқи ҳар як шахс ба маълумот, мавҷуд набудани табъиз дар соҳаи маориф;

- табиати гуманистии таълим, афзалияти ҳаёт ва саломатии инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, инкишофи озодонаи шахсият;

- ҳифз ва рушди хусусиятҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои халқҳо;

- озодии интихоб мувофиқи майлу хоҳишҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои инсон барои амалисозии ҳар яки онҳо;

- таъмини ҳуқуқ барои таҳсил дар давоми тамоми ҳаёт мувофиқи эҳтиёҷоти шахсӣ;

-мутобиқшавии системаи маориф ба сатҳи омӯзиш, хусусиятҳои инкишоф, қобилият ва манфиатҳои инсон ва ғайра.

Ҳуқуқ ба таҳсил ҷудонопазир аст. Он ҳам ба инсон ва ҳам ба шаҳрванд зич алоқаманд аст. Ҳуқуқ ба таҳсил бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ алоқаманд аст. Ҳуқуқ ба таҳсил имконияти дар инкишофи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ – дар раванди истеҳсолот иштирок кардани инсон ва шаҳрвандонро таъмин мегардонад. Татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил дар заминаи фароҳам овардани шароитҳо барои шахсият муайян мегардад. Дар доираи таҳлили адабиёти илмӣ – ҳуқуқӣ оид

ба проблемаи омӯхташаванда, омӯхтани санадҳои қонунгузории кишварҳои гуногун ва санадҳои меъёрии байналмилалии кафолатдиҳандаи ҳуқуқи шахс ба таҳсил ба назар мерасад.

Ба ташаккул ва татбиқи низоми ҳуқуқҳои иҷтимоии шахс мавқеи стратегӣ, ки ҳама гуна муносибатҳоро муайян мекунад, аҳаммияти муҳим дорад. Он ҳамчун нуқтаи асосии истинод, ҳамчун дурнамо эътироф карда мешавад. Ҳамчун як самти дурусти созмонёфта ба сӯйи ҳадафҳои инкишофи соҳаи маориф ва рафти амал дар шакли маҷмӯаи бо ҳам алоқаманди қарорҳои идоракунӣ, роҳҳои ноил шудан ба ҳадафҳо эътироф мегардад. Худи мавҷудияти таълим ҳамчун як соҳаи махсус вазифаи стратегиро дар робита бо ҷомеа иҷро мекунад. Ҳадафҳои таълимии рушди ҷомеа тавассути тағйир додани шуур ва маърифтанокии ҷомеа ва шахсият татбиқ мегардад. Ҳаминтариқ, системаи маориф дар амал стратегияи дугона - якум, ҷомеа ва дуюм худи маорифро ташаккул медиҳад.

Кафолатҳои давлатӣ ва санадию барномавӣ боиси ташаккул ва пешрафти ин соҳа дар давраи бӯҳрони ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Муаллифони муосир қайд мекунанд, ки «таназзули таҳсилот ҳамчун парадигмаи паст кардани потенсиали тахассусии аҳолӣ инъикос ёфтааст. Он таҳдид ҳатто ба амнияти миллии кишварҳо, минтақаҳо ва ба амнияти байналмилалӣ мебошад. Давлат таҳрикдиҳандаи механизми байни соҳаҳои маориф бо дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Нақши роҳбарикунандаро дар ташаккули соҳаи маориф, ки айни замон дар идоракунии таҳсилоти аксар давлатҳо системаи ягонаи пешгӯӣ ва банақшагирӣ вуҷуд дорад, меъёрҳои принсипалие, ки ба сифати ташаккулдиҳанда ва муташаккилсозандаи муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравнад, баромад мекунанд.

Т.П. Воронин қайд менамояд, ки "таҳқиқотҳои илмӣ махсусан дар бахши маориф актуалӣ гашта, робитаи таълим бо дигар соҳаҳои ҷомеа дар ҷаҳони иттилоотӣ, бо тағйирот дар системаи иқтисодӣ, дар соҳаи идоракунӣ, дар ҳаёти сиёсӣ, дар соҳаи ҳаёти рӯзмарра, оила, муносибатҳо дар соҳаи фарҳанги маънавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ ба таври махсус барқарор карда мешавад [6].

Омӯзиши фалсафии мушкилоти таълим дар ҷомеаи иттилоотӣ ҳадафмандона аст. Зеро он ба таҳлилгар имкон медиҳад тамоюлҳои асосиро муайян кунад, рушди системаи таҳсилот дар ҷаҳони муосир, зуҳуроти бӯҳронӣ дар соҳаи маориф ва роҳҳои бартараф намудани онро ошкор намояд.

Новобаста аз мавҷудияти паҳлуҳои гуногуни таҳқиқот дар соҳаи маориф, проблемаи мавҷудияти низоми таълим ва ташаккули он ҳамчун воқеияти объективӣ вуҷуд дорад. Баррасинамоӣ дар заминаи робитаҳои амиқи маориф ва ҷомеа ва бо он роҳҳои азхудкунии навоварӣ, неруи таълимӣ, самтҳо ва шаклҳои таъсири он ба ҷомеа мушаххас гардонида мешавад. Агар таҳсилоти объективона вуҷуд дошта бошад, пас бояд хосияти прогрессивии он эътироф карда шавад. Кафолатҳои ҳуқуқии ташкили худидоракунии системавии маориф, ки дар дохили он ваҳдати фазои таълимӣ созмон меёбад, аҳаммияти муҳим дорад. Баъзе аз меъёрҳои батанзимдарорандаи соҳаи мазкур дар рушди худи маориф таъсири мусбӣ расонида, ваҳдадти соҳаи мазкурро таъмин мекунад.

Дар шароити муосир аксар кишварҳо ба самти инноватсионии ҷараёни таълим аҳаммият медиҳанд. Пешравии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз ташаккул ва рушди устувори соҳаи мазкур вобастагии зиёд дорад.

## АДАБИЁТ


1. Блинов А.О. Модернизация образования как условие развития образования / А.О. Блинов // Образование и право. – М.: Юркомпани, 2014. – № 3. – С. 68-80.
2. Бондаревский А.Е. Право на образование: сущность и принципы / А.Е. Бондаревский //Право и культура. – М., 2013. – С. 275-279.
3. Третьяк Н. В. Юридическая природа права на образование и его место в системе конституционных прав и свобод личности / Н. В. Третьяк // Юрист ВУЗа. -2011. -№ 8. -С. 5–9.
4. Федеральный закон «Об образовании в Российской Федерации» от 29.12.2012 № 273-ФЗ. URL: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_165887/
5. Шакун Н. В. Проблемы обеспечения и реализации социальных прав человека и гражданина в современной России / Н. В. Шакун // Вестник Московского университета МВД России. -2013. -№ 7. -С. 52–56.
6. SHakun N. V. Problemy obespecheniya i realizatsii sotsial'nykh prav cheloveka i grazhdanina v sovremennoy Rossii // Vestnik Moskovskogo universiteta MVD Rossii. 2013. № 7. S. 52–56.
7. Tret'yak N. V. YUridicheskaya priroda prava na obrazo-vanie i ego mesto v sisteme konstitutsionnykh prav i svobod lichnosti // YUrist VUZa. 2011. № 8. S. 5–9.

## ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАСЪАЛАИ ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ ҲАМЧУН ЯК ВАЗИФАИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТӢ

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми доираи илми ҳуқуқшиносӣ – педагогикаи ҳуқуқ бахшида шудааст. Дар мақола масоили моҳият, мундариҷа меъёрҳои принсипиалии ҳуқуқ ба таҳсил баррасӣ шудаанд. Усулҳои гуногун ба типологияи ҳуқуқ ба таҳсил пешниҳод шудаанд. Ҳуқуқи шахс ба таҳсил мавзӯи бисёре аз таҳқиқоти илмӣ гардидааст. Онро шохаҳои илми гуманитарӣ ба таври гуногун баҳо медиҳанд. Он масъалаи асосии педагогикаи ҳуқуқ эътироф карда мешавад. Таҳлили адабиётҳо ба мо имконият медиҳанд, ки ҳуқуқ ба таҳсил, чун қоида, дар заминаи ҳуқуқҳои иҷтимоии шахс ва шаҳрванд баррасӣ карда шавад. Сарфи назар аз он, ки ин масъала диққати шумораи зиёди муҳаққиқонро ҷалб кардааст, бисёр масъалаҳои марбут ба омӯзиши ҳуқуқ ба таҳсил ба қадри кофӣ ошкор карда нашудаанд. Аз ҷумла, шароит ва механизмҳои татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил, инчунин мундариҷаи он, консепсияи низоми таҳсилот дар шароити муосир ва сохтори он ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд. Маориф ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми ҷомеа аз тарафи давлат танзим карда мешавад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи маориф, сохтори системаи маориф дар муқаррароти санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ тасдиқ карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** таҳсилот, ҳуқуқ ба таҳсил, тасдиқи меъёрии ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил, стратегия, замони муосир, модернизатсияи системаи маориф.

## ИЗУЧЕНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ПРАВА НА ОБРАЗОВАНИЕ КАК НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКАЯ ЗАДАЧА

Статья посвящена одному из важнейших вопросов научно-правовой педагогики. В статье рассматривается вопрос о содержании и принципах права на образование. Представлены различные подходы к типологии права на образование. Право на образование было предметом большой исследовательской работы. Это по-разному оценивается ветвями гуманитарных наук. Анализ литературы позволяет нам исследовать право на образование, как правило, на основе социальных прав отдельных лиц и граждан. Несмотря на то, что эта проблема привлекла большое количество исследователей, многие вопросы, связанные с изучением права на образование, недостаточно ясны. В частности, условия и механизмы реализации права на образование, а также его содержание, концепция системы образования в современных условиях и ее структура, до конца не изучены.Образование как социальный феномен регулируется государством как одно из важнейших направлений общества. Государственная образовательная политика основана на правовом регулировании отношений в сфере образования и структуре государственной системы образования на нормативно-правовой основе. В современных условиях право на образование расширяет возможности. Такая цель, поставленная государствами и организациями в современном мире, заключается в необходимости обеспечить работников производственным процессом.

**Ключевые слова:** образование, право на образование, нормативное утверждение, право на образование, стратегия, современность, модернизация системы образования.

## TO STUDY THE THEORETICAL ASPECTS OF THE RIGHT TO EDUCATION AS A RESEARCH TASK

The article is devoted to one of the most important issues of scientific and legal pedagogy. The article discusses the content, content and principles of the right to education. Various approaches to the typology of the right to education are presented. The right to education has been the subject of much research. This is evaluated differently by the branches of the humanities. The main issue of legal pedagogy is recognized. An analysis of the literature allows us to examine the right to education, as a rule, on the basis of the social rights of individuals and citizens. Despite the fact that this problem attracted a large number of researchers, many issues related to the study of the right to education are not clear enough. In particular, the conditions and mechanisms for the implementation of the right to education, as well as its content, the concept of the educational system in modern conditions and its structure, are not fully understood. Education as a social phenomenon is regulated by the state as one of the most important areas of society. The state educational policy is based on the legal regulation of relations in the field of education and the structure of the state education system on a regulatory basis. In modern conditions, the right to education is expanding opportunities. Such a goal, set by states and organizations in the modern world, is the need to provide workers with the production process.

**Keywords**: education, the right to education, regulatory approval, the right to education, strategy, modernity, modernization of the education system.

**Сведения об авторе:** ***Хомидов Дж.У.*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель, ассистент кафедры политологии и международных отношений. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни 67. **E-mail: mahmadusmon1987@mail.ru Телефон: (+992) 904-23-25-00**

**Information about the author:** ***Homidov J.U.*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, assistant at the Department of Political Science and International Relations. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bohtar, Aini Street 67. E-mail: **mahmadusmon1987@mail.ru** Phone: **(+992) 904-23-25-00**

УДК:372.3/.4 (575.3)

# ТАЪСИРИ МУНОСИБАТИ ВОЛИДОН БА ШАКЛГИРИИ ХУДБАҲОДИҲИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

*Маҷидова Б.,Сафарова З.Р.,*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаи муошират ва муносибатҳои байниҳамӣ дар оила яке аз проблемаҳое мебошад, ки онро мутахасисони соҳаҳои гуногуни илм аз қабили: психология, педагогика, сотсиология ва ғайра мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додаанд. Оила барои кӯдак нахустин пойдевори асосии тараққиёти шахсият ба ҳисоб рафта, сарчашмаи ибтидои иҷтимоишавии ӯ мебошад.

Дар адабиётҳои психологӣ ва педагогӣ корҳои зиёди илмию тадқиқотӣ доир ба таъсиррасонии тамсилаҳои гуногуни муносибати волидон ба инкишофи шахсияти кӯдакон, хусусиятҳои таъсиррасонии он ба рафтори шахс бахшида шудааст, ки аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ (Д.Боулби, 1988; Г.А.Гарбузов, 1990; А.В.Захаров, 1995; М.Д.Эйнсуорт, 1963 ва дигарон) мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Инчунин, доир ба таҳлилу тавсифи сифатҳои модарон барои шаклгирии мусоид ва номусоиди дилбастагии кӯдак; ошкор намудани тавсифдиҳандаи «модари мувофиқ» ё ин ки «модари аз ҳад хуб» дида баромада шудааст. Масалан, таъсири дилбастагии модаронаро дар инкишофи психикию маънавии кӯдакон олимон (И. Ландгмеер, З. Матейчик, Е.Т. Соколова, Д. Боулби М.Д. Эйнсуорт) ва дигарон тадқиқ намуда, ошкор кардаанд, ки норасоии меҳру муҳаббати волидон дар айёми кӯдакӣ ба муносибат ва рафтори инсон таъсири худро мерасонад.

Гузариш ба синни калони томактабӣ (5 - 7солагӣ) барои пайдоиш ва инкишофи худбаҳодиҳии кӯдак давраи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ бояд қайд кард, ки кӯдак минбаъд ба зинаи нави иҷтимоӣ- мактабхонӣ, мегузарад ва фаъолияти пешбарандаи ӯ тағйир меёбад, яъне аз фаъолияти бозӣ ба фаъолияти таълимӣ мегузарад ва мавқеи нави иҷтимоӣ хонандаи мактабро мегирад. Дар ин зинаи синнусолӣ сифатҳои асосии шахсияти онҳо, аз қабили қобилияти таҳлил намудан, худназоратнамоӣ, баҳогузорӣ ба худ ва дигарон, қобилияти дарк намудани баҳогузории атрофиён шакл мегирад. Зарурати ошкор намудани омилҳои таъсиррасонро дар шаклгирии худбаҳодиҳии кӯдакони синни калони томактабӣ пеш меояд. Дар навбати худ шаклгирии худбаҳодиҳӣ дар синни калони томактабӣ дар бисёр ҳолатҳо аз муошиарт ва муносибати волидон нисбат ба кӯдак вобастагӣ дорад.

Давраи калони томактабӣ 5-7 солагӣ дар тараққиёти психикии шахсияти кӯдакон нақши асосиро мебозад, яъне дар ин давраи синнусолӣ механизмҳои психологии фаъолият ва рафтор шакл мегирад. Дар ин синну сол пояи асоси шахсияти кӯдак гузошта мешавад: устувории маромҳо шакл мегирад, талаботҳои нави иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд (талабот ба эҳтиромнамоӣ ва аз ҷониби калонсолон эътироф гардидан, хоҳиши иҷро намудани корҳои муҳим барои одамони «калонсол», талаботи қабул гардидан аз ҷониби ҳамсолону калонсолон, шавқу ҳавас ба шакли фаъолияти коллективӣ ва ғайраҳо пайдо мешавад [8, с.74].

Дар синни 7 - солагӣ кӯдак кӯшиши дар байни дигар одамон пайдо намудани мавқеи худро дорад. Дар ӯ мавқеи иҷтимоӣ вобаста ба талабот ба нақшҳои иҷтимоӣ пайдо мешавад. Кӯдак таассуротҳои худро дарк намуда, онҳоро ҷамъбаст менамояд, худбаҳодиҳиашон шакл мегирад, муносибати дуруст нисбат ба мувафақият ва нокомиҳо дар раванди фаъолият ба роҳ монда мешавад (барои яке аз онҳо агар кӯшиш ба муваффақият бошад, барои дигаре аз ҳама муҳим гурехтан аз нокомиҳо ва таассуротҳои манфӣ) аст [8, с.76]. Дар асоси таҳлили тадқиқотҳои илмиамон муайян намудем, ки нававарии асосии кӯдакони синни калони томактабӣ ин мавқеи нави ботинӣ, дараҷаи нави шинохти худ дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, инкишофи худбаҳодиҳӣ ва шинохти шахсият мебошад.

Худбаходиҳӣ як тарафи муҳимму зарурии худшиносӣ буда, маҳорати ба қувваю имкониятҳои худ баҳо дода тавонистан ва ба худ муносибати танқидӣ карданро ифода мекунад.

Худбаходиҳӣ ин имконияту тавоноии шахс ба хусусиятҳо, бартарият ва камбудиҳои худ, мавкеи худро дар байни доираи муносибатҳои байни дигарон муайян кардан аст. Дар асоси худбаходиҳӣ танзими рафтори шахс ба амал меояд. Худбаҳодиҳи мувофиқ вақте ба амал меояд, ки шахс камбудӣ, ноком ва бартарии худро дониста бошад. Шахсоне, ки худбаходии мувофик доранд, хамеша худро бехатову доно арзишманду доно намешуморанд.

Ба назари Т.Б. Барлос худбаҳодиҳӣ ин баҳои шахс нисбат ба худаш мебошад, яъне нисбат ба хусусиятҳо, арзишҳо ва қобилиятҳои худ [1,с 85].

Мувофиқи назари психологи шинохтаи рус А.Н.Леонтев худбаҳодиҳӣ ин баҳо гузоштан ба шахсияти худ, имкониятҳо, сифат ва мавқеи худ дар байни одамони дигар мебошад. Дар сохтори шахс худбаҳодиҳӣ танзимкунандаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Муносибати байниҳамӣ бо одамони дигар маҳз аз худбаҳодиҳӣ вобастагӣ дошта, ба он муносибати танқидона, талабот ба худ, муносибат нисбат ба муваффақият ва нокомӣ хос аст [7, с.41].

Баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳӣ яке аз унсурҳои муҳимми сохти шахс ба шумор меравaнд, ки нисбат ба дигар масъалаҳои шаклгирии рафтор бештар мавриди тадқиқ қарор ёфтаанд. Инсон бовуҷуди дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ иштирок намудан ва бо одамон муошират карданаш худро чун субъекти ҳолат, амал ва протсессҳои психикии худ эҳсос мекунад ва нисбат ба худаш чун «Ман»-е баромад мекунад, ки ба «дигарон» монанд ва муқобил аст ва дар айни замон бо онҳо алоқаи зич дорад. Мафҳуми «Ман» онро ифода мекунад, ки инсон айнияти худро ба худаш дар гузаштаю ҳозира ва оянда мефаҳмад. «Ман» қатъи назар ба дигаргуниаш дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ, новобаста аз тағйирёбии шуур, ақидаю мақсадҳо ҳамон «Ман»-ам, ки дирӯз будам, айни замон ҳастам ва дар оянда ҳамон хел хоҳам буд.

Баҳодиҳии «Ман» натиҷаи муқоисаи доимии чизи дар худ дидаи шахс бо чизи дар дигарон дидаи ӯ мебошад. Инсон дар бораи худ маълумот ҷамъ намуда, онро бо маълумотҳои дар бораи дигарон доштааш муқоиса мекунад, ин гувоҳи он аст, ки ӯ нисбати сифатҳои шахсӣ, рафтор ва зуҳуроти худ бепарво нест. Ба ибораи дигар шахс соҳиби гурӯҳи референтӣ (намунавӣ ё эталонӣ) мебошад, ки ба он доимо аҳамият медиҳад ва дар он нишондиҳандаҳои арзишноки ҳаётӣ, шавқу ҳавас ва идеалҳоеро пайдо мекунад, ки ба худи ӯ низ дахл доранд. Шахс дар рафти муқоиса кардани худ бо эталон (намуна) -и муқоисашаванда аз натиҷаи санҷиш қаноатманд мешавад ё қаноатманд намешавад.

Дар адабиётҳои илмӣ ва амалӣ ду намуди худбаҳодиҳӣ: худбаҳодиҳии мувофиқ ва худбаҳодиҳии номувофиқро аз ҳам фарқ мекунанд. Худбаҳодиҳии мувофиқ ба шахс имконият медиҳад,то ки ба худ аз нуқтаи назари танқидӣ муносибат карда, қувваю имкониятҳои худро барои ҳалли масъалаҳои гуногун ва талаботҳои атрофиён мувофиқ гардонад. Ин намуди худбаҳодиҳӣ шарти зарурии ташаккули шахсият мебошад. Худбаҳодиҳии номувофиқ дар навбати худ ба ду намуд: худбаҳодиҳии дараҷааш баланд ва худбаҳодиҳии дараҷааш паст ҷудо мешавад [ 3].

Худбаҳодиҳии баланд нишонаи ба имкониятҳои худ аз будаш зиёд баҳо додани шахс мебошад. Ин намуди худбаҳодиҳӣ одатан муносибатҳои солими байнишахсиро мушкил мегардонад ва шахс бо атрофиён зиддият нишон дода, ба ихтилоф рӯй меорад.

Худбаҳодиҳии паст нишонаи ба қобилияту имкониятҳои худ боварӣ надоштани шахс мебошад. Вобаста ба он шахс дар иҷрои фаъолият ташаббусро аз даст дода, нисбати худ беэҳтиромӣ мекунад.

Мувофиқи нуқтаи назари В.Н. Кунисина худбаҳодиҳӣ 3 зинаи ченкуниро дорад:

- мувофиқ ё номувофиқ;
- нисбатан баланд ё паст;
- устувор ё ноустувор [6,с 193].

Худбаҳодиҳӣ бо дараҷаи иддаои шахс алоқаи зич дорад. Дараҷаи иддао гуфта, дараҷаи дилхоҳи худбаҳодиҳии шахсро дар бар мегирад ва он ба дараҷаи душвориҳои мақсадноки шахс вобаста аст. Дараҷаи иддаои шахсро дар сурати ба ӯ пешниҳод кардани масъалаҳои дараҷаи ҳаллашон гуногун муайян кардан мумкин аст. Дар чунин ҳолат шахсони дараҷаи иддаояшон баланд, озмоишро аз ҳалли масъалаи дараҷааш душвор оғоз мекунад, шахсони дараҷаи иддаояшон паст бошад, баръакс корро аз ҳалли масъалаҳои осонҳал оғоз мекунанд. Баъзан чунин шакли иддао рӯй медиҳад, ки шахс кӯшиши ба даст овардани муваффақиятеро накарда, балки аз нобаробарии он ҳарф мезанад. Ӯ дар чунин ҳолат ё масъалаи душвор ва ё осонро интихоб мекунад. Шахс масъалаи осонро ҳал карда истода, ба натиҷае муваффақ мешавад ва дар сурати ҳал карда натавонистани масъала дараҷаи ҳалли душвори онро сабаб мекунад ва аз ин образи «Ман»-и ӯ дигар намешавад.

Дараҷаи иддаои шахс аз якчанд омилҳо вобаста аст: а) аз душвории воқеии супориши пешниҳодшуда; б) аз арзишнокии ин супоришҳо барои худи шахс; в) ба таассуроте, ки аз муваффақияту нобарориҳои пеш дар рафти ҳалли масъалаҳои мувофиқ ба амал омада буд; г) аз худбаҳодиҳии сохти шахс.

Психологони хориҷӣ Н.Бранден ва О.Н.Попов дар корҳои худ таъсири худбаҳодиҳӣ ба раванди фаъолияти маърифатӣ – идрок, тасаввурот, ҳалли масъалаҳои зеҳнӣ, роҳҳои шаклгирии худбаҳодиҳии мувофиқ нишон додаанд. Ба сифати меъёри асосии баҳогузорӣ моҳияти фардии системаи шахсияти инсон дар ҳамаи давраҳои синнусолии инкишоф баромад мекунад. Вазифаи асосие, ки худбаҳодиҳӣ иҷро мекунад танзимнамоӣ мебошад, ки

дар асоси он ҳалли масъалаҳои интихобӣ шахсӣ ва муҳофизатнамоӣ ба амал меояд. Нақши ҳалкунандаро дар ташаккулёбии худбаҳодиҳӣ баҳогузории одамони гирду атроф ва ноилшавии фард ба он мебозад [7, с.43].

Н. Бранден дар китоби худ «Иқтидори худбаҳодиҳӣ» сифатҳои худбаҳодиҳиро чунин нишон додааст:

1. Боварӣ ба имкониятҳои худ, фикр кардан ва аз уҳдаи масъалаҳои ҳаётӣ баромада тавонистан.

2. Боварӣ ба ҳуқуқҳои худ барои хушбахтӣ, ҳисси иззати нафси худ, ҳуқуқ барои исбот намудани талаботҳо ва хоҳишҳои худ ва ҳаловат бурдан аз самараи кӯшишҳои худ [2, с.39].

Худбаҳодиҳӣ ба назари Н. Бранден бо ду ҷанбае рӯ ба рӯ мегардад, ки онҳо вобастагии тарафайн доранд:

1. Худтаъсиррасонӣ (ҳисси натиҷабахшии худ). Боварӣ дар танзимнамоии ҳолати психикии шахсӣ, қобилияти фикррронӣ, дар ҷараёни фикррронӣ роҳи ҳалли масъаларо ёфтан. Боварӣ дар имкониятҳои дарки омилҳои ҳақиқате, ки дар доираи шавқу ҳавасҳои шахсӣ ва талаботҳо, боварӣ дар худ ва имкониятҳои когнитивӣ (маърифатӣ, донистагирӣ);

2. Худэҳтиромнамоӣ (ҳисси эҳтиром ва иззати нафс). Боварӣ дар арзишҳо, принсипҳои мусбӣ дар муносибат ба хушбахтӣ ва ҳуқуқи зиндагӣ кардан. Ҳисси ҳаловат бурдан дар исботнамоии имконияту тавоноии ақлию зеҳнӣ, хоҳишҳо ва талаботҳо. Ҳисси он, ки хушбахтӣ ин ҳуқуқӣ ҷудонопазирӣ инсон аст [2, с.41].

Нуқтаи назари дар боло гуфташударо таҳлил намуда метавон хулоса баровард, ки худбаҳодиҳӣ ин имконияти мубориза бурдан бо мушкилотҳои ҳаётӣ ва ҳуқуқи хушбахтиро эҳсос намудану онро соҳиб шудан аст.

Ба назари А.В. Петровский худбаҳодиҳӣ ҳамчун асоси шахсият дида баромада мешавад, ки бевосита танҳо ӯ танзимкунандаи асосии рафтор аст: «Аз худбаҳодиҳӣ муносибати тарафайни одам бо одамони гирду атроф, ботанқидӣ, талабот нисбат ба худ,муносибат ба муваффақият ва нокомӣ вобастагӣ дорад» [9, с.55].

Механизми шаклгирии психологии худбаҳодиҳӣ хело мураккаб аст. Пеш аз ҳама саволе ба миён меояд, ки оё «образи Ман» ҳангоми аз ҷониби одам қабул намудани назари дигарон нисбат ба худ тағйир меёбад ва ё ин ки ӯ нақши дигаронро қабул намуда, худро дар ҷойи онҳо мегузорад? Минбаъд аз саволи кӣ ва барои чӣ одамони дигар барои шахс аҳамиятноканд пайдо мешавад? Оё «аҳамиятнок» будани шахс аз зинаи иерархии ҷойгиршавиаш (роҳбар ё ин ки итоаткор) вобастагӣ дорад ва ё ин ки аз муносибати тарафайни шахсӣ бо онҳо (дӯст ва ё инки табиб) вобаста аст, ин савол то ҳол ҷавоби худро наёфтааст [14, с.170].

Хусусияти фарқкунандаи худбаҳодиҳии комил боз дар он аст, ки он ба дараҷаи тафриқашуда вобастагӣ дорад, яъне инсон аниқу дақиқ дарк менамояд, ки дар кадом соҳа қобилият дорад ва дар иҷро кардани кадом намуди фаъолият натиҷаи баландро ба даст оварда метавонад. Дар зинаҳои аввали инкишоф кӯдак танҳо ба сифатҳои мавҷудбудаи ҷисмонияш баҳогузорӣ менамояд, баъдан баҳогузорӣ ва дарки сифатҳои ахлоқӣ оғоз меёбад. Худбаҳодиҳӣ оҳиста оҳиста ҳамчун ба сифати танзимгари муҳимми рафтор, фаъолнокӣ дар таълим, меҳнат, муошират ва худтарбиятнамоии инсон баромад менамояд.

Дараҷаи иддаои шахс ин кӯшиши ба мақсад расидан дар ҳолати душворию монеаҳое мебошад, ки одам имконияти аз ин лаҳза баромадани худро мекунад. Дар асоси дараҷаи иддао баҳогузорӣ ба имкониятҳое асос меёбад, ки дар шахс ҳамчун талабот нигоҳ дошта шудааст.

Е.А. Серебряков дар тадқиқоти худ нақшаи иҷрои бомуввффақияти фаъолиятро дар худбаҳодиҳӣ ва боварӣ ба худ доштан муайян намудааст. Ӯ кӯшиш намудааст, ки дар тадқиқоти худ ба шароитҳои зиёди ҳақиқати реалӣ наздик шавад. Дар натиҷаи тадқиқоти худ олим Серебрякова якчанд намуди худбаҳодиҳиро ҷудо намудааст:

1. худбаҳодиҳии устувори мувофиқ;
2. худбаҳодиҳии пасти номувофиқ;
3. худбаҳодиҳии баланди номувофиқ;
4. худбаҳодиҳии ноустувор.

Ҳамин тавр, ӯ чор типи рафтори одамонро бо худбаҳодиҳии паст ҷудо мекунад:

1. хушомадгуён то ки дигарон хафа нашаванд;
2. айбдоркунандагон, то ки шахси дигар дарк намояд, ки ӯ пурқувват ва нерӯманд аст;
3. умедворон, то ин ки аз хатар дурӣ ҷӯяд;
4. аз ҳад зиёд аз хатар дур шудагон, ки гуё хатар вуҷуд надорад [1, с.94].

В. Сатир ду системаи муносибатҳои оилавиро ҷудо намудааст: пӯшида ва кушода Фарқияти асоси байни ин системаҳо дар хусусияти аксуламал нишон додан ба тағйиротҳои ботинӣ ва беруна мебошад. Қисман ҳалқаи системаи пӯшида беҳаракат аст. Мубодилаи

ахбор байни аъзоёни оила дида намешавад. Ҳамчун қоида ба аъзоёни оила маҳдудияти муошират кардан, дарундорӣ, мавҷудияти доираи ками дӯстон хос аст. Бо вуҷуди ин, оилаҳои пӯшида аз меъёрҳои муносибатҳо истисно буда маҷмуи муайяни тасаввурот дар бораи ҳаётро доранд. Дар оилаҳои пӯшида одамон кам ба пешравиҳо ноил мегарданд. Системаи муносибатҳо дар оилаи кӯшода аз оилаи пӯшида ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар оилае, ки системаи кушода аст, муносибатҳо дар асоси меъёрҳои инсондӯстӣ, меҳрубонӣ, эҳтироми ҳамдигар сурат гирифта аъзоёни он доимо бо ҳам муошират менамоянд,дар онҳо рӯҳияи инсондӯстӣ ҳукмфармо аст. Вобаста ба системаҳо худбаҳодиҳӣ низ метавонад гуногун бошад. Худбаҳодиҳӣ дар системаи пӯшида паст ва устувории он ба худбаҳодиҳии одамони дигар сахт вобастагӣ дорад.

Усули муошират дар оилаҳои пӯшида чунин аст: гунаҳгоркунанда, эҳтиёткорона, хушомадомез, канораҷуёна, ки бо худбаҳодиҳии паст мувофиқат мекунад. Худбаҳодиҳӣ дар шакли кушода нисбатан мувофиқ, устувор ва аз баҳодиҳии ботинӣ дида нисбатан зиёдтар вобастагӣ дорад [12, с.182].

Омили дуюм, ки ба рушди худбаҳодиҳӣ таъсир мерасонад ин синну сол мебошад. Чунин тахминкуниҳо мавҷуд аст, ки вобаста бо синну сол худбаҳодиҳии мувофиқ баланд мешавад. Худбаҳодиҳии одами калонсол аз рӯи нишондиҳандаҳои зиёд нисбат ба ҷавонон ва наврасону кӯдакон нисбатан дурандешона ва объективона мебошад,. Кӯдакони синни калони томактабӣ одатан дорои хкдбаҳодиҳии баландтаранд, аммо зоҳиршавии онҳо ба шароитҳо ва муваффақияту нокомиҳо вобастагӣ дорад.

Вобаста бо синну сол гузариш аз худбаҳодиҳии вазъиятӣ -мушаххасӣ ба ҷамъбастшуда сурат мегирад. Тадқиқотҳо дар ин соҳа нишон медиҳанд, ки барои кӯдакони синни калони томактабӣ ҳоло баҳогузории шахсии шахсият дастнорас аст, чуноне ки ба кӯдакони синни хурди мактабӣ имконпазир мегардад. Барои инкишоф додани худбаҳодиҳӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ пеш аз ҳама волидонро зарур аст, ки шароити мусоиди психологиро дар муҳити хонавода фароҳам оварда, ташаббусу назарҳои арзишманди кӯдакро дастгирӣ намоянд, барои пешравӣ ӯро ҳавасманд гардонанд.

Шаклгирии худбаҳодиҳӣ ва худшиносии кӯдакон ба синну сол, маҷмӯи муносибатҳои волидон ба кӯдак ҳамчун шахсият, арзишҳои шахсияти фардии ӯ, инчунин иштирок дар доираи фаъолиятҳои гуногун (амалкунӣ бо ашёҳо, бозикунӣ, меҳнат, доираи васеи муносибатҳои иҷтимоӣ) вобаста мебошад. Агар кӯдаки сесоларо пурсон шавем: «Ту чи гуна шахс ҳасти?» Ӯ ҷавоб медиҳад: «Ман калон ҳастам». Агар ҳамин саволро ба кӯдаки шашсола диҳем, он гоҳ ӯ ҷавоб медиҳад, ки: «Ман хурд мебошам», чунки дар ин давра ӯ кӯшиш мекунад, на танҳо неруи қудрат ва тавонмандии худ, инчунин, баҳодиҳии калонсолон (ту бачаи хуб ҳастӣ, ту метавонӣ, ту медонӣ ва ғайраҳо), инчунин маҳдудкунии калонсолонро дар иҷрои ин ё он амалҳо (ту ҳоло хурд ҳастӣ, баъд ба мактаб рафтан инро аз худ мекунӣ ва ғайраҳо), ки вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва мавқеи иҷтимоии онҳо мебошад, таъсир мерасонад.

Қайд кардан лозим аст, ки дар синни томактабӣ дар кӯдак имкониятҳои нав барои мустақилнокӣ пайдо мешавад. Бо баробари ворид шудан ба гурӯҳи ҳамсолон дар тараққиёти шахсияти кӯдак дигаргуниҳо ба вуҷуд меояд. Ӯ дар доираи муносибатҳои байниҳамдигарӣ баъзан ба ҳолати аффективӣ меафтад. Махсусан, дар ин раванд бозиҳои нақшофарии мазмундор маънии муҳим доранд. Маҳз бозии якҷоя бо ҳамсолон, ҳавасмандгардонӣ дар таасуроти ҳамаи дараҷаҳои инкишофёбӣ, робитаи тарафайн, навгониҳо, дар худ нақшҳои зиёди иҷтимоиро қабул кардан ва ғайраро кӯдак аз худ мекунад. Ҳамаи гуфтаҳои дар боло овардашуда, бевосита барои инкишофёбии худбаҳодиҳии кӯдакони синни калони томактабӣ таъсири калон мерасонад [8, с.86].

Чор шароити тараққиёти худшиносии кӯдакони синни калони томактабӣ муайян карда шудааст:

- таҷрибаи муошират волидон бо кӯдак;
- таҷрибаи муошират кӯдак бо ҳамсолон;
- таҷрибаи муошират инфиродӣ;
- дараҷаи тараққиёти зеҳнии кӯдак.

Дар синни калони томактабӣ донишҳое, ки дар раванди фаъолият ба даст оварда мешаванд, характери фаҳмидашавандагӣ ва устуворро доранд. Дар ин давра кӯдак назар ва баҳогузории атрофиёнро тавассути таҷрибаи бевоситаи инфиродии худ қабул мекунад. Бо вуҷуди ин андешаю мулоҳизаи кӯдакони синни томактабӣ дар бораи худ дар бештари ҳолатҳо комил нест, зеро ҳоло таҷрибаҳои инфиродӣ-иҷтимоии ӯ то ҳади имкон барои худтаҳлилнамоӣ кифоя нестанд.

Метавон гуфт, ки аз ҳама таъсири зиёдро ба шаклгирии худбаҳодиҳии кӯдакон волидон гузошта метавонанд. Тасаввурот дар бораи он ки бояд кӯдак чӣ гуна бошад (образи симои

волидон нисбат ба фарзанди худ), аллакай то тавлиди фарзанд ва бе ягон усули тарбия сурат мегирад. Баҳогузорие, ки кӯдакон аз волидон нисбати худ раво мебинанд, натиҷаи баҳогузории шахсии ҳар як падару модар мебошад. Кӯдак ба худ тавре баҳо медиҳад, ки волидон ва атрофиён ба ӯ баҳо медиҳанд, волидон низ ҳамин тавр дар кӯдак арзишҳои шахсӣ, ғояву, андешаҳо, намунаи рафтору амалҳоеро ташаккул медиҳанд, то ки кӯдаконашон дар асоси онҳо бояд баробариро дарк карда, зарурати иҷро намудани ин ё он амали ҷавобгӯи талаботро таъмин намоянд. Агар талаботҳо ба таври ҳақиқӣ ба имкониятҳои кӯдак мувофиқат кунанд, он гоҳ барои ба мақсад расидан иҷрои вазифаҳо ба нақша даровардa мешаванд. Он набояд имконияти ташаккул додани образи мусбии «Ман» ва бартарафкунии худбаҳодиҳии манфӣ гардад. Агар мақсад ва нақшаҳо ба таври ҳақиқӣ набошанд, он гоҳ нокомиҳои пеш омада сабаби аз даст додани боварӣ нисбат ба худ, шаклгирии образи манфии «Ман» ва худбаҳодиҳии паст мегардад [10, с.149].

Барои кӯдак аз ҷониби волидон танқид ва сахтгирии якранг зарар дорад, махсусан, вақте, ки эродҳои волидон ҷанбаи манфӣ дошта бошад. Дар натиҷа, дар мадди аввал дар кӯдакони синни калони томактабӣ худбаҳодиҳии номувофиқу баланд ташаккул ёфта, дар ҳолати дуюм бошад, худбаҳодиҳии паст ташаккул меёбад. Дар ин ё он ҳолат қобилияти таҳлил намудан, баҳогузорӣ кардан ва назорат аз болои амалҳу рафторҳои худ инкишоф намеёбад.

Яке аз шароитҳои тараққиёти худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ ин васеъ намудани таҷрибаҳои инфиродии кӯдак мебошад. Зери таҷрибаи инфиродии кӯдак дар чунин ҳолат ҷамъи натиҷаву амалҳои фикрӣ ва таҷрибавие дар назар дошта мешавад, ки худи кӯдак онҳоро аз олами ашёҳо, ҳодисаю воқеаҳои иҳотакарда қабул намудааст.

Таҷрибаи инфиродие, ки дар натиҷаи фаъолияти мушаххас ба даст оварда шудааст, замина барои муайян намудани сифатҳои шахсӣ маҳорат ва имкониятҳо мебошад. Кӯдак ҳар рӯз аз атрофиён дар бораи будани ин ё он қобилият, маҳорату малакаҳо, сифатҳои мусбату манфии худ мешунавад, ки он низ метавонад дар ташаккулёбии асосии тасаввуроти дуруст дар бораи имкониятҳояш таъсир расонад. Меъёри мавҷуд будан ё набудани ягон қобилияту малака дар охир сабабу заминаи пешравӣ дар иҷрои фаъолиятҳои мувофиқ мегардад. Тавассути яку якбора дарк намудани қувваи худ дар шароитҳои муайяни ҳаётӣ ва бо гузашти вақт кӯдак ба дарки сарҳади имкониятҳои худ мебарояд. Таҷрибаи инфиродӣ сарчашмаи асосии маълумот дар бораи худ мебошад, ки қисмати асосии ташкилдиҳандаи худбаҳодиҳӣ аст [11, с.55].

Шарти муайяни шаклгирии худбаҳодиҳӣ ва худшиносӣ ин тараққиёти зеҳнии кӯдак мебошад. Пеш аз ҳама ин қобилияти шинохтагирии омилҳои ботиниву ва зоҳирии ҳаёт ва ҷамъбасти таассуроти худ мебошад.

Омили асосии тараққиёти иҷтимоӣ психологии кӯдак ин муносибати тарафайни ӯ бо волидон аст. Кӯдак мавқеи ахлоқии волидон, муносибати онҳоро нисбат ба одамони дигар, муҳокимаронӣ ва баҳогузории онҳо, қонеъгардонии талаботҳои худро аз мавқеи мусбӣ аз худ мекунад. Хусусиятҳои асосии алокаи тарафайни волидон ва кӯдак аз ҳама охир дар рафтору муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо мустаҳкам мегардад ва услуби барқарор намудани рафтори худ бо одамони гирду атроф низ буда метавонад. Ба таври амалӣ ягон ҷанбаи психологӣ ва иҷтимоии рафтори кӯдак мавҷуд нест, ки ба шароитҳои оила ва муносибатҳои тарафайни аъзоёни он алоқамандӣ надошта бошад [13, с.60].

Маълум аст, ки аҳамияти муносибати волидон дар тараққиёти шахсияти кӯдакон ва худшиносии онҳо хело муҳим аст.

Л.Я. Гозман ва Э.В. Эткин дар китоби худ «Педагогикаи оилавӣ» иқтибоси хубе овардаанд: «Кӯдак қисме аз табиат будамо набоядтабиатро ҳукмронӣ намоем, мо бояд оромона зиндагонӣ карда қонуниятҳои инкишофёбии ӯро дарк кунем. Кӯдак ҳама вақт роҳи худро дошта, ҳаёти ӯ чандин маротиба аз ҳаёти калонсолон душвортар аст. Кӯдак ба таври дигар амал мекунад, ки мо онро ҳис накарда, ба онҳо фишор меорем» [4, с.363]..

Ду шароити мусбӣ барои муносибати волидщн ба кӯдак мавҷуд аст: муҳаббат ва мустақилӣ. Муҳаббати волидайн нисбат ба фарзандон бояд сарҳад ва ҳадду канор надошта бошад [4, с.365].

Муҳаббати волидон дар худ ду вазифаро дар бар мегирад, ки ҳангоми иҷро намудани он волидон ба кӯдакони худ барои тараққиёт ва шаклгирии шахсияти муносиб кумак мерасонанд.

Дар кӯдак ҳисси боввариро бедор кардан вазифаи аввалиндараҷа мебошад, ки волидон ӯро дӯст дошта, нигоҳубин менамоянд. Баъдан, дар давоми ҳаёт бояд кӯшиш намуд, ки робитаро бо кӯдак нигоҳ дошт ва ӯро дастгирӣ кард. Робитаи психологӣ, пеш аз ҳама, муносибати шарикона ва боваринок аст. Мароқ зоҳир намудан ба мушкилот, хоҳиш, ҳолат

ва ба тамоми он чизҳое, ки маҳз ба кӯдак шавқовар аст. Зарур аст, ки бо кӯдак гуфтугӯ ва амали якҷояро ташкил дод.

Вазифаи дуюм бошад қабул кардани кӯдак мебошад. Қоидаи асосӣ дар иҷрои ин вазифа кӯдакро чӣ тавре ки ҳаст ҳамон тавр новобаста аз ҷинсият (писар ё духтар будан ) мавқеи иҷтимоии аввалину дуюмини синни томактабӣ, мактабхон, хушрӯй монанд ба намуду рафтори дигарон ва ҳатто маҳдудиятҳои ҷисмонию равонӣ, афзалияту пешравиҳо, чун шахсияти арзишманд қабул кардан аст. Ҳангоми баҳогузорӣ кардан на танҳо ба сифатҳои шахсӣ - инфиродии кӯдак, инчунин, ба амалҳои ӯ ва тарзу услуби иҷрои онҳо баҳогузорӣ кардан лозим аст. Тамоми баҳои мусбӣ ва манфие, ки ба шахсияти кӯдак дода мешавад, метавонад таъсири муайян расонида, ба шаклгирии худбаҳодиҳии баланд ё паст бурда расонад. Хуб мешуд таъриф асоснок карда шавад, ки «гуфтаҳои Ман» ба кӯдак имконият медиҳадто ба худаш баҳо диҳад.

Д. Боумринд чунин типҳои муносибати волидону фарзандонро ҷудо менамояд:

1. Усули демократӣ, – ки дар он ин ё он волидон бо кӯдак, пеш аз ҳама, дар шакли ҳамкорӣ амал мекунанд. Он дар эътироф намудани ҳуқуқҳои кӯдак дар соҳибихтиёрӣ ва фикрронии шахсӣ зоҳир мешавад. Волидон кӯшиш менамоянд, ки ба кӯдак дурустӣ ва нодурустии амалҳояшонро фаҳмонанд, на ин ки тавассути истифодабарии қувваи шахсӣ ба ӯ таъсир расонанд.

2. Усули авторитарӣ ё худ ҳукмфармоии муошират, ки дар он бо ҳар баҳона иштироки кӯдак дар қабули қарорҳо доир ба ҳаёти оилавӣ маҳдуд карда мешавад , ӯ доимо зери назорати ҷиддӣ қарор гирифта, аз иштирок кардан дар фаъолиятҳои гуногуни истифодабарии имкониятҳои шахсӣ маҳрум карда мешавад, инчунин, мустақилият ва ҳуқуқҳои ӯ низ маҳдуд гардонида мешавад. Дар сурати набудани дастгирӣ аз ҷониби волидон кӯдак нисбат ба худ ҳисси бовариро гум мекунад.

3. Баъзан вақт тнавъи сеюмро низ ҷудо мекунанд,ки ин усули омехта буда, бо омехтагарди аз ду усули дар боло номбаршуда иборат аст [15, с.80].

Агар алоқаи тарафайнро байни худбаҳодиҳӣ ва типи муошират дар оила назорат барем, он гоҳ дар кӯдаконе, ки муносибати боваринокро нисбат ба волидон доранд, дорои худбаҳодиҳии мувофиқ мебошанд, аммо дар кӯдаконе, ки волидонашон аз руи низом муошират менамоянд, дорои худбаҳодиҳии номувофиқ мебошанд.

Худбаҳодиҳии баланд ва мутобиқшавии хуби иҷтимоӣ ва шахсӣ бо муносибати хуби боваринок байни волидон ва кӯдак ба роҳ монда мешавад. Кӯдаконе, ки худбаҳодиҳии паст доранд, дар худ ҳисси шахси нодаркор будан, фаъолии сусти иҷтимоӣ ва ҳисси нобоварӣ дар робитаи байниҳамӣ, таҷрибаи манфӣ дар муносибатҳои дохилиоилавӣ доранд. Ҳамин тавр, шароити мувофиқ барои тараққиёти худбаҳодиҳии мусбӣ метавон ҷалби эмотсионалии волидон ба ҳаёти кӯдакро ҳисобид, то ки имконият диҳанд, фарзандашон ҳамчун шахси мустақил ва арзишманд соҳиби дараҷаи хуби худбаҳодиҳӣ ба воя расад. Яъне пеш аз ҳама чӣ тавр дар оянда ба воя расидани кӯдак аз муносибати волидайн нисбат ба ӯ вобастагӣ дорад.

Волидон барои кӯдак одамони ниҳоят арзишманд назари онҳо барояшон дар вазъиятҳои мураккаби бухронӣ хеле муҳим мебошад. Дар ҳамаи давраи синнусоли инкишофи психикӣ муҳим аст, ки робитаро бо кӯдак қатъ накунем, зеро алоқаи хуби психологиро баъди чунин ҳолат барқарор кардан хеле мушкил аст.

Ба назари Н.В. Искодолский се навъи муносибати нодурусти кӯдак нисбати волидон вуҷуд дорад, ки он метавонад муносибати онҳоро аз нав барқарор созад ё ихтилофнок гардонад. Пеш аз ҳама, муносибати ҳукмронанда – назорати қатъи, ҷазои сахт, таҳдидҳо. Ҷавоби кӯдакон – хашмгинӣ, мубориза бо волидон, раднамоии ҳукмронии онҳо. Назорати ҷиддиро кӯдакон низ метавонанд истифода баранд, аммо дар сурате, ки мақсадҳои муайян ва амалҳои хуб фикркадашуда дошта бошанд [5, с.79].

Навъи дуюми муносибати нодурусти волидайн муносибати радкунанда мебошад, ки ё дар шакли фориғболӣ нисбат ба кӯдакон талаботу эҳтиёҷоти ӯ ва ё дар шакли рафторҳои ҷиддӣ нисбати амалу кирдорҳои кӯдакон ифода меёбад.Натиҷаи ин навъи муносибат вайроншавии муносибати арзишмандӣ волидайн бо кӯдак мегардад, яъне набудани муттаҳидии тарафайн. Ин усулро метавонанд волидон ҳамчун зоҳиршавии рафтори номатлуби кӯдак истифода баранд, яъне («Ман туро ба эътибор намегирам»). Ҳар ду навъи муносибати волидайн метавонад дар кӯдак хашму ғазабро ба вуҷуд орад.

Навъи сеюми хатогии волидон муносибати симбиотикӣ нисбати кӯдак мебошад. Дар сурате, ки тамоми ҳуқӯқҳои кӯдак поймол мешавад, ӯ воситаи қонеъгардии талаботҳои волидон мубаддал мегардад ва мустақилиятро гум мекунад. Одатан, ин ҳолат дар муносибати модар ва кӯдак бештар ба назар мерасад. Муносибати симбиотикӣ ба назорати аз ҳад зиёд, бо мақсади бештар ба кӯдак таъсир расонидани волидон ва азият кашидани кӯдак зоҳир мегардад. Вақте кӯдак кӯшиш менамояд, ки муносибати симбиозро канда, аз

доираи муносибатҳо худро раҳо созад, волидайн ба сифати ҷазо метавонанд рафтори ҳукмронӣ ва радшавиро истифода баранд «барояд равад» [15, с.92].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки тамоми навъҳои муносибати номбаршуда метавонанд барои шаклгирии худбаҳодиҳии кӯдак таъсири мусбӣ ва манфии худро расонанд.

Набудани маҳорати барқароркунӣ дар муоширати кӯдак бо волидон шароити объективие мебошад, ки раванди шаклгирии худшиносии кӯдаконаро номумкин ва хеле мушкил мегардонад. Зери таъсири волидон будани кӯдак дар ӯ дониш ва тасаввуротро дар бораи худ зиёд мекунад, ки дар натиҷа дар онҳо ин ё он навъи худбаҳодиҳӣ пайдо мешавад. Нақши волидон дар тараққиёти худшиносии кӯдакон аз инҳо иборат аст:

- ба кӯдак дар бораи сифатҳо ва имкониятҳои шахсиятӣ – фардии ӯ маълумот дод мешавад;
- баҳогузорӣ ба фаъолият ва рафтори ӯ амалӣ мегардад;
- шаклгирии арзишҳои шахсӣ ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷаи он кӯдак ба арзишҳои худ баҳо медиҳад;
- дар кӯдак хоҳишҳо нисбат ба таҳлили амалҳо ва рафторҳои худ бедор карда мешавад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки худбаҳодиҳии баланд бо таҷрибаи арзишманди номусоиди муошурати волидон бо кӯдак алоқаманд буда, онҳоро шароитҳои номусоид барои ноил шудан ба муваффақият боз медорад. Аз ин рӯ, волидонро зарур аст, ки барои дуруст шакл гирифтани худбаҳодиҳӣ дар кӯдакон аз чунин шакли рафторҳо истифода баранд:

- Барои хубтар ба роҳ мондани муносибати волидон ва кӯдак зарур аст, ки кӯдак дар муҳити солими психологӣ, пур аз меҳру муҳаббат, эҳтиром, баэътиборгирии хусусиятҳои шахсӣ - фардӣ ба воя расида, ҳисси бовариро ба муваффақиятҳо ба даст орад. Инчунин, зарур аст, ки таъсиррасонии тарбиявӣ аз ҷониби волидон мақсаднок ташкил карда шавад;
- Хубтар ба роҳ мондани муносибат бо ҳамсолон ва барои муошурати ҳамаҷонибаи кӯдак бо ҳамсолон шароити мусоидро фароҳам овардан. Агар дар муносибати кӯдак бо атрофиён мушкилӣ пайдо шавад, зарур аст, ки сабабҳои вайроншавии муносибатро ошкор намоем ва ӯро ба доираи ҳамсолон ворид намоем;
- Таҷрибаи индивидуалии кӯдакро дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои шахсию фардии ӯ ба роҳ мондан лозим аст.

## АДАБИЁТ


1. Барлас Т.В. Популярная психология. От конфликтов к обретению «Я» / Т.В. Барлас.– М., 1997. – С. 85.
2. Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте. - М., 2007. – 387 с.
3. Варга А.Я., Столин В.В. Дела семейные. – М., 2004. – 297 с.
4. Бранден Н. Мощь самооценки. - Киев, 2005. – 396 с.
5. Диагностика и коррекция психического развития дошкольника. - Минск, 2004. – 408 с.
6. Коробейников И.А. Психологическая дифференциация нарушений развития у старших дошкольников. - М., 2006. – 396 с.
7. Леонтьев А. Н. К теории развития психики ребенка // Леонтьев А. Н. Проблемы развития психики. - М., 2005. – 396 с.
8. Обухова Л.Ф. Детская психология. - М., 2000. – 395 с.
9. Особенности психического развития детей 6-7-летнего возраста / Под ред. Д.Б. Эльконина, Л.А. Венгера. - М.: Педагогика, 2006. – 470 с.
10. Попов О.Н. Психология. Курс лекций. - Абакан, 2005. – 386 с.
11. Петровский А.В. Теоретическая психология. - М., Новая школа, 2006. – 485 с.
12. Репина Т.А., Стеркина Р.В. Общение детей в детском саду и семье. - М., 2006. – 396 с.
13. Спиваковская А. С. Психотерапия: игра, детство, семья. - М., 2006. – 296 с.
14. Якобсон С.Г., Морева Г.И. Образ себя и моральное поведение дошкольников // Вопросы психологии. - 1986. - № 6. – 36-49.
15. Эльконин Д.Б. Развитие личности ребенка-дошкольника // Психология личности и деятельности дошкольника / Под ред. А.В. Запорожца и Д. Б. Эльконина. - М., 2004. – 384 с.


## ТАЪСИРИ МУНОСИБАТИ ВОЛИДОН БА ШАКЛГИРИИ ХУДБАҲОДИҲИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ


Дар мақолаи мазкур масъалаи шаклгирии худбаҳодиҳии кӯдакони синни томактабӣ ва таъсири муносибати волидон ба ин раванд мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф дар асоси омӯзиши тадқиқотҳои илмии олимони муосир кӯшиш намудааст, ки таъсири муносибати волидонро вобаста ба хусусиятҳои синнусолии кӯдакон таҳлил намояд ва усулҳои гуногуни таъсиррасонии онҳоро дар шаклгирии худбаҳодиҳии кӯдакони синни калони томактабӣ шарҳ диҳад. Инчунин ӯ кӯшиш намудааст, то андозае сарчашмаи асосии шаклгирии худбаҳодиҳиро ҳамчун сифати навташкилаи психологӣ дар кӯдакон арзёбӣ намояд. Ба ақидаи муаллиф шаклгирии худбаҳодиҳӣ дар кӯдакон пеш аз ҳама аз типи муносибати волидон вобастагӣ дорад ва волидонро зарур аст, ки дар ин раванд фаъолиятҳои гуногун ва муошират бо фарзандони худро ба роҳ монда, бо онҳо самимона рафтор намоянд ва хусусиятҳои синну солии онҳоро ба эътибор гиранд.



**Калидвожаҳо:** таъсиррасонӣ, муносибат, шаклгирӣ, худбаҳодиҳӣ, намудҳои худбаҳодиҳӣ, кӯдак, кӯдакони синни томактабӣ, синни калони томактабӣ, оила, муносибати волидон

**ВЛИЯНИЕ РОДИТЕЛЬСКОГО ОТНОШЕНИЯ НА ФОРМИРОВАНИЕ САМООЦЕНКУ У ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА**

В этой статье была изучена проблема влияния родительского отношения на формирование самооценки детей дошкольного возраста. Автор основывался на изучении научных источников отечественных и зарубежных ученых, которые исследовали отношения между родителями по возрасту детей и определили различные способы воздействия. Он также указывает, что основным источником самооценки у детей дошкольного возраста, по мнению зарубежных ученых, особую позицию занимает дошкольный возраст как основное направление воспитания детей. По мнению авторов, самооценка у детей в первую очередь зависит от типа родительских отношений, и родители должны глубоко интересоваться процессом своей деятельности и общением со своими детьми с учетом их возрастныхособенностей.

**Ключевые слова:** влияние, отношение, формирование, самооценка, виды самооценки, ребенок, дошкольный возраст, старший школьный возраст, дети дошкольного возраста, семья, родительские отношения.

**INFLUENCE THE PARENTAL RELATION ON FORMED CHILDREN OF PRESCHOOL AGE**

In it to article it was studied influence the parental relation on formation to a self-assessment of children of preschool age. The author is based on studying of scientific sources of domestic and foreign scientists which were involved in the relations between parents on age of children and explained various ways of influence. He also specifies that the main source of a self-assessment at children of preschool age is that there are several positive foreign scientists who take a special position in preschool age as the main direction of education of children. According to authors, the self-assessment at children first of all depends on type of the parental relations, and parents have to be interested sincerely in process of the activity and communication with the children taking into account their age features.

**Keywords:** influence, relation, formulation, self-assessment, self-assessment, child, preschool age, child preschool age, family, parental relation

**Сведения об авторе:** ***Маджидова Хафиза*** **–** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доктор педагогических наук, профессор кафедры спецпедагогики и инклюзивного образования
***Сафарова Зарина Раджабовна*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры психологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон **(+992) 931699939., 988371188** E-mail: **zarina.safarova/1984@mail.ru**

**Information about author:** ***Majidova Hafiza*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education
***Safarova Zarina Radjabovn***a - Tajik national University, assistent psychologye. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone **(+992) 931699939 / 930446669** *E-mail:* **zarina.safarova/1984@mail.ru**

**УДК:372.835.5 (575.3)**

# ОМОДАСОЗИИ ҶИСМОНИИ КАСБИЮ АМАЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАРБИЯ ВА ТАКМИЛИ ШАХСИЯТИ КУРСАНТ

***Холмуродов М. Ғ.***
**Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов**

Дар ҷаҳони муосир дар байни проблемаҳои ҷаҳонӣ, ки тамаддуни технологӣ ба миён овардааст, яке аз муҳимтарин пешрафти дуруст ва нигаҳдории шахсияти инсонӣ, инсон ҳамчун махлуқи биоиҷтимоӣ мебошад. Нақши аввалиндараҷа дар ҳалли ин проблема ба илм ва маориф ҷудо карда мешавад. Дар робита ба ин, одилона аст ба қонуни фарҳанги ҷисмонӣ муроҷиат кунем, ки дар айни замон воситаи ягонаи табиии ҳамоҳангсозии (бартарафсозии) ихтилофоти бавуҷудомада байни тамаддуни технологӣ ва табиати биоиҷтимоии инсон мебошад [1, 4, с. 69-73].

Тавре ки маълум аст, фарҳанг умуман ва фарҳанги ҷисмонӣ алалхусус ҳам фарқияти умумии фаъолияти ҳаётии инсонро аз шаклҳои биологии ҳаёт, ҳам унсурҳои таърихан сифатии шаклҳои мухталифи ин фаъолияти ҳаётиро дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи иҷтимоӣ, дар чаҳорчӯбаи давраҳои муайян, форматсияҳои ҷамъиятию иқтисодӣ, хусусиятҳои мардумӣ ва миллӣ муайян месозад. Он ба ташаккули шахсияти комил, ки қобилияти мутаносибан амал карданро дар ҷаҳони гуногуни иҷтимоию фарҳангӣ дорад, мусоидат намуда, шахсро ба шаклҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ равона месозад.

Н. Рубинштейн навиштааст: «Хусусиятҳои равонии шахс як чизи азалӣ нест; онҳо дар раванди фаъолияти он ташаккул ёфта, рушд мекунанд. Шабеҳи он ки организм, ки дар ибтидо рушд намеёбад, то ки сипас амал кунад, балки рушд меёбад, бо амал намудан, ҳамин тавр шахсият низ дар аввал ташаккул намеёбад, то ки сипас амал кунад: он ташаккул меёбад, бо амал кардан, дар худи рафти фаъолияти худ» [6]. Ғояи С. Рубинштейн, ки мувофиқи он

шахсият дар фаъолият, аз ҷумла касбӣ зоҳир мегардад, идомаи худро дар рисолаи А.Н. Леонтев ёфтааст: «Шахсият дар фаъолият ташаккул ёфта, дар фаъолияти худ рушд меёбад ва дар айни замон худ ба раванди фаъолият таъсир мерасонад: шахсият ва фаъолият бо ҳам зич алоқаманданд» [3, с. 3-34]. Илова бар ин, ин алоқа дутарафа аст: сатҳи умумии рушди шахсият барои оғози рушди касбӣ, шарт мебошад, рушди касбӣ бошад ба таври назаррас ба рушди умумии фаъолияти шахсиятии инсон таъсир мерасонад. Таърихан чунин ташаккул ёфтааст, ки бадани инсонӣ дар давоми ҳазорсолаҳо қобилияти истиқбол гирифтани ангезадиҳандаи берунаро бо сафарбаркунии захираҳои ҷисмонӣ сайқал додааст. Азхудкунии соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ ва истеҳсолӣ боиси мураккабшавии вазифаҳои ҳаракатӣ, таъмини қобилияти ҳалли босифати онҳо аз ҷиҳати миқдорӣ, таъмини худмухтории ҳастӣ гардидааст. Хусусиятҳои шахсият, сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим буда, метавонанд ба муваффақиятнокӣ, эътимоднокӣ ва нишондиҳандаҳои дигари объективии фаъолияти касбӣ таъсири назаррас расонанд.

Яке аз вазифаҳои асосии кафедраи омодасозии ҷисмонӣ вазифаи таъмини омодагии психоҷисмонии хатмкунандагон ба фаъолияти ояндаи касбӣ мебошад. Омодагии касбии психофизикӣ коршоямии кофии касбӣ, мавҷудияти имкониятҳои зарурии захиравии ҷисмонӣ ва функсионалии организмро барои мутобиқшавии саривақтӣ ба шароити зудивазшавандаи муҳити касбӣ ва беруна, ҳаҷм ва суръатнокии меҳнат, қобилият ба барқароршавии пурра дар маҳдудияти додашудаи вақт, мавҷудияти ангезиш ва сифатҳои шахсиятиро дар ноилшавӣ ба мақсад дар бар мегирад.

Раванди ташаккулёбии самтдодашудаи ташаккули шахсияти курсантҳо ва шунавандагон дар раванди омодасозии касбию амалии ҷисмонӣ ҳамчун падидаи ягона, муназзам, бисёрсатҳа ва бисёрҷанба баррасӣ гардида, ифодаи худро дар инҳо меёбад:

- дар худтарббиякунӣ ва худинкишофдиҳии шахсият;
- дар тобеъкунии тамоми унсурҳои сохтори шахсият дар доминанти асосиаш – самтнокӣ, ки муттасилӣ, ворисии ҳамаи давраҳои рушди он ва таъмини худфаъолиятии онро таъмин менамояд;
- дар мубрамсозии сифатҳои барвақттар ташаккулёфта ва тарбияи сифатҳои нарасанда;
- дар рушддиҳии ҳамаи ҷузъҳои "бояд", "мехоҳам", алоқаҳои онҳо ва "баланд бардоштани" талабот то сатҳи иҷтимоию ахлоқӣ;
- дар натиҷанокии алоқаҳои шахсият бо олами беруна, ҷомеа.

Зимнан, стратегияи омодашавии касбии курсантҳои ҳарбӣ бояд на танҳо аз машғулиятҳои махсус ташкилшуда доир ба тарбияи ҷисмонӣ, балки инчунин аз фаъолияти мустақилона, бошуурона ва ҳаракатии фаъол бо мақсади мутобиқшавии самараноки психофизикӣ ба шароити ташаккулёфтаи иҷтимоию ҳуқуқии зиндагии муосир иборат мебошад.

Дар шароити муосир дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони ҳарбие талаб карда мешаванд, ки дорои донишҳои амиқ доир ба ихтисосро дошта бошанд, нозукиҳои касби интихобкардаашонро донанд, сатҳи баланди омодагии ҷисмониро дошта, соҳиби тафаккури диалектикӣ, омодагии маънавию психологӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ бошанд. Дар робита ба ин, мактабҳои олии ҳарбӣ на танҳо ба омодасозии касбӣ, балки инчунин ба эҷоди шароитҳое нигаронида шудаанд, ки ба ташаккулёбии шахсияти ҳаматарафа, аз ҷиҳати иҷтимо, фаъоли мутахассиси ҳарбӣ мусоидат менамоянд, ки сифати баланди омодасозии ҷисмонии ӯро таъмин месозанд.

Дар айни замон, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таваҷҷуҳи зиёд бояд ба ташаккулёбии шахсиятию касбии афсар зоҳир карда шавад, ки дар раванди он ташаккулёбии босуръати сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим, маҳоратҳо ва малакаҳои мутахассисони ояндаи ҳарбӣ сурат мегирад. Яке аз ҷузъҳои муҳимми таркибии омодасозии шахсиятию касбии мутахассисони ҳарбӣ таъмини сатҳи зарурии рушди ҷисмонӣ мебошад, ки ба такмилёбии сифатҳои инфиродӣ, шахсиятӣ, касбӣ мусоидат намуда, пайомадҳои манфии фаъолияти

ҳарбию касбиро ҷуброн мекунад. Вале ба ҷузъи мазкури ташаккулёбии ҳарбию касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳарбӣ таваҷҷуҳи нокофӣ зоҳир карда мешавад.

Нақши рушди ҷисмонӣ дар нигаҳдорӣ ва баланд бардоштани коршоямии ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва барқароршавии босуръаттар зоҳир мешавад.

Ба туфайли ин хизматчиёни ҳарбӣ босамартар ва боэътимодтар таслиҳот ва техникаи ҳарбиро дар фаъолияти таълимию ҳарбӣ истифода бурда, дар шароитҳои гуногун зудтар, дақиқтар ва бомуваффақияттар амал мекунанд. Ҳангоми ташкили дурусти раванди педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии ҳарбӣ рушди ҷисмонӣ бояд ба воситаи баланд бардоштани самаранокии таълими ҳарбию касбӣ табдил ёфта, ба ташакккулёбии шахсиятию касбии мутахассисони ояндаи ҳарбӣ таъсир расонад.

Ҳамин тариқ, дар низоми таҳсилоти олии ҳарбӣ омодасозии ҷисмонӣ муассир дорад мебозад. Он ба баланд шудани муқобилияти организми курсантҳо ба таъсироти омилҳои гуногуни манфии муҳити атроф мусоидат намуда, пойгоҳи зарурии энергетикиро барои нигоҳ доштани коршоямии ҳарбию касбии онҳо ҳам дар раванди таҳсил, ҳам дар раванди мутобиқшавӣ дар марҳилаи ибтидоии хизмат дар қӯшунҳо таъмин месозад.

Дар раванди ташаккулёбии шахсиятию касбӣ курсантҳо ба низоми педагогие шомил карда шудаанд, ки ташаккулёбии он аз натиҷанокии ҳар як унсури он ва такомули раванди идоракунӣ вобаста мебошад. Дар ин маврид дар миёни ҷузъҳои ин низом нақши муҳимро муҳтаво, шаклҳо ва методҳои омӯзиши фан мебозанд. Раванди таълимию тарбиявие, ки ташаккулёбии омодагии курсантҳоро ба фаъолияти ояндаи касбӣ тавассути воситаҳои омодасозии ҷисмонӣ таъмин месозад, ҳамчун як навъ низоми педагогие ба назар гирифта мешавад, ки дар рушди худ якчанд марҳилаҳоро мегузарад.

Марҳилаи аввал мутобиқшавӣ мебошад, ки дар давоми 2 соли аввал идома меёбад. Ҳангоми дохилшавӣ ба муасссисаи таҳсилоти олии касбии ҳарбӣ таълимгирандагон дорои сатҳи гуногуни рушди ҷисмонӣ мебошанд [1]. Ва яке аз вазифаҳои асосии ҳайати фармондеҳӣ ва педагогӣ ошкор сохтани ин падида мебошад. Ин тақрибан дар давоми якчанд моҳҳои аввали таҳсил, асосан дар машғулиятҳои таълимӣ ва дар рафти кори варзишию оммавӣ сурат мегирад.

Дар атрофи курсантҳои соли аввали таҳсил ҳамеша як устура чарх мезанад, ки фосилаи муайяни вақт мегузарад, пеш аз он ки организм ба тартиби лозимаи ҳарбӣ ворид шавад ва танҳо баъди ин болоравии натиҷаҳо ва баландшавии сифатҳои ҷисмонӣ оғоз мегардад. Одатан, ҳама чиз маҳз ба ҳамин боис мешавад, вале зарур аст ба он чизҳои мусбие диққат дод, ки хизмати ҳарбӣ онро ба онҳо медиҳад – ин реҷаи дурусти истироҳат ва ғизогирӣ, машқи ҷисмонии субҳона, чорабиниҳои варзишию оммавӣ ва имконияти дар вақти фориғ аз машғулиятҳо мустақилона ба баланд бардоштани сатҳи рушди ҷисмонии худ машғул шудан мебошанд. Дар худи машғулияти нақшавӣ доир ба омодасозии ҷисмонӣ омӯзгор наметавонад ҳаҷми зарурии сарбории ҷисмониро диҳад, зеро дар барномаи таълимӣ миқдори муайяни соатҳо барои ҳар як курси таълим ҷудо карда шудааст.

Ҳангоми ошкорсозии талаботҳои фаъолияти шахсиятию касбӣ, дар навбати аввал, дар марҳилаи ибтидоӣ бояд ба талаботи умумии хизматчиёни ҳарбӣ диққат дода шавад. Талаботҳои асосӣ инҳоянд: рушд ва такмили сифатҳои асосии ҷисмонӣ (таҳаммулпазирӣ, қувва, суръатнокӣ ва чолокӣ); ташаккули малакаҳо дар ҳаракат дар маҳалли убургоҳ бо тартиби пиёда ва дар лижаҳо, дар рафъи монеаҳои табиӣ ва сунъӣ, муҳорибаи дастбагиребон [1].

Яке аз вазифаҳои таркиби педагогӣ ва фармондеҳӣ ошкорсозии хусусиятҳои инфиродии рушди ҷисмонии курсантҳо мебошад. Дар машғулиятҳои таълимӣ хусусиятҳои иинфиродии ҳар як курсант мавриди таҳлил қарор гирифта, пас аз он хулоса дар бораи омодагии ҷисмонии ҳар як нафар, дар бораи афзалиятҳо ва норасоиҳо карда мешавад. Нақшаи зарурии рушди ҷанбаҳои ошкоршудаи заиф таҳия карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки хатмкунандагони муассиаҳои таҳсилоти олии касбии ҳарбию таълимӣ ба ғайр аз омодабошии кофии шахсии ҷисмонӣ, инчунин, бояд дорои ҳаҷми зарурии донишҳои назариявӣ, маҳоратҳо ва малакаҳои методие бошанд, ки ба ташкили босифати раванди ҳам такмили шахсии ҷисмонӣ, ҳам раванди такмили хизматчиёни ҳарбии ба онҳо тобеъ мусоидат намояд [7, с. 65]. Маҳз барои ҳамин сатҳи омодабошии назариявӣ ва методии курсантҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳарбию таълимӣ баъзан назар ба рушди сифатҳои ҷисмонӣ ва ташаккули малакаҳои ҳарбию амалӣ вазифаи муҳимтар мебошад.

Дар робита ба ин, аз ҷониби мо ҷузъи шинохтӣ дар рушди ҷисмонӣ ҳамчун яке аз асосҳо мушаххас карда мешавад, ки муҳтавои он ба даст овардани донишҳоро оид ба рушди фарҳанги ҷисмонӣ, оид ба қонуниятҳои кори организми инсон дар фаъолияти ҳаракатӣ ва иҷрои амалҳои ҳаракатӣ оид ба худтарбиякунии ҷисмонӣ ва худтакмилдиҳиро дар бар мегирад.

Чун қоида, дар давраи ибтидоии таълим омодагии ҷисмонии таълимгирандагон дар сатҳи баланд нест. Ба дараҷаи муайян ин норасоии тарбияи мактабии ҷисмонӣ мебошад [1, с. 17]. Вале талаботи хизмати ҳарбӣ маҷбур мекунанд, ки сифатҳои асосии ҷисмонӣ бо таъкид ба рушди таҳаммулпазирӣ инкишоф дода шаванд.

Дар марҳилаи дуюм – рушд ва такмили ҷисмонӣ ба солҳои 3-4 - уми таҳсил рост меояд. Зарур аст сифатҳои асосии ҷисмоние такмил дода шаванд, ки аз тахассуси афсари оянда вобастаанд, сифатҳои махсуси ҷисмонӣ, малакаҳои ҳарбию касбӣ ва фармондеҳию методӣ ташаккул дода шаванд, ҳаҷми донишҳои назариявӣ доир ба омодагии ҷисмонӣ тавсеа дода шаванд. Дар ин давра дар баъзе курсантҳо пастравии омодабошии ҷисмонӣ ба мушоҳида мерасад. Ин мушкилот тавассути рушддиҳии ҳадафманди ҳавасмандии устувор ва машққҳои ҷисмонӣ дар курсантҳо ҳал карда мешавад [1, с. 11].

Аз ҷониби ҳайати устодону омӯзгорон ба таври муназзам бояд таҳлили самаранокии раванди рушди ҷисмонӣ гузаронида шавад, ки аз рӯйи натиҷаҳои он зарур аст сабабҳои рушди нокофии ҷисмонӣ бартараф карда шаванд.

Ҳангоми интихоби машқҳои амалии ҷисмонӣ бояд таъсироти психофизиологии онҳо ба сифатҳои шаклгирандаи ҷисмонӣ ва махсус мувофиқат кунанд. Зимни тарбияи сифатҳои ҷисмонӣ дар муҳтавои машғулиятҳои таълимӣ одатан ҳаҷми машқҳои махсус афзоиш меёбад, ки як ё якчанд сифатҳоро рушд дода, меъёрҳои дахлдори таълимӣ муқаррар мешаванд. Чунин интихоби машқҳо ва унсурҳо аз намудҳои махсуси варзиш аксар вақт бо роҳи таҷрибавӣ тибқи принсипи мутобиқати сифатҳо ва маҳоратҳои касбӣ ба хусусиятҳои онҳо гузаронида мешавад [3, с.25]. Чунин шуморида мешавад, ки амали якҷояи тамоми системаҳои ҳаётан муҳимми организм беҳтар аз ҳама аз тариқи таҳаммулпазирӣ зоҳир мешавад.

Ҳар як намуди варзиш ба такмили сифатҳои муайяни ҷисмонӣ ва психикӣ мусоидат менамояд. Ва агар ин сифатҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо бо сифатҳои касбӣ мутобиқат кунанд, он гоҳ чунин намудҳои варзиш касбию амалӣ маҳсуб меёбанд. Унсурҳои мусобиқавӣ, ки ба сарбориҳои ҷисмонӣ ва психикӣ асос ёфтаанд, имкон медиҳанд варзиш дар раванди омодасозии ҷисмонии курсантҳо ба таври васеъ истифода бурда шавад.

Ба мақсади такмили малакаҳо ва маҳоратҳои фармондеҳӣ ва ташкилию методӣ курсантҳо ба сифати ёрадамчиёни роҳбарони машғулиятҳои таълимӣ барои ташкил ва гузаронидани шаклҳои дигари омодасозии ҷисмонӣ бо курсантҳо ва ҷавонони тодаъватӣ ҷалб карда мешаванд. Дар давраи таҷрибаомӯзӣ курсантҳо супоришҳоро оид ба ташкил ва гузаронидани шаклҳои мухталифи омодасозии ҷисмонӣ бо ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбӣ иҷро менамоянд.

Марҳалаи сеюм – марҳилаи рефлексивии рушди ҷисмонии курсантҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳарбӣ асосан аз нигаҳдории сатҳи баланди рушди сифатҳои махсуси ҷисмонӣ ва малакаҳои ҳарбию амалӣ иборат мебошад. Дар ин марҳила маҳорати курсантҳо дар амалия дуруст истифода бурдани донишҳои дар тайи солҳои пешинаи таълим оид ба

соҳаи омодашавии ҷисмонӣ, дуруст, мустақилона муайян намуда тавонистани сабабҳои пастравии рушди ҷисмонии худ ва ҳолати функсионалӣ ва минбаъд дуруст сохтани раванди тамрин асосӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, татбиқи марҳилаҳои дар боло зикршудаи рушди ҷисмонӣ ва такмилдиҳии доимии муназзами донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо дар соҳаи омодашавии ҷисмонӣ ба афсарони оянда имкон медиҳанд пас аз хатми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбии ҳарбӣ арзишҳо ва воситаҳои онро дар ташаккулёбии шахсии шахсиятию касбӣ дар сатҳи баланди илмию методӣ дар ҳаҷми пурра истифода баранд.

## АДАБИЁТ


1. Астафьев К.А. Развитие физических качеств у курсантов на начальном этапе обучения в военном инженерном вузе. Монография / К.А.Астафьев, В.Ф.Мельников. — Воронеж: ВАИУ, 2009. - 176 с.
2. Виленский М.Я. Личность студента в гуманитарном, образовательно-развивающем пространстве физической культуры / М.Я. Виленский // Личность студента в образовательно-развивающем пространстве физической культуры: Тезисы докладов. - М., 2003. -С. 11-17.
3. Ильинич В.И. Физическая культура студента. Учеб. для вузов / В.И. Ильинич. — М.: Гардарики, 2001. - 448 с.
4. Курамшин Ю.Ф. Современные подходы к структуре физической культуры личности / Ю.Ф. Курамшин // Актуальные проблемы теории и практики физической культуры: Межвузовский сборник / Под общей ред. В.И. Григорьева. - СПб.: Изд-во СПбГУЭФ, 2004. -С. 68-73.
5. Леонтьев Д.А. Симбиоз и адаптация или автономия и трансценденция: выбор личности в непредсказуемом мире // Личность в современном мире: от стратегии выживания к стратегии жизнетворчества / Д.А. Леонтьев / под ред. Е.И. Яцуты. - Кемерово: ИПК «Графика», 2002. -С. 3 - 34.
6. Рубинштейн С. Основы общей психологии / С. Рубинштейн. - СПб.: Питер, 2010. - 713 с.
7. Холодов Ж.К. Теория и методика физического воспитания и спорта. Учеб. пособие для студ. Вузов / Ж.К. Холодов, В.С. Кузнецов. - 3-е изд., стер. — М.: Издательский центр «Академия», 2004. - 480 с.


## ОМОДАСОЗИИ ҶИСМОНИИ КАСБИЮ АМАЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАРБИЯ ВА ТАКМИЛИ ШАХСИЯТИ КУРСАНТ


Муаллиф дар мақолаи худ мавзӯи омодасозии ҷисмонии касбию амалӣ ҳамчун воситаи тарбия ва такмили шахсияти курсантро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Таваҷҷуҳи махсус ба раванди ташаккулёбии самтдодашудаи ташаккули шахсияти курсантҳо ва шунавандагон дар раванди омодасозии касбию амалии ҷисмонӣ ҳамчун падидаи ягона, муназзам, бисёрсатҳа ва бисёрҷанба зоҳир карда шудааст. Таъкид карда мешавад, ки стратегияи омодашавии касбии курсантҳои ҳарбӣ бояд на танҳо аз машғулиятҳои махсус ташкилшуда доир ба тарбияи ҷисмонӣ, балки инчунин аз фаъолияти мустақилона, бошуурона ва ҳаракатии фаъол бо мақсади мутобиқшавии самараноки психофизикӣ ба шароити ташаккулёфтаи иҷтимоию ҳуқуқии зиндагии муосир иборат бошад. Марҳилаҳои раванди ташаккулёбии омодагии курсантҳо нишон дода шуда, хулоса карда мешавад, ки барои афсарони оянда дар соҳаи омодашавии ҷисмонӣ имкон пайдо мешавад арзишҳо ва воситаҳои татбиқи марҳилаҳои зикршударо дар ташаккулёбии шахсиятию касбии худ дар сатҳи баланди илмию методӣ пурра истифода баранд.



**Калидвожаҳо:** омодасозии ҷисмонии касбию амалӣ, воситаи тарбия, такмили шахсият, курсант, марҳилаҳои таълиму тарбия.


## ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ПРИКЛАДНАЯ ФИЗИЧЕСКАЯ ПОДГОТОВКА КАК СРЕДСТВО ВОСПИТАНИЯ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ КУРСАНТА


В статье рассматривается профессионально-прикладная физическая подготовка как средство воспитания, совершенствования личности курсанта. Особое внимание уделено процессу направленного формирования личности курсантов, слушателей в процессе профессионально-прикладной физической подготовки как целому, системному, многоаспектному многоуровневому и явлению. Подчеркивается, что новая стратегия профессиональной подготовки курсантов должна заключаться не только в организованных специально занятиях по физической подготовке, а также самостоятельной, активной и осознанной двигательной деятельности в целях эффективной психофизической адаптации к сложившимся социальным и правовым условиям современной жизни. Показаны процесс формирования курсантов и делается вывод, что по окончании обучения будущие офицеры в военном вузе на высоком научно-методическом уровне могут использовать в полном объеме ценности и средства реализации перечисленных этапов в своём личностно-профессиональном становлении.



**Ключевые слова:** физическая профессионально-прикладная подготовка, средство воспитаия, совершенствование личности, курсант, этапы обучения и воспитания.


## PROFESSIONAL AND APPLIED PHYSICAL TRAINING AS A MEANS OF EDUCATION AND IMPROVEMENT OF THE PERSONALITY OF A CADET


The article deals with professional-applied physical training as a means of educating and improving the personality of a cadet. Particular attention is paid to the process of directed formation of the personality of cadets, students in the process of professional-applied physical training as a whole, systemic, multi-aspect multi-level phenomenon. It is emphasized that a new strategy for professional training of cadets should consist not only in specially organized physical training classes, but also in independent, active and conscious motor activity in order to effectively adapt to the existing social and legal conditions of modern life. The process of the formation of cadets is shown and the conclusion is made that after graduation, future officers in

a military college at a high scientific and methodological level can fully use the values and means of implementing the listed stages in their personal and professional development.

**Keywords:** physical professional practical preparation, a mean of preparation, improvement of personality, cadet, stages of teaching and education.

**Сведения об авторе:** ***Холмуродов Манучехр Гуломхайдарович*** - Институт физической культуры Таджикистана им. С.Рахимова, старший преподаватель. **Адрес:** Телефон: **+(992) 904525306**

***Kholmurodov Manoochehr Ghulomhaydarovich*** - Institute of Physical Culture of Tajikistan after S.Rahimov, a senior teacher Address: Tel.: **+(992) 904525306**

**УДК:372.852(575.3)**

# ИСТИФОДАИ АҚИДАҲОИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «ҲАРАКАТИ СОЛОНАИ ОФТОБ. ЭКЛИПТИКА»

***Сафаралӣ Авлиёқул***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Амалияи таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои барномавӣ тавъам истифода намудани маводи илмӣ – ақидаҳои мутафаккирони тоҷику форс доир ба астрономия аҳаммияти зиёди таълимию тарбиявӣ дорад. Он метавонад ҳам ба хонандагон доир ба таърихи ташаккули илм, замони кашфи ин ё он қонун, принсип, шарҳу тавзеҳи ҳодисаҳо маълумот диҳад ва ҳам дар ниҳоди онҳо ҳисси эҳтиром ба тамаддуни гузаштаи худ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносӣ барин рукнҳои тарбияро бедор намояд.

Аз ин хотир, ба омӯзгорони фанни физика ва астрономияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсею гимназияҳои ҷумҳурӣ тавсия медиҳем, ки ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Ҳаракати солонаи Офтоб. Эклиптика», дар робита бо маводи китоби дарсӣ ақидаҳои мутафаккирони тоҷику форсро истифода баранд [9].

Мо бо мақсади осон намудани кори омӯзгорон коркарди методии истифодаи маводи таърихӣ – ақидаҳои мутафаккирони тоҷику форсро доир ба мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем.

Дар оғоз, омӯзгор ба донишҳои хонандагон оид ба мавзӯи «Осмони ситоразор ва гардиши зоҳирии он. Мавқеи ситораҳо ва бурҷҳо дар осмон» [8,с.10-11] такя карда, оид ба сабабҳои тағйир ёфтани мавқеи бурҷҳо дар осмон (тӯли сол) – ҳаракати Замин дар атрофи Офтоб ба хонандагон маълумот медиҳад. Азбаски меҳвари чархзании Замин нисбат ба ҳамвории доираи мадораш дар атрофи Офтоб каме ба паҳлу майл намудааст, бинобар ин, мавқеи Офтобу ситораҳо тӯли сол (нисбат ба мушоҳиди дар Замин буда) тағйир меёбад. Пас аз ин, мафҳуми «эклиптика»-ро дохил намуда, расми 2.9.1-ро [8,с.27] мефаҳмонад. Дар идомаи шарҳи мафҳуми эклиптика – роҳи хаёлие, ки Офтоб аз рӯйи он тӯли сол ҳаракат мекунад ва он аз болои 12 бурҷ, ки «бурҷҳои зодиакӣ» номида мешаванд, мегузарад, аз харитаи чархзанандаи осмони ситоразор хатти бо ранги сурхи кашидашударо нишон медиҳад. Ҳангоми набудани ин харита расми 2.9.2-и китоби дарсиро [8,с.28] истифода кардан мумкин аст. Дар ин ҷо маводи таърихиро доир ба «Бурҷҳои дувоздаҳгона» овардан бамаврид аст: ин бурҷҳо аз қадим барои гузаштагони мо маълум буданд ва ин номгузорӣ аз ҳамон замон боқӣ мондааст: Ҳут, Ҳамал, Савр, Ҷавзо, Саратон, Асад, Сунбула, Мизон, Ақраб, Қавс, Ҷадӣ ва Далв.

Ҳангоми муоинаи расми 2.9.1 [8,с.27] кунҷи тамоили байни ҳамвориҳои экваторӣ ва эклиптикӣ – 23°27'-ро дидан мумкин аст. Дар ҳамин ҷо омӯзгор метавонад маводи таърихиро илова намояд. Мувофиқи таҳқиқоти [9] «илми астрономияи асрҳои миёна маълум намудааст, ки кунҷи моилии эклиптика нисбат ба экватор доимо як хел набуда, балки бо гузашти вақт тағйир меёбад. Муайян кардани бузургии майли эклиптика мавзӯи кори дурударози таҳқиқотӣ ва мушоҳидагузаронии аксари мунаҷҷимон гардида буд. Барои ин усулҳои гуногун ва ҳар гуна асбобҳо истифода бурда мешуданд.



Астрономҳои қадим бузургии майли эклиптикаро бо ёрии гномон ва квадранти сангин ном асбобҳо муайян менамуданд.

Дар ин кор гузаштагони мо – мутафаккирони тоҷику форс низ саҳми назаррас доранд. Аз он ҷумла, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ дар охири асри Х барои муайян кардани майли эклиптика нисбат ба экватор, аввалин бор судс (секстант) ном асбоби диаметраш 40 метраро ба кор бурда буд, ки ин

ихтирои худи ӯ мебошад. Ин асбоб дар таърихи астрономия бо номи «Судси Фахрӣ» маълум аст» [10,с.27].

Мувофиқ ба гуфтаҳои муаррихи илми нуҷум Абдуллозода Х. [2], «дар «Рисола фи тасҳеҳ ал-майл вал-арз ал-балад»-и Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, ки охирҳои соли 994 таълиф шудааст, тавсифоти пурраи мушоҳидаҳо доир ба муайян кардани майли куллӣ, яъне тамоили кунҷи эклиптика нисбат ба ҳамвории экватори осмонӣ, ки бо дарёфти баландии Офтоб дар лаҳзаҳои инқилоби тобистона (22 июн) ва инқилоби зимистона (22 декабр) муайян мешуд ва ҳамчунин арзи географии маҳал оварда шудааст. Хуҷандӣ мушоҳидаи мазкурро соли 994 дар расадхонаи болои кӯҳи Таборак (наздикии ш. Рай) бино шуда, бо олоти ихтироънамудаи худ «Судси Фахрӣ» («Секстанти Фахрӣ»), бахшида ба амир Фахруддавлаи Дайламӣ (с. ҳок. 976-997) гузаронид» [2,с.63].

Маълум аст, ки дар асрҳои миёна бо дарёфти баландии нисфирӯзии Офтоб барои рӯзҳои инқилоби тобистона ва замистона, на танҳо қимати майли эклиптика нисбат ба экватор, балки арзи географии маҳалли мушоҳида, умури вақт ва дигар масъалаҳои астрономияи куравӣ муайян карда мешуд.

Барои шинос намудани хонандагон бо усулҳои муайян кардани майли эклиптика нисбат ба экватор маводи таърихии зеринро истифода бурдан лозим аст: «Масъалаи муайян кардани тамоили эклиптика нисбат ба экватор аз рӯйи баландии Офтоб дар рӯзҳои инқилоби тобистона ва зимистонаро Хуҷандӣ чун нимфарқи баландиҳои нисфирӯзии Офтоб дар ин ду рӯз ҳал намудааст, яъне

$$\varepsilon = \frac{h_1 - h_2}{2},$$

ки дар ин ҷо $h_1$ ва $h_2$ мувофиқан баландии нисфирӯзии Офтоб дар рӯзҳои инқилоби тобистона ва зимистона аст» [2, с. 63].

Дар таҳқиқоти дигари Абдуллозода Х.Ф. [1] омадааст: «Оид ба муайян кардани арзи географии маҳал Хуҷандӣ навиштааст: «…ва барои [муайян кардани] арзи Рай, ки мо онро аз рӯйи ду иртифои* муаддали [Офтоб] меёбем. Маълум аст, ки хурдтарин иртифоъҳои муаддали муайянкардаи мо ба 30°53'02"30''' баробар аст, аммо фарқи байни бузургтарин ва кӯчактарин аз иртифоъҳои муаддал 47°04'37"30''' аст. Охиронро ба ду қисмат тақсим карда, меёбем: 23°32'18"45''' ва онро ба хурдтарин баландии муаддал ҷамъ намуда, меёбем 54°25'21"15''', ки он баландии Офтоб ҳангоми эътидолайн аст. Сипас, онро аз 90 тарҳ намуда, боқӣ 35°34'18"45''' меёбем, ки он арзи Муҳаммадия* аст».

Ин тарзи муайян кардани арзи географии маҳал хеле паҳнгашта буд ва онро ба намуди зерин метавон ифода кард:

$$\varphi = 90 - \frac{h_1 + h_2}{2}.$$

Пас аз батафсил баён намудани тарзи дарёфти баландии Офтоб дар лаҳзаи инқилоби тобистона ва зимистона (июн ва декабри 994) Хуҷандӣ доир ба натиҷаҳои бадастовардааш навиштааст: «Ҳамин тавр, маълум гашт, ки қимати майли куллӣ дар асри мо ба 23°32'21" ва арзи Рай 35°34'15" баробар аст. Ин аст, ки мо муқаррар намудем бо мушоҳидаҳои бахайр бо воситаи олати «судси Фахрӣ» ва ҳисобкуниҳои саҳеҳ» [1,с.90].

Хатогии дар муайянкунии қимати майли эклиптика нисбат ба экватори осмонӣ содиргашта ҳамагӣ ба -1'51" баробар буд, вале ин хатогии ночиз, ки дар натиҷаи андаке нишасти девори бинои олат ва аз ин рӯ, хамидани сақфи (диоптри) олат рух дода буд, аз ҷониби худи Хуҷандӣ муқаррар карда шуда, онро ӯ шахсан ба Берунӣ маънидод намудааст.

Нисбати арзи географии Рай бояд гуфт, ки қимати ҳосилкардаи Хуҷандӣ 35°34'15" эҳтимол бояд арзи ҷойи мушоҳида, (микёс) гузошта мешавад ва дар давоми рӯз он хате, ки охири сояи ин олат дар сатҳ мекашад, ба қайд гирифта мешавад. Дар хатти кашидашуда ба таври графикӣ нуқтае дарёфт карда мешавад, ки онро ба ду қисмат кунад. Сипас, хатти рости ин нуқтаро бо асоси миқёс пайвасткунанда гузаронида, хатти нисфирӯзӣ (меридиан) муайян карда мешуд, ки он ба самти шимолу ҷануб равона аст.

Ғайр аз тарзи баёншуда, дар гузашта боз чандин усулҳои дигари муайян кардани арзи маҳал маълум буд, ки дар онҳо танҳо донистани баландии баландтарин авҷи ситораҳо кифоя буд. Ин тарзро Берунӣ дар «Геодезия»-и худ батафсил баён кардааст [2,с.64-65] ва муҳаққиқ П.Г. Булгаков онро «муайянкунии бевосита» [5,с.45] номидааст, зеро дар ин маврид донистани майли ҷирми осмонӣ δ ва майли куллӣ ε шарт нест.

---

* Иртифоъ – баландӣ.
* Дар эзоҳи поварақи рисола омадааст, ки Муҳаммадия – қалъаи Райи асримиёнагӣ (А.Х.).

Ҳоло барои муайян кардани арзи географии маҳал усули содатарро истифода мебаранд. Ин усул дарёфти баландии Ситораи Қутбӣ аст. Баландии Ситораи Қутбӣ дар маҳалли додашуда ба арзи географии ҳамин маҳал баробар аст:

$$h_P = \varphi .$$

Доир ба ин дар китобҳои дарсӣ [6,с.37; 8,с.19-20] маълумоти муфассал оварда шудааст.

Оид ба масъалаи муайян кардани майли эклиптика нисбат ба экватор Абӯрайҳони Берунӣ низ машғул шуда, дар ин кор муваффақ гардидааст. Мувофиқи маълумоти Содиқов Ҳ.У. [10], «Берунӣ ба масъалаи аниқ муайян кардани бузургии майли эклиптика аҳаммияти хеле калон дода, дар ибтидои корҳои астрономии худ ба ин масъала бисёр машғул шуд. Ӯ корҳои тамоми астрономҳои Шаркро дар соҳаи муайян кардани майли эклиптика ва ҳамаи асбобҳои бо ин мақсад ба кор бурдашударо муфассал омӯхт.

Дар соли 995 Берунӣ квадранти калони диаметраш 7,5 м сохт. Бо ёрии ин асбоб вай дар давоми 20 сол (аз соли 995 то соли 1016) барои муайян намудани моилии эклиптика дар расадхонаи Хоразм се бор мушоҳида гузаронид. Дар соли 1017 вай пас аз ба Ғазна омаданаш ин корро давом дод. Берунӣ натиҷаҳои тадқиқоти чандинсолаи худро оид ба муайян намудани моилии эклиптика дар китоби «Қонуни Масъудӣ» баён мекунад. Боби якуми қисми 4 ба ҳамин масъала бахшида шудааст. Ин боб «Дар бораи бузургии кунҷе, ки экватор дар зери он Зодиакро (яъне эклиптикаро – Ҳ.С.) бурида мегузарад, ё дар бораи кунҷи майли зиёдтарин» ном дорад» [10,с.27].

Ба ин маънӣ дар китобҳои бо забони русӣ нашршуда ҳам омадааст: «Олими барҷастаи араб* Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Берунӣ (973-1050) зодаи Хоразм. Ӯ 150 асар оид ба астрономия, физика, математика, география ва дигар соҳаҳои илм навиштааст. Барои мушоҳидаҳои астрономӣ Берунӣ асбоби кунҷченкунандаи калони деворӣ – квадрантро сохт, ки радиуси каҷии камонаш 7,5 м буда, бо ёрии он координатаҳои ситораҳо ва сайёраҳоро то 2' (дақиқаи кунҷӣ) аниқ кардан мумкин аст. Берунӣ майли эклиптика нисбат ба экваторро чен, бузургии пресессияро аниқ, масофа аз Замин то Моҳ ва радиуси Заминро муайян кардааст. Натиҷаҳои бадастовардаи ӯ ба маълумоти ҳозира наздиканд» [4,с.12].

Дар идомаи навиштаҳои Содиқов Ҳ.У. омадааст, ки: «…аввалин мушоҳидаи Берунӣ дар шаҳри Кат (ки арзи он ба 41°31' баробар аст), гузаштааст. Вақте ки Берунӣ аз шаҳри Кат ба шаҳри Урганҷ кӯчида меояд, боз ба ин масъала машғул шуд ва соли 1016 дар бораи майли эклиптика маълумоти наверо нашр кард. Мувофиқи ин маълумот, майли эклиптика нисбат ба экватор 23°35'50" мебошад.

Берунӣ ба натиҷаҳои ҳосилкардааш қонеъ нашуда, барои аниқтар муайян намудани бузургии майли эклиптика роҳу воситаҳои навро ҷустуҷӯ намуд. Пас аз омадани худ ба Ғазна, ки арзи он ба 33°35' баробар аст, Берунӣ боз мушоҳидаҳои худро идома дода, соли 1020 барои майли эклиптика қимати нави ба 23°34'00" баробарро муқаррар намуд. Ӯ ин қиматро дуруст мешуморид ва баъдтар онро барои бисёр ҳисобкуниҳои худ истифода мекард» [10,с.28].

Худи Абӯрайҳони Берунӣ дар «Китоб-ут-тафҳим» зимни гуфтори «Бузургтарин майли ситорагони раванда ва арзашон чанд аст?» чунин қайд кардааст: «Аммо майли Офтоб ҳам майли минтақат-ул-буруҷ аст. Ва андозаи ин майли бузург чунон-к мо ба расад ёфтем, бисту се ҷузъ аст ба сиву панҷ дақиқа. Ва ӯро «майли бузург» хонанд…» [3,с.63].

Яъне, мувофиқи гуфтаҳои Берунӣ, майли эклиптика нисбат ба экватор 23°35' аст. Мувофиқат накардани ин рақам ба қиматҳои пештара шояд иштибоҳи муаррихон, ё ин ки қимати яклухткардаи худи Берунӣ бошад.

Ба масъалаи муайян кардани майли эклиптика дар солҳои гуногун, олимони зиёде машғул шудаанд (ниг. ба ҷадвал). Аз ҷумла, олимони расадхонаи Самарқанд бо роҳбарии мунаҷҷими машҳури ӯзбек Мирзо Улуғбек дар қатори дигар масъалаҳои астрономӣ ба масъалаи муайян кардани майли эклиптика нисбат ба экватор низ машғул шудаанд.

Мувофиқи маълумоти муаррихи илм Қориниёзий Т.Н., «Дар натиҷаи мушоҳидаҳои бевосита дар расадхонаи Самарқанд майли эклиптика – 23°30'17" муайян карда шуд. Ин адад мувофиқи ҳисоби назариявӣ бояд 23°30'49",3 мешуд, яъне фарқи байни ҳисоби назариявӣ ва қимати дар расадхона муайянкардашуда ба -0'32" баробар буда, барои ҳамон замон қимати нисбатан саҳеҳ мебошад*» [7,с.34].

---

* Азбаски бисёре аз осори илмии мутафаккирони тоҷику форс бо забони арабӣ иншо шудааст, бинобар ҳамин муаррихони илм ин мутафаккиронро араб ном бурдаанд (С.А.).

* Аз рӯйи ҳисоби банда (мувофиқи формулаи Нюкомб – $\varepsilon = 23°27'8'',26 - 0'',4684(t-1900)$ ) қимати мазкур -0'28" баромад, ки онро дар ҷадвали 1 нишон додем.

Пас аз батафсил баён намудани маводи таърихии овардашуда, омӯзгор диққати хонандагонро ба ҷадвали 1 равона мекунад.

**Ҷадвали 1. Майли эклиптика аз рӯйи ҳисоби астрономҳои қадим ва асрҳои миёна барои солҳои гуногун**

| Номи олим | Соли муайян кардани қимати майл | Қимати майли эклиптика | Фарқ |
|---|---|---|---|
| Эратосфен | 230 п.м. | 23°51'20" | +7'35" |
| Гиппарх | 130 п.м. | 23°51'20" | +8'23" |
| Птоломей | 140 | 23°51'20" | +10'10" |
| Муҳаммад ал-Баттонӣ | 880 | 23°35' | -0'17" |
| Абдураҳмони Суфӣ | 965 | 23°33'45" | -0'50" |
| Абулвафои Бузҷонӣ | 987 | 23°35' | +0'35" |
| Абӯсаҳли Кӯҳӣ | 988 | 23°51'01" | +16'36" |
| Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ | 994 | 23°32'21" | -1'51" |
| Ибни Юнус | 1001 | 23°34'52" | +0'33" |
| Абӯрайҳони Берунӣ | 1016 | 23°35'50" | +1'48" |
| | 1020 | 23°34'00" | -0'45" |
| Насриддини Тӯсӣ | 1270 | 23°30' | -02'03" |
| Мирзо Улуғбек | 1437 | 23°30'17" | -0'28" |

Хонандагон ҳангоми шиносоӣ бо ҷадвал бояд тасаввурот пайдо намоянд, ки қимати майли эклиптика нисбат ба экватор доимӣ набуда, дар натиҷаи ҳодисаи пресессия (бо гузашти солҳои зиёд) каме тағйир меёбад. Дар натиҷаи ин меҳвари чархзании Замин дар фазои осмон конус мекашад (ниг. ба расм).



Ҳангоми муоинаи расми 2.9.1-и китоби дарсӣ [8,с.27] нуқтаҳои асосии эклиптикӣ – эътидолҳои баҳорию тирамоҳӣ ва инқилобҳои тобистонаю зимистона нишон дода мешаванд. Дар ин ҷо омӯзгор оид ба координатаҳои экваторӣи ситораҳо маълумот дода, илова мекунад, ки яке аз координатаҳои экваторӣи ситораҳо – фарози мустақим α аз нуқтаи эътидоли баҳорӣ ибтидо гирифта, ба самти нуқтаи инқилоби тобистона, нуқтаи эътидоли тирамоҳӣ, нуқтаи инқилоби зимистона ва нуқтаи эътидоли баҳорӣ, аз 0° то 360° қимат мегирад. Нуқтаи эътидоли баҳорӣ, бо гузашти вақти тӯлонӣ, дар осмон ҷой иваз мекунад. Ин ҳодисаро пресессия меноманд. Дар идомаи ҳамин нақли омӯзгор маводи таърихиро дохил кардан мумкин аст: «Ҳодисаи пресессия бори аввал аз тарафи олими Юнони қадим Гиппарх муқаррар карда шудааст. Мувофиқи маълумоти ӯ, дар муддати 150 сол фарози мустақими ситораҳо тақрибан 1,5° зиёд мешавад. Ҳамчунин, Гиппарх муқаррар намудааст, ки арзи ситораҳои осмон бетағйир мемонад» [2,с.186]. Ҳодисаи мазкур ба мунаҷҷимони асримиёнагии тоҷику форс низ ҳанӯз аз нимаи аввали асри VIII маълум буд. Баъдтар, ба омӯзиши ин ҳодиса олимони расадхонаи Бағдод машғул шуданд. Аз ҷумла, «…дар «Зиҷи мумтаҳин»-и Яҳё ибни Абӯмансур ва шогирдони ӯ қимати ҳақиқии суръати пресессия 1° дар 66 сол (бо саҳеҳии то 1") ба даст оварда шуд» [2,с.187]. Пас аз баёни ин мавод омӯзгор диққати хонандагонро ба ҷадвали 2 равона месозад.

**Ҷадвали 2. Бузургии суръати пресессия аз рӯйи мушоҳидаҳои олимони Шарқи асримиёнагӣ**

| Номи олим | Қимати бадастовардашуда |
|---|---|
| Собит ибни Қурра | 1° дар 66 сол ё 54",55 дар як сол |
| Абулвафои Бузҷонӣ | 1° дар 70,3 сол ё 51",48 дар як сол |
| Ибни Юнус | 1° дар 70 сол ё 51",43 дар як сол |
| Абӯрайҳони Берунӣ | 1° дар 68,4 сол ё 52",2 дар як сол |
| Насириддини Тӯсӣ | 1° дар 70 сол ё 51",43 дар як сол |
| Мунаҷҷимони Самарқанд | 1° дар 70 сол ё 51",43 дар як сол |
| Бирҷандӣ | 1° дар 66 сол ё 54",55 дар як сол |

Мувофиқ ба маълумоти ҳозира суръати солонаи пресессия ба 50",3 баробар аст.

Дар натиҷаи ҳодисаи пресессия майли эклиптика нисбат ба экватор низ тағйир меёбад. Аз рӯйи қиматҳои дар солҳои гуногун муайянкардаи астрономҳо маълум мегардад, ки бузургии майли эклиптика нисбат ба экватор бо гузашти вақт на зиёд, балки кам мешавад. Баъди маълум намудани ин омӯзгор ба хонандагон маводи таърихии зеринро пешниҳод мекунад: «Маҳз мунаҷҷимони Шарқи исломӣ бори нахуст муқаррар намудаанд, ки бузургии майли эклиптика нисбат ба экватор доимӣ набуда, балки тағйир меёбад. Инро бори аввал ситорашиноси маъруфи маркази илмии Бағдод Собит ибни Қурра дар асоси мушоҳидаҳои хеш муқаррар намудааст ва баъдан (асри X) Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ дар расадхонаи Рай, инчунин ҳангоми мушоҳидаҳои худ исбот ва тасдиқ намудааст» [2,с.189].

Мувофиқи таҳқиқоти [10], «Берунӣ пас аз муқаррар намудани майли эклиптика ба таҳқиқи камшавии асрии ин бузургӣ машғул гардид… Аз рӯйи ҳисоби Берунӣ, дар муддати 100 сол бузургии камшавии майли эклиптика ба 52",6 баробар мешавад. Мувофиқи маълумоти ҳозира бошад, қимати камшавии майли эклиптика нисбат ба экватор 46",8-ро ташкил медиҳад» [10,с.29]. Фарқ ҳамагӣ ба 4",58 (дар як аср) баробар аст. Ин хатоӣ, бо назардошти номукаммал будани асбобҳои мушоҳидавӣ дар он замон хеле ночиз мебошад.

Пас аз батафсил баён намудани чунин маълумотҳо ҳам дониши хонандагон оид ба мавзӯи дарсӣ тақвият меёбад ва ҳам дар онҳо ҳисси эҳтиром нисбат ба осори илмии пурарзиши гузаштаи худ – мутафаккирони тоҷику форс тарбия карда мешавад.

Истифодаи ақидаҳои мутафаккирони тоҷику форс ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои дигари курси астрономияи мактабӣ низ аз аҳаммият холӣ набуда, он баҳри рушди шахсияти хонандагон мусоидат мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Абдуллазаде Х.Ф. Абумахмуд Худжанди / Х.Ф. Абдуллазаде, Н.Н. Негматов. -Душанбе: Дониш, 1986. – 103 с.
2. Абдуллозода Х.Ф. Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ва таърихи астрономияи халқи тоҷик / Х.Ф. Абдуллозода. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 440 с.
3. Абӯрайҳони Берунӣ. Китоб-ут-тафҳим. – Душанбе: Дониш, 1973. – 288 с.
4. Большая энциклопедия астрономии / Сост. Л.А. Феоктистов. – М.: ЗАО «РОСМЭН-ПРЕСС», 2009. – 200 с.
5. Булгаков П.Г. Жизнь и труды Беруни / П.Г. Булгаков. -Ташкент: Фан, 1972. – 425 с.
6. Засов А.В. Астрономия: Учеб. пособие / А.В. Засов, Э.В. Кононович. – М.: ФИЗМАТЛИТ, 2017. – 264 с.
7. Қориниёзий Т.Н. Улуғбек ва унинг илмий фаолияти / Т.Н. Қориниёзий. -Т.: Узфанакаднашр, 1962. - 44 бет.
8. Маҷидов Ҳ. Нуҷум. Китоби дарсӣ барои синфи 11-уми макотиби таҳсилоти умумӣ / Ҳ. Маҷидов, О. Нозимов. – Душанбе: Насиба, 2008. – 152 с.
9. Сафаралӣ Авлиёкул. Методикаи истифодаи ақидаҳои мутафаккирони тоҷику форс дар таълими астрономия. Авт. рис. барои дарёфти дараҷаи магистрӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2014. – 17 с.
10. Содиқов Ҳ.У. Берунӣ ва асарҳои ӯ оид ба астрономия ва географияи математикӣ / Ҳ.У. Содиқов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 68 с.


## ИСТИФОДАИ АҚИДАҲОИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «ҲАРАКАТИ СОЛОНАИ ОФТОБ. ЭКЛИПТИКА»


Дар мақола истифодаи комёбиҳои илмӣ ва ақидаҳои мутафаккирони тоҷику форс – Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Абӯрайҳони Берунӣ ва диг. ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Ҳаракати солонаи Офтоб. Эклиптика» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили осори илмии мутафаккирони тоҷику форс дар соҳаи астрономия маълум гардид, ки онҳо дар қатори ҳалли дигар масъалаҳои астрономӣ, инчунин ба омӯзиш ва таҳқиқи ҳаракати солонаи Офтоб аз рӯйи эклиптика машғул шуда, яке аз аввалинҳо шуда камшавии бузургии майли эклиптика нисбат ба экваторро маълум ва қимати онро чен намудаанд. Ҳамчунин, ҳодисаи пресессияро омӯхта, қимати солонаи онро чен кардаанд. Ба ақидаи муаллиф, дар раванди таълими астрономия тавъам бо мавзӯъҳои китоби дарсӣ истифода намудани ин гуна комёбиҳои илмӣ аҳаммияти таълимию тарбиявӣ дорад. Яъне, истифодаи ақидаҳои мутафаккирони тоҷику форс дар таълими астрономия ҳам барои баланд бардоштани савияи дониш, шавқу ҳаваси хонандагон нисбат ба омӯзиши фанни астрономия ва ҳам барои дар ниҳоди онҳо тарбия намудани ҳисси баланди ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва арҷгузорӣ ба осори илмии ниёгони худ мусоидат мекунад. Аз ин хотир, муаллиф ба омӯзгорони фанни астрономияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурӣ коркарди методии истифодаи ақидаҳои мутафаккирони тоҷику форсро зимни омӯзиши мавзӯи «Ҳаракати солонаи Офтоб. Эклиптика» дар шакли мақола пешниҳод менамояд. Дар мақола ҳамчунин ҷадвалҳо оварда шудаанд, ки дар онҳо дастовардҳои илмии мутафаккирони тоҷику форс ҳангоми таҳқиқи ҳаракати солонаи Офтоб аз рӯйи эклиптика нишон дода шудаанд. Ин ҷадвалҳо қиматҳои майли эклиптика нисбат ба экватор ва суръати пресессияро нишон медиҳанд, ки аз ҷониби мутафаккирони тоҷику форс дар солҳои гуногун муайян карда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** бурҷ, ситора, осмони ситоразор, Офтоб, эклиптика, экватор, мадор, таълим, тарбия, арзи географӣ, тӯли географӣ, инқилоби тобистона, инқилоби замистона, судс, устурлоб, квадрант, пресессия, расадхона.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ НАУЧНЫХ ДОСТИЖЕНИЙ И ВЗГЛЯДОВ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ТЕМЫ «ГОДОВОЕ ДВИЖЕНИЕ СОЛНЦА. ЭКЛИПТИКА»


В статье рассмотрено использование научных достижений и взглядов таджикско-персидских мыслителей Абумахмуда Худжанди, Абурайхана Беруни и др. при изучении темы «Годовое движение Солнца. Эклиптика». При изучении и анализе научных трудов таджикско-персидских мыслителей по астрономии выяснилось, что они, наряду с

решением ряда других астрономических задач, также занимались изучением и исследованием годового движения Солнца по эклиптике. Впервые ими было выяснено и экспериментально подтверждено уменьшение значения наклона эклиптики относительно экватора. По мнению автора, в процессе преподавания астрономии, наряду с темами учебника по астрономии, необходимо использование этих научных достижений, т.е. взгляды таджикско-персидских мыслителей имеют учебно-воспитательное значение. Использование взглядов таджикско-персидского мыслителей в преподавании астрономии помогает повышению уровня знаний, желанию учащихся глубже изучить астрономию, а также пробудить в них любовь к родине, национальную гордость и уважения к научному наследию таджикско-персидских предков. Поэтому автор в статье предлагает учителям астрономии средне общеобразовательных учреждений Республики методическую разработку использования взглядов таджикско-персидских мыслителей при изучении темы «Годовое движение Солнца. Эклиптика». В статье также приведены таблицы, отражающие научные достижения таджикско-персидских мыслителей при исследовании годового движения Солнца по эклиптике. Эти таблицы показывают значение отклонения эклиптики относительно экватора которые были определены таджикско-персидскими мыслителями в разные годы.

**Ключевые слова:** созвездие, звезда, звёздное небо, Солнце, эклиптика, экватор, орбита, обучение, воспитание, географические широта и долгота, летнее и зимнее солнцестояние, секстант, астролябия, квадрант, обсерватория.

**USE OF SCIENTIFIC ACHIEVEMENTS AND VIEWS OF TAJIK-PERSIAN THINKERS IN THE STUDY OF THE TOPIC “ANNUAL MOVEMENT OF THE SUN. ECLIPTIC"**

The article discusses the use of scientific achievements and views of the Tajik-Persian thinkers of Abumakhmud Khujandi, Aburaykhan Beruni and others when studying the topic «Annual movement of the sun. Ecliptic».When studying and analyzing the scientific works of Tajik-Persian thinkers in astronomy, it turned out that they, along with solving a number of other astronomical problems, also studied and studied the annual motion of the Sun along the ecliptic.For the first time, they found out and experimentally confirmed a decrease in the value of the slope of the ecliptic relative to the equator.According to the author, in the process of teaching astronomy, along with the themes of the textbook on astronomy, the use of these scientific achievements, i.e. views of Tajik-Persian thinkers have educational value.Using the views of the Tajik-Persian thinkers in the teaching of astronomy helps to increase the level of knowledge, the desire of students to study astronomy more deeply, and to show love for their homeland in them, awaken national pride and respect for the scientific heritage of the Tajik-Persian ancestors. Therefore, the author in the article offers teachers of astronomy of the secondary educational institutions of the Republic, the methodical development of using the views of Tajik-Persian thinkers when studying the topic «Annual movement of the Sun. Ecliptic».The article also contains tables reflecting the scientific achievements of Tajik-Persian thinkers in the study of the annual movement of the Sun along the ecliptic. These tables show the values of ecliptic deviations relative to the equator and the speed of precession, which were determined by Tajik-Persian thinkers in different years.

**Key words:** constellation, star, starry sky, Sun, ecliptic, equator, orbit, training, education, geographical latitude and longitude, summer and winter solstice, sextant, astrolabe, quadrant, precession, observatory.

**Сведения об авторе:** ***Сафарали Авлиёкул*** – Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, ассистент кафедры методики преподавания физики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121. Телефон: **(+992) 904 20 19 90**

**Information about the author:** ***Safarali Awliyokul*** – assistant of the Department of Physics Teaching Methods of the Tajik State Pedagogical University named S. Ayni. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 121. Tel.: **(+992) 904 20 19 90**

**УДК:372.833 (575.3)**

# ШАКЛ ВА УСУЛҲОИ САМАРАНОКИИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МАЪЛУМОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

***Шаъбоналии Латиф***
**Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе,**
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А.Ҷомии АТТ**

Ҷустуҷӯйи роҳҳои такмил додани омодасозии мутахассисон муассисаҳои таълимиро маҷбур месозад, ки мазмуни таълим ва омӯзиш ва ҳам раванди таълими технологиро аз нав дида бароуяд, чунки коркарди шаклҳо ва усулҳои нав ба вуҷуд овардани технологияҳои инноватсионии таълим, ҷорӣ намудани дастовардҳои прогрессии илмӣ-техникӣ ва истифодаи усулҳо ва воситаҳои нави таълим ба болоравии раванди самаранокии таълим мусоидат мекунад.Яке аз ҷузъҳои муҳимми раванди таълим усулҳои омӯзиш мебошад. Фаҳмидани усул ҳамчун системаи қоидаҳо, принсипҳо, ки инсонро ба фаъолият водор месозад, ба Р. Декарт оварда мерасонад, ки ӯ навишта буд: «Зери мафҳуми усул (метод) ман қоидаҳои дақиқ ва одиро мефаҳмам». Ба ин нуқтаи назар файласуфони муосир ҳам розӣ ҳастанд. Фаъолияти мақсаднок моро ба донистани воситаҳои амалҳои мутобиқ, ки ба бадастдарории ҳадафҳои гузошташуда бурда мерасонад, водор месозад. Воситаҳои ин ё он фаъолият, ҳалли ин ё он вазифаҳои амалӣ, ки дар таҷриба кор кард ва интихоб шудаанд, ба меъёрҳои муайян умумӣ кунонда шуда, қоидаи рафтор, ки бояд риоя карда шавад, ба фаъолияти мувофиқи он ҷавобгӯ бошад. Ҷойи онҳоро дар сохтори раванд чунин муайян кардан мумкин аст:

Сохтори раванди таълим

| *Раванди таълим* | | | |
|---|---|---|---|
| Мақсад ва вазифаҳои таълим | Мазмуни таълим | Усулҳои таълим | Шаклҳои ташкилии таълим |
| | Натиҷаи таълим | | |

Зери мафҳуми таълим воситаи фаъолияти якҷояи муаллим ва хонандагон дар раванди таълим бояд фаҳмида шавад, ки бо ёрии он вазифаҳои дар пеш гузошташуда амалӣ карда шавад. Усулҳои таълим намудҳои фаъолияти муаллим ва хонандаро муқаррар намуда, чӣ гуна ҷорӣ шудани раванди таълим ва чӣ гуна амалҳоро бояд муаллим ва хонандагон иҷро намоянд.

Методи таълим амал, навъ ва воситаи фаъолиятнокӣ намебошад. Маъно ва идеяи асосӣ, ки дар методи таълим ҳамчун истилоҳи педагогӣ ва мафҳуми он хулоса карда шудааст, ин нишондод ба фаъолиятнокии мақсадноки педагогӣ, ки ҳамчун амалкунанда хонда шудааст, дар назар дошта мешавад.

Методи таълим таълими мураккаб, бисёрҷиҳата, бисёрсифата ва мебошад. Агар ба мо даст медод, ки нусхаи онро месохтем, он гоҳ мо шаффофии онро медидем, ки аз ҳар тараф шуълапошӣ карда ҳар дам ранги худро тағйир медод. Маҳз ҳамин хел нусхаро ЭВМ-ҳои муосир дар экранҳо ҳангоми нишон додани аёнияти метод пешниҳод мекунанд. Дар усули таълим қонунияти объективӣ, ҳадафҳо, мазмун, принсипҳо, шаклҳои таълим инъикос мегардад.

Сохтори методҳои таълимро ба усулҳо ҷудо мекунанд. Роҳҳои фаъолгардонӣ, ташаккулёбии фаъоляти донишҷӯёнро М. И. Махмутов чунин нишон додааст: «Тараққиёти таҷрибаи пешқадам ва умумигардонии он аз ошкор намудани қонуниятҳои берунаи фаъолгардонии раванди таълим дар системаи устод-шогирд (бо ҳаёт алоқамандии вай, сохтори дарс, воситаҳои гуногуни истифодаи элементҳои он ва ғ.) ба вуҷуд омада, ба ошкор кардани қонуниятҳои дохилии фаъолгардонии фаъолияти шинохтан ва аз худ кардан дар системаи «**хонанда-маводи хониш**» аз худи хонандагон вобастагӣ дорад, (кори мустақилона ва вазифаҳои шинохтани фаъолгардонии фаъолияти хонандагон, ки онҳоро ба кушодани чизҳои нав, донишҳои нав ҳидоят мекунад, ба мустақилона аз худ намудан, мустаҳкам кардан ва ба кор бурдани донишҳо равона месозад)».

Дар яке аз корҳои худ оид ба ин масъала И. Я. Лернер таъкид мекунад, ки усулҳои таълим ҳамзамон аз рӯи се асос тақсим ва ҷудо карда мешавад, ки дар нақшаи онҳо хусусиятҳои хосси ҳадафҳои таълим ё намудҳои мазмуни таълимгирӣ, хусусиятҳои воситаҳои онҳоро аз худ намудан; хусусиятҳои хосси фаъолият оид ба ташкил ва амалигардонии воситаҳои азхудкунии донишҳо, баромад мекунад.

Таснифоти усулҳои таълим ин батартибдарорӣ аз рӯи нишонаҳои муайяни системаи онҳо мебошад. Дар ҳоли ҳозир даҳҳо таснифоти усулҳои таълим маъмуланд. Лекин афкори дидактикии ҳозира то ба фаҳмидани он ки набояд ба барқарор намудани усули ягона ва тағйирёбанда кӯшиш намуд, пухта расидааст. Таълим фавқулода рушд меёбад. Системаи усулҳо бояд неруманд бошад, то ин рушдёбиро акс кунонида, тағйирёбиҳое, ки усулҳоро доимо дар амалия ба кор мебаранд, ба назар гирад.

Илми педагогика ва таҷрибаи он ба муаллим усулҳои бой ва методҳои зиёди таълимро пешниҳод мекунад. Фаъолияти эҷодкоронаи муаллим аз он иборат аст, ки бояд дар раванди таълим методҳоеро, ки ба таъмини ҳадафҳои нисбатан беҳтар ноил мегардад, боақлона ба кор барад. Ҳангоми интихоби усулҳои таълим лозим аст, ки ба ченакҳои коэффитсенти беҳтарини амалҳои муфид, самаранокии онҳо пайравӣ кард.

Системаи маълумоти миёнаи касбӣ хусусияти онро дорад, ки вай мутахассиси тахассусноки зинаи миёнаро тайёр мекунад.

Мутахассисони зинаи миёнаин кормандони нисбатан бартаридоштаи меҳнати зеҳнӣ мебошанд, ки дар асоси фаъолияти онҳо ҳалли вазифаҳои ташхисӣ, ки таҳлили ҳолат ва интихоби қарор қабул намудан дар доираи супоришҳои додашуда мебошад, гузошта шудаанд. Яъне системаи маълумоти миёнаи касбӣин системаи муайяни таҷрибашудаи омодасозии мутахассисон мебошад.

Ба баъзе принсипҳои таълими тахассусӣ дар сиситемаи таълимоти миёнаи касбӣ қарор мегирем.

**1. Принсипи илмият** – дар таълимоти тахассусӣ маънои такя намудан ба илм ҳамчун манбаи системаи қонунҳо, қонуниятҳо, мафҳумҳо, аснодеро, ки ба донишҷӯён аз рӯи фанҳои тахассусӣ меомӯзанд, дорад. Ин принсип дар раванди таълим уҳдадор мекунад, ки алоқаҳои ҳақиқии зуҳуроти табиӣ, ҷомеа ва тафаккур кушода шуда, аз мавҷудияти зуҳуроти одӣ ба

алоқаҳои муқаррарии сабабият ва аз алоқаҳои одии назаррас ба алоқаҳои нисбатан мураккабтар, умумӣ ва амиқтар гузорад. Ҳангоми омӯзиши маводи хониш муаллим бояд хонандагонро дар бораи масъалаҳои баҳснок, дар барои фарзияҳои илмӣ маълумот дода, инчунин, дар дарсҳо дар бораи перспективаҳои инкишофи худи илм дар шакли дастрас иттилоъ дода, нақл кунад. Бо ин мақсадҳо фаъолияти мустақилонаи донишҷӯёнро фаъол гардонида, дар маҷаллаи илмӣ таҳлил намуда, маъруза дар бораи тағйиротҳо дар қонунгузорӣ ва монанди инҳоро тайёр намояд.

**2. Пайвастани таълим бо меҳнати тахассусӣ** – дар шароити муосир принсипи додашуда дар асоси ҳам таълим ва омӯзиш ва ҳам тарбияи донишҷӯён меистад, чунки вай базаи методологии мазмуни таълим, тарбия ва омӯзиш мебошад. Дар шароити таълими донишҷӯён- ғоибхонон амалигардонии принсипи додашуда имкон медиҳад, ки вазифаҳои педагогӣ ва вазифаҳои тахассусӣ оид ба тайёр намудани мутахассисони баландсифат нисбатан боақлона ҳисобида шавад.

**3. Алоқамандии назария бо амалия** – назария бо амалия дар алоқаи таъсири байниҳамдигарии ногусастанӣ дида баромада мешавад. Принсипи алоқамандии назария бо амалия вобаста бо вазифаҳои таълими касбӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Тайёрии назариявии дар маълумоти миёнаи касбӣ хусусияти мураккаб ва бисёрнақшавӣ дорад. Вай донишҳои умумии таълимӣ ва махсуси назариявиро дар худ ҷой додааст. Лозим аст, ки таълими назариявӣ маҳорати касбии донишҷӯёнро ғанӣ гардонида, охиринҳо бошанд, донишҳоро бой гардонида, барои аз худ намудани назария ба онҳо кумак кунад.

**4. Принсипи ягонагии шаклҳои индувидуалӣ ва коллективии фаъолияти касбӣ-таълимӣ.** Принсипи додашуда маънои зарурияти боақлона ба ҳисоб гирифтани шаклҳои фардӣ ва коллективии фаъолияти донишҷӯёнро дорад; мақсади он бо муваффақият ташаккул додани системаи донишҳо ва маҳорату малака буда, барои ҳама фаъолияти кори донишҷӯён дар асоси муносибати фардӣ ба ҳар яки онҳо шароит бояд муҳайё кард.

**5. Пайдарпай ва системанок ташаккулёбии маҳорату малакаи касбӣ.** Ҳар як хатмкунандаи маълумоти миёнаи касбӣ тахассусе мегирад, то ҷои муайянро дар фаъолияти касбии худ ишғол кунад. Дар асоси ин тахассус дар қатори донишҳои назариявӣ системаи малакаву маҳорати касбӣ низ гузошта шудааст. Дараҷаи вай бо маҳорати хатмкунанда барои зуд самти худро пайдо намудан дар шароити муосири меҳнат ва талабот барои боло бурдани ихтисос ва маълумотгирии минбаъда хусусияти хос дорад.

**6. Принсипи мустақилият ва фаъолиятнокӣ.** Ба зуҳуроти ташкилотчигӣ, интизомнокӣ, масъулияти донишҷӯён асос ёфтааст. Ин принсип аз муаллим роҳбарии дуруст ба ҳама равандҳои таълимоти касбиро талаб мекунад.

**7. Принсипи аёният.** Аёният дар тайёр намудани мутахассисон омили ҷойдошта мебошад. Принсипи аёниятро дар ҳолате амалӣ кардан мумкин аст, ки агар таълим муташаккилона буда, дар он ҳама донишҷӯён инъикоси аёнӣ гирифта, то барои ба ҳадаф расидан, аз худ намудани барномаи таълим ва мазмуни дарси додашуда хизмат намояд. Ҳамин тариқ, аёниятро дида баромада, хулоса намудан мумкин аст, ки вай восита ва сифати таълим мебошад.

**8. Принсипи дастрасӣ.** Ин принсип ба сатҳи ҷавобгӯи тараққиёти хонандагон муносибат дорад. Яъне, ташаккули сифатҳои шахсияти онҳо. Аз ҷониби муаллимон манфиатҳо, хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии хонандагон ҳангоми муайян намудани мақсадҳо, коркарди мазмун ва ташкили таълими методӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

**9. Принсипи компютеронидани таълим.** Принсипи мазкур ҳамчун принсипи асосӣ дида баромада мешавад, ки дар шароити мукаммали раванди тайёрии касбии мутахассисон амалӣ мегардад. Онро ба назар бояд гирифт, ки принсипи мазкур дар дурнамои таълими компютерӣ дар назарияи умумӣ ва амалияи педагогӣ ва, инчунин, раванди истеҳсолӣ, дар маълумоти миёнаи касбӣ ҷойи асосиро ишғол менамояд. Ин принсип на танҳо мустақилона, инчунин, ба воситаи усулҳои хусусиятнок, ки фаъолияти обективии зерсистемаҳои омӯзиши компютериро таъмин мекунанд, амалӣ мегардад, аз ҷумла ба лоиҳа даровардани ҳадафҳо, мазмуни таъмини методӣ-барномавии омӯзиши компютерӣ, ба вуҷуд овардани воситаҳои педагогии барномавӣ, амалигардонии педагогӣ, техникӣ ва равонию ҷисмонии истифодаи МЭҲ дар раванди таълим мебошад.

**10. Алоқаҳои комплексии байнифаннӣ.** Шаклҳои нисбатан муҳимми амалгардонии алоқаҳои байнифаннӣ истифодаи усулҳои ҷамъулҷамъии методӣ ва усулҳои омӯзишӣ мебошад, аз ҷумла гузаронидани корҳои курсӣ ва амалии дорои мазмуни байнифаннӣ, гузаронидани экскурсияҳо, конфронсҳои омӯзишӣ, ҷорӣ намудани системаи лексионию амалӣ (семинарӣ) дар дарсҳои фанҳои махсус ва мисли инҳо.

Ҷадвали тасрифи маълумоти нав, пеш аз ҳама, ба ташаккули шахсият, баландбардории фаъолият ва маҳорати эҷодӣ ва мусаллам аст, ки барои васеъ намудани истифодаи усулҳои

таълимии хонандагон, худназоратӣ, истифодаи шаклҳо ва усулҳои таълим равона карда шудааст.

Методҳои фаъоли таълим дар тамоми давраҳои раванди таълим истифода бурда мешаванд: ҳангоми аз худ кардани донишҳо, мустаҳкам намудан ва такомул додани донишҳо, ташаккули маҳорат ва малака ва мисли инҳо.

Истифодаи методҳои фаъоли таълим дар раванди таълим ба самаранокии раванди таълим мусоидат карда, маводи омӯзишӣ то 90% аз худ карда шавад ва раванди таълимро босамар гардонида имкони кам намудани вақтеро, ки ба омӯзиши маводи омӯзишӣ ҷудо шудааст, ба миқдори 30-50 % камтар мекунад.

**Таснифоти методҳои фаъоли таълим:**

| **Усулҳои фаъоли таълим** | | |
|---|---|---|
| **Ғайритақлидӣ** | **Тақлидӣ** | |
| 1. Омӯзиши мушкилотдошта<br>2. Машғулиятҳои амалӣ<br>3. Семинарҳо<br>4. Баҳсҳои мавзӯӣ<br>5. Бабарномадарории таълим<br>6. Конфронсҳои илмӣ-амалӣ<br>7. Машғулият дар истеҳсолот<br>8. Кори курсӣ<br>9. Таҷрибаи истеҳсолӣ<br>10. Лоиҳакашии дипломӣ | **Ғайритаваккалӣ** | **Таваккалӣ** |
| | 1. Таҳлили ҳолатҳои мушаххас<br>2. Машқҳои тақлидӣ<br>3. Коркарди ҳуҷҷатгузорӣ<br>4. Амал аз рӯи дастур | 1. Таваккали корӣ (амалӣ)<br>2. Бозӣ даронидани нақшҳо<br>3. Лоиҳакашии таваккалӣ |

Метод ва усулҳо, ки ба баландбардории самаранокии раванди таълим дар системаи маълумоти миёнаи касбӣ мусоидат мекунад, ба таври зерин таснифот кардан мумкин аст:

1. Усулҳои баҳсталаби ҷустуҷӯӣ, ки ба азхуд кардани донишҳои аввалия равона карда шудааст;

2. Усулҳои ҷустуҷӯии баҳсталаб, ки ба мукаммалгардонии донишҳо ва аз худ намудани маҳорату малака мусоидат мекунанд.

Ин усулҳо ба методҳои фаъоли таълим онҳоеро, ки ба мустақилона азхудкардани донишҳо бедор шудаанд, фаъолияти шуурнокии онҳоро тез мегардонанд, тафаккури онҳоро ташаккул медиҳад, маҳорату малакаро тараққӣ медиҳад, дохил мешаванд.

Усулҳои баҳсталаби ҷустуҷӯӣ. Нишонаи фарқкунандаи ин усулҳо дар назди донишҷӯён гузоштани масъалаҳо (мушкилот)-е мебошад, ки ба он мустақилона ҷавоб ҷуста мешавад ва худи донишҷӯён донишҳои навро барои он офарида, «**кашф карда метавонанд**», назарияеро ба вуҷуд меоранд.

- лексияи баҳсталаб аз мавзӯи муқаррарӣ бо он фарқ мекунад, ки бо гузоштани масъалае, ки дар рафти баён намудани маводи таълимӣ лектор мантиқан ва пайдарпай роҳҳои ҳалли онро ҳал мекунад ё мекушояд;

- **баҳси эвристикӣ** дар нази муаллим як қатор масъалаҳоро мегузорад, ки афкор ва ҷавобҳои донишҷӯёнро ифода мекунад. Суҳбат аз умумикунонии санадҳо, тасвири зуҳурот, ҳодисаҳо, намоиши порчаҳои филмҳое, ки ҳолатҳои баҳсоварро нишон медиҳад, ки онҳоро бояд ҳал намуд;

- **баҳси таълимӣ яке аз усулҳои таълими баҳсталаб мебошад.** Моҳияти вай дар он аст, ки муаллим дар нақшаи гуногуни ба ҳамдигар мухолифи назарро пешниҳод мекунад, ки ба як масъалаи умумӣ дахл дорад ва ба донишҷӯён пешниҳод менамоянд, ки мавқеи худро интихоб ва асоснок намоянд;

- **кори ҷустуҷӯии озмоишӣ.** Аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни донишҷӯён иҷро намудани таҷрибаҳои ҳархела ва таҷрибаи коллективиро ғанӣ мегардонад, паҳлуҳои назариявиро нисбатан асоснок, боварибахш мегардонад;

- **усули таҳқиқотӣ** ба он хатм карда мешавад, ки донишҷӯён мустақилона таҳқиқоти омӯзишро ба амал мебароранд ва дар дарсҳо дар бораи натиҷаҳои он ҳисобот дода, бо ин мавод паҳлуҳои назариявии фанро тасвир ва ё асоснок мегардонанд. Таҳқиқотҳои омӯзишӣ метавонанд аз рӯи иқтисодиёт (омӯзиш ва таҳлили ҳолати иқтисодиёт дар баъзе муассисаҳо) ва дигар фанҳои таълимӣ гузаронида мешавад;

- **методҳои эҷодкорона офаридашуда.** Ин усулҳои таълими амалӣ мебошанд. Вазифаи асосии муассисаҳои маълумоти махсус ташаккулёбии маҳорату малакаи касбӣ мебошад.

Моҳияти фаъоли усулҳо, ки ба ташккулёбии маҳорату малака равона карда шудаанд, аз он иборат аст, ки иҷрои корҳое, ки аз ҷониби донишҷӯён иҷро карда мешаванд, дар раванди ҳалли онҳо эшон воситаи фаъолияти онро донанд.

Барои тараққӣ додани афкори техникӣ, иқтисодӣ, маҳорати ташкилотчигӣ бояд хонандагонро доимо дар шароите нигоҳ дошт, ки ба онҳо имкони дар ин ё он соҳаи фаъолияти касбӣ тамрин намудан шароит муҳайё бошад. Чунин мақоли чиниён аст: **«Ба ман нақл кунед, фаромӯш мекунам, ба ман нишон диҳед, дар хотир медорам».** Маҳз бо ин мақсадҳо усулҳои фаъоли таълими маҳорати касбӣ ва малакаҳо омӯзонида мешаванд.

**- таҳлили ҳолатҳои ногувори истеҳсолӣ.** Дар кори мутахассис ҷойи бузургеро вазифаҳои хусусияти тақлиддошта ишғол мекунад. Маҳорати таҳлил кардан, ҳолати ногуворро дарк намудан ва дар асоси чунин таҳлил қабул намудани қарори дуруст сифати ҷудонашавандаи ҳар як роҳбар мебошад. Моҳияти ин усул дар он аст, ки ба донишҷӯён ким- кадом як ҳолати ногуворро медиҳанд, ки дар он шароит ва амалиёти иштирокдорони он пешниҳод карда мешаванд. Ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад, ки муайян намоянд оё иштирокдорони ҳодиса дуруст амал намуданд, онҳоро бояд таҳлил намуда, фикру мулоҳизаҳои худро оид ба он баён намоянд, ин ҳолати ногувор дар шакли тасвири даҳонӣ, намоиши порчаи филм, иҷрои нақшҳо дар иҷрои донишҷӯён ба амал бароварда мешавад;

**- ҳалли вазифаҳои ҳолатҳои ногувор.** Ин усул барои дар хонандагон ташаккул ёфтани маҳорати касбӣ истифода мегардад. Маводи асосии дидактикӣ вазифаи ҳолати ногувори додашуда ба ҳисоб меравад, ки дар худ шароит ва масъалаи дар назди донишҷӯён гузошташударо дар бар мегирад. Дар асоси вазифаҳои таълимӣ вазифаҳои тахассусии умумӣ, яъне мувофиқи ҳамон соҳа, истеҳсолот, ки мутахассис кор мекунад ва вазифаҳое, ки бо талаботи меҳнатии вай ҷавобгӯ бошад, меистад. Вазифаҳои ҳолатҳои ногувори тахассусӣ ин омилҳо шуда метавонанд:

**А) дутарафа-** дар давоми тамоми соли хониш гузашта мешавад.

**Б) маҷмӯӣ-** якчанд фанҳои таълимиро фаро мегирад, лекин ҳамзамон дар аснои иҷрои дарси амалӣ мувофиқашуда ё таҷрибаи омӯзишӣ иҷро карда мешавад.

**В) мақсаднок -** ба воситаи якчанд фанҳо гузаронида мешавад, аммо барои ба даст даровардани мақсади мушаххас, барои анҷом додани раванди иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ равона карда мешавад.

**- бозиҳои меҳнатӣ.** Бозиҳои тавакалии идоракунандаро дар худ ифода карда, дар рафти онҳо иштирокчиён фаъолияти ин ё он чеҳраи хизматиро дар асоси таҳлили ҳолати додашуда қарор қабул мекунанд. Бозии меҳнатӣ чун қоида аз рӯи фанҳои махсус гузаронида шуда, бисёртар хусусияти байнифанниро дорост. Дар бозӣ дар фосилаи начандон зиёди вақт якчанд вазифаҳои умумии истеҳсолӣ ҳал карда мешавад;

**- тақлиди фаъолияти касбӣ бо ёрии олоти тамринкунӣ.** Қисми таркибии маҳорати касбӣ малака-амал мебошад, ки дар натиҷаи такрори бисёркарата он ғайриихтиёрӣ ба амал меояд. Дар барномаи кори олатҳои тамринкунӣ бояд вариантҳои гуногуни ҳолатҳои истеҳсолӣ гузошта шавад, то ки донишҷӯён ин ҳолатҳоро таҳлил намуда ба хулосаи даркорӣ биоянд;

**- иҷрои корҳои фардӣ дар рафти таҷрибаи истеҳсолӣ.** Дар вақти таҷрибаи истеҳсолӣ ва технологӣ донишҷӯён аз рӯи барномаи махсус кор мекунанд, ки мувофиқи он оид ба мавзӯъҳои алоҳидаи курс маводи иловагӣ гирдоварӣ карда шавад;

Усулҳои хониш дар мактаби ғоибона бояд омилҳои омодагӣ ба худомӯзиро дар худ дошта бошад. Ҳангоми таълими ғоибона амалигардонии муносибати фардӣ ва ҷудогонаи хониш кофӣ нест. Масоҳати доираи донишҳои хусусиятҳои фардидошта хеле васеъ мебошад: синнусол, сатҳи омодагии таълимоти умумидошта, дараҷаҳои мувофиқати фаъолияти касбӣ, ки аз тахассус гирифтааст, устувории ваҷҳи таълим, иқтидори захираи ахлоқӣ ва дигарон, амалигардонии муносибатҳои фардӣ, ҳамзамон зарурати онро қайд мекунад.

Усулҳои таълимро бояд ҳамчун воситаи фаъолияти муаллим ва донишҷӯён муайян намуд, ки бо ёрии онҳо донишазхудкунии хонандагон амалӣ мегардад, маҳорату малака пайдо намуда, ҷаҳонбинии онҳо ташаккул меёбад, қобилият тараққӣ намуда, аз рӯи нишонаҳои фаъолияти устоду шогирд методҳоро таснифот карда мешавад. Усулҳои гурӯҳи умумиэътирофёфта ва анъанавиро ҷудо кардан мумкин аст: лексия, суҳбат, нақл, ҳикоят, намоиши таҷрибаи санҷишӣ, машқҳо, ҳалли супоришҳо бо китоб кор кардан ва ғайра. Аз усулҳои анъанавӣ дар таълими ғоибона лексия, баҳс, роҳнамоӣ ба ин ё он кор, кор бо китоб, барномаҳои омӯзишӣ нисбатан серистифодаанд.

Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои назариявӣ ба донишҷӯён-ғоибхонон ликсия зиёдтар афзалият дорад. Дар шумур бо нақл, суҳбат он бо намоиши таҷрибаи санҷишӣ гузаронида шуда, роҳнамоии корҳоро доро буда, эҳтимолияти ниҳоии фаъолияти маърифатнокии хонандагонро меафзояд.

**АДАБИЁТ**

1. Белокопытов Ю. Активные методы обучения / Ю. Белокопытов, Т. Панасенко // Высшее оброзование в России. - 2004.-№4. -С.167-169.
2. Бордовская Н. В. Педагогика: учеб. для вузов / Н. В. Бордовская, А. А. Реан.- СПб.: ПИТЕР, 2000-304С.

3. Валиев, г. Х. Подготовка студнта педвуза к профориентационной работе: контекстный подход / Г. Х. Валиев // Высшее образование сегодня. – 2008.- №2. – с.30-32.
4. Колеченко А. К. Энциклопедия педагогических технологий: материалы для специалиста образовательных учреждений / А. К. Колеченко. - СПб.: КАРО, 2006.-368, с140.
5. Левина М. М. Технологии профессионального педагогического образования / М. М. Левина.- М.: Академия, 2001. - 272с.
6. Попков В. А. Теория и практика высшего профессионального образования: учеб. Пособие для системы дополнит. пед. образ. / В. А. Попков, А. В. Коржуев. – М.: Академический проект, 2004.-432с.
7. Рыбакова Т. Психологический потенциал интерактивных методов / Т. Рыбаков // Высшее обрзозование в России. - 2004. - №12.- С. 41-44.
8. Четина Т. Ю. Активные формы и методы обучения в процессе развития ключевых компетенций / Т. Ю. Четина // Среднее специальное образование. -2008. -№ 8. – С. 7-9.
9. Симаненко Н. Н. Управление образовательными услугами с применением инновационных методов обучения // Весник Тихоокеанского государственного университета. – 2012. -№2. - С.201-206.
10. Маликова Н. Р. О некоторых инновационных методах преподавания социологии // Социс. -2002. -№ 2.

## ШАКЛ ВА УСУЛҲОИ САМАРАНОКИИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МАЪЛУМОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

Дар шароити маълумоти миёнаи касбӣ омӯзиши фанҳои иқтисодӣ аҳамияти баланд дошта, зарурати он ба миён омадааст, ки дар мақола зикри худро ёбад. Гуфта мешавад, ки ҳар як фан ба худ омӯзиши хос дорад. Барои омӯзиши фанҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама, боақлона ва боадолатона чашми хирадро ба сӯйи фардои дурахшон бояд кушод. Чуноне ки дар боло зикр гардидааст, методҳо ва принсипҳои ин соҳаро бояд омӯхт. Дар ҷомеаи муосир яке аз муҳимтарин паҳлуҳои ҳаёт ин ҳаёти иқтисодӣ мебошад. Яъне, ҳама мушкилиҳои ҳаёти инсониро пешрафти иқтисодӣ метавонад бартараф созад. Аз ин рӯ, омӯзиши фанҳои иқтисодӣ ба хурду калон аҳамияти ҷиддӣ дошта, таҳлил ва таҳқиқи ин масъала мубрам аст. Хулосаи сухан он аст, ки самаранокии омӯзиши фанҳои номбаршуда муфид аст.

**Калидвожаҳо:** фаъолият, методҳо, тайёрӣ, омӯзиш, раванд, шакл, инноватсия, таҷриба, таҳлил.

## ФОРМЫ И МЕТОДЫ ПРЕПОДАВАНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В УСЛОВИЯХ СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В условиях среднего профессионального образования преподавание экономических дисциплин имеет большое значение. Отмечается, что каждая дисциплина имеет свои собственные методы преподавания. Для преподавания экономических дисциплин, прежде всего, необходимо изучить методы и принципы этой области. Экономическая жизнь является одним из важнейших аспектов современного общества. Другими словами, экономический прогресс может решить все проблемы человеческой жизни. Поэтому изучение экономических дисциплин имеет большое значение для всех, кто занимается экономикой, а также для анализа и исследования вышеуказанных проблем. Изучив содержание статьи,автор пришел к такому выводу, что эффективность изучения и преподавания экономических дисциплин необходима всем, кто занимается экономическими дисциплинами, особенно преподавателям, студентам, экономистам.

**Ключевые слова:** деятельность, методы, подготовка, преподавание, процесс, форма, инновация, практика, анализ.

## FORMS AND METHODS OF TEACHING ECONOMIC DISCIPLINES IN SECONDARY VOCATIONAL EDUCATION

In the conditions of secondary vocational education, the teaching of economic disciplines is of great importance, and this is necessary, as indicated in the article. it is noted that each discipline has its own teaching. To teach economic disciplines, first of all, it is necessary to study the methods and principles of this field. Economic life is one of the most important aspects of modern society. In other words, economic progress can solve all the problems of human life. Therefore, the study of economic disciplines is of great importance for everyone involved in the economy, as well as for the analysis and research of the above problems. Having studied the content of the article, we came to the conclusion that the effectiveness of studying and teaching economic disciplines is useful to everyone involved in economic disciplines, especially teachers, students, and economists.

**Key words:** activity, methods, preparation, teaching, process, form, innovation, practice, analysis.

**Сведения об авторе:** ***Шаъбонали Латиф*** - Технологический колледж города Душанбе, ассистент кафедры финансов и учета, соискатель НИИ им. А.Джами Академии образования Таджикистана. Телефон:**908-77-96-06**

**Information about the author:** ***Shabonali Latif*** - Technological College of the city of Dushanbe, assistant of the Department of Finance and Accounting, applicant for the A. Jami Research Institute of the Academy of Education of Tajikistan.
Phone: **908-77-96-06**

УДК:372.82 (575.3)

# НАҚШИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ДАР ИНКИШОФИ ФАРҲАНГИ ОММАВӢ

*Ятимов Собир*

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав**

Дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим инкишофи маданияти оммавӣ ба ҳисоб меравад, ки заминаи асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарзи рафтор дар ҷомеаро муайян менамояд. Дар ин самт нақши муҳимро воситаҳои ахбори умум мебозанд, ки дар ташаккул ва инкишофи маданияти оммавӣ нақши муайян доранд. Воситаҳои ахбори умум яке аз институтҳои асосии ҷомеаи муосир мебошад, ки ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, махсусан ҳаёти сиёсӣ, таъсир мерасонад. Воситаҳои ахбори умум ба тамоми соҳаҳои ҳаёт ва институтҳои ҷомеа таъсир расонида, барои рушд ва инкишофи маданияти оммавии мардум замина мегузоранд. Воситаҳои ахбори умум дар ташаккул, амалигардӣ ва эҳёи шуури ҷамъиятӣ ва таъсири ҳалкунанда расонидан ба фаъолияти институтҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар шароити рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши бузург дорад [6, с.138]. Ҳамин тавр, воситаҳои ахбори омма дар замони муосир воситаи муҳими ташаккул, паҳн ва инкишофи маданияти оммавӣ гардидаанд.

Дар шароити рушди демократии ҷомеа ва ба сатҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ расидани он аз худ ва таҳлилнамудани тамоми иттилоот тавассути ин институти муҳими рушди ҷамъиятӣ имконпазир гаштааст. Воситаҳои ахбори умум ба муассисаи муташаккили ҷамъиятӣ табдил ёфта, ба таври кушода ва оммавӣ тавасути воситаҳои махсуси техникӣ иттилооти гуногунро паҳн менамояд. Яъне, воситаҳои ахбори умум оммавӣ буда, бе маҳдудият тамоми ҳодисаву воқеаҳоро бо шарҳи муайян ба оммаи мардум пешниҳод менамояд [2, с. 84].

Инкишофи босуръати илму техника ба рушди институтҳои воситаҳои ахбори умум таъсири назаррас расонидааст. Мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтани воситаҳои инфиродии алоқа ва нашри иттилоот, системаҳои электронии комуникатсионӣ, дар рушди воситаҳои ахбори умум нақши ҳалкунанда бозидаанд. Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз сатҳи инкишофи воситаҳои мухталифи паҳни иттилооти оммавӣ то ҳоло нақши барҷаста дар интишор ва паҳни иттилоот ба матбуот, радио ва телевизион мансуб аст[6,с. 103].

Дар шароити имрӯза раванди инкишофи муттасили маданияти сиёсиро бе иштироки воситаҳои ахбори умум тасаввур кардан ғайриимкон аст. Тамоми олами мутамаддин воситаҳои гуногуни ахбори умумро истифода мебарад. Инкор намудан ё истифода накардани воситаҳои ахбори умум дар шароити рушду инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ, махсусан дар раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, боиси дар канор мондан ва ақибмонӣ мегардад.

Тамоми неруҳои сиёсӣ кӯшиш менамоянд, ки воситаҳои ахбори умумро зери назорати худ дошта бошанд, зеро назорати онҳо метавонад ба шуури колективи одамон таъсир расонад, шакл ва сатҳи зарурии маданияти сиёсӣ дар ҷомеа ташккул ёбад. Дар ин самт, маҳз шарҳу эзоҳоти ҳодисаву равандҳо, ки иттилоот нисбати онҳо паҳн карда мешавад, нақши калидиро иҷро менамоянд. Дар аксарияти ҳолатҳо чунин ҳодисаву падидаҳо бо таҳлили пурра ва ҳаматарафа аксаран тариқи матбуоти даврӣ пешниҳод карда мешаванд. Тариқи дигар воситаҳои ахбори умум, танҳо ба таври лаҳзагӣ нисбати ҳодисаву падидаҳо ахбори мушаххас паҳн карда мешавад [7, 98]. Ҳамин тавр, метавон қайд намуд, ки матбуоти даврӣ дар ташаккули маданияти сиёсии оммаи мардум нақши муҳим доранд.

Воситаҳои ахбори умум тарзи ҳаёти одамонро тағйир дода, дигаргуниҳои куллиро дар фаҳми онҳо таъмин намудаанд. Дар натиҷа одамон ба ҳодисаву падида ва равандҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа бо диди дигар назар карда, кӯшиш менамоянд, ки мавқеи худро нисбати онҳо муайян намоянд [2,с. 63]. Албатта, ин натиҷаи таъсири воситаҳои ахбори умум дар инкишофи маданияти оммавии мардум мебошад.

Дар ҷомеаи муосир, ки бештар ҷомеаи иттилоотӣ номида мешавад, нақши дониш ва ахборот барҷаста гаштааст. Зеро барои идораи раванду ҳодисаҳо маълумоти бештар оиди онҳо фаъолиятро осон ва самаранок мегардонад. Ахбори дурусту саривақти оҳиста - оҳиста воситаҳои дигари идора, пеш аз ҳама маҷбурнамоӣ, истифодаи зӯриро маҳдуд мегардонад,

донишу ахбороти гуногун ба одамон, баррандагони идораи ҷомеа, асосан тавассути иттилоот дастрас мегарданд.

Фаврӣ ва серҳаракатӣ ба воситаҳои ахбори умум имконият медиҳад, ки ба ҳаёти рӯҳӣ ва сатҳи ҷаҳонбинии омма ба таври зарурӣ таъсир расонад. Онҳо метавонанд дар гуногунандешӣ ва дастгирӣ намудани ҷомеа бо мақсадҳои аниқ дар самтҳои гуногун таъсири назаррас расонанд. Ҳамин тавр, тарбияи сиёсӣ дар фаъолияти воситаҳои ахбори умум аслан дар ҳолати дигаргуншавӣ дар системаи муносибатҳои ҷомеа ба амал меояд.

Маданияти оммавӣ дар шаклҳои мухталиф тариқи воситаҳои ахбори умум паҳн мешавад. Ба назари Г.Лассуэл фаъолияти воситаҳои ахбори умум барои фаҳмиш ва дарк намудани масъалаҳои сиёсӣ равона карда шудааст. Вазифаи асосии воситаҳои ахбори умум огаҳ намудани аҳолӣ бо мақсад ва самтҳои сиёсат аз тарафи давлат ва дигар субъектҳои сиёсӣ мебошад.

Воситаҳои ахбори умум дар паҳн намудани фарҳангӣ оммавӣ фаъолона иштирок менамояд. Ба аҳолӣ иттилоот пешниҳод карда мешавад, ки ба ташаккули муқарраоти ҷаҳонбинӣ, тасаввурот оид ба ҷаҳон, инчунин меъёр, арзиш, тарҳҳои рафтор, ақидаву эътиқодҳо ва кӯшишҳо равона карда шудаанд. Омӯзиши мундариҷаи маводҳо оид бо фарҳанг, ки воситаҳои ахбори умум пешниҳод менамоянд, нишон медиҳад, ки кадом кӯшишу ниятҳо шореҳонро маҷбур менамояд, ки оиди баъзе рӯйдодҳо хабар диҳанд ва дар бораи дигар ҳодисаву падидаҳо хомӯш бошанд, радио, телевизион дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ ба кадом ғояҳо такя менамоянд, то чӣ андоза мазмуну мундариҷаи маводҳои пешниҳодшаванда ба манфиати истеъмолгарон мувофиқ аст.

Дар аксарияти ҳолатҳо қайд карда мешавад, ки мавқеи нашрия танҳо дар мақолаҳои таҳририӣ инъикос меёбад, иттилоот бошад, аз ифодаи назари рӯзноманигор оид ба таҷассуми ҳодиса ё падида озод аст. Ин муносибат ба яке аз муқарраоти рӯзноманигорӣ, ки дар Амрико аз тарафи ҷомеаи рӯзноманигорон муайян карда шудааст, мувофиқ аст. Мувофиқи ин муқаррарот иттилоот бояд аз таҷассуми ақида ё шаклҳои гуногуни лутфнамоӣ озод бошад [8, с.624]. Лекин муҳаққиқи амарикоӣ Ч.Баш дар асоси таҳқиқотҳо ба чунин хулосае омад, ки ин муқарраоти мазкур аз тарафи аксарияти матбуоти даврӣ риоя карда намешавад [9, с.39].

Муаллифони гуногун қайд менамоянд, ки дар шароити имрӯза чунин як воситаи паҳн намудани маводҳо истифода мешавад, ки истеъмолкунандагонро бо иттилоот ва фароғат таъмин намуда, иҷроиши як қатор вазифаҳоро талаб менамояд. Нишондиҳандаи фарққунандаи қисми фароғатии барномаҳо ҷавоби эстетикии тамошобинон ба ҳисоб меравад. Рақобати ҷиддӣ бошад, ки дар соҳаи иттилоотӣ ба миён омада, матбуоти давриро маҷбур намудааст, ки доираи мавзӯоти худро васеъ намонд. Дар натиҷа, чунин амал ба он оварда мерасонад, ки дар шабакаҳои миллӣ инъикоси ҳодисаву равандҳо бо таҳлилҳои тӯлонӣ, суҳбатҳои шореҳон бо хабарнигорон, ки дар ҷои ҳодиса қарор доранд, ҳамроҳӣ карда мешаванд.

Инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ ба он оварда расонид, ки мутахассисон вобастагии институтҳои паҳни иттилоотро аз манфиатҳои он, ки дар истеъмолгарони оммавӣ зоҳир мегардад, дарк намудаанд. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, аз иттилоот оид ба ҳолатҳои фавқулода, моҷаро, нишон додани маҳсули фарҳанги оммавӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, институтҳои паҳни иттилоот кӯшиш менамоянд, ки ба таври ҳамешагӣ иттилоотро оид ба ҳодисаву падидаҳои ғайримуқаррарӣ паҳн намоянд, то ки миқдори истеъмолгарони худро зиёд намоянд.

Дар аксарияти ҳолатҳо ҷомеа зӯроввариро дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори омма ҳамчун сабаби зӯроварӣ дар ҳаёт баррасӣ менамояд. Яъне, як гурӯҳи одамон зӯроввариро, ки дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори омма таҷассум мегардад, қабул надоранд. Гурӯҳи дигар бошад, онро хамчун заминаи амал намудани худ медонанд.

Дар алоқаманди бо ин ва дигар ҳолатҳо фарҳанги оммавӣ аз тарафи муаллифони алоҳида зери танқид гирифта шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки ба масъалаи фарҳанги оммавӣ ва маҳсули он аз қадим муаллифон диққат дода буданд, назария ва консепсияҳои зиёд пешниҳод карда шудааст. Онро ҳамчун падидаи махсуси иҷтимоӣ баррасӣ менамоянд, ки дорои генезис, хусусият ва самтҳои инкишоф мебошад. Дар таҳқиқотҳо ҷомеаи оммавӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд, ки дар натиҷаи раванди саноатикунонӣ пайдо шудааст.

Фарҳанги оммавӣ ҳамчун навъи муҳимми фарҳанг баррасӣ карда мешавад, ки шаклҳои анъанавии фарҳанги миллиро иваз намудааст. “Фарҳанги оммавӣ” ҳамчун инъикоси ниҳоии

озод набудани маънавӣ, механизми иҷтимоии дуршавӣ ва зулм намудани шахсияти инсон баррасӣ карда мешавад. Афзоиши босуръати аҳолӣ дар шаҳрҳо ва ихтисосмандии маҳдуди касбӣ, ки "инсони оммавӣ"-ро ташаккул додааст, аз ҷиҳати маънавӣ тамаддуни мусоирро заиф гардонидааст ва ба ноустувориву шикасти фарҳанг ба таври умумӣ оварда мерасонад [5, с.163].

Таърихнигорон одатан раванди пайдо шудани фарҳанги оммавиро ҳамчун падидаи мустақили иҷтимоӣ бо фаъолияти матбуоти даврӣ алоқаманд менамоянд. Мувофиқи назари як гурӯҳ муҳаққиқон пайдоиш ва инкишофи фарҳанги оммавӣ охири асри Х1Х ва оғози асри ХХ аст. Дар ин давра воситаҳои ахбор ва коммуникатсияи умум рушд намуданд, паҳни навъи саноатии истеҳсолот ва тақсими намунавии арзишҳои маънавӣ ба миён омад, демократикунонии фарҳанг инкишоф кард, сатҳи саводнокии оммаи мардум боло рафта, талаботҳо нисбат ба маънавиёт поён рафт, ки албатта ба ташаккул ва инкишофи фарҳанги оммавӣ мусоидат намуданд.

Бо гузашти даҳсолаҳо ҷомеа серталаб нагардид. Онро дастрасии маҳсули фарҳанги оммавии муосир ба худ ҷалб менамояд, ки тариқи воситаҳои ахбори омма ба даст оварда мешавад. Ба қатори воситаҳои анъанавии паҳни маҳсули фарҳанги оммавӣ ба монанди филмҳо, барномаҳои телевизион ва радио, матбуоти даврӣ, инчунин системаҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ворид гардиданд. Лекин ҷомеа дарк наменамояд, ки маҳсули фарҳанги оммавӣ дарозумр нест. Фарҳанги оммавӣ, ҳамчун падидаи истеъмолӣ, ба талаботи пайдошуда дар ҷомеа дарҳол ҷавоб мегӯяд. Дар ҳолати маҳдуд ё аз байн рафтани талабот нисбат ба унсури алоҳидаи фарҳанги оммавӣ дар ҷомеа, маҳсулоти матбуоти даврӣ, ки онро қонеъ менамуд, низ аз байн меравад.

Воситаҳои ахбори омма миқдори муайяни иттилоотро паҳн намуда, ба ташаккули унсури алоҳидаи фарҳанги оммавӣ мусоидат менамояд. Дар чунин ҳолат матбуоти даврӣ бо иттилоот шуури оммаи мардумро идора менамояд, ба шуури онҳо қолаб ва муқарраротеро ворид менамояд, ки тарзи муайяни ҷаҳон ва ҳаётро ба миён меорад. Натиҷаи коммуникатсия на ба даст овардани дониш аз тарафи омма мегардад, балки ба боло рафтани сатҳи иттилоотдорӣ оварда мерасонад.

Ҳамин тавр, воситаҳои ахбори омма дар шароити имрӯза ба инкишофи фарҳанги оммавӣ мусоидат менамояд. Баҳри ҷалби миқдори зиёди истеъмолгарон институтҳои воситаҳои ахбори омма аз воситаҳои мухталиф истифода менамоянд. Барномаҳоеро таҳия менамоянд, ки ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ буда, боиси босуръат паҳн гардидани унсурҳои мухталифи фарҳанги оммавӣ мегарданд.

## АДАБИЁТ


1. Аблеев С.Р. Массовая культура современного общества: теоретический анализ и практические выводы / С.Р.Аблеев, С.И. Кузьминская // Этика и наука будущего. -М., 2002. -С. 165-174.
2. Интернет-СМИ. Теория и практика / Под редакцией М.М. Лукиной. – Санкт-Петербург, Аспект Пресс, 2010. -350 с.
3. Информационные аспекты террористических актов. В кн.: Психология и психопатология терроризма / Под ред. М.М. Решетникова. –СПб: Восточно-Европейский институт психоанализа, 2004. –352 с.
4. Королев Е.А.Плюрализм медиа как фактор взаимодействие медийных структур / Е.А. Королев // Современные проблемы науки и образования. -2013. № 6. –С. 63-74.
5. Ортега Гассет Х. Дегуманизация общество. –М., 1991. 256 с.
6. Прохоров Е. П. Свобода СМИ и журналистской деятельности на демократических принципах / Е.П.Прохоров. -М., 2001. -210 с.
7. Средства массовой информации и пропаганды. –М., 1997. -352с.
8. Schramm W. Mass Communication. Urbana, 1960. p. 623-625.
9. Danielson W. Content Analysis in Communication Research // Nafsiger R. and White D. (eds.). Introduction to Mass Media Communication Research.Michigan, 1966.


## НАҚШИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ДАР ИНКИШОФИ ФАРҲАНГИ ОММАВӢ


Дар мақолаи мазкур нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккул ва инкишофи фарҳанги оммавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки воситаҳои ахбори омма ба тамоми соҳаҳои ҳаёт ва институтҳои ҷомеа таъсир расонида, барои рушд ва инкишофи маданияти оммавии мардум замина мегузоранд. Воситаҳои ахбори омма дар ташаккул, амалигардӣ ва эҳёи шуури ҷамъиятӣ ва таъсири ҳалкунанда расонидан ба фаъолияти институтҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар шароити рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши бузург дорад. Инкишофи босуръати илму техника ба рушди институтҳои воситаҳои ахбори омма таъсири назаррас расонидааст. Мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтани воситаҳои инфиродии алоқа ва нашри иттилоот, системаҳои электронии комуникатсионӣ, дар рушди воситаҳои ахбори умум нақши ҳалкунанда бозидаанд. Воситаҳои ахбори умум тарзи ҳаёти одамонро тағйир дода, дигаргуниҳои куллиро дар фаҳми онҳо таъмин намудаанд. Дар натиҷа, одамон ба ҳодисаву падидаҳо ва равандҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа бо диди дигар назар карда, кӯшиш менамоянд, ки мавқеи худро нисбати онҳо муайян намоянд. Албатта, ин натиҷаи таъсири воситаҳои ахбори омма дар инкишофи маданияти оммавии мардум мебошад. Ба аҳолӣ иттилоот пешниҳод карда мешавад, ки ба ташаккулимуқарраротиҷаҳонбинӣ, тасаввурот оид ба ҷаҳон, инчунин меъёр, арзиш,

тарҳҳои рафтор, ақидаҳо, эътиқодҳо ва кӯшишҳо равона карда шудаанд. Фарҳанги оммавӣ ҳамчун навъи муҳимми фарҳанг баррасӣ карда мешавад, ки шаклҳои анъанавии фарҳанги миллиро иваз намудааст. Фарҳанги оммавӣ ҳамчун инъикоси ниҳоии озод набудани маънавӣ, механизми иҷтимоии дуршавӣ ва зулм намудани шахсияти инсон баррасӣ карда мешавад. Афзоиши босуръати аҳолӣ дар шаҳрҳо ва ихтисосмандии маҳдуди касбӣ, ки инсони оммавиро ташаккул додааст, аз ҷиҳати маънавӣ тамаддуни мусоирро заиф гардонидааст ва ба ноустувориву шикасти фарҳанг ба таври умумӣ оварда мерасонад.

**Калидвожаҳо:** воситаҳои ахбори омма, матбуоти даврӣ, фарҳанги оммавӣ, зӯроварӣ, инкишофи ҷомеа, тарзи рафтор, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷаҳонбинӣ, иттилоот, ҷомеаи иттилоотӣ.

## РОЛЬ СРЕДСТВА МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В РАЗВИТИИ МАССОВОЙ КУЛЬТУРЫ

В настоящей статье рассматривается роль средств массовой информации в формировании и развитии массовой культуры. Автор подчеркивает, что средства массовой информации влияют на все стороны жизни и институты общества, закладывая основы для развития массовой культуры. Средства массовой информации играют важную роль в формировании, реализации и возрождении общественного сознания и решающего влияния на деятельность политических институтов, общественных организаций в условиях развития гражданского общества. Бурное развитие науки и техники оказало значительное влияние на развитие средств массовой информации. Широкое использование индивидуальной коммуникации и публикации информации электронных систем коммуникации сыграли решающую роль в развитии средства массовой информации. Средства массовой информации изменили образ жизни людей и внесли всеобъемлющие изменения в их восприятие. В результате люди смотрят иначе на различные ситуации и явления общественной жизни, пытаясь определить свою позицию. Конечно, это является результатом влияния средств массовой информации на развитие массовой культуры. Средства массовой информации распространяют информацию, которая направлена на формирование мировоззренческих установок, представлений о мире, норм, ценностей, моделей поведения, идеи, убеждений и взглядов. Массовая культура рассматривается как особый тип культуры, который изменил традиционные формы национальной культуры. «Массовая культура» рассматривается как крайнее проявление моральной несвободы, социальный механизм отчуждения и угнетения личности человека. Быстрый рост населения в городах и узкая профессиональная специализация, сформировавшая «массового человека», духовно подорвали современную цивилизацию, это ведет к неустойчивости и краху культуры в целом.

**Ключевые слова:** средства массовой информации, периодическая печать, массовая культура, насилие, развитие общества, модель поведения, гражданское общество, мировоззрение, информация, информационное общество.

## THE ROLE OF THE MEDIA IN THE DEVELOPMENT OF MASS CULTURE

This article discusses the role of the mass media in the formation and development of mass culture. The author emphasizes that the media influence all aspects of life and the institutions of society, laying the foundations for the development of mass culture. The media play an important role in shaping, implementing and reviving public awareness and decisive influence on the activities of political institutions and public organizations in the context of the development of civil society. The rapid development of science and technology have made a significant impact on the development of the media. The widespread use of individual communication and publication of information, electronic communication systems have played a crucial role in the development of the mass media. The media have changed the way people live, and made comprehensive changes in their perceptions. As a result, people look differently at different situations and phenomena of public life, trying to determine their position. Of course, this is the result of the influence of the media on the development of mass culture. The media disseminate information, which is aimed at the formation of ideological installations, understanding of the world, norms, values, behaviors, ideas, beliefs and attitudes. Mass culture is considered as a special type of culture that has changed the traditional forms of national culture. “Mass culture” is considered as an extreme manifestation of moral non-freedom, a social mechanism of alienation and oppression of a person’s personality. The rapid growth of the population in the cities and the narrow professional specialization that formed the "mass man" spiritually undermined modern civilization, which leads to instability and the collapse of culture as a whole.

**Keywords:** mass media, periodical press, mass culture, violence, development of society, model of behavior, civil society, worldview, information, information society.

**Сведения об авторе:** ***Ятимов Собир*** **–** Бохтарский государственный университет, соискатель кафедры политологии и международных отношений. **Адрес:** Республика Таджикистан, 735140, Хатлонская обл., г. Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон: **93-594-16-81**

**Information about the author:** ***Yatimov Sobir*** - Bokhtar State University, applicant for the Department of Political Science and International Relations. **Address:** Republic of Tajikistan, 735140, Khatlon region, Bokhtar, st. Aini, 67.
Phone: **93-594-16-81**

УДК:37.0 (575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ МУҲИММИ ИСТИФОДАИ АНДРАГОГИКА ДАР ТАШКИЛИ ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ ДАР МАКОТИБИ ОЛӢ

*Сафаров М.В.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

Истифода аз қонунҳои андрагогӣ ва технологияи таълими калонсолон дар баландбардоштани дараҷаи ихтисос дар донишгоҳҳо на танҳо тамоюлотҳои мусбӣ, балки як қатор назарияҳоеро ба вуҷуд овард, ки садди роҳи гузариш ба ташкили таълим аз рӯи қонунҳои андрагогӣ гашт.

Қонуниятҳои асосии ташкили таълими андрагогӣ дар мактабҳои олӣ бо зиддиятҳо байни хусусиятҳои андрагогии таълим ва барномаҳои стандартии таълимӣ вобастагии ногустанӣ дорад, ки дар асоси қонунҳои педагогӣ барои таълим роҳандозӣ шудаанд. Дар чунин маврид баъзан вақт ҷараёни таълимро дар мувофиқа бо технологияи таълими калонсолон ташкил кардан бисёр мураккаб ва ҳатто мушкил низ аст. Бояд барномаҳои алоҳида барои ҳар як донишҷӯи конкрет бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ, равонӣ ва касбии ӯ равона кардашударо сохт.

Масъалаи дигар ба дараҷаи ташаккули тавсифи хонандагон, ки асосан ба калонсолон тааллуқ дорад, алоқаманд аст. Пеш аз ҳама, ин дараҷаи ташаккули худогоҳӣ, таҷрибаи зиндагии таълимгирандагон, дараҷаи мотиватсионӣ ва талаботҳои онҳо дар ташаккули таълим мебошад. На ҳамеша хонандагони калонсол, ҳатто муаллимони мактабҳои миёна хусусияҳоеро, ки барои ташкили таълим аз рӯи қонунҳои андрагогика заруранд, доро мебошанд. Натанҳо хонандагон худро дар ҷараёни таълим ҳамчун шахси мустақил дарк мекунанд. Онҳо бисёри вақт таълимро ҳамчун худамаликунӣ, ба даст овардани дараҷаи баланди салоҳиятнокӣ, қаноатмандии ахлоқӣ ва моддӣ дарк намекунанд.

Ҷараёни ҳатмии трансформатсия дар давоми таълим аз тарафи калонсолон дарднок қабул карда мешавад, чунки вай метавонад номуайянии ботиниро бо пастшавии «худбаҳодиҳии касбӣ» дар ҷараёни фаъолияти худ ба вуҷуд орад. Ба фаъолияти донишҷӯён раванди педагоги пуртаҷриба дар нақши педагог, набудани маҳорат ва ҷамъомадҳои таълимӣ ва ғайраҳо таъсири манфӣ мерасонад [10, с. 19].

Ҳамаи ин ба пастшавии хоҳиши баъзе аз донишҷӯён, ки дар ташкили ҷараёни таълим фаъолона баромад мекунанд оварда мерасонад. Яке аз проблемаҳои муҳим ин нокифоя будани сатҳи касбияти омӯзгорони донишгоҳҳо дар ташкили тартиби таълим аз рӯи принсипҳои андрагогӣ аст, ки онҳо дар талаботҳои асоси дониш, малака, сифатҳои шахси барои иҷро кардани амал ва функсияҳои махсуси омӯзиши калонсолон нокифоя мебошанд. Ҳалли ин масъала калидест, ки барои ҳалли дигар масъалаҳои ташкили самаранокӣ дар раванди таълим, инчунин азнавтайёркунии ташаккули мутахассисон аз рӯи принсипҳои андрагогика ба ҳисоб меравад. Дар фаъолияти худ омӯзгори муосири макотиби олӣ, ба ғайр аз тайёриҳои бунёдӣ аз рӯи фанни таълимӣ, бояд амалҳоеро иҷро карда тавонанд, ки дар ташкили таълими одамони сину соли гуногун, барои тавсифи психологӣ ва иҷтимоии онҳо, барои ба даст овардани мақсадҳои дар шароитҳои гуногун, ки асоси кордонии вай мебошад, ёрӣ мерасонад. [7. с. 21].Модули коркарда баромадаи мо пеш аз ҳама кордонии омӯзгори макотиби олиро дар бар гирифта, малакаи базавӣ, муайянкунии талаботҳои маълумотии донишҷӯён, муайян намудани дараҷаи тайёрнокии онҳо, ошкор намудани таҷрибаи ҳаётии донишҷӯ ва истифодабарии имкониятҳои онҳоро дар ҷараёни таълим, инчунин ошкорсозии услубҳои маърифатнокӣ ва маълумотнокии таълимгирандагон, тавсифи психо-физиологии онҳо, аз истифодаи усулу воситаҳои гуногуни равоншиносӣ ва педагогӣ, ташхиси равонии донишҷӯён, тақвият бахшидан ба мақсад ва стратегияи таълими донишҷӯёни алоҳида, интихоби воситаҳо, шакл ва усулҳои таълим, таҳияи китобҳои дарсию барномаҳои таълимӣ, сохтани шароитҳои таълимии физикӣ – равонии донишҷӯён, ташаккул ва муайян кардани талаботҳои таълимии донишҷӯёнро низ фаро мегирад.

Модули салоҳиятнокии омӯзгори донишгоҳ донишҳои зеринро дар бар мегирад:

- ✓ Назария ва тарбия барои шахсони калонсол;
- ✓ калонсол, пиронсол ва тавсифи синнусолии психо-физиологӣ;
- ✓ вазъи иҷтимоӣ - касбии шахсони калонсол;
- ✓ асосҳои фалсафа ва таълими иҷтимоӣ;
- ✓ технологияи таълим барои калонсолон;
- ✓ технологияи таълими мустақилона;
- ✓ таърихи ташаккули педагогӣ;
- ✓ консепсия ва идеяҳои андрагогӣ ва геронтологӣ;

✓ таълимоти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ;

✓ таълими фосилавии таълимгирандагони фанҳои академӣ.

Омӯзгори донишгоҳ бояд малакаи равонию педагогӣ ва равонӣ - андрагогии ташхисии хонандагон, коркарди натиҷаи он, амлигардонии таълими амалӣ, кор бо адабиёти методӣ ва бо компютер, малакаи ташкилочигӣ ва коркарди маводҳои таълимиро дошта бошад.

Ниҳоят, омӯзгори муосир хусусиятҳои хоси касбиро, монанди некхоҳӣ, дилсӯзӣ, муошират, ғайрат, пуртоқатӣ, ростқавлӣ, босабрӣ, одоби муомила, нафосат, қобилияти ташкилотчигӣ, саъю кӯшиши сарварӣ, кӯшиши худтакмилдиҳӣ, инчунин хусусиятҳои пурарзише мемонад, фаҳмиши таълим ҳамчун тарзи эҳтироми шахс, консепсияи худбаҳодиҳӣ, ба инобат гирифтани нақши донишҷӯ дар ташкили ҷараёни таълим, нақши омӯзгор дар таълим ва принсипҳои инсондӯстию демократии тарбияи хонандагони ҷавон доро бошад.

Хулоса, омӯзгори макотиби олии имрӯза бояд консепсияҳои педагогӣ ва андрагогиро доро бошад. Ниҳоятан омӯзгори муосир бояд хусусиятҳои хоси касбӣ, чун некхоҳӣ, ҳамдардӣ, муошират, ҷидду ҷаҳд, пуртоқатӣ, дурустрафторӣ, одоби ҳамида, кӯшиши лидер будан, худтакмилдиҳӣ дар мақоми худ ва ба ин монанд арзишҳои муҳимро доро бошад: хусусиятҳои мазкур чунин равандҳои дигарро низ доро буда, баҳри пешбурди ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии худ замина хоҳад гузошт, ки инҳо ҳурмат нисбат ба шахсият, консепсияи инсон ҳамчун субъекти пурарзиш, худидоракунӣ, худташаккулдиҳӣ, эътирофи назарияҳои гунонун ва мавқеи ҳаётӣ, эътирофи нақши донишҷӯ ва омӯзгор дар ташкили ҷараёни таълим, принсипҳои таълим ва тарбияи хонандагонро дошта бошад. Омӯзгори муосири макотиби олӣ бояд ҳам педагог ва ҳам андрагог бошад.

Ба даст овардани модели дар боло дарҷгардида имкон медиҳад, ки омӯзгор имкониятҳоеро ба даст орад, ки фазои таълимии Аврупоро дар макотиби олӣ талаб кунад:

1) донише, ки имкон медиҳад аслиятро дар мавриди коркард ё истифодаи ғояҳо зоҳир намояд;

2) қобилияти ҳал намудани масъалаҳо дар муҳити наву ношинос ва фарохи матнҳои байнифаннӣ, якҷоя кардани дониш ва ҳалли масъалаҳои муҳим, тавсияи дониши шахсӣ дар асоси пурра ё ин ки нопурраи маълумот ва таъмини кори касбӣ ё кори ғайрикасбӣ;

3) малакаҳои худомӯзӣ ва худидоракунӣ [15].

Муҳимтарин сифати кордонии хатмкунандаи донишгоҳҳои Аврупо ин қобилияти ташкилии таълим дар тӯли тамоми ҳаёт мебошад. Барои ин, онҳо бояд дорои чунин хусусиятҳо бошанд:

а) дониши баланди махсус, чунки баъзеи онҳо дар соҳаи тиб ва маориф кору фаъолият мекунанд, ки асоси кори онҳо тадқиқотҳои илмӣ, ҳамчунин фаҳмиши танқидии масъалаҳои ҷойдошта дар соҳаи мазкур ё соҳаҳои ҳамҳудудии дониш талаб мекунад;

б) малакаи махсуси ҳалли проблемаҳое, ки барои тадқиқотҳои илмӣ ё ин ки фаъолияти инноватсионӣ, ҳамчунин муттаҳидкунии донишҳо ба соҳаҳои гуногун равона кардашуда заруранд;

в) қобилияти идоракунӣ ва тағйир додани шароитҳои мураккаб ва ғайричашмдошт, ки шароитҳои нави стратегӣ барои кор ё таълим, ҳамчунин ба уҳда гирифтани ҷавобгариро барои ташаккули донишҳои касбӣ ва фаъолияти амалии гурӯҳӣ ё аз нав дида баромадани стратегияи онро талаб мекунад [14, с. 5].

Гуфтаҳои боло имкон медиҳанд, ки агар хулоса барорем, ки дар замони ҳозира дар муассисаҳои олии ҷумҳурӣ зарурате пеш омадааст, то ин ки принсипҳои андрагогиро дар таълим истифода намоем, принсипҳои сертаркибаи андрагогиро, ҳамчунин зарурати ташкили таълим, такмили ихтисос ва минбаъдаи таълимиро ба монандӣ:

➢ омӯзгор – андрагогҳо барои таълими калонсолон;

➢ омӯзгорони муассисаҳои олии таълимӣ, ки ба салоҳияти омӯзгор ва омӯзгор – андрагогро доро мебошанд, ба роҳ монем.

Пас, зарурате, ки дар таълимоти олии касбӣ ҷорӣ кардани ихтисоси «Андрагогика» пеш меояд.

**АДАБИЁТ**


1. Ананьев Б. Г. Человек как предмет познания / Б. Г. Ананьев. - СПб.: Питер, 2002.
2. Антошко С. О. Особенности обучения безработного в процессе получения профессионального образования // Гуманитарные и общественные науки в современном мире / С. О. Антошко //Материалы международ. заоч. науч.-практ. конф. [Электронный ресурс]. URL: http: //sibac.info/2011-07-08-03-27-51/179-2011-03-11-12-18-56.
3. Возгона З. В. Андрагогические особенности профессиональной подготовки в процессе непрерывного повышения квалификации научно-педагогических работников / З. В. Возгона // Фундаментальные исследования. - 2013. - № 6-3. - С. 730-734.
4. Дресвянников В. А. Построение системы управления знаниями на предприятии / В. А. Дресвянников. - М.: КНОРУС, 2006. - 343 с.

5. Жуковская З. Д. О компетентно-андрагогическом подходе к организации повышения квалификации работников образования / З. Д.Жуковская, О. К. Битюцких // Вестник Воронежского технического университета. - 2010. - № 8. - Т. 6. - С. 4-6.
6. Змеёв С. И. Андрагогика: основы теории, истории и технологии обучения взрослых / С. И. Змеёв. - М.: Perse, 2007.
7. Змеёв С. И. Компетенции и компетентности преподавателя высшей школы XXI в./ С. И. Змеёв // Педагогика. - 2012. - № 5.
8. Змеёв С. И. Андрагогические основы организации обучения в высшей школе. Теория и практика / С. И. Змеёв, А. С. Соколова. - М.: Издательство Первого МГМУ им. И. М. Сеченова, 2011.
9. Иванищева Н. А. Технология реализации социально-андрагогической парадигмы в системе многоуровневого высшего образования / Н. А. Иванищева // Мир образования - образование в мире. - 2012. - № 4. - С. 37-47.
10. Капитанская А. Н. Особенности образования взрослых / А. Н. Капитанская // Вопросы интернет - образования. - М., 2005. - № 30.
11. Колесникова И. А. Основы андрагогики / И. А. Колесникова. - М.: Academia, 2003. - С. 47.
12. Копылова А. В. Реализация андрагогического подхода в системе повышения квалификации педагогов / А. В. Копылова // Профессиональное образование в России и за рубежом. - 2013. - № 11. - С. 75-79.
13. Уманская А. В. Андрагогический подход к развитию профессиональной компетентности преподавателей вузов / А. В. Уманская // Мир науки, культуры, образования. - 2013. - № 3(40). - С. 220-221.
14. European Qualifications Framework for Lifelong Learning. - European Commission. Education and Culture. - 2008.
15. Shared ‘Dublin’ Descriptors for Short Cycle, First Cycle, Second Cycle and Third Cycle Awards [Интернет-ресурс].

## МАСЪАЛАҲОИ МУҲИММИ ИСТИФОДАИ АНДРАГОГИКА ДАР ТАШКИЛИ ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ ДАР МАКОТИБИ ОЛӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаи истифодаи ташкили андрагогии ҷараёни таълим бахшида шудааст. Муаллиф масъалаҳои асосии истифодаи ташкили андрагогии ҷараёни таълим, ташкили ҷараёни таълимро дар макотибҳои олӣ номбар мекунад, ки ба зиддият байни озод, хусусияти андрагогии таълим ва одатан барномаҳои стандартии таълим ва барномаҳои коркардшудаи дар асоси принципҳои педагогӣ, ки барои таълими кӯдакон таъин шудаанд алоқамананд. Ба назари муаллиф баъзан ташкили ҷараёни таълим дар мувофиқа бо технологияи таълими калонсолон мураккаб аст, зеро он ба сохтани программаҳои индивидуалии таълим барои ҳар як донишҷӯ бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ, психологӣ ва кордонии онҳо равон шудаанд. Масъалаи дигар ин масъалаи алоқаманд ба сатҳи инкишофи ҳамон хислатҳои муҳимми хонандагон аст, ки ба калонсолон хос аст. Пеш аз ҳама, ченакҳои мазкур чун сатҳи вусъатдиҳии худшиносӣ, таҷрибаи зиндагӣ, сатҳи мақсаднокӣ ва талабот дар мукаммалии талабот ба маълумот мебошанд. Муаллиф ҷорӣ кардани ихтисоси «Андрагогика»-ро дар макотиби олии касбӣ, сохтани стандартҳои давлатии таълими олии касбиро барои ихтисоси зерин, роҳандозӣ, тасдиқ ва таъмини талаботҳои давлатро барои барномаҳои таълим барои ба даст даровардани дараҷаи ихтисос андрагог – мутахассис барои кор бо калонсолон зарур мешуморад.

**Калидвожаҳо:** масъала, ҷараён, ташкил, маълумот, таълим, калонсолон, барнома, самт, дараҷа, тараққиёт

## ОСНОВНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ АНДРАГОГИЧЕСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ УЧЕБНОГО ПРОЦЕССА В ВУЗАХ

Данная статья посвящена проблемам использования андрагогической организации учебного процесса. В ней автор называет основные проблемы использования андрагогической организации учебного процесса в высшем образовании, которые связаны с противоречием между свободным, андрагогическим характером обучения и, как правило, стандартными учебными программами и программами, разработанными в основном на педагогических принципах, предназначенных для обучения детей. По мнению автора, иногда сложно организовать учебный процесс в соответствии с технологией обучения взрослых, направленной на создание индивидуальной программы обучения для каждого конкретного студента с учетом его основных социальных, психологических и профессиональных характеристик. Другой проблемой является проблема, связанная с уровнем развития тех основных характеристик учащегося, которые присущи взрослым. Прежде всего, это такие параметры, как уровень развития самосознания, жизненный опыт обучающихся, уровень их мотивации и потребность в развитии образовательных потребностей. Автор считает необходимым ввести специальность в высшем профессиональном образовании «Андрагогика», создать государственный стандарт высшего профессионального образования по данной специальности, разработать, утвердить и обеспечить государственные требования к образовательным программам для получения дополнительной квалификации андрагог - специалист по работе со взрослыми.

**Ключевые слова:** проблема, процесс, организация, образование, обучение, взрослые, программа, мнение, направление, уровень, развитие

## BASIC PROBLEMS OF USING ANDRAGOGICAL ORGANIZATION OF THE EDUCATIONAL PROCESS AT HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS

This article is devoted to the problems of using andragogical organization of the educational process. In it, the author calls the main problems of using the andragogical organization of the educational process in higher education, which are associated with the contradiction between the free, andragogical nature of education and, as a rule, standard curricula and programs developed mainly on pedagogical principles intended for teaching children. According to the author, it is sometimes difficult to organize the educational process in accordance with the technology of adult education, aimed at creating an individual educational program for each individual student, taking into account its main social, psychological and professional characteristics. Another problem is the problem associated with the level of development of those basic characteristics of the student that are inherent in adults. First of all, these are such parameters as the level of development of self-consciousness, the students' life experience, the level of their motivation and the need for the development of educational needs. The author considers it necessary to introduce a specialty in higher professional education “Andragogy”, create a state standard for higher professional education in this specialty, develop, approve and ensure state requirements for educational programs for obtaining additional qualifications andragog - an adult work specialist.

**Keywords**: problem, process, organization, education, training, adults, program, opinion, sometimes, direction, level, development.

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Мунир Ватанович*** –Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, кандидат педагогических наук, доцент кафедры компьютерных наук. **Адрес:** 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел.: Тел.: **918665441**.E-mail: munir11@list.ru

**Information about the author:** ***Safarov Munir Vatanovich*** - Kulob State University named after A.Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, docent. **Address:** 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16. Phone: **918665441**.E-mail: munir11@list.ru

**УДК:372.835.5 (575.3)**

# МОҲИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТӢ ДАР ҶАМЪИЯТИ МУОСИР

***Абдуллоҷони Ҳамрохон***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Мавриди қайд аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи наврасон ва ҷавононро дар рӯҳияи арзишҳои суннатию башарӣ яке аз вазифаҳои муҳимми имрӯзу ояндаи давлат ва ҷомеа дониста, масъалаҳои демографӣ ва танзими оиларо ҳамчун омили асосии ҷомеаи солим ба миён гузоштааст. Роҳбарияти олии кишвар пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки шаҳрвандонро дар рӯҳияи поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ, ахлоқи ҳамида, инсондӯстӣ, ҷавонмардӣ, садоқат ба Ватан, ҳақиқатҷӯӣ ва адолатпарастӣ тарбия намояд [4].

Масъалаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ моҳият ва мазмуни тарбияи миллиро дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим даровард, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад. Он имкон медиҳад, ки ҷавонон, новобаста аз маҳаллу миллат ва нажод, роҳҳои гуногуни тарбияро барои инсони комил будан, интихоб ва амалӣ намоянд.

Ҳукумати ҶТ масъалаи омӯзонидани донишҳои муосиру замонавӣ ва дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, ифтихор аз Ватану ватандорӣ, ҳисси баланди миллӣ ва арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанг тарбия кардани ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Маҳз масъулияти баланд, ташаббус ва назорати роҳбарияти Ҳукумат ва ҳамзамон оштинопазирии омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф ва дигар соҳаҳо ба таълиму тарбияи хонандагон таъсири мусбӣ расонида, ҳама гуна омилҳои манфӣ пешгирӣ карда мешаванд [5].

Муҳимтарин василаи баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон ташаккули фарҳанги сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯхтани таърихи пурғановати миллати худ ба ҳисоб меравад. Барои ин мебояд, ки диққати ҷавононро ба омӯзиши таърих, фарҳанг ва арзишҳои маънавии ниёгони худ афзун гардонем. Танҳо худшиносии миллӣ ва огоҳӣ аз таърихи худ ягона роҳе мебошад, ки майли ҷавононро аз ҳар гуна ҳаракатҳои иртиҷоӣ коҳиш медиҳад [6, с. 344].Дар ин бора қисману баъзан муфассалан қисме аз классикони форсу тоҷик осори гаронарзише аз худ боқӣ мондаанд, аз қабили «Ҷовидон хирад»-и Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад Яъқуб, «Рӯшноинома» ва «Саодатнома»-и Носири Хусрав, «Туҳфат-ул-вузаро»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Кимиёи Саодат», «Насиҳат-ул-мулук»-и Имом Муҳаммади Ғазолӣ, «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, «Пандиома»-и Фаридуддини Аттори Нишопурӣ, «Бӯстон» ва «Гӯлистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Ахлоқи Носирӣ»-и Шайх Насируддини Тӯсӣ, «Макорим–ул-ахлоқ»-и Амир Сайид Алӣ ибни Шаҳоби Хамадонӣ, «Баҳористон»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, «Шаҳр-ул-одоб»-и Мулло Муҳаммади Табрезӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ» ва «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ» ва «Лавомеҳ-ул-ишроқ-фи-макорим-ул-ахлоқ»-и Ҷалолиддин Муҳаммади Даввонӣ, «Одоб-ул-солиҳин»-и Абдулҳақ ибни Сайфиддин Қодири Деҳлавӣ, «Одоб-ул-мубин»-и Ғиёсуддин ибни Деҳлавӣ, «Одоб-ул-мубин»-и Ғиёсуддин ибни Эшон Мирзиёуддин, «Ахлоқи Музаффарӣ» ва «Ахлоқи Муҳаммадӣ»-и Мир Абӯтоҳирхоҷаи Садри Самарқандӣ, рисолаҳои ахлоқию тарбиявии «Мебояд писандид»-и Муҳаммад Ҳусайн Толиби Пурӣ ва амсоли инҳо.Мурод аз офаридани образи ватандӯстона дар муассисаи таҳсилоти ҳамагонӣ ва умуман дар вуҷуди ҳар шаҳрванд бешубҳа, бедор кардани ҳисси

ифтихори миллӣ ва муҳаббат ба марзу буми аҷдодист. Вале вазифаи мо танҳо аз Ватан ва бузургони миллат ифтихор кардан набуда, ба корнамоӣ ва ҷонфидоии нав, кашфи падидаҳои нодир вобаста аст. Агар ҳамаи мо аз олами расму русум ва анъанаҳои милливу башарӣ баҳраманд гардем, ватани соҳибистиқлоли мо низ ба шумори давлатҳои тараққикарда ва мутамаддин ворид хоҳад гашт. Шукуфоии Ватан ба масъулиятшиносӣ ва некандешии мо вобаста аст [7, с.76].Ватандӯстию ватанпарварӣ дар тасвири банда асоси ободии ҳар кишвар ва манбаи хушбахтии ҳамаи одамон аст. "Ҳақиқатан ватандӯстию ватанпарварӣ амниятест, ки чун дар мавриди хоб будани тифлакон модар дар истироҳат асту изтироб надорад, дар мавриди сулҳу осоиштагӣ низ давлат орому осоишта арзи ҳастӣ менамояд. Аз дарду ранҷ ва фитнаву дасисаҳо канора мегирад" [1, с.76].

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар баромадҳояшон таъкид мекунанд, ки ҷомеаи мо имрӯз дар шароити таҳаввулоти босуръат ва бисёр мураккаби ҷаҳони муосир қарор дорад, ки дар ин раванд тамоюлҳои гуногуни манфӣ низ мавҷуданд ва метавонанд ба истиқлолияту пояҳои давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ ва, гузашта аз ин, ба ҳастии миллат хатар эҷод намоянд. Ҳамин тариқ, суханони пурарзиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳар як шаҳрванд барои тарбияи насли наврас ва ҷавонон роҳнамо мебошанд. Тарбияи насли наврас омили асосии рушди давлатдорӣ аст, зеро ба воя расонидани ҷавонони боақлу бомаданият, бофазлу донишманд, эҷодкору масъулиятшинос, ватандӯсту меҳанпараст рисолати ҳар як шаҳрванд мебошад. "Падарону модарон ва омӯзгорон дар роҳи тарбияи насли наврасу ҷавонон бояд кӯшиш намоянд, зеро ин фарҳанги миллии мо тоҷикон мебошад" [2, с.76]. Онҳо барои тарбияи дурусти фарзандонашон дар рӯҳияи ватандӯстӣ дар оила, муасиссаҳои таълимӣ бо омӯзгорон ва роҳбарони онҳо суҳбатҳо намуда, нисбати тақдири фарзандони худ бетараф набошанд. Ҳамкории волидон бо омӯзгорон барои донишомӯзӣ ва тарбияи хуби ватандӯстии онҳо таъсири хуб мерасонад, Меҳру муҳаббати онҳоро нисбати Ватан падару модарон, омӯзгорон зиёд намуда, барои рушди давлатдории тоҷикон дар шароити муосир имкониятҳо фароҳам меоранд. Шаҳрванд бояд, аз таърихи миллат, фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ дорад. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборатанд. Бахри иҷрои онҳо ҷидду ҷахд намояд [3].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» такони ҷиддиеро дар тарбияи ватандӯстии насли наврас ба амал овард. Таъкид бояд кард, ки омилҳои зиёди иқтисодию моддӣ то андозае оила ва нақши асосии онро дар таълиму тарбияи ватандӯстии фарзанд коста гардонида, норасоии нақши падару модарро дар ин ҷода ба вуҷуд оварданд. Илми педагогика ва равоншиносӣ имрӯз собит месозанд, ки новобаста ба ҳама мушкилот, таълиму тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии фарзандон дар муҳити оилаи солим самаранок аст. Масалан, дар моддаи 7-уми қонун омадааст: «Ба фарзандоне, ки дар муасиссаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таҳсил менамоянд, дар ҷараёни дарс истифодаи телефонҳои мобилӣ манъ аст». Худи ҳамин гуфтаҳо волидонро водор менамояд, ки ба тарбияи фарзандони худ диққати махсус диҳанд.

Ба андешаи банда, дар раванди таълим ва тарбияи насли наврас дар мавриди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ омӯзиши ашъори ватандӯстонаи шоирони классик ва муосири мо нақши ниҳоят муҳим ва созгор мебозанд. Олимон, шоирон, нависандагон ва равшанфикрон дар осори безаволи худ ба масъалаи ватандӯстии насли наврас ҳамеша диққати ҷиддӣ медоданд. Ашъори ватандӯстонаи шоирони адабиёти форсу тоҷик яке аз намунаи барҷастаи сифатҳои ватандӯстӣ маҳсуб меёбад. Тазаккур бояд дод, ки таҳлили ашъори ватандӯстонаи шоирони тоҷик ва идеяҳо ва ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии равшанфикрони алоҳида имконият медиҳад, ки аз як тараф, хусусиятҳои миллии онҳо дар раванди таълиму тарбия ва ватандӯстии насли наврас истифода бурда шаванд, аз тарафи дигар, дар ин поя баланд бардоштани сифат ва самаранокии соҳаи педагогикаро таъмин менамоянд. Аз тарафи дигар бошад, ҳисси ватндӯстии мардум боло бардошта шавад [6, с.34].

Хулоса, вазифаи ҷонӣ ва қарзи виҷдонии ҳар аъзои фарди миллат аст, ки ҳатто як лаҳза ҳам масъалаи ҳифзи давлату давлатдорӣ, таъмини амнияти кишвар ва нигоҳ доштани суботу оромии ҷомеаро фаромӯш насозад. Ҳамаҷониба густариш бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус наврасону ҷавонон ҳадафи асосии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат маҳсуб меёбад. Мардум бояд моҳияти равандҳои сиёсии дохиливу хориҷӣ, мақсади неруҳои ғаразноки берунӣ ва ҳадафи нақшаву барномаҳои давлати худро мустақилона дарк карда тавонанд. Ҷомеаи мо бояд донад, ки ҳадафи

стратегии давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар заминаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад.

### АДАБИЁТ


1. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. - Душанбе, 2008. - Китоби 1,2. - 870 с.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. -Душанбе, 2008. -204 с.
3. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2006.
4. Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». -Душанбе, 2011. –С. 3-16.
5. Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи маориф». Модаи 35, банди 2. -Душанбе: Ирфон, 2013.
6. Миралиев А.М. Педагогика ва психология. Воситаи таълимӣ / А.М. Миралиев, М. Давлатов. -Душанбе: Ирфон, 2007. -344 с.

7. Раҳимов Х. Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров. –Душанбе: Ирфон, -2006. 360 с.


### МОҲИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ ТАРБИЯИ ҲАРБӢ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ҶАМЪИЯТИ МУОСИР


Мақола дарбаргирандаи масоили тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ буда, муаллиф кӯшиш кардааст, то дар асоси манбаъҳои муътамад ва далоилу бурҳон мақоларо илмӣ карда бошад. Дар шароити кунунӣ чанг задан ба мавзӯъҳои тарбияи ҳарбӣ-ватндӯстӣ як кори хеле муҳим ва айни муддаост. Инчунин, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то роҳҳову усулҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро муайян ва мушкилотеро, ки боиси пастшавии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ мегарданд, муайян созад. Муаллиф дар заминаи таҳлили тадқиқотҳои зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, осори ахлоқӣ, китобҳои педагогӣ, фалсафӣ, психологӣ ва сомонаҳои интернетӣ мазмун, моҳият ва усулҳои тарбияи ватандӯстиро пешниҳод намудааст. Ба андешаи муаллиф, муҳимтарин василаи баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон ташаккули фарҳанги сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯхтани таърихи пурғановати миллати худ ба ҳисоб меравад. Падару модар дар оила шоҳсутуни асосӣ ба шумор меравaнд, бинобар ин ҳар як рафтор, гуфтор ва муносибати онҳо барои фарзандон намуна ба ҳисоб меравaнд.



**Калидвожаҳо:** арҷгузорӣ, ватандорӣ, фарзанд, волидон, омӯзгорон, ҳукумат, миллат, ҷомеа, тарбияи насли наврас, ҷавонон, педагогика, омодагии дифои-ҳарбӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, мактаб, маърифат, мафҳуми асосӣ ва натиҷа.


### СУЩНОСТЬ И ЗАДАЧИ ВОЕННО ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ


В данной статье проанализирована важная и актуальная тема миролюбия и патриотизма в воспитании не только подростков, но и всего человечества, так как развитие любой страны и общества зависит от существования мира и человеколюбия его граждан. Таджикистан является демократической и независимой республикой, которая в своей истории пережила гражданскую войну и ее последствия принесли огромный вред обществу и стране. Таджикский народ доказал, что мы сторонники мира и демократии. Прогрессивный народ разных стран и все, кто трудится, не желают войны. Потому что мир и патриотизм народа, даёт возможность жить, работать, любить, учиться, растить детей, быть любимым, быть счастливым, довольствоваться изобилием земли, поэтому мы сторонники мира. И воспитание подрастающего поколения в духе мира и патриотизма является важным в просвещении и образовательном процессе. Автор при написании статьи предпринимает попытку на основе достоверных научных источников, на базе исследований многочисленных отечественных и зарубежных ученых, надежных работ по философии, педагогики, физического воспитания, интернет сайтов раскрыть процесс формирования и развития данной темы и их употребления.



**Ключевые слова:** миролюбие, патриотизм, воспитание, образование, развитие страны, счастливое будущее.


### ESSENCE AND TASKS MILITARY PATRIOTIC EDUCATION MODERN CULTURAL - SOCIAL SOCIETY


This article noted that the development of society, culture depends on the existence of peace and security. But war and battle harms society, brings people only fear and horror. Because the war leads to the killing of people, the destructionof thousands of cities and villages, gardens and flower beds, all that was created by mankind. Tajik warriors also fought in the ranks of the Red Army and reached Berlin. After the end of the Second World War, to restore peace, they returned to their homeland, together with the people in the fields and valleys of Tajikistan, they established electric stations to make li fe even brighter, build canals to irrigate the land. The warrior in his heart kept the sacred desire to equip the earth so that a man lived on it happily. He didn't have a war in his mind, only thought about well-being in a peaceful life. Therefore, he was a supporter of peace and patriotism. The Tajik people have proved that we are supporters of peace and for the principles of democracy. Progressive people of different countries and all who work do not want war. Because the world and the patriotism of the people, gives the opportunity to live to work, to love, to learn, to grow up children, to be loved, to be happy, to be content with the abundance of earth, therefore we are supporters of peace. And the education of the younger generation in the spirit of peace and patriotism is important in the enlightenment and educational process.When writing an article, the author attempts, on the basis of reliable scientific sources, on the basis of research of numerous domestic and foreign scientists, reliable works on philosophy, pedagogy, physical education, Internet sites to reveal the process of formation and development of this topic and their use.



**Key words:** supporters of peace, contented brothers, glorifiers of peace and t ranquility, senseless bloodshed.



**Сведения об авторе:** ***Абдуллоджони Хамрохон*** -Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, аспирант кафедры педагогики. **Адрес:**. 734065, г. Куляб, ул. С.Сафарова, 16. **E-mail**: Abdullah@mail.ru, Телефон: **(992) 918771517.**

**Information about the author:** ***Abdullahjoni Hamrokhon***–Kulob State University named after Abuabdulloch Rudaki, assistant of the teachikal departmene. **Address:** Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. 734065, Kulob town , street S. Safarov 16. E-mail : **Abdullah@mail.ru,** Phone: **(992) 918771517.**

УДК: 372.854+378

# ВИЖАГИҲОИ ОПТИМИЗАТСИЯИ ДОНИШ ДАР ХИМИЯ ТАВАССУТИ ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ШАХСИЯТИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ХИМИЯ

*Гулмирзоев А.Д.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

Пешгӯии оптимизатсияи дониш дар химия тавассути хусусиятҳои психологии шахсияти омӯзгори ояндаи химия дар донишгоҳ, хусусиятҳои асосии модели системаи методологӣ, хусусиятҳои татбиқи он дар зинаҳои таълими химия дар донишгоҳ ба назар гирифта шудааст, он тайёр кардани мутахассиси босалоҳият бо сатҳи баланди рушди қобилияти зеҳнӣ, дорои системаи дониш, малака ва услуби химиявиро дар бар мегирад. Тафаккур, системаи сифатҳои зеҳнӣ - касбӣ. Мавзӯъ - ҷузъи муҳтаво. Мушкилоти интихоби мундариҷа дар ҳама марҳилаҳои ташаккули илми методӣ яке аз марказҳои муҳим буд. Дар ин бахши кор мо шакли интихоби мундариҷаи пешниҳодкардаи омӯзгорону методистонро таҳлил кардем.

Муҳаққиқи машҳур К.Д.Ушинский дар масъалаи табдил додани дониш ба усули фаъолият як хат кашида, омӯзгоронро даъват кард, ки ба донишҷӯён омӯзанд, ки “аз ин сарват истифода баранд”. Азбаски таълим "... ба шахсе рӯ ба рӯ мешавад, ки инкишоф меёбад ва рушд мекунад, эҳтиёҷоти ақлӣ густариш меёбанд, он бояд на танҳо эҳтиёҷоти имрӯзаро қонеъ созад, балки барои оянда захира кунад" [9, с.420].

Муҳаққиқон ба мустаҳкамкунии функсияҳои инкишофёбандаи фанҳои химиявӣ ва бо дарназардошти иртиботи байнисоҳавӣ таъкид менамоянд. Зарурати аз нав дида баромадани мундариҷа дар солҳои охир вобаста ба тағйир додани фармоиши иҷтимоӣ, ки ба мактаби олии техникӣ пешниҳод шудааст, дар талабот оид ба тайёр кардани мутахассиси салоҳиятдор ба миён омадааст. Барои ҳалли ин масъала тамоюлҳои муайяншуда, принсипҳои рушди таркиби химиявӣ, хусусиятҳои сохтори мантиқии субъектҳо, ҳамчунин муайян кардани меъёрҳои интихоби мундариҷа, равишҳо дар таҳияи барномаи фанни мавзӯъ, ки ба рушди қобилияти зеҳнии донишҷӯён нигаронида шудаанд, ба назар гирифта мешавад.

Муҳаққиқи машҳур К.Д. Ушинский ҳангоми тасмим гирифтан дар бораи он ки ҷамъоварии дониш ё системаи мантиқии онҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва роҳҳои мувофиқати оқилонаи ҳарду вазифаро нишон додааст. "Танҳо як система, албатта, оқилона, ки аз моҳияти ашё бармеояд, ба мо назорати пурраи донишро медиҳад. Сари пур аз донишҳои нодаркор ва ғайримуқаррарӣ ба як ошхонае монанд аст, ки ҳама чиз ба тартиб оварда шудааст ва худи соҳиби он ҳеҷ чиз нест; саре, ки танҳо як система бидуни дониш ба мағозае монанд аст, ки дар он ҳамаи қуттиҳои навиштаҷот мавҷуданд ва қуттиҳо холӣ ҳастанд” [9, с. 355]. Аз нуқтаи назари мо принсипҳои интихоби мундариҷа, ки аз тарафи академик У.З.Зубайдов таҳия карда шудааст, аз ҳама арзишманд мебошад. Муҳаққиқи машҳур У.З. Зубайдов [3], ки онро ҳамчун асос гирифта такмил медиҳад, функсияи инкишофёбандаи фанҳои таълимиро бо назардошти такмил додани қувваи ғайривариантии илми химия дар сатҳи назариявӣ, инъикоси назарияҳои бештари илмӣ бо назардошти робитаҳои байнисоҳавӣ, принсипҳои илм, дастрасӣ, систематикӣ; ташкили системаи курсҳои интегралӣ, курсҳои интихобӣ; давра ба давра омӯзиши курсҳо; ифшои аҳамияти иҷтимоиву фарҳангии таркиби химиявӣ, ки функсияи пешгӯии дониши назариявиро тақвият медиҳад; аҳамияти назарияҳои кимиёиро барои амалияи саноатӣ дар минтақа мефаҳмонад ва алоқаи мутақобилаи кимиё, технологияро барои дохил кардани донишҳои маърифатӣ дарки маводи кимиёиро тақвият медиҳад; густариши ядрои тағйирёбандаи илми кимиё бо истифодаи маводи фарҳангӣ ва таърихӣ, ба донишҷӯён дар бораи муносибати химия ва фарҳанг, манбаҳои илм назари ҳамаҷониба медиҳад; шомил намудани донишҳои иҷтимоию иқтисодӣ

ва экологӣ имконият медиҳад, ки алоқамандӣ байни соҳаҳои истеҳсолоти кимиёвӣ ва иқтисодиёт, ҳифзи моликияти зеҳнӣ, аҳамияти химия дар иқтисодиёти кишвари мо дар ҳалли мушкилоти глобалии замони мо таъкид менамояд, ки баррасӣ карда шавад.

Тамоюл ва меъёрҳои ошкоршуда барои интихоби мундариҷа ва тарҳрезии барномаҳои донишгоҳӣ дар фанҳои химия, ки ба талаботи тайёр кардани мутахассис дар соҳаи кимиё асос мебошанд, хизмат кардаанд. Самтҳои асосии пешниҳодшуда дар ҳама блокҳои фанҳо (GSE, EN, OPD, SD) дохил карда шуданд, аммо ҷузъи миллӣ ва донишгоҳӣ дар ҳар яке аз блокҳои зикршуда бори махсуси семантикиро доштанд. Ҷузъи миллӣ-минтақавӣ ва донишгоҳӣ дар ҳар кадоме аз ин блокҳо бори вазнини семантикиро ба уҳда доштанд. Амалисозии принсипҳо имкон фароҳам овард, ки мундариҷаро чунин муайян созанд, ки бидуни гузориш додани миқдори зиёди далелҳои илмӣ ва дар доираи барномаи тасдиқшудаи фанни омӯхта боқӣ мондани умқи объекти химиявӣ бо назардошти пайвастагии умумӣ ва вобастагии объектҳо, ки рушди системаи донишҳои химиявиро таъмин мекард. Ҷамъоварӣ ва рушди донишҳои назариявӣ (декларативӣ) тавассути азхудкунии мафҳумҳо, далелҳо, назарияҳо ва бо ворид кардани маводи таърихӣ (ҳавасмандӣ) ба вуҷуд омадаанд. Ҷамъоварӣ ва рушди донишҳои амалӣ (мурофиавӣ) бо рушди малакаҳои таҷрибавӣ ҳангоми озмоиши химиявӣ алоқаманд аст. Ворид шудан ба мундариҷаи мавод, ки аҳамияти иҷтимоию иқтисодии равандҳо ва зуҳуроти химиявиро шарҳ медиҳад, бо назардошти истифодаи воситаҳои электронӣ (муаррифӣ) сохта шудааст. Таҳияи донишҳои амалиётӣ ҳангоми сохтани харитаҳои маърифатӣ ба амал омада, бо назардошти тартиботи таҳлил, таҷзия, ҷамъбаст, пешниҳод (татбиқ) сохта шудааст.

Инкишофи донишҳои вазъиятӣ дар ҳалли масъалаҳои касбӣ дар ҷараёни мубоҳиса (мунозира) ба амал омадааст. Дар асоси ҳамгироӣ нишон додани намунаҳои кимиёвӣ дар ҳалли мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла муҳити зист сохта мешавад. Мо ба мундариҷае, ки нақши химия дар рушди фарҳанг, тамаддун - маърифати табиати иҷтимоиву фарҳангиро ифода мекунад, аҳамияти хоса додем. Ҷамъоварии донишҳои рафторӣ дар бораи маълумотҳои химиявии худ дар ҷараёни инъикос сурат мегирад. Омезиши самтҳои асосноки рушди қобилияти зеҳнӣ ва раванди таълими химия дар донишгоҳи техникӣ имкон медиҳад, ки якчанд фанҳои ҳамгироишудаи химиявиро, ки барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои химиявӣ нигаронида шудаанд, созед. Кори озмоишӣ дар марҳилаҳо гузаронда шуд: дар марҳилаи мутобиқшавӣ, донишҷӯён мутобиқ карда мешаванд, сатҳи ибтидоии рушди қобилияти зеҳнӣ ошкор карда мешавад, дар ҳоле ки арзёбӣ кардани дониш ва малакаҳои зеҳнии онҳо донишҷӯён зарурати рушди қобилияти зеҳнии худро дарк карданд. Ҷамъоварии донишҳои назариявӣ (декларативӣ) бо назардошти маводи таърихӣ, ҷалби донишҷӯён ба омӯзиши зеҳнӣ ва як семинари илмӣ бунёд ёфтааст. Ҳамшарикӣ ошкор карда шуд, ҳавасмандкунӣ гузаронида шуд; дар марҳилаи эвристикӣ дониши амалӣ (протсессионӣ) ҷамъоварӣ дар асоси таҳлили равандҳо, таҷзия, натиҷагирӣ ва муаррифӣ, ки маҷмӯи малакаҳои зеҳнӣ, таҷрибавӣ ва майдони таъсири педагогии «донишҷӯ - муаллим - муҳандиси корхонаи саноатӣ» -ро рушд медиҳад, васеъ мегардад. Ба мундариҷаи кимиёвӣ маводе шарҳ дода мешавад, ки аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, минтақавӣ аз равандҳо ва зуҳуроти химиявиро ифода мекунанд. Донишҷӯён курси махсуси "Химияи органикӣ"-ро, ки муаррифии мултимедиявӣ буд, омӯхтанд. Дар марҳилаи асосӣ, донишҷӯён ба ҷамъоварии иттилооти химиявӣ оид ба доираи васеи соҳаҳои мушкилот такя намуда, ба таҳлили мушкилоти кимиёвӣ ва экологӣ, бо назардошти соҳаҳои корхонаи саноатӣ, ҳалли ҳолатҳои касбӣ, ҷамъоварии донишҳои касбӣ, иҷрои вазифаҳои эҷодӣ, лоиҳаҳо, ҳуҷҷатҳои семестр, иштирок дар NIRS машғул гаштанд.

Амалисозии марҳилаи таҳқиқот бо тавлид кардани ғояҳои объективии нави химиявӣ, заминаҳои нав барои қабули қарорҳо, эҷод кардани маҳсулоти сифатан нав ва ғайра тавсиф мешавад. Дар заминаи тартиб додани харитаҳои маърифатӣ донишу малакаи вазъиятӣ мавҷуд буда, қобилияту малакаҳои таҳқиқотӣ меафзояд. Донишҷӯён курсҳои

ҳамгироишудаи "Маркетинг дар саноати синтези органикӣ" ва "Усулҳои таҳқиқоти илмӣ дар химия"-ро меомӯзанд. Қарори лоиҳаҳои илмӣ дар ҷараёни баррасӣ қабул карда мешаванд; мазмуни асосии марҳилаи пешгӯӣ татбиқи амалии самтҳои гуногуни фаъолияти зеҳнӣ ба даст овардани маҳсулоти зеҳнӣ мебошад. Қобилиятҳои зеҳни самарабахши истеҳсолӣ рушд ёфта, афзоиши ҷузъҳои фарҳанг, салоҳият ва ахлоқро таъмин мекунанд.

Донишҷӯён курси "Маводи инноватсионӣ дар саноати химия"-ро омӯхта, ҷанбаҳои ҳамгироӣ бо истеҳсолот, илм ва саноатро ошкор мекунанд. Амалиёт ҷузъи динамикии системаи методологӣ алоқамандии марҳилаҳо ва механизмҳои коркарди иттилооти кимиёвӣ (ҳавасмандкунӣ, пешниҳод, татбиқ, муҳокима, ҳамгироӣ)-ро тавассути тавсеаи доираи фаъолияти зеҳнӣ ба воситаи ворид кардани восита, усул ва роҳу шеваҳои махсус барои пешрафти қобилияти зеҳнии донишҷӯён дар ҷараёни таълими химия дар донишгоҳи техникӣ муқаррар мекунад. Усулҳои методологии эҷоди ҳолатҳои мушкилӣ донишҷӯёнро ба зиддият оварда расонданд ва мустақилона роҳи ҳалли масъаларо тавассути бархӯрди назарҳо, тариқи муқоиса, ҷамъбаст, гирифтани хулосаҳо аз вазъият, иҷрои вазифаҳои таҳқиқотӣ бо маълумоти нокифоя, зиёдатӣ ва хато пешниҳод карданд.

Фаъолияти донишҷӯён тавассути шаклҳои гуногуни таълими химия ба даст омадааст: лоиҳаҳои эҷодӣ, тренингҳо, системаи курсҳои интегралӣ, лексияҳои проблемавӣ ва ғайра. Лексияҳои проблемавӣ бар асоси ихтилофи назарҳо оид ба масъалаҳои истеҳсолӣ, бозиҳои корӣ ва таъмини донишҷӯён дар фаъолияти ояндаи касбӣ бо иштироки муҳандисони корхонаҳои саноатӣ сохта шуданд. Дар доираи ҳамкориҳои «Донишгоҳ-корхона-ҷомеа» лоиҳаҳои курсӣ ва дипломӣ дар асоси фармоишҳои корхонаҳои саноатӣ сохта шуда, шаклҳои омӯзиши оморӣ ҷорӣ карда шуданд ва дар системаи «донишҷӯи донишгоҳ - муҳандиси корхонаи саноатӣ» интерактивият амалӣ гашта, услуби лоиҳаҳо дар мавзӯъҳои барои Ҷумҳурии Тоҷикистон авлавиятнок гузаронида шуд. Иштироки донишҷӯён дар корҳои илмию тадқиқотӣ, табдил додани таҷрибаҳои таълимӣ ва технологӣ дар заминаи ҶДММ ТАЛКО (собиқ Заводи алюминийи тоҷик дар Турсунзода) яке аз шаклҳои самараноки конвергенсияи фаъолияти таълимӣ ва касбӣ, ки дар доираи он иҷозати амалӣ гирифта мешавад, мушкилоти кимиёӣ, дар айни замон, қобилияти зеҳнӣ аз тариқи иртиботи донишҷӯён бо “муҳандис” рушд мекунад.

Лексияҳои проблемавии коршиносони пешбари корхонаҳои шаҳри Турсунзода, ки ба донишҷӯён дар солҳои 2010 то 2013 хонда шуда буданд, аҳамияти хосса дошт: "Ҷанбаҳои муосири истеҳсоли кимиёвии ҶДММ ТАЛКО (собиқ Заводи алюминийи тоҷик дар Турсунзода)", «Амният ва самаранокии технология дар комплекси саноатии газ ва нафт", "Системаи мукаммали бехатарии экологии корхонаи саноатӣ", "Ҷанбаҳои инноватсионии истеҳсоли кимиё: мушкилот ва роҳҳои ҳал", "Ҷанбаҳои химиявӣ ва технологии оби корхонаҳо» ва ғайра. Ҷузъҳои раванди рушди қобилияти зеҳнӣ дар маҷмӯаҳои таълимию методӣ инъикос ёфта, қисме аз онҳо ба васоити электронӣ интиқол дода шудаанд (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Унсурҳои СМD барои донишҷӯёни ихтисоси 240401 "Технологияи химиявии моддаҳои органикӣ"**

| Унсурҳои маҷмӯаи илмӣ-таълимӣ | Вазифаҳои асосии унсурҳои маҷмӯаи таълимӣ-методӣ |
|---|---|
| Таъминоти барномавӣ ва методологӣ (барномаҳо, банақшагирии мавзӯӣ, дастурҳо, дастурҳои таълимӣ). | Функсияи ташкилӣ, идоракунӣ, банақшагирии кори мустақили устод ва донишҷӯ. |
| Маҷмӯи лексияҳои мултимедиявӣ, презентатсияҳо, видеоҳо бо назардошти вазифаҳои таълимӣ. | Шарҳи асосҳои назариявии курс. |
| Маводҳои таълимии дидактикӣ (расонаҳои чопӣ, матнҳои химиявии фаннӣ, вазифаҳои рушд, викторинаҳо, бозиҳо, кроссвордҳо ва ғайра). | Ворид намудани маълумоти иловагӣ дар робита ба рушди зеҳн, имкониятҳо, муттаҳидшавӣ, ҷамъбасти дониш, фаъолсозии зеҳнӣ. |

| | |
|---|---|
| Семинари илмӣ бо фарогирии таҷрибаи таърихӣ (кори лабораторӣ, супоришҳо, харитаҳо - дастурҳо). | Ташкил, систематизатсияи дониш, малака, имконияти ҷамъбаст, худидоракунӣ. |
| Усулҳои маърифатӣ (тартиб додани харитаҳои маърифатӣ), воситаҳои электронӣ, кори гурӯҳӣ, технологияҳои рушди тафаккур. | Кумак дар азхудкунии маводи химиявӣ, тавсеаи системаи дониш, тафаккури ақл, рушди ҷузъҳои услуби тафаккур. |
| Маводи ташхисӣ (супоришҳои корҳои назоратӣ, тестҳо). | Сертификат, назорати семестр. |

Истифодаи мафҳуми рушди қобилияти зеҳнӣ дар таълими кимиё, ки бо истифодаи чунин шаклҳо, монанди "мизи мудаввар" ва "нишасти матбуотӣ" сохта шуда, ки дар он донишҷӯён фарзияҳо, далелҳо ва муқобилаҳоро асоснок мекунанд.

## АДАБИЁТ


1. Зубайдов У.З. К проблеме базового уровня образования по химии в средней школе /У.З.Зубайдов //Русский язык в таджикской школе. -Душанбе, 1990. - № 5. - С. 16-25.
2. Зубайдов У.З. К проблеме обучения химии выпускников средней школы /У.З.Зубайдов //Русский язык в таджикской школе. -Душанбе, 2001.-№ 3.-С.3-10.
3. Зубайдов У.З. Некоторые актуальные проблемы современного обучения химии /У.З.Зубайдов//Русский язык в таджикской школе.– Душанбе, 2001.-№ 4.-С.5-7.
4. Зубайдов У.З. Основные направления организации обучения химии на старшей ступени полной средней школы /У.З.Зубайдов //Русский язык в таджикской школе. -Душанбе, 2002.-№ 5.-С.9-11.
5. Зубайдов У.З. Уровни образования по химии /У.З.Зубайдов //Русский язык в таджикской школе. - Душанбе,1990.-№ 5.-С.16-25.
6. Зубайдов У.З. Повышение эффективности обучения химии за счёт улучшения психологического климата на уроке /У.З.Зубайдов //Химия в школе .-М., 1990.- № 4. -С.35- 43
7. Зубайдов, У.З. Самостоятельная работа будущих учителей химии на уроке и её содержание /У.З.Зубайдов //Химия в школе. - М.,1990. - № 4.-С.35- 43.
8. Ушинский К.Д. Материалы к третьему тому «Педагогической антропологии» /К.Д.Ушинский //Собрание сочинений: в 10 т.-М.,Л.: Изд-во АПН РСФСР, 1950. - Т . 10. - 665 с.
9. Ушинский К.Д. О первоначальном преподавании русского, языка /К.Д.Ушинский //Собрание сочинений; в 10 т. – М., Л::Изд-во,АПН РСФСР, 1949.-Т. 5.-С.333-356.
10. Ушинский К.Д. Особые примечания к статьям второй части «Детского мира» /К.Д. Ушинский //Собрание сочинений. -М., Л.: Изд-во АПН РСФСР, 1949.-Т. 5.-С. 276-282.
11. Ушинский К.Д. Педагогическая поездка по Швейцарии /К.Д. Ушинский //Собрание сочинений в 10 т.-М., Л.:Изд-во АПН РСФСР, 1948.-Т. 3.-С.87-252.
12. Ушинский К.Д. Руководство к преподаванию по «Родному слову» /К.Д. Ушинский //Собрание сочинений в 10 т. - М.,Л.: Изд-во АПН РСФСР, 1949.-Т.7.-С.225-337.
13. Ушинский К.Д: Человек как предмет воспитания: опыт педагогической антропологии /К.Д.Ушинский. - М.: ФАИР-ПРЕСС, 2004.-576с.
14. Щерба Л.В. Преподавание химии в средней школе. Общие вопросы методики /Л.В.Щерба. -М.: Высшая школа,1974. -112с.
15. Щерба Л.В. Языковая система и речевая деятельность /Л.В. Щерба. –Л.: Наука,1974. -428с.
16. Юрченкова Г.Д. Мотивы и антимотивы при изучении химии / Г.Д. Юрченкова // ИЯШ. - 1998. - № 4. - С.42-45.
17. Ярцева В.Н. Взаимоотношение грамматики и лексики в системе языка. Исследования по общей теории грамматики / В.Н. Ярцева. -М.: Наука, 1968.-С.14-15.


## ВИЖАГИҲОИ ОПТИМИЗАТСИЯИ ДОНИШ ДАР ХИМИЯ ТАВАССУТИ ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ ШАХСИЯТИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ХИМИЯ


Мақола тавсиф ва вижагиҳои оптимизатсиякунии донишро дар химия тавассути хусусиятҳои психологии муаллими ояндаи химия фаро мегирад. Ба андешаи муаллифи мақола, пешгӯӣ кардани оптимизатсияи дониш дар химия тавассути вижагиҳои психологии шахсияти омӯзгори ояндаи химия дар донишгоҳ, хусусиятҳои асосии амсила (модел)-и системаи методологӣ, хусусиятҳои татбиқи он дар марҳилаҳои таълими химия дар донишгоҳ, омода кардани мутахассиси босалоҳият бо сатҳи баланди рушди қобилияти зеҳнӣ, ки дорои низоми химиявӣ мебошад. дониш, малака, услуби тафаккур, низоми сифатҳои зеҳнӣ ва касбӣ ба роҳ монда мешавад.Муаллиф қайд мекунад, ки аз нуқтаи назари таҳқиқот, принсипҳои интихоби мундариҷаро, ки академик У.З.Зубайдов таҳия кардааст, аз ҳама арзишманд аст, ки онро ба асос гирифта, такмил медиҳем, функсияи рушди фанҳои таълимиро бо назардошти такмили он ба роҳ мемонем: такмили аслии ғайриварианти илми химия дар сатҳҳои назариявие, ки инъикос мекунанд назарияҳои васеътари илмӣ бо назардошти иртиботи байниминтақавӣ, принсипҳои илмӣ, дастрасӣ, систематикӣ; ташкили системаи курсҳои интегралӣ, курсҳои интихобӣ; давра ба давра омӯзиши курсҳо; ифшои аҳамияти иҷтимоиву фарҳангии таркиби химиявӣ, ки функсияи пешгӯии дониши назариявиро баланд мебардорад; фаҳмонидани аҳамияти назарияҳои кимиёӣ барои

амалияи саноатӣ дар минтақа ва алоқаи мутақобилаи кимиё, технология ва технологияро барои дохил кардани донишҳои маърифатӣ дарки маводи маводи кимиёиро тақвият медиҳад; густариши ядрои тағйирёбандаи илми кимиё бо истифодаи маводи фарҳангӣ ва таърихӣ, ба донишҷӯён дар бораи муносибати химия ва фарҳанг, манбаъҳои илм назари ҳамаҷониба медиҳад; шомил намудани донишҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ имконият медиҳад, ки алоқамандӣ байни соҳаҳои истеҳсолоти кимиёвӣ ва иқтисодиёт, ҳифзи моликияти зеҳнӣ, аҳамияти химия дар иқтисодиёти кишвари мо дар ҳалли масъалаҳои глобалии замони мо баррасӣ карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** хусусиятҳо, ҳамбастагӣ, моликияти зеҳнӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, имконият, робитаи химия ва фарҳанг, манбаъҳои ташаккули илм, ҳалли масъалаҳои глобалӣ.

## ОСОБЕННОСТИ ОПТИМИЗАЦИИ ЗНАНИЙ ПО ХИМИИ ПОСРЕДСТВОМ ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЕЙ ЛИЧНОСТИ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ ХИМИИ

Статья включает в себя описание особенностей оптимизации знаний по химии с помощью учета психологических особенностей будущего учителя химии. По мнению автора статьи, прогнозирование оптимизации знаний по химии через психологические особенности личности будущего учителя химии в вузе рассмотрены сущностные особенности модели методической системы, особенности её реализации по этапам обучения химии в вузе, предполагает подготовку компетентного специалиста с высоким уровнем развития интеллектуальных возможностей, обладающего системой химических знаний, умений, стилем мышления, системой интеллектуально – профессиональных качеств, предметно – содержательный компонент. Автор констатирует, что, с позиции нашего исследования, наиболее ценными являются принципы отбора содержания, разработанные академиком У.З.Зубайдовым, которые автор берет за основу и дополняет их, усиливая развивающую функцию учебных предметов, с учетом: совершенствования инвариантного ядра химической науки на теоретическом уровне, отражающем наиболее общие научные теории с учетом межпредметных связей, принципов научности, доступности, систематичности; создания системы интегрированных курсов, курсов по выбору; поэтапного изучения курсов; раскрытия социокультурной значимости химического содержания, что усиливает прогностическую функцию теоретического знания в раскрытии значения химических теорий для производственной практики в условиях региона и учитывает вопросы взаимосвязи химии, техники, технологии, включения когнитивных знаний понимания химического материала, его объясняющей функции; расширения вариативного ядра химической науки с использованием культурологического, исторического материала, дающих студентам целостное представление о взаимосвязи химии и культуры, источниках становления науки; включения социально - экономических, экологических знаний, взаимосвязи сфер химического производства и экономики, охраны интеллектуальной собственности, значения химии в экономике нашей страны, в решении глобальных проблем современности.

**Ключевые слова:** особенности, взаимосвязь, интеллектуальная собственность, социально-экономическое развитие, возможность, взаимосвязь химии и культуры, источники становления науки, решение глобальных проблем.

## FEATURES OF THE OPTIMIZATION OF KNOWLEDGE IN CHEMISTRY THROUGH PSYCHOLOGICAL CHARACTERISTICS OF THE PERSONALITY OF THE FUTURE CHEMISTRY TEACHER

The article covers the description and features of optimizing knowledge in chemistry through the psychological characteristics of a future chemistry teacher.

According to the author of the article, predicting the optimization of knowledge in chemistry through psychological characteristics of the personality of a future chemistry teacher at a university, the essential features of the model of a methodological system, the features of its implementation in the stages of chemistry education at a university, consider training a competent specialist with a high level of development of intellectual capabilities, possessing a system of chemical knowledge, skills, style of thinking, a system of intellectual and professional qualities. Subject - content component.

The author states that, from the point of view of our study, the most valuable are the principles of content selection developed by academician U.Z. Zubaidov, which we take as a basis and complement them, enhancing the developing function of educational subjects, taking into account: improving the invariant core of chemical science at theoretical levels that reflect the most general scientific theories, taking into account intersubject communications, principles of scientificness, accessibility, systematicity; creating a system of integrated courses, elective courses; phased study of courses; disclosure of the sociocultural significance of the chemical content, which enhances the prognostic function of theoretical knowledge; disclose the importance of chemical theories for industrial practice in the region and takes into account the interconnectedness of chemistry, technology, and the technology for incorporating cognitive knowledge reinforces the understanding of chemical material that explains its function; expanding the variable core of chemical science using cultural, historical material, giving students a holistic view of the relationship of chemistry and culture, the sources of science; the inclusion of socio-economic, environmental knowledge opens the opportunity to consider the relationship between the areas of chemical production and the economy, the protection of intellectual property, the importance of chemistry in the economy of our country, in solving global problems of our time.

**Key words:** features, interconnection, intellectual property, socio-economic development, opportunity, interrelation of chemistry and culture, sources of the formation of science, solution of global problems.

**Сведения об авторе:** ***Гулмирзоев Абдулхамид Дурменович*** - кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой гражданской обороны и военной подготовки Кулябского государственного университета им.А.Рудаки.Те.: **918941938**

**Information about the author:** ***Gulmirzoev Abdulhamid Durmenovich*** - candidate of pedagogical sciences, head of the department of civil defense and military training of the Kulob State University named after A.Rudaki. That: **918941938.**

УДК 371.388

# ТАШКИЛИ РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ КОРҲОИ ЛАБОРАТОРӢ АЗ МЕТОДҲОИ АДАДӢ ДАР МИСОЛИ МАВЗӮИ ИНТИХОБИ ПАРАМЕТРҲОИ НОМАЪЛУМ ДАР ВОБАСТАГИҲОИ ЭМПИРИКӢ

***Абдукаримов Маҳмадсалим Файзуллоевич, Баротов Раҷабалӣ Тағоймуродович, Шерматов Нурмаҳмад***

**Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ташкили робитаи байнифаннӣ дар назария ва амалияи методикаи таълими ин ё он фан яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ин масъала ҳангоми ташкил ва гузаронидани корҳои лабораторӣ аз фанни методҳои ададӣ боз ҳам муҳимтар мегардад. Воқеан, барқарор кардани робитаи байнифаннӣ имконият фароҳам меорад, ки мавзӯи таҳқиқшаванда ба таври ҳамаҷониба ба донишҷӯён фаҳмонида шуда, ҳадафҳои дарс амалӣ гардонида шаванд. Илова бар ин, дониши донишҷӯён нисбат ба мафҳумҳои фанни дигар, ки дар раванди дарс истифода мегарданд, инкишоф ёфта, шавқу ҳаваси онҳо барои аз худ кардани мавзӯи омухташаванда ба маротиб меафзояд. Фанни методҳои ададиро бо шохаҳои дигари математика, ба монанди таҳлили математикӣ, алгебраи хаттӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ алоқаманд кардан бениҳоят осон аст. Зеро ҳар гуна масъалае, ки аниқ ҳалли худро намеёбад, ногузир ба фанни методҳои ададӣ муроҷиат мекунад. Аз ин хотир, масъалаи алоқаманд кардани фанни методҳои ададӣ бо фанҳои дигар, ки бо математика камтар алоқамандӣ доранд, ҷолибтар ба назар мерасад.

Дар ин мақола дар мисоли як мавзӯи мушаххас кӯшиши алоқаманд кардани фанни методҳои ададӣ бо фанни информатика, аниқаш барномасозии компютерӣ амалӣ мегардад. Инчунин, дар бораи татбиқи методҳои ададӣ дар ҳалли масъалаҳои амалӣ аз фанҳои дигар сухан ронда мешавад. Хулосаҳое, ки аз чунин тарзи ташкили корҳои лабораторӣ барои беҳтар шудани раванди кор ба даст оварда мешаванд, дар охир баён мегарданд.

Ба сифати мавзӯи таҳқиқшаванда, мавзӯи "Интихоби параметрҳои номаълум дар вобастагиҳои эмпирикӣ"–ро интихоб менамоем. Дар раванди кор мо аз схемае, ки дар корҳои [1-2] оварда шудааст, истифода мебарем.

Қайд мекунем, ки ба масъалаи методикаи таълими фанни математика корҳои зиёде бахшида шудаанд, вале мо бо овардани корҳои [3-6] маҳдуд мешавем. Корҳои [7-8] бевосита ба масъалаи робитаи байнифаннӣ дар мисоли фанни геометрия ва информатика бахшида шудаанд. Корҳои пештар чопкардаи мо [9-16] низ ба масъалаи мавриди назар алоқамандӣ доранд. Ба сифати адабиёти ёрирасон [17-19] тавсия дода мешавад.

**Мақсади кор.** Мақсади асосии кори лабораторӣ аз татбиқи мавзӯи "Интихоби параметрҳои номаълум дар вобастагиҳои эмпирикӣ" дар ҳалли масъалаҳои мушаххаси амалӣ, бо забонҳои барномасозӣ ва дигар фанҳо алоқаманд кардани он иборат аст.

**Гузориши масъала**. Бигузор қиматҳои бузургиҳои $x_i$ ва $y_i$ дар намуди ҷадвали зерин дода шудаанд:

| $x_i$ | 20 | 30 | 40 | 50 | 60 | 70 | 80 | 90 | 96 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $y_i$ | 16,8 | 26,2 | 33,6 | 40,6 | 49,0 | 61,6 | 72,8 | 81,2 | 83,1 |

## ТАЛАБИ 1:

1. Барои вобастагиҳои $f(x) = ax + b,\ f(x) = a + bx^2,\ f(x) = a + \frac{b}{x}$ ва $f(x) = a + b\ln x$ бо истифода аз усули квадратҳои хурдтарин формулаи аналитикии мувофиқро созед.

## ТАЛАБИ 2:

**2.** Алгоритм ва барномаи муайян кардани параметрҳои вобастагиҳои овардашударо дар ягон забони барномасозӣ тартиб диҳед;

**3.** Натиҷаи кори барномаро барои ҷадвали овардашуда чоп кунед.

### Маълумоти мухтасари назариявӣ

Донишҷӯ бояд барои иҷрои кори лабораторӣ маълумоти назариявиро ақаллан дар ҳаҷми маводи зерин донад ва зимни супоридани кори лабораторӣ онро ба омӯзгор фаҳмонида тавонад.

Бигузор қиматҳои $x_i$ ва $y_i$ дар намуди ҷадвали зерин дода шуда бошанд:

| $x_i$ | $x_1$ | $x_2$ | $x_2$ | … | $x_к$ |
|---|---|---|---|---|---|
| $n_i$ | $n_1$ | $n_2$ | $n_2$ | … | $n_к$ |

Барои ёфтани вобастагии аналитикии

$$y = f(x, a, b), \tag{1}$$

ки алоқаи байни ин бузургиҳоро барқарор менамояд ва вобастагии эмпирикӣ ном дорад, аз усулҳои гуногун истифода мебаранд. Усули квадратҳои хурдтарин яке аз усулҳои универсалии интихоби параметрҳо дар вобастагиҳои эмпирикӣ мебошад. Боз дигар усулҳо, ба монанди усулҳои миёна, нуқтаҳои интихобшуда ва номографӣ низ арзи вуҷуд доранд.

